**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

# РОҲНАМОИ ФАННИ ТЕХНОЛОГИЯ (ТАЪЛИМИ МЕҲНАТ БАРОИ ПИСАРОН), СИНФИ 9-УМ

**барои омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ**

**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ТАСДИҚ КАРДААСТ**

**ДУШАНБЕ**
**МАОРИФ**
**2017**

**УДК 373. 167. 1(072)**
**ББК Я72-74.263**
**А–37.**

**А–37.** А. Азизов, Ш. Азизов. **Роҳнамои фанни технология (таълими меҳнат барои писарон) синфи 9-ум. Барои омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ**. Душанбе, Маориф, 2017, 180 саҳ.

**ISBN 978-99947-1-489-6** **© Маориф, 2017**

## Мундарича


МУҚАДДИМА ....................................................................................................5
СТАНДАРТИ ФАННИ ТЕХНОЛОГИЯ (ТАЪЛИМИ МЕҲНАТ) БАРОИ СИНФИ 9.....7
I. Мазмун ва мундариҷаи стандарти фанни технология (таълими меҳнат) ......................7
1.1. Мафҳумҳои асосии стандарти фанни технология (таълими меҳнат)..........................7
1.2. Заминаи меъёрии ҳуқуқии стандарти фанни технология (таълими меҳнат)...............12
1.3. Соҳаи истифодаи стандарти фанни технология (таълими меҳнат)..........................12
1.4. Принсипҳои асосии стандарти фанни технология (таълими меҳнат)........................13
1.5. Мақсад ва вазифаҳои стандарти фанни технология (таълими меҳнат)....................14
II. САЛОҲИЯТҲОИ ФАННИ ТЕХНОЛОГИЯ (ТАЪЛИМИ МЕҲНАТ) ......................16
2.1. Салоҳиятҳои фаннӣ..........................................................................................17
2.2. Баҳодиҳии салоҳиятҳои фаннӣ..........................................................................17
2.3. Салоҳиятҳои тарбиявӣ-ахлоқӣ ...........................................................................21
2.4. Нишондиҳандаҳои хислатҳо ...............................................................................21
2.5. Салоҳиятнокии омӯзгорон ..................................................................................23
III. ТАШКИЛИ РАВАНДИ ТАЪЛИМИ САЛОҲИЯТНОКӢ АЗ ФАННИ ТЕХНОЛОГИЯ (ТАЪЛИМИ МЕҲНАТ) БАРОИ СИНФИ 9........................................23
3.1. Ба хусусиятҳои фардии хонанда диққат додан ......................................................24
3.2. Принсипҳои таълими самаранок ...........................................................................24
3.3. Тайёрии омӯзгор ба дарс ва алоқамандии таълими технология бо дигар фанҳо.......25
IV РАВИШИ ДАРСИ ФАННИ ТЕХНОЛОГИЯ (ТАЪЛИМИ МЕҲНАТ) ДАР СИНФИ 9 ..........................................................................................31
V.АРЗЁБӢ..........................................................................................................32
ФАННИ ТЕХНОЛОГИЯ (ТАЪЛИМИ МЕҲНАТ) БАРОИ СИНФИ 9........................44
Асосҳои истеҳсолот. Маълумот дар бораи равандҳои технологӣ дар соҳаи саноати металлургӣ -1 соат.................................................................................50
Маълумот дар бораи равандҳои технологӣ дар саноати сабук -1 соат...........................53
Маълумот дар бораи равандҳои технологӣ. Дар саноати масолеҳи бинокорӣ -1 соат....55
Маълумот дар бораи равандҳои технологӣ дар соҳаи кишоварзӣ -1 соат .....................59
Маълумот дар бораи равандҳои технологӣ дар саноати мошинсозӣ -1 соат ................62
Маълумот дар бораи равандҳои технологӣ дар соҳаи саноати сӯзишворӣ -1 соат ........67
Маълумот дар бораи равандҳои технологӣ дар саноати энергетика ..............................69
Ҳуҷҷати технологӣ ва тайёр кардани истеҳсолот -1 соат ..........................................72
Системаи мошинҳо ва комплекси таҷҳизоти технологӣ. Асосҳои техника. Механиконии истеҳсолот. Маълумоти асосӣ дар бораи дастгоҳҳои автоматӣ -1 соат ......................74
Иқтисодиёт ва ташкили истеҳсолот. Маълумоти умумӣ дар бораи иқтисодиёти истеҳсолот. Ташкили меҳнат дар корхона -1 соат ..................................................80
Прогресси илмию техникӣ дар истеҳсолот. Роҳҳои асосии тезонидани прогресси илмию техникӣ. Масолеҳи нав ва технологияи ҳозира -1 соат ...........................................83
Автоматикунии равандҳои истеҳсолӣ. Мафҳуми системаҳои зудбадали истеҳсолӣ. Техникаи электронии ҳисоб дар истеҳсолот -1 соат.....................................................85
Интихоби касб. Шавқу завқ ва рағбат. Қобилият ва коршоямӣ нисбати касб -1 соат ...91
Саломатӣ ва интихоби касб. Роҳҳои соҳибихтисос гардидан. Нақшаҳои ҳаётӣ ва касбӣ -1 соат ..........................................................................................................96
Асосҳои иқтисодии оила. Иқтисодиёти оила дар ҳаёти иқтисодии ҷамъият -1 соат .......102
Талаботи оила -1 соат........................................................................................106
Буҷаи оила. Буҷаи хонанда. Таҳлили хароҷоти ҳаррӯза, ҳарҳафтаина, ҳармоҳа ва ҳарсола -1 соат....................................................................................109
Хароҷоти доимӣ ва тағйирёбанда -1 соат..................................................................113
Маркетинг дар иқтисодиёти оила -1 соат..................................................................116
Менеҷмент дар иқтисодиёти оила. Мафҳуми менеҷмент дар оила -1 соат..................... 119

Соҳибкорӣ дар иқтисоди оила. Иқтисоди замини наздиҳавлигӣ.
Вазифаҳою таъйиноти замини наздиҳавлигӣ -1 соат........................................................122
Маданияти корҳои таъмиру сохтмон. Асосҳои технологияи кошинкорӣ.
Кошинкории фарш -1 соат...........................................................................................128
Касбу ҳунарҳои миллӣ. Кулолгарӣ. Маълумоти мухтасар доир ба ҳунари
кулолгарӣ -1 соат......................................................................................................133
Нақш ва хелҳои он -1 соат..........................................................................................138
Хок ва хосиятҳои он -1 соат........................................................................................141
Асбобу ускунаҳо барои кулолгарӣ -1 соат...................................................................144
Амалиётҳои гилкорӣ -1 соат........................................................................................147
Сохтани маснуот бо усули дастӣ -1 соат......................................................................151
Сохтани маснуот бо усули механикӣ -1 соат................................................................ 155
Ранг ва ороиши маснуот -1 соат..................................................................................159
Лоиҳаи эҷодӣ. Интихоби лоиҳа. Мизи қатшаванда. Намунаи мизҳои сохташа-
ванда -1 соат...............................................................................................................166
Арзиши аслии намунаҳои ҳархелаи мизҳо -1 соат.......................................................170
Харитаи технологӣ. Мизи қатшаванда -1 соат.............................................................. 171
Натиҷаи озмоиш ва хулосаҳо -1 соат...........................................................................175
АДАБИЁТ ....................................................................................................................178

## Муқаддима

Соҳаи маориф аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятноки рушди мамлакат эътироф гардида, дар ин самт ҳамасола тадбирҳои зиёд андешида мешаванд. Илова ба бунёди муассисаҳои таълимии нав, таҷдиди инфрасохтор, инчунин ба сифат, мазмуну самарабахшии мундариҷа ва ҷараёни таълим низ таваҷҷуҳи қобили назар зоҳир мегардад. Таҳияи стандарт ва барномаҳои нави таълимӣ метавонанд сатҳу сифати таҳсилоти миёнаи умумиро баланд бардоранд.

Дар татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф омӯзгорон нақши калидӣ мебозанд. Ин нукта дар суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо зиёиёни мамлакат (2015) хеле мушаххас баён гардидааст: "... калиди ҳама гуна дастоварду пешравӣ ва истиқлолияти фикрӣ муаллим омӯзгор ва хазинаи маънавию илмии ӯ ба шумор меравад. Аз ин рӯ, самаранок ба роҳ мондани корҳои таълиму тарбия аз ҷониби омӯзгор имкон фароҳам меорад, ки сатҳи мафкура ва донишу ҷаҳонбинии толибилмон боло равад ва онҳо ҳамқадами замон гарданд".

Барои мо – кормандони соҳаи маориф, мутахассисон ва омӯзгорон ин суханон беҳтарин дастури амаланд.

Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади баланд бардоштани сифати таълим ва натиҷабахшии раванди он таҳияи стандартҳои фанниро ба роҳ мондааст, ки Стандарти фанни технология (таълими меҳнат) барои синфи панҷум аз ҷумлаи онҳост. Вазорати маориф ва илм натиҷа ва дастовардҳои ислоҳоти соҳаро, ки тайи солҳои охир татбиқ гаштаанд, эътироф карда, дар асоси ба эътибор гирифтани таҷрибаи ҷаҳонӣ стандарт ва барномаҳои навро ҳамчун як ҷузъи таркибии ислоҳоти пурраи мундариҷаи таҳсилот таҳия намудааст.

Стандарти фанни технология (таълими меҳнат) барои синфи нуҳум ҷузъи таркибии силсилаи стандартҳои фанни технология (таълими меҳнат) дар зинаи таҳсилоти миёна аст. Стандарти мазкур дар асоси салоҳият таҳия шуда, талаботи Стандартҳои давлатии таҳсилоти миёнаи умумиро ба эътибор мегирад.

Сохтор ва услуби пешниҳоди стандарт тарзе интихоб шудааст, ки паҳлуҳои гуногуни раванди таълими фанни технология (таълими меҳнат)-ро дар синфи нуҳум фаро мегирад ва ба ин васила фаъолияти омӯзгорро дар ҷараёни банақшагирӣ ва таълиму арзёбӣ осон мегардонад.

Тавре ки таҷрибаи байналмилалӣ ва шароити кунунии Тоҷикистон нишон медиҳад, вобаста ба талаботи бозори меҳнат ва инкишофи босуръати муносибатҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарогирии ҳар чӣ бештари воситаҳои иттилоот (интернет, телевизион ва ғайра) имрӯз танҳо бо дониш мусаллаҳ будан кифоя набуда, дар амал истифода бурдани донишу малакаҳо муҳимтарин роҳи иҷтимоишавии ҷавонон ва дастёбӣ ба натиҷаҳои дилхоҳ ба шумор меравад. Ин нуктаи муҳим санги маҳаки стандарти мазкурро ташкил медиҳад.

Дар ҷаҳони муосири зудтағйирёбанда ва пур аз тазодҳо шаҳрвандон бояд сифатҳои ташаббускорӣ, навоварӣ, амалигардонӣ, тағйирпазирӣ, уҳдабароӣ, масъулиятшиносӣ ва созандагию бунёдкориро дошта бошанд. Онҳо бояд шахсони бомаърифати аз ҷиҳати маънавӣ-ахлоқӣ устувор ва кордоне бошанд, ки роҳҳои дастрас кардани иттилоот (маълумот)-ро тавассути воситаҳои гуногун интихоб намуда, онро таҳлилу таҷзия ва арзёбӣ карда, масъалаҳои мураккаби олами атрофро дарк кунанд, мушкилиҳои гуногуни таълимию ҳаётиро пешгӯйӣ ва ҳал карда тавонанд, масъулияти худро дар назди оила, аҳли ҷомеа ва кишвар дарк намоянд. Тавре ҳама медонанд, барои ташаккули ин сифатҳо маҳз дар зинаи таҳсилоти миёна заминаи мусоид фароҳам оварда мешавад.

Барои ноил гаштан ба ин вазифаҳо Вазорати маориф ва илм низоми нави таълимро дар амал татбиқ менамояд, ки он ба ташаккули рушди салоҳиятнокии хонандагон дар истифодаи амалии дониш, малака ва маҳорат мусоидат хоҳад кард.

Натиҷаҳои салоҳиятнокии хонандагон тавассути низоми миллии арзёбӣ санҷида шуда, натиҷаҳои он барои дуруст ва самаранок ба роҳ мондани раванди таълим истифода мешавад.

Стандарти мазкур мазмуну мундариҷа, салоҳиятҳо, нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ ва воситаҳои арзёбиро муайян мекунад. Бо татбиқи низоми нави таълим натиҷаҳои таълимии хонанда (салоҳиятнокии ӯ) мақсади асосии санҷишу назорати сифати таҳсилот мегардад.

Бо татбиқи стандартҳои нав на танҳо малакаву маҳорати касбии омӯзгор, балки натиҷаи таълимии хонандагон низ ҳамчун нишондиҳандаи самаранокии раванди таълим шинохта мешавад.Дар низоми нави таълим масъулиятнокии омӯзгорон барои беҳтар гаштани натиҷаҳои таълимии хонандагон ба маротиб зиёд мегардад.

Дар ҷараёни татбиқи маҷмӯи стандартҳо ва барномаҳои фаннӣ омӯзгор шахси калидӣ аст. Аз ин рӯ, самаранокии татбиқи стандартҳои нав ва ҷараёнҳои ислоҳот маҳз ба дарки масъулият, ташаббусу эҷодкорӣ ва маҳорату малакаи омӯзгорон вобаста аст. Масъулияти омӯзгор дар ин ҷараён хеле зиёд буда, ҷанбаҳои зеринро дар бар мегирад:

– Ба роҳ мондани таълим дар асоси стандартҳои нав ва барномаи фаннӣ;

– Муҳокимаи масъалаҳои умдатарини татбиқи ислоҳот бо ҳамкорон;

– Муҳокимаи мушкилот ва роҳҳои ҳалли онҳо дар ҳамкорӣ бо мудирияти муассисаи таълимӣ ва идораву шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳия;

– Ба роҳ мондани ҳамкорӣ бо кормандони Барномаи глобалии ҳамкорӣ баҳри рушди маорифи Вазорати маориф ва илм (мо ба тавсия ва маслиҳатҳои шумо ниёз дорем);

– Таҳияи маводди иловагии таълимӣ ва истифодаи онҳо дар раванди таълим бо ҳамкорон.

Табиист, ки дар марҳалаи миёна масъалаҳои зиёд пайдо мегарданд, ки ба истифодаи стандартҳо, барномаҳои таълим ва китобҳои дарсии нав алоқаманданд. Аммо мо бовар дорем, ки батадриҷ, бо роҳи фароҳам сохтани имкониятҳои хуби иштирок дар марҳалаи татбиқи ин ислоҳот дар сатҳи мамлакат омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ пурра омода хоҳанд шуд.

Вазорати маориф ва илм ҳамаи омӯзгорон, сарварони муассисаҳои таълимӣ, кормандони раёсату шуъбаҳои маориф ва тамоми кормандони соҳаи маорифи ҷумҳуриро барои татбиқи ислоҳоти мазкур, ки самаранокӣ ва сифати таълимро барои хонандагон – фарзандони мо таъмин мекунад, даъват менамояд.

## СТАНДАРТИ ФАННИ ТЕХНОЛОГИЯ (ТАЪЛИМИ МЕҲНАТ) БАРОИ СИНФИ 9.
## I. МАЗМУН ВА МУНДАРИҶАИ СТАНДАРТИ ФАННИ ТЕХНОЛОГИЯ (ТАЪЛИМИ МЕҲНАТ) БАРОИ СИНФИ 9.
### 1.1. МАФҲУМҲОИ АСОСИИ СТАНДАРТИ ФАННИ ТЕХНОЛОГИЯ (ТАЪЛИМИ МЕҲНАТ) БАРОИ СИНФИ 9

**Арзёбӣ** – ҷараёни ҷамъоварии маълумот барои баҳодиҳӣ. Навъ ва воситаҳои гуногуни ташкили ҷараёни арзёбӣ вуҷуд доранд. Он барои муайян кардани дараҷаи дастовардҳои таълимии хонандагон имкон медиҳад. Маълумоте, ки тавассути арзёбӣ ҷамъ оварда мешавад ҳам ба шахсони алоҳида ва ҳам ба муассисаҳои соҳа зарур аст. Маълумоти аз арзёбӣ ба даст омадаро ба тарзи мухталиф ниҳодҳои ҳокимияти давлатӣ, шахсони алоҳида, волидон, хонандагон ва омӯзгорон истифода бурда метавонанд.

**Ахбор** – аз забони арабӣ буда, маънояш ҷамъи хабарҳост.

**Баҳодиҳӣ** – ҷараёни натиҷагирӣ оид ба дараҷаи мувофиқати дониш, салоҳият, малака ва маҳорати хонанда ба талаботи муқарраркардаи стандарти фаннӣ. Баҳодиҳӣ имкон медиҳад, ки дараҷаи азхудкунии салоҳиятҳо муайян карда шавад.

**Воситаҳои медиявӣ** – ҳамаи воситаҳои коммуникатсионӣ, ки бо мақсадҳои педагогӣ дар ташкили ҷараёнҳои омӯзиш истифода бурда мешавад.

**Давраи ташкилӣ-тайёрӣ** – қадами аввалин дар роҳи лоиҳакашӣ-интихоб ва асосноккунии лоиҳа мебошад. Қадами оянда ин раванди конструксиясозии маҳсулот мебошад. Самти дигари давраи ташкилӣ-тайёрӣ ин ба нақша гирифтани технологияи тайёр кардани маҳсулот, коркарди раванди технологӣ мебошад.

**Дастовард (пешрафт)** – дар педагогика дастовард (пешрафт) ба фаҳмиши мувофиқи омӯзиш алоқаманд аст. Агар мақсадҳои таҳсилоти мактабӣ аз оғоз ба рушди ҳамаҷонибаи шахсият ва инкишофи салоҳиятҳо равона шуда бошад, пас барои ин фаҳмиши “васеътари” омӯзиш зарур аст, ки тамоми вазифаҳои мактабро дар бар мегирад. Яъне ҳосил намудани ақидаю эътиқод, қобилият, маърифат, дониш, маҳорат

**Дидактикаи тахассусӣ** – илм дар бораи ҷараёнҳои таълимии тахассус дар соҳаи фанни додашуда мебошад. Вай ба қисматҳои алоҳидаи дидактикаҳои тахассусии фанҳои таълимӣ тақсим мешавад. Масалан, дидактикаи математика, дидактикаи техника, дидактикаи химия. Дидактикаҳои тахассусии алоҳида ҳамчун силсилаи пайвасткунандаи байни илми тахассусии мувофиқ ва илм дар бораи тарбия хизмат мекунанд.

**Иттиҳодияи методӣ** – яке аз шаклҳои ташкили кори методӣ, паҳн намудани таҷрибаи пешқадам ва такмили ихтисоси омӯзгорон муассисаҳои таҳсилоти умумӣ.

**Изолятор** – маводде, ки қувваи барқро намегузаронад.

**Кори лоиҳавӣ** – машғулияти мустақилонаи гурӯҳи хонандагон буда, берун аз дарс таҳия карда мешавад. Он дар асоси маълумот ва донишу малакаи ҳосилкардаи хонандагон дар марҳалаи муайяни таълим гузаронида мешавад.

**Қатъкунӣ** – амалиёти челонгарист, ки тавассути он ба маҳсулоти хом ё ягон қисми он шакли зарурӣ дода мешавад.

**Лавҳаи дарсхона** – «тахтаи синф»; лавҳ –ҳар чизи сатҳаш паҳни сангӣ, чӯбӣ, филизӣ ва ғайра, ки ба рӯйи он хат менавиштанд ё нақшу нигор мекашанд, фаҳмида мешавад;

**Лоиҳа** – кори лоиҳавӣ методи байнифаннӣ, демократии таълими ба амалҳои мушаххас равонашуда мебошад. Дар рафти он хонандагон барои коркарди ягон супориш ё масъала муттаҳид мегарданд, ки ба масъулияти бештар, фаъолона иштирок намуда, дониш аз худ мекунанд. Хусусияти асосии кори лоиҳавӣ иҷрои мустақилонаи супориш ё масъала аз ҷониби гурӯҳ мебошад. Вай аз банақшагирӣ, ташкилу гузаронидан ва то муаррифии натиҷаҳоро дар бар мегирад. Мавзӯи лоиҳаро, одатан гурӯҳи хонандагон худашон интихоб мекунанд. Дар анҷом натиҷаҳое ба даст меоянд, ки аз ҷониби тамоми гурӯҳ арзёбӣ мегардад, ба тарзи оммавӣ муаррифӣ карда мешавад.

**Лоиҳаи эҷодӣ** – кори мустақилонаи ҷамъбастӣ мебошад, ки сифати иҷрояш аз дараҷаи аз худ кардани мундариҷаи қисмҳои гуногуни барнома аз тарафи хонанда то кадом дараҷа

мустаҳкам будани донишу малакаю маҳорати онҳо дар дарсҳои технология (таълими меҳнат) вобаста аст.

**Мақсади таълим** – мақсади таълимии дарс дар асоси натиҷаҳои таълими дарс таҳия карда мешавад. Натиҷаҳои таълим ба қисмҳои хурдтар (мақсади таълим) ҷудо мешаванд, ки ҳамчун зина барои расидан ба натиҷаҳои таълим хизмат мекунанд.

**Малака** – қудрат ва тавоноӣ дар иҷрои коре, ки дар натиҷаи машқу тамрин дар табиати инсон пайдо мешавад.

**Манбаъҳои ахборот** – ба манбаъҳои ахборот мулоқот, хат, китоб, рӯзномаву маҷаллаҳо, телефон, радио, телевизион, компютер дохил мешаванд.

**Маҳорат** – фаъолияте, ки дар инсон дар натиҷаи таълим ва такрори бисёркарата ҳосил шуда, баъд ба раванди бошуурона табдил меёбад ва инсон минбаъд ҳар як кори худро дониста иҷро мекунад; моҳирӣ, устодӣ, забардастӣ, ҳунармандӣ ва ғайра маҳорат аст.

**Марҳалаи технологӣ** – фаъолиятест, ки дар раванди технологӣ пешбинӣ карда шудааст. Иҷрои ин кор риояи маданияти технологӣ ва меҳнатиро тақозо мекунад.

**Марҳалаи хотимавӣ** – назорати охирин ва озмоишии объекти лоиҳашударо дар бар мегирад. Ҳимояи лоиҳа дар намуди баромад дар назди тамоми синф бо намоиши маҳсулот гузаронида мешавад.

**Метод** (юн. methodos-роҳ, тарз, усул, восита, назария, таълимот) – усули назариявӣ ва амалии донистани воқеият; маҷмӯи амалиёт; ташкили бонизоми фаъолияти одамон дар ҳалли масъалаҳои гузоштašуда аст.

**Методика** – калимаи юнонӣ буда, маънои санъати амалҳо аз рӯйи нақшаро дорад. Предмети таҳқиқотии методҳои таълим, методҳои машғулият, яъне тарзу усулҳои ташкили ҷараёнҳои омӯзиш мебошад. Ҳангоми баррасии системавӣ методика як қисми соҳаи дидактика ба шумор меравад.

**Методи озмоишӣ** – методи маъмул дар соҳаи техника мебошад. Озмоишгар кӯшиш мекунад ҳангоми шароитҳои сунъӣ ташкилшуда, омилҳои алоҳидаи таъсиррасонро ҷудо намояд. Онҳоро мунтазам иваз мекунад ва ба ҳамин васила нишондиҳандаҳои алоҳидаи ба тамоми системаи таъсиррасонро ошкор кунад.

**Меъёр** – нишонае, ки дар асоси он баҳодиҳӣ, муайянкунӣ ё таснифи чизе анҷом дода мешавад.

**Модем** – бо воситаи он компютерҳо байни худ бо ёрии хати телефонӣ алоқаманд (пайваст) карда мешаванд.

**Модел** – инъикоси идеалии воқеият. Модел чунин нишонаҳо дорад: тасвир. Модел ҳамеша инъикоси ягон чиз мебошад. Намунаи аслии табиӣ ё сунъӣ дар навбати худ метавонанд модел бошад; мухтасар. Модел тамоми нишонаҳои аслро дар бар намегирад, балки барои созандаи модел ё истифодабарандаи он муҳимтаринашро фаро мегирад; Прагматизм. Модел аз ҷониби созанда ё истифодабарандаи он ба сифати асл дар мӯҳлати муайян ва барои мақсади муайян ворид карда мешавад.

**Мошина** – воситаест, ки бо мақсади сабук намудани меҳнати фикрӣ ва ҷисмонӣ амалҳои муайянеро иҷро мекунад.

**Назарияҳои омӯзиш** – моделҳоеро фаро мегиранд, ки шароит ва равандҳои омӯзишро мефаҳмонанд.

**Нақшаи таълим** – ҳуҷҷатест, ки омӯзиши фанҳои таълим ва тақсимоти солонаи онҳоро барои тамоми давраи таҳсил дар муассисаҳои таълимӣ муайян менамояд.

**Низоми таълими ба ташаккули шахсияти хонанда нигаронидашуда** – низоми таълиме, ки дар он қобилияти фардӣ ва таҷрибаи қаблии хонанда ҳамчун меҳвар (тири асосӣ) барои омӯзиши минбаъда заминаи асосӣ нигаронида шудааст.

**Нишондиҳанда** – нишодиҳандаҳо маҷмӯи дониш, малака ва маҳоратҳое мебошанд, ки аз ноил шудан ба салоҳиятҳо дарак медиҳанд.

**Паргор** – барои дар рӯйи филиз (металл) кашидани давраҳо ва камонҳо хизмат мекунад.

**Портфолио** –калимаи итолиёӣ буда, маъноаш ҳуҷҷатҳо, ҳуҷҷатҳои мутахассис аст.

**Портфолиои хонанда** – ҷамъоварии мақсадноки корҳои хонанда, ки саъю кӯшиш пешрафт ва дастовардҳои (муваффақиятҳо)-и ӯро аз рӯйи як ё якчанд фан нишон медиҳанд.

**Принсип** – қоидаҳои асосии таълим, ки мазмун, шаклҳои ташкилӣ ва усули таълимро дар алоқамандӣ бо мақсадҳои умумии тарбия ва меъёрҳои раванди таълим муайян менамояд.

**Раванди таълим** – раванди мақсаднок ва муташаккилонаи ҳосил намудани дониш, маҳорат ва малакаҳо аст.

**Рандакунии чӯб** – барои суфтаву ҳамвор кардани чӯб ва бо мақсад мувофиқ гардонидани он иҷро карда мешавад.

**Роҳнамои фаннӣ барои татбиқи стандартҳо** – роҳнамои омӯзгор оид ба татбиқи стандартҳо маводди иловагии методӣ мебошад. Он тавсияҳо ва намунаҳоро оид ба тарзи ташкили ҷараёни таълим фаро гирифта, ба омӯзгор дар самти ташаккули салоҳиятнокии хонандагон ёрӣ мерасонад.

**Росткунӣ** – ин амалиёти челонгарӣ оид ба омода кардани ашёи хом.

**Салоҳият** – маҷмӯи дониш, малака ва маҳоратҳои ба ҳам пайванде, ки ба мақсади ҳалли масъалаҳои мушаххаси ҳаётӣ (иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ), маърифатӣ ва касбӣ равона карда мешаванд.

**Супоришҳои лоиҳакашӣ** – методи маъмули омӯзишӣ дар машғулиятҳои меҳнат ва техника. Принсипи методии он дар баръакс гардонидани объект ва системаҳои техникӣ ба супориш оид ба ихтироъкорӣ ифода меёбад. Хонандагон аз рӯйи принсипи ихтироъкорӣ дар ягон ҷараён оид ба ҳалли масъала кор мекунанд. Дар хонандагон қобилияти техникию амалӣ ва техникию лоиҳакашӣ инкишоф меёбад. Онҳо то ҳадди имкон маҳдуд кардани масъала, ҷудо кардани он ба қисматҳои таркибӣ ва ба ҳамин васила мақсаднок тайёр кардани ҳалли умумиро меомӯзанд.

**Стандарти фаннӣ** – санадест, ки дар он меъёри дониш, малака, маҳорати хонандагон, мазмуну муҳтавои фанн. Равиши дарсии фан, роҳу усули самаранок истифода бурдани вақти ба омӯзиши фан ҷудогардида ва талабот ба тарзи санҷиши дониш аз фанни мазкур ифода гардидааст.

**Стратегия** – роҳу усули ноил гардидан ба мақсад. Роҳ (усул)-и алтернативӣ (ҷойгузин), интихоб, таҳия ва татбиқи барномаро дар назар дорад.

**Таҳлили ҷойи корӣ** – яке аз методҳои маъмул барои машғулиятҳо доир ба меҳнат ва техника мебошад. Ҷойи корӣ, ки дар он бевосита кор гузаронида мешавад, аз рӯйи меъёрҳои муайян тасвир меёбад. Меъёрҳо вазифаи гузошташуда, ҷараёнҳои кор, воситаҳои меҳнат, мавзӯъ оид ба техникаи бехатарӣ ва муҳофизати меҳнат мебошад.

**Таҳлили маҳсулот** – методи маъмули таълим барои машғулиятҳои доир ба меҳнат ва техника. Предмети/маҳсулоти техникӣ зеҳнӣ ё дастӣ ҷудо карда, намоиш дода мешавад. Ба воситаи он дар хонандагон қобилияти фаҳмидани алоқамандиҳои техникию амалии ҷараёнҳои саноат ва арзёбии онҳо инкишоф меёбад.

**Таҳсилот** – ҳамчун ҷараёни кушодан ва инкишоф додани қобилиятҳои инсон, аз заминаҳои он мебошад, ки воситаи тарбияи ҳавасманд ва идора карда мебошад.

**Таълим додан** – омӯзонидан, таълим додан ё дониш ҳосил кардан буда, тавассути он таҷриба ва дониш мақсаднок интиқол дода мешавад.

**Техника** –дар бар мегирад: миқдори объектҳои ба таври сунъӣ ашёшудаи ба манфиат равонашуда (артефактҳо, системаи ашё); миқдори амалҳои инсонӣ ва иншооте, ки дар он системаи ашё пайдо мешаванд; миқдори амалҳои инсонӣ, ки дар он системаи ашё истифода мешаванд.

**Технология** – илм дар бораи техника. Зери ин мафҳум илм дар бораи ба даст овардан, коркард, сохтан, истеҳсоли маҳсулот, ҳамчунин хизматрасонӣ бо ёрии техникаи дар ихтиёр дошта мебошад.

**Технологияи ахборот** – технологияе, ки дар онҳо масолеҳи коркардашаванда ва натиҷаи фаъолияти он иттилоот мебошад.

**Дурнамо** – намо ё манзараи дуродур, чашмандоз. Тағйири ашё вобаста ба мавқеи он аз нигоҳи бинанда. Назар ё нигоҳи мо воситаи асосии муайян сохтани дурнамо аст. Ҳар як чиз ҳар қадар аз назари мо дур бошад, ҳамон қадар хурд ба назар мерасад, ҳар қадар ба мо наздик бошад, ҳамон қадар калон менамояд. Навъи дигари дурнамо, дурнамои ранг ё дурнамои тобиши ранг номида мешавад. Вақте ки ашё аз мо дур қарор гирад, ранги он дар назари мо тиратар метобад, ҳар қадар наздик бошад, ранги он равшантар метобад. Вобаста ба ии хосият муайянии тарҳи ашё низ (дар масофаи дур) дигаргун мешавад.

**Замина** – мавод (материал), яъне, матоъ, коғаз, картон ва сафол, ки рӯйи он расм мекашем санг филиз, чӯб, гаҷ ва ғайра, ки рӯйи он кандакорӣ мекунем.

**Забон** – ин системаи аломатҳост, ки воситаи мубодилаи афкору иттилоот мебошад. Забонҳо гуфтугӯйӣ ва расмӣ мешаванд.

**Интерйер** – ороиши бадеии меъморӣ буда, барои зебу зиннати дохили мактабҳо, синфҳо ва биноҳо истифода мешавад.

**Локдиҳӣ** – яке аз роҳҳои коркарди маҳсулоти тайёр ба ҳисоб меравад.

**Нақша** – дар санъати тасвирӣ аксаран маънии «мавқеъ»-ро дошта, тарзи ҷойгир кардани ашёи мавриди тасвирро дар сатҳи мусаввара ифода мекунад он чӣ дар қисмати пеши мусаввара тасвир шудааст, мавқеи аввал, он чӣ дуртар тасвир гардидааст, мавқеи сонӣ ё мавқеи дувум ном мегирад ва амсоли он.

**Орнамент** – аз калимаи лотинии «орнаментум»- «ороиш» гирифта шуда, маънояш нақшу нигор мебошад, ки ба мунтазам ивазшавию пайвастшавии элементҳои геометрӣ ва тасвирӣ асос карда шудааст. Вазифаи асосии нақшу нигор ороиши рӯйи ашёҳо ва нишон додани шакли онҳост. Дар замонҳои қадим нақшу нигор нақши расму оин ва муъҷизакориро низ адо менамуд. Якчанд намудҳои нақшу нигор мавҷуд аст: геометрӣ, набототӣ (рустанигӣ) ва ғайра. Ҳар як давр, ҳар як халқу миллат системаи нақшу нигори худро ба вуҷуд овардааст. Аз рӯйи нақшу нигор ҳам давр ва ҳам миллати ба вуҷуд овардаи онро бехато муайян кардан мумкин аст.

**Таносуб** (пропорсия) – муносибати байниҳамдигарии ҷузъҳои ашё аз рӯйи бузургии он. Дар расмкашӣ риоя намудани пропорсия (таносуб) аҳамияти ҳалкунанда дорад, чунки он асоси тасвири ҳақиқатнигорӣ ва таъсирбахширо ташкил медиҳад.

**Тартиб додани нақшаи бадеӣ** (дизайн-зебосозӣ) – намуди фаъолияти бадеӣ буда, маснуоти саноатиро, ки хусусияти эстетикӣ дорад, ба нақша мегирад.

**Таҳлили дидактикӣ** – мақсади он ба сохтор даровардани асосноки соатҳои таълимӣ мебошад. Бо таҳлили дидактикӣ як қатор қарорҳои пешакии педагогӣ алоқаманданд, ки ҳар маротиба аз нав иҷро карда мешавад. Маҳаки асосии таҳлили дидактикӣ “таҳфифи дидактикии” маводди таълимӣ мебошад. Дар ин радиф бояд асоснок инъикос гардад, ки кадом ҷузъҳои маҷмӯи мавод барои гурӯҳи таълимӣ бояд интихоб карда шавад, кадомашро сарфи назар кардан мумкин шавад, кадомашро сарфи назар кардан мумкин. Вобаста ба ин чунин ҷиҳатҳо манфиатноканд: аҳамияти замонавӣ, аҳамияти оянда, сохтори фан, аҳамияти намоишдиҳии намунавӣ, дастрасӣ.

**Дидактика** – илм (таълимот) дар бораи донишандӯзӣ ва умуман таълим мебошад. Вай ба омӯзиши ҳамаи шаклҳо, гирифтани ҳамаи намуди донишҳо, дар ҳамаи зинаҳои таҳсил бе назардошти хусусиятҳои мундариҷаи таълимӣ машғул аст.

**Сияҳқалам** – тасвирҳое, ки бо қалам ё истифодаи ранги сиёҳу туш нигошта мешаванд (графика).

**Санъати ороишӣ-амалӣ (дастӣ)** – санъати сохтани ашёҳои маишӣ, ки дорои сифатҳои эстетики бадеӣ мебошад ва на танҳо барои қонеъ гардонидани талаботи бевоситаи зиндагӣ, балки барои ороиши хонаҳо, сохтмонҳои меъморӣ, боғҳо ва ғайра истифода мешаванд.

**Сӯрохиҳо** – ҷойҳои чуқуршудаи ҷузъро меноманд.

**Сканер** – барои ба компютер дохил кардани ахбороти графикӣ кор фармуда мешавад.

**Стандартҳои таҳсилот** – стандартҳо муайян мекунанд, ки мактаббача дар охири соли таҳсил ё анҷоми гурӯҳи синнусолӣ кадом натиҷаҳои омӯзишро ба даст меорад. Ин ҷо сухан дар бораи дониш, ақида, эътиқод, майлу рағбат ва қобилиятҳои асосӣ меравад, ки хонандагон бояд аз худ кунанд.

**Фон (замина)** – қафои фазоии нақшаи расм.

**Хати яклухти ғавси асосӣ** – Ин хатро барои тасвири ҳудуди намоёни маснуот, чорчӯбаю хатҳои навиштаҷоти асосии нақша истифода мекунанд. Ғафсии хатро вобаста ба андоза ва мураккабии тасвир ва андозаи вараќи нақша аз 0,5 то 1,4 мм интихоб мекунанд.

**Хати яклухти борик** – Бо ин хат андозаҳои маснуот гузошта мешавад. Ин хат ҳангоми иҷрои ҳар гуна сохтанҳои ёридиҳанда низ истифода мешавад. Ғафсии хат аз 3/3 то 3/2 мебошад.

**Хати яклухти мавҷӣ** – Ин хатро асосан ҳамчун хати ифодакунандаи ҷойи каниш дар мавриде, ки тасвир дар нақша нопурра ояд, истифода мекунанд. Ғафсии хат ба 3/2 ё 3/3 баробар аст. Баъзан хати канда-кандаи дунуқтадор низ истифода мешавад. Ин хат ҳангоми сохтани густара (кушодан)-и ягон сатҳ ва барои нишон додани хати шикан истифода мешавад.

**Хати канда-канда (штрихӣ)** – Ин хат барои тасвири ҳудудҳои ноаёни маснуот истифода мешавад. Хати канда-канда аз хатчаҳои (штрихҳои) дарозиашон якхела иборат аст. Дарозии ҳар як хатча вобаста ба андозаи тасвир аз 2 то 8 мм, масофаи байни хатчаҳо бояд аз 1 то 2 мм бошад. Ғафсии хатчаҳо аз 3/2 то 3/3 мебошад.

**Хати канда-кандаи нуқтадор** – Агар тасвир симметрӣ бошад, он гоҳ дар нақша тири симметрияро бо ин хат нишон медиҳанд. Тири симметрия тасвирро ба ду ҳиссаи баробар тақсим мекунад. Вай аз хатчаҳои дарози борик (5..30 мм) ва нуқтаҳо (ё хатчаҳои кӯтоҳ) иборат аст, ки байни онҳо гузошта шудаанд. Масофаи байни хатчаҳои дароз аз 3 то 5 мм ва ғафсии онҳо аз 3/3 то 3/2 мебошад. Хати канда-кандаи нуқтадор барои нишон додани тирҳои даврзанӣ ва маркази камонҳою давраҳо низ истифода мешавад. Дар ин маврид мавқеи марказ бо буриши хатчаҳо бояд нишон дода шавад. Охирҳои хатҳои меҳварӣ ва марказгузар аз ҳудуди тасвир бояд на бештар аз 5 мм берун бароянд.

**Эстетика** – калимаи юнонӣ буда, маънояш "эҳсос" мебошад. Илме, ки муносибати қимати эстетикии байни одаму олам ва доираи фаъолияти бадеии одамонро ошкор мекунад, меомӯзонад.

**Эскиз** – калимаи франсузӣ буда, маънои омӯзишро дорад. Дар санъати тасвирӣ асари бо мақсади омӯзиши он аз тарафи рассом ичро кардаро меноманд.

**Эҷодиёт** – фаъолияте, ки чизи сифатан нав ва фарққунандаи беназир, оригиналӣ, беҳамто нодирро ба вуҷуд меоварад. Эҷодиёт ба инсон хос аст.

**Шиканҷа** – воситаи баҳам фишурдани ду ҷузъ.

**Ширеш** – ин моддаи часпандаест, ки дар вақти сахтшавӣ қабати мустаҳкамиро ҳосил мекунад, ки он сатҳҳои ширешшавандаро мепайвандад.

**Шпон** – дар тарҷума аз забони немисӣ тароша мебошад.

**Шпингалет** – ғалақа (қулфақ) барои махкам кардани дарҳо ва даричаҳо истифода бурда мешавад.

**Штрих** – хате, ки рассом бо як харакати даст мекашад.

**Камбий** – калимаи лотинӣ буда, додугирифти моддаҳои ғизоиро ифода мекунад.

**Кафшеркунӣ** – ин раванди пайваст кардани деталлҳо ба воситаи металл ё хӯлаи гудохташуда мебошад.

**Клавиатура** – барои аз тарафи истифодабаранда ба компютер дохил кардани маълумот истифода бурда мешавад.

**Курсор** – асбобест, ки барои ба компютер дохил кардани ягон ахборот ва барои идора кардани компютер хизмат мекунад.

**Конструксия** – аз калимаи лотинии constictio – тартиб додани асари бадеӣ, яъне дар алоқамандӣ ҷобаҷо гузоштани бузургии шаклҳои асосӣ мебошад.

## 1.2. ЗАМИНАИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ СТАНДАРТИ ФАННИ ТЕХНОЛОГИЯ (ТАЪЛИМИ МЕҲНАТ) БАРОИ СИНФИ 9.

Стандарти фанни технология (таълими меҳнат) барои хонадагони синфи панҷум дар асоси Конститутсияи (Сарқонун) Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ва сархати 6, банди 7 Низомномаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2014, №145 тасдиқ шудааст, инчунин дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф таҳия гардида, минбаъд барои расонидани ёрии таълимию методӣ барои омӯзгорон ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон омода гардидааст.

## 1.3. СОҲАИ ИСТИФОДАИ СТАНДАРТИ ФАННИ ТЕХНОЛОГИЯ (ТАЪЛИМИ МЕҲНАТ) БАРОИ СИНФИ 9.

Доираи татбиқи стандарти фанни технология (таълими меҳнат) дар синфи панҷум хеле васеъ аст. Истифодабарандагони бевоситаи стандартҳо омӯзгорони синфҳои 9-ум буда, дар марҳалаи банақшагирӣ, таълим ва арзёбии салоҳиятнокии хонандагон онро ҳамчун ҳуҷҷати асосӣ истифода мебаранд. Инчунин, мутахассисони зинаи таҳсилоти миёнаи муассисаҳои дахлдори соҳаи маориф, ки барои расонидани ёрии таълимию методӣ масъуланд, дар банақшагирӣ ва татбиқи чорабиниҳо дар самти расонидани ёрии методӣ ба омӯзгорони зинаи таҳсилоти миёна стандарти мазкурро истифода мебаранд.

Стандарти мазкур дар донишгоҳ ва коллеҷҳои омӯзгорӣ ҳамчун ҳуҷҷати асосии муайянкунандаи мундариҷаи барномаи таълими курси равиши дарси фанҳои зинаи таҳсилоти миёна истифода мешавад.

Донишкада ва марказҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони маориф, омӯзиши стандарти мазкурро дар курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои панҷум ташкил мекунанд.

Минбаъд арзёбии салоҳиятҳо (дониш, малака ва маҳорат)-и хонандагони синфи панҷумро дар асоси талаботи стандарти мазкур ба роҳ монда мешавад. Саволу масъалаҳои санҷишии нимсола, солона ва аз синф ба синфгузаронӣ дар асоси салоҳиятҳои дар стандарт ва барномаи таълим муқарраршуда таҳия карда мешаванд.

## 1.4. ПРИНСИПҲОИ АСОСИИ СТАНДАРТИ ФАННИ ТЕХНОЛОГИЯ (ТАЪЛИМИ МЕҲНАТ) БАРОИ СИНФИ 9

Стандарти фанни технология (таълими меҳнат) барои синфи панҷум дар асоси принсипҳои таълимии зерин таҳия шудааст:

– алоқаи назария бо амалия дар таълим;
– илмият дар таълими технология;
– бонизомӣ ва пайдарпайӣ дар таълими технология;
– дастрас будан ва мувофиқи қувват будани меҳнат барои хонандагон;
– шуурнок ва фаъол будани хонандагон дар таълими технология;
– мустаҳкамии азхудкунии дониш, маҳорат ва малака аз тарафи хонандагон;
– айёният дар таълими технология;
– тарбияи хонандагон дар раванди таълими технология;
– баробарҳуқуқии шаҳрвандон дар гирифтани таҳсилоти босифат;
– қонуният, эҳтироми ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд;
– ҳатмӣ будани таълими умумии асосӣ;
– дастрасии таҳсилоти миёнаи умумӣ ва идомаи таҳсил дар зинаҳои минбаъдаи таҳсилот дар асоси озмун;
– бартарии арзишҳои миллию умумибашарӣ, моҳияти башардӯстонаи мазмуни таҳсилот, рушди озодонаи шахс;
– муҳаббат ба Ватан, оила ва муҳити зист;
– ҷанбаи илмӣ, дунявӣ ва башардӯстонаи таълиму тарбия дар муассисаҳои таълимӣ;
– ягонагии фазои маърифатию фарҳангӣ, рушди фарҳанг ва ҳифзи анъанаҳои миллӣ;
– ҷанбаи инсондӯстӣ, демократӣ ва давлатию ҷамъиятии идоракунии соҳаи маориф ва шаффофият дар фаъолияти он;
– раванди муттасили таҳсил;
– ҳавасмандгардонии маърифатнокшавии шахс ва инкишофи истеъдоди ӯ;
– пайдарҳамии раванди таҳсилот, ки алоқамандии зинаҳои таҳсилот ва ягонагии таълиму тарбияро таъмин месозад;
– ҳамгироии таҳсилот, илм ва истеҳсолот.
– ба қобилияти фардии хонанда диққат додан. Раванди таълим дар асоси дониш, малака ва маҳорати базавӣ (асосӣ)-и хонанда ба роҳ монда шуда, бояд талаботи маърифатии ӯро қонеъ намояд. Ба эътибор гирифтани қобилияти хонандагон дар иҷрои фаъолиятҳои таълимӣ ва дар заминаи он такмил додани малакаву маҳорати онҳо. Ҳар як хонанда ба дарс бо дараҷаҳои гуногуни салоҳият меояд. Аз ин лиҳоз, омӯзгор бояд қобилияти муайян кардани сатҳи салоҳиятнокии хонандаро дошта бошад. Омӯзгор барои ташаккули натиҷаҳои таълими ҳар як хонанда аз лиҳози касбӣ ва ахлоқӣ низ масъул аст.

Таълим ҳамеша самаранок мегардад, агар:

❖ хонандагон дар заминаи дониш ва малакаи базавиашон таълим гиранд;
❖ хонандагон мақсаду вазифаҳои таълимии гузошташударо дарк кунанд ва онҳоро иҷро карда тавонанд;
❖ раванди азхудкунии маводди таълим барои хонандагон шавқовар ва ҷолиб бошад;
❖ барои азхудкунии маводди нави таълим ё малакаи нав ба хонандагон имконияти мувофиқи машқ кардан дода шавад;
❖ ҳам омӯзгор ва ҳам хонанда барои таълим масъуланд;
❖ омӯзгорон усулҳои гуногуни таълимро ба мақсади таҳким ва мустаҳкам гардонидани донишу малакаи нав истифода баранд;
❖ ба хонандагон ҳангоми ҳалли масъалаҳои таълимӣ ва ташаккули малака имконияти ҳамкорӣ дода шавад;

- равaнди таълим ба “чӣ тавр фикр кардан” равона гардад, на ба “доир ба чӣ фикр кардан”;
- ҳама оид ба ҷиҳатҳои суст ва қавии донишу малакаашон ростқавл бошанд;
- нокомӣ дар ҷараёни таълим ҳамчун қисми таркибии он шинохта шавад.

– **ба эътибор гирифтани гуногунзеҳнии хонандагон.** Баъзе хонандагон тавассути амалан иҷро намудани коре таълимро аз худ мекунанд ва баъзеи онҳо тавассути мушоҳида дониш мегиранд. Ба баъзеи хонандагон машғулияти серҳаракат, ба дигарон бошад, баръакс, оромӣ барои таълим гирифтан мусоидат мекунад. Омӯзгорон бояд ба ҳама баробар диққат диҳанд, ёрӣ расонанд ва мувофиқи шавқу завқашон фаъолият таҳия намоянд.

– **ҷанбаи башардӯстӣ доштани раванди таълим.** Вазифаи омӯзгор танҳо аз додани дониш ва аз бар кунонидани салоҳиятҳо иборат нест. Ӯ барои фароҳам овардани фазои мусоиди таълим, барои ҳамкорию ҳамдигарфаҳмӣ низ масъул аст.

– **инкишофи арзишҳо.** Стандарти мазкур дар баробари салоҳиятҳои таълимӣ инкишофи арзишҳоро ба роҳ мемонад. Ин арзишҳо на танҳо барои аз худ кардани салоҳиятҳои таълимӣ, балки барои тарбияи шаъну шарафи шаҳрвандӣ низ заруранд.

– **алоқамандии робита ё иртиботи таълим бо ҳаёт.**Стандартҳои нав ташаккули дониш, малакаву маҳоратҳои барои имрӯз ва ояндаи Тоҷикистон заруриро таъмин намуда, таълимро ҳамчун раванди омӯзиш дар тӯли ҳаёт таъкид мекунанд. Низоми нави таълим низ ба мақсади мутобиқ сохтани натиҷаҳои таълим ба талаботи ҳаёт равона мегардад. Яъне дар натиҷаи таълим хонанда дониш, малака ва маҳораташро дар амал барои ҳалли масъалаҳои ҳаётӣ истифода мебарад.

– **омӯзиш дар тӯли ҳаёт.** Раванди таълим ва инкишоф беохир аст. Шояд барои пурра аз худ кардани баъзе салоҳиятҳо як умр сарф карда шавад ва баъзеашон мумкин аст тамоман аз худ карда нашаванд. Аз ин лиҳоз,“Низоми таълими салоҳиятнокии хонандагон” раванди омӯзишро дар тӯли ҳаёт тақозо мекунад.

– **арзёбӣ ба мақсади таълим.** Мо бояд мунтазам натиҷаҳои таълимии хонандагонро арзёбӣ намоем, то тавонем усули таълимро тағйир дода, раванди таълимро самараноктар гардонем.

## 1.5. МАҚСАД ВА ВАЗИФАҲОИ СТАНДАРТИ ФАННИ ТЕХНОЛОГИЯ (ТАЪЛИМИ МЕҲНАТ) БАРОИ СИНФИ 9.

Стандарти мазкур ба мақсади татбиқи талаботи Стандарти давлатии таҳсилоти миёнаи умумӣ ва Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020 таҳия шудааст.

Таълими фанни технология (таълими меҳнат) дар синфҳои панҷум хусусияти амалӣ дошта, дар хонандагон одитарин малакаю маҳорати меҳнатӣ ва рассомӣ ташаккул ёфта, ба корҳои амалӣ ба ҳаёт омода мешаванд.

Мақсади асосии таълими фанни технология (таълими меҳнат) аз инҳо иборат аст:

– муайян ва муқаррар кардани маҷмӯи салоҳият (меъёри дониш, малака ва маҳорат)-и хонандагони синфи панҷум аз фанни технология (таълими меҳнат);

– ба низом даровардани мазмун, мундариҷа ва раванди банақшагирӣ, таълим ва арзёбии фанни технология (таълими меҳнат) дар синфи панҷум;

– муқаррар намудани доираи мавзӯъҳои бобҳои таълими фанни технология (таълими меҳнат) мувофиқи талаботи забономӯзӣ ва мувофиқат ба инкишофи синну солии хонандагони синфи панҷум.

– мазмун, мундарича ва фаъолиятҳои таълим барои ташаккули салоҳиятнокӣ равона шуда, байни онҳо робитаи қавӣ барқарор гардонида шавад;

– бояд малакаҳои гуногуни фаннӣ ба таври мушаххас ва фарогир пешниҳод гардад. Нишондиҳандаҳои азхудкунии ҳар як салоҳият оварда шаванд;

– мазмуну мундарича ва миқдори салоҳиятҳо бояд мувофиқи сарбории фан, ки нақшаи таълим муқаррар кардааст, пешниҳод гарданд;

- мунтазам инкишоф додани малакаю маҳорати меҳнатӣ, ороишӣ ва ташаккули эҷодӣ ҳангоми таълиму ҳаёти рӯзмарра;

- тарбияи меҳнатӣ, эстетикӣ ва касбинтихобкунии мактабиён;

- шиносоӣ бо таърих ва намудҳои хунарҳои халқӣ ва ташаккули малакаю маҳорати иҷрои маҳсулотҳои ҳунармандӣ;

- дар хонандагон бедор намудани кӯшишу ғайрат, меҳнатдӯстӣ, ҳисси эҳтиром ба меҳнати худ ва дигарон;

- омода намудани хонандагон ба иҷрои корҳои мухталиф ба худхизматкунӣ;

- инкишофи қобилияти амалӣ, фикрӣ ва эҷодӣ.

Вазифаи асосии таълиму омӯзиши фанни технология (таълими меҳнат) ба меҳнат ва зебоипарастӣ омода кардани хонандагон мебошад, ки аз тадбирҳои аввалини таълими политехникӣ дар ин синну сол ба ҳисоб меравад. Дар натиҷаи мақсаднок ва бошуурона омӯхтани ин фан хонандагон ба машғулиятҳои амалии синфҳои минбаъда тайёр мешаванд. Ҳамзамон дар таҳкиму ҳамбастагии меҳнати фикрию ҷисмонӣ нақши хосса гузошта, имконияти васеъ фароҳам меорад, ки хонандагон одитарин малакаю маҳорати меҳнатӣ пайдо намуда, ба корҳои амалӣ ва ба ҳаёт омода гарданд.

- Шиносоии хонандагон бо асосҳои илмӣ ва илмӣ-техникии истеҳсолот;

- Мусаллаҳ гардонидани хонандагон бо дониш ва маҳорати аввалия дар соҳаи техника ва технологияи муосир;

- Дар хонандагон ташаккул додани тафаккури техникӣ;

- Муносибати эҷодкорона ба меҳнат ва шавқ ба намудҳои гуногуни фаъолияти меҳнатӣ;

- Тарбияи меҳнатӣ ва маданияти меҳнат, ташаккули маънавиёт;

- Шиносоии хонандагон бо касбҳои гуногун ва ёрӣ расонидан дар муайян намудани роҳи ҳаётии худ;

Вазифаи ниҳоӣ ва муҳимтарини ин фан ба шогирдон фаъолиятҳои одитарини меҳнат, омода намудани онҳо ба меҳнат кардан, сохтани шакли ашё аз қисмҳои додашуда, зарурати омӯзиши амалиёти корӣ ва монанди инҳо мебошад.

- вазифаҳои асосии таълими фанни технология (таълими меҳнат) инкишофи қобилияти фардии хонандагон;
- дарки зарурати меҳнат дар ҳаёти инсон;
- ташаккули қобилияти эҷодию техникии хонандагон;
- шинос намудани хонандагон бо амалиёти марбут ба касбу корҳои меҳнати дастӣ;
- омӯзонидани амалҳо бо унсурҳои фаъолияти меҳнат ва тасвиру ороиш;
- дар хонандагон ҳосил намудани меҳру муҳаббат ба меҳнат ва меҳнатпарастӣ;
- тарбияи хонандагон дар рӯҳияи эҳтироми меҳнати худ ва меҳнати калонсолон, аҳли заҳмат;
- тарбияи сарфаю сариштакорӣ ва ҳифзи сарватҳои табиӣ дар шогирдон.

Таълими фанни технология (таълими меҳнат) дар синфҳои панҷум хусусияти амалӣ дошта, дар хонандагон одитарин малакаю маҳорати меҳнатӣ ва эҷодкорӣ ташаккул ёфта, ба корҳои амалӣ ба ҳаёт омода мешаванд.

**Мавқеи фанни технология (таълими меҳнат) барои синфи 9 дар нақшаи таълим**

Фанни технология (таълими меҳнат) барои синфи 9 дар нақшаи таълими такягоҳ ҳамчун фанни ҳатмии таълим дар таркиби соҳаи «Технология (таълими меҳнат)» ҷойгир шуда, ҳаҷми сарбории хонандагон дар давоми соли таҳсил 34 соатро ташкил медиҳад:

| Синф | Миқдори соатҳои ҳафтаина | Миқдори ҳафтаҳо дар давоми соли таҳсил | Миқдори соатҳо дар давоми соли таҳсил |
|---|---|---|---|
| **9** | 1 | 34 | 34 |

Технология (таълими меҳнат) ҳамчун ҷузъи меҳнатпарастӣ ба хонандагон бояд меҳнати эҷодкоронаро омӯзад, ба дарки нозукиҳои фаъолияти эҷодию конструксионӣ водор созад ва меҳри бачагонро нисбат ба намудҳои гуногуни амалиётҳои дастии технологияҳои гуногунро бедор намояд. Ҳангоми дарси «Технология (таълими меҳнат)» хонандагон инчунин бояд қобилияти эҷодкорӣ ва ҳунармандии худро ошкор созанд ва такмил диҳанд, хоҳиш пайдо кунанд, ки дар машғулиятҳои эҷодӣ – маҳфилҳои моделсозӣ, челонгарӣ, дуредгарӣ, кандакорӣ ва ғайра (вобаста аз имкону шароити мактаб) иштирок намоянд.

Меҳнат маҷмӯи амалҳоест, ки тавассути он натиҷаҳо, маҳсуле ба даст оварда мешавад ва барои зисту зиндагонӣ шароит фароҳам меояд. Пас, ҳар як фард бояд малакаю маҳорати меҳнатро омӯзад, ба меҳнат омода шавад ва меҳнатро дӯст дорад, зеро ба ин васила ҳам ҷисман ва ҳам рӯҳан ташаккул меёбад.

## II. САЛОҲИЯТҲОИ ФАННИ ТЕХНОЛОГИЯ (ТАЪЛИМИ МЕҲНАТ) БАРОИ СИНФИ 9

Фасли мазкури стандарти фанни технология (таълими меҳнат) барои синфи панҷум хеле муҳим аст. Дар фасли мазкур салоҳиятҳои фанни технология (таълими меҳнат) мувофиқи самтҳои таълим оварда мешаванд. Салоҳиятҳои ҳамаи фанҳо дорои хусусиятҳои зеринанд:

- аз рӯйи принсипи аз сода ба мураккаб тартиб дода шудаанд. Омӯзгорон метавонанд салоҳиятҳои синфи пешина ва баъдинаро мушоҳида карда, мутаносибан раванди таълимро аз оғоз то анҷом ба нақша гиранд. Ин муносибати спиралии татбиқи барномаи таълим мебошад, яъне салоҳиятҳое, ки дар як синф муаррифӣ шудаанд, дар синфҳои минбаъда такмил дода мешаванд. Дар сатҳи ҳар як синф талабот ба салоҳиятнокӣ мураккабтар мегардад.
- мувофиқи самтҳои асосии таълимии фанҳо гурӯҳбандӣ шудаанд. Аз ин лиҳоз, тартиби пешниҳоди салоҳиятҳо (малака ва маҳоратҳо) ба тартиби маводди китобҳои дарсӣ мувофиқат мекунад.
- хусусияти арзёбӣ дошта, мушоҳида мешаванд ва азхудкунии салоҳиятҳо тавассути нишондиҳандаҳо муайян мегарданд.
- дар таҳияи салоҳиятҳо усули спиралӣ истифода шудааст, яъне омӯзгор барои хонандагон имконияти салоҳиятнок шуданро фароҳам оварда, дар сатҳи синфҳои минбаъда ба хонанда имконияти ташаккули бештар дода мешавад. Ҳамин тавр, хонанда дараҷаи баландтари салоҳиянокиро аз худ карда, ташаккул медиҳад.

## 2.1. САЛОҲИЯТҲОИ ФАННӢ

**Салоҳияти истифода ва асосҳои коркарди мавод:**

9.1.1. Миқдори зиёди воситаҳои технологиро истифода бурда метавонад.

**Салоҳияти асосҳои истеҳсолот:**

9.2.1. Дар бораи равандҳои технологии соҳаи саноат маълумоти васеъ дода метавонад.

**Салоҳияти муносибати эҷодкорона дар меҳнат:**

9.3.1. Дар доираи мавзӯъҳои мураккаб ғояи навро эҷод карда метавонад.

**Салоҳияти интихоби касб:**

9.4.1. Доир ба касбҳои гуногун маълумоти васеъ дода метавонад.

**Салоҳияти асосҳои тарбиявӣ**:

9.5.1. Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, онро дар амал ба таври васеъ татбиқ карда метавонад.

## 2.2. БАҲОДИҲИИ САЛОҲИЯТҲОИ ФАННӢ

Дар фасли мазкур мо тартиб ва воситаҳои арзёбии салоҳиятҳои иҷрои амалҳоро пешниҳод мекунем.

**Салоҳияти истифода ва асосҳои коркарди мавод:**

9.1.1. Миқдори зиёди воситаҳои технологиро истифода бурда метавонад.

<u>*Нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ:*</u>

- Дар бораи сохти чароғи тафсон, патрон, калид ва вилкаи штепселӣ маълумот дода метавонад;
- Дар бораи асарҳои технологияи кошинкорӣ маълумоти васеъ дода метавонад;
- Дар бораи таърихи ҳунари кулолгарӣ маълумоти васеъ дода метавонад;
- Дар бораи намудҳои нақш ва истифодаи он дар ҳунари кулолгарӣ маълумот дода метавонад;
- Оид ба хок ва хосиятҳои он маълумоти васеъ дода метавонад;
- Технологияи тайёр кардани лойро медонад;
- Технологияи тайёр кардан ва истифодаи лойро дар ҳунари кулолгарӣ метавонад;
- Дар бораи пайдарҳамии шаклсозӣ аз гил маълумоти васеъ дода метавонад;
- Дар бораи сохтани маснуот бо усули механикӣ маълумоти васеъ дода метавонад;
- Дар бораи ранг ва ороиши маснуоти кулолгарӣ маълумоти васеъ дода, онро иҷро карда метавонад;
- Дар бораи намудҳои миз маълумоти кофӣ дода, онро сохта метавонад;
- Дар бораи арзиши аслӣ ва сохти миз маълумоти даркорӣ дода метавонад;
- Харитаи технологии мизи қатшавандаро тартиб дода метавонад;
- Зебоӣ ва устувории мизро муайян карда метавонад.

**Салоҳияти асосҳои истеҳсолот:**

8.2.1. Дар бораи равандҳои технологии соҳаи саноат маълумоти васеъ дода метавонад.

<u>*Нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ:*</u>

- Дар бораи равандҳои технологӣ дар соҳаи саноати металлургӣ маълумоти васеъ дода метавонад;
- Дар бораи саноати сабук маълумот дода метавонад;
- Дар бораи масолеҳи бинокорӣ маълумоти васеъ дода метавонад;
- Дар бораи равандҳои технологӣ дар соҳаи кишоварзӣ маълумот дода метавонад;
- Дар бораи равандҳои технологӣ дар саноати мошинсозӣ маълумот дода метавонад;
- Дар бораи равандҳои технологӣ дар соҳаи саноати сӯзишворӣ маълумот дода метавонад;
- Дар бораи равандҳои технологӣ дар саноати энергетика маълумот дода метавонад;

- Дар бораи ҳуҷҷатҳои технологӣ ва тайёр кардани истеҳсолот маълумоти васеъ дода метавонад;
- Дар бораи асосҳои техника, механиконии истеҳсолот ва дар бораи дастгоҳҳои автоматӣ маълумоти васеъ дода метавонад;
- Дар бораи иқтисодиёт, ташкили истеҳсолот ва ташкили меҳнат дар корхона маълумоти васеъ дода метавонад;
- Дар бораи роҳҳои асосии тезонидани прогресси илмию техникӣ, масолеҳи нав ва технологияи ҳозира маълумоти васеъ дода метавонад;
- Дар бораи автоматикунонии равандҳои истеҳсолӣ, мафҳуми системаҳои зудбадали истеҳсолӣ ва техникаи электронии ҳисоб дар истеҳсолот маълумоти зарурӣ дода метавонад.

**Салоҳияти муносибати эҷодкорона дар меҳнат:**

8.3.1. Дар доираи мавзӯъҳои мураккаб ғояи навро эҷод карда метавонад.

*Нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ:*

- Оид ба ҳосил намудани чӯян ва пӯлод маълумоти мушаххас дода метавонад;;
- Дар бораи намудҳои дастгоҳи бофандагӣ ва ресандагӣ маълумот дода метавонад;
- Истеҳсоли баъзе аз масолеҳи бинокориро фарқ ва таҳлил карда метавонад;
- Дар бораи соҳаҳои муассисаҳои кишоварзӣ маълумот дода метавонад;
- Амалиётҳои дар мошинасозӣ истифода мешударо таҳлил карда метавонад;
- Намудҳои раванди технологӣ ва усулҳои онро таҳлил карда метавонад;
- Дар бораи истеҳсоли ҷараёни барқ дар неругоҳҳо маълумот дода метавонад;
- Давраи тайёр кардани масолеҳро таҳлил карда метавонад;
- Ҳангоми аз тарафи омӯзгор гузаронидани экскурсияҳо ба истеҳсолот намудҳои мошинҳоро тасниф карда метавонад;
- Ҳосилнокии меҳнати худро дар устохонаҳои таълимии мактаб ҳисоб карда метавонад;
- Ду – се раванди истеҳсолӣ ё амалро дар корхонаҳое, ки дар вақти экскурсияи истеҳсолӣ ба онҳо хонандагон рафта буданд, эҷодкорона таҳлил карда метавонад;
- Техникаи электронии ҳисоб дар истеҳсолотро таҳлил ва самаранокии онро муайян карда метавонад;
- Аз рӯйи қоидаҳои асосии интихоби касб касби ба худ маъқулро интихоб карда метавонад;
- Мустақилона таъйиноти симҳо ва изоляторҳоро таҳлил карда метавонад;
- Мустақилона захираҳои иқтисодии оиларо тартиб дода метавонад;
- Мустақилона гуногунии талаботро аз рӯйи “Пирамидаи талабот”-и А.Маслоу таҳлил карда метавонад;
- Тести “Оё шумо пули оиларо сарф карда метавонед;” иҷро карда метавонад;
- Лоиҳаи афзоиши қисми даромади буҷаи оила ва намунаи дафтари ҳисобу китоби оиларо тартиб дода метавонад;
- Вазифаҳои асосии маркетинг: ошкор сохтани талабот, қонеъ гардонидани талабот ва таҷдиди талаботро эҷодкорона ҳал карда метавонад;
- Қоидаҳои ташкили меҳнатро бо пуррагӣ пешниҳод карда метавонад;
- Дар бораи соҳибкорӣ дар иқтисоди оила, иқтисоди замини наздиҳавлигӣ, вазифаҳою таъйиноти замини наздиҳавлигӣ маълумот дода, масоҳати боғ ва полези назди ҳавлиро ҳисоб карда метавонад;
- Барои часпонидани кошинҳо ба девор ва фарш хамираи симентиро мувофиқи талабот эҷодкорона тайёр карда метавонад;

- Бо устоҳое, ки бо ин кор машғуланд суҳбат намуда, оид ба кулолгарӣ, таърихи он, устоҳои номдор маълумот ҷамъоварӣ карда метавонад;
- Намудҳои нақшҳои ҳандасӣ, наботӣ ва катабаро, ки дар кулогарӣ истифода мешаванд таҳлил карда метавонад;
- Элементҳои химиявии дар таркиби хок мавҷудбударо таҳлил карда метавонад;
- Асбобҳои кулолгариро дар мавридаш истифода карда метавонад;
- Нақшаи “Тубаки гул”-ро тартиб дода метавонад;
- Эҷодкорона аз гил шаклҳои гуногуни ҳайвонот ва бозичаҳоро сохта метавонад;
- Пайдарпайии сохтани тубаки гулро тасвир карда, сохта метавонад;
- Технологияи ба ҳамдигар ҳамроҳ кардани ду ранг, ки дар натиҷа ранги дигар ҳосил мешавад эҷодкорона иҷро карда метавонад;
- Намунаи мизи худро эҷодкорона интихоб карда метавонад;
- Арзиши аслии мизи интихобшударо ҳисоб карда метавонад;
- Пайдарпайии тартиб додани харитаи технологи мизи қатшавандаро эҷодкорона тасвир карда метавонад;
- Дар бораи лоиҳаи эҷодии худ таблиғи рекламавиро тартиб дода метавонад.

**Салоҳияти интихоби касб:**

8.4.1. Доир ба касбҳои гуногун маълумоти васеъ дода метавонад.

*<u>Нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ:</u>*

- Дар бораи касби идоракунандаи қӯраҳои домнагӣ маълумоти васеъ дода метавонад;
- Дар бораи касби бофанда ва ресанда маълумоти васеъ дода метавонад;
- Оид ба касби бинокор маълумоти васеъ дода метавонад;
- Дар бораи касбҳои соҳаи кишоварзӣ маълумоти васеъ дода метавонад;
- Дар бораи касб маълумоти васеъ дорад;
- Дар бораи касбҳо дар саноати сӯзишворӣ маълумоти васеъ дода метавонад;
- Дар бораи касбҳо дар саноати энергетика маълумоти васеъ дода метавонад;
- Доир ба касбҳое, ки ҳуҷҷатҳои технологӣ тартиб медиҳанд маълумоти васеъ дода метавонад;
- Дар бораи касбҳои системаи мошинҳо ва комплекси (маҷмуъи) таҷҳизоти технологӣ маълумоти васеъ дода метавонад;
- Дар бораи касбҳои вобаста ба соҳаи иқтисодиёт.
- маълумоти васеъ дода метавонад;
- Оид ба он касбҳое, ки ба ихтироъ кардани масолеҳи нав вобаста мебошанд маълумоти васеъ дода метавонад;
- Вобаста ба касбҳое, ки дар соҳаи автоматикунонии равандҳои истеҳсолӣ мавҷуд мебошанд маълумоти васеъ дода метавонад;
- Шавқу завқ ва рағбати худро таҳлил намуда, вобаста ба он касбро интихоб мекунад;
- Доир ба касби техник-электромеханик маълумоти мушаххас дода метавонад;
- Дар бораи касби иқтисодчӣ маълумоти васеъ дода метавонад;
- Дар бораи касбҳои вобаста ба мавзӯъ (соҳибкорон, зиёиён, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, тиб, маориф, алоқа, хизмати иҷтимоӣ ва ғайра) маълумоти васеъ дода метавонад;
- Дар бораи касби муҳосиб маълумоти васеъ дода метавонад;
- Дар бораи касби менеҷер маълумоти васеъ дода метавонад;

- Дар бораи касби иқтисодчӣ маълумоти васеъ дода метавонад;
- Дар бораи касби устои кошинкор (сафолчин) маълумоти васеъ дода метавонад;
- Дар бораи касби кулолгар маълумоти васеъ дода метавонад;
- Дар бораи касби дизайнери реклама (таблиғу ташвиқ) ва муҳосиб маълумоти мушаххас дода метавонад.

**Салоҳияти асосҳои тарбиявӣ:**

8.5.1. Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, онро дар амал ба таври васеъ татбиқ карда метавонад.

*Нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ:*

- Худро дар рӯҳияи меҳнатдӯстӣ тарбия карда метавонад;
- Хусусиятҳои бодиққатӣ, якҷоякунӣ ва тақсимоти диққатнокиро дар худ тарбия карда метавонад;
- Хусусиятҳои таҳлилии худро оид ба касбҳои гуногуни бинокорӣ инкишоф дода метавонад;
- Сифатҳои таҳлилии худро оид ба хоҷагии қишлоқ ташаккул дода метавонад;
- Тарбияи масъулиятнокиро рушд дода метавонад;
- Қобилияти хуби муоширатро инкишоф дода метавонад;
- Қобилияти таҳлилии худро инкишоф дода метавонад;
- Ҳангоми омӯзиш зеҳни худро инкишоф дода метавонад.
- Хусусиятҳои бодиққатӣ ва реаксияи (вокунии)-ро дар худ инкишоф дода метавонад;
- Муносибати эҳтиёткоронаи худро нисбат ба техника ташаккул дода метавонад;
- Хусусиятҳои мушоҳидакории худро ташаккул дода метавонад;
- Дар раванди омӯзиш хусусиятҳои бодиққатиро ташаккул дода метавонад;
- Сифатҳои таҳлилии худро инкишоф дода метавонад;
- Дар раванди корҳои амалӣ фикронии техникии худро инкишоф дода метавонад;
- Хусусиятҳои сарфакориро дар худ тарбия карда метавонад;
- Сарфаву сариштакориро дар оила риоя карда метавонад;
- Хусусиятҳои тарбиявии касбии вобаста ба мавзӯъро дарк карда метавонад;
- Маҳорати таҳлили нишондиҳандаҳои ададӣ ва қонуни тағйирёбии онҳоро ташаккул дода метавонад;
- Қобилиятҳои муоширатчигӣ ва ташкилотчигиро дар худ ташаккул дода метавонад;
- Қобилияти идоракунӣ ва сарфакории худро инкишоф дода метавонад;
- Тафаккури мантиқӣ ва конструктивии худро инкишоф дода метавонад;
- Фикрронии конструктивӣ ва чобукдастии худро рушд дода метавонад;
- Хусусиятҳои зебоипарастии худро инкишоф дода метавонад;
- Сифатҳои озодакориро ташаккул дода метавонад;
- Завқи эстетикӣ ва маҳорати худро инкишоф дода метавонад;
- Доир ба ҳунари кулолгарӣ маълумоти васеъ дода метавонад;
- Хусусиятҳои эҷодкории худро ташаккул дода метавонад;
- Дар бораи сохтани маснуот бо усули механикӣ маълумоти васеъ дода метавонад;
- Хусусияти дарк кардани зебоиро ташаккул дода метавонад;
- Маҳорати таҳлилӣ, нишондиҳандаҳои ададӣ ва фикрронии эҷодии худро ташаккул дода метавонад;
- Меҳнати худ ва дигаронро қадр карда метавонад;

## 2.3. САЛОҲИЯТҲОИ ТАРБИЯВӢ-АХЛОҚӢ

Таълиму тарбия дар зинаи таҳсилоти миёна. Азбаски хонандагон қобилиятҳои гуногун доранд, мо бояд пешрафти хонандаро берун аз салоҳиятҳои фаннӣ низ эътироф намоем. Дар намунаи ҳисоботӣ дар зери сутуне барои нишон додани кӯшишу ғайрати хонанда омадааст. Кӯшишу ғайрат бо низоми 6 (10, 20, 100) балла баҳогузорӣ карда мешавад.

Барои қайди муносибати хонанда ба омӯзиш корти ҳисоботи хонанда истифода карда мешавад, ки қисмҳои зеринро дар бар мегирад.

Дар омӯзиши ҳар фан хислатҳои зерин нақши асосиро мебозанд.

| **Худро идора карда тавонистан** | мунтазам | одатан | баъзан |
|---|---|---|---|
| Мустақилият нишон медиҳад | □ | | |
| Интизориҳои баланд дорад | | □ | |
| Барои таваккал кардан омода аст | □ | | |
| Тобовар аст | | □ | |
| **Муносибат бо дигарон** | | | |
| Аҳамият медиҳад | | □ | |
| Таҳаммулпазир аст | | □ | |
| Ҳамкорӣ менамояд | | □ | |
| **Иштирок ва саҳмгузорӣ** | | | |
| Эътимод нишон медиҳад | □ | | |
| Масъулиятро ба дӯш мегирад | | □ | |
| Фаъол аст | | □ | |
| Мақсаднок ба коре ҷалб мегардад | □ | | |
| **Андешаронӣ** | | | |
| Фикрронии дараҷаи баланд дорад | | □ | |
| Эҷодкорӣ | | □ | |

## 2.4. НИШОНДИҲАНДАҲОИ ХИСЛАТҲО

Дар ҷадвали зер нишондиҳандаҳое оварда шудаанд, ки хонандагони болаёқатро тавсиф менамояд. Ин нишондиҳандаҳо то андозаи муайяне хусусияти инфиродӣ доранд. Ҳангоми арзёбӣ омӯзгор нишондиҳандаҳои зеринро ба эътибор мегирад.

| **Хислат** | **Нишондиҳанда (ё муайянкунанда)** – Хонанда |
|---|---|
| **Худро идора намудан** | |
| Мустақилият нишон додан | Бе ёрии дигарон кор мекунад ва агар ёрӣ лозим шавад, пеш аз ёрӣ пурсидан барои ҳалли ҳама гуна мушкилӣ аввал худ кӯшиш ба харҷ медиҳад. |
| Интизориҳои баланд дорад. | Ҳангоми иҷрои супорише ҳадаф мегузорад, ки натиҷааш босифат бошад бо интизории он, ки меъёрҳои баҳодиҳиро аз худ менамояд ва аз он ҳам болотар ноил мешавад. Агар вазифа ё супориш аз тарафи омӯзгор арзёбӣ нашавад ҳам, хонанда дар пеши худ меъёрҳои баланд мегузорад, то кори ӯ ҳамчун як муваффақият арзёбӣ шавад. |
| Ба таваккал (дар омӯзиш) кардан омода аст. | Зарурати таҷриба намудани ашёро эътироф менамояд, ҳарчанд он қисман ба нокомӣ ё танқид мебарад. Аммо ин хавфҳо хавфҳои асосноке бошанд, ки ба бехатарии шахсӣ мушкилӣ эҷод накунанд. |

| | |
|---|---|
| Тобовар аст | Бо вуҷуди мушкилот, ноумед намешавад ва кӯшиш мекунад, ки вазифаҳоро ба анҷом расонад. |
| Бовиҷдон аст | Арзишҳои худро ҳамеша, новобаста аз вазъият ҳифз менамояд. Арзишҳо инҳоянд:<br>– дар амалҳояш ростқавл аст;<br>– меҳрубонӣ зоҳир мекунад;<br>– адолатро риоя мекунад;<br>– ҳақгӯ аст;<br>– дар рафтору амал масъулиятшинос аст;<br>– дар амалҳояш шаффофиро риоя мекунад (ба истисноии ҳолатҳои номутобиқ);<br>– дар сахтиҳо далерӣ нишон медиҳад;<br>– фарҳанги худ ва дигаронро эҳтиром мекунад. |
| **Муносибат бо дигарон** | |
| Аҳамият медиҳад | Вақте бо дигарон кор мекунад ба ниёзҳои онҳо аҳамият медиҳад (масалан дигаронро гӯш мекунад, сухани онҳоро намебурад). |
| Таҳаммулпазир аст | Ақида ва фарҳанги шахсони гуногунро қабул мекунад (ин маънои онро надорад, ки мо аз ин суиистифода кунем). |
| Ҳамкорӣ менамояд | Ҳамкорӣ мекунад, ба дигарон барои саҳм гузоштан дар иҷрои супоришҳо имкон медиҳад. |
| **Иштирок ва саҳмгузорӣ** | |
| Эътимод нишон медиҳад | Ҳангоми пурсиш ақидаашро иброз медорад ва барои иҷрои супориш на ҳамеша аз дигарон мадад меҷӯяд. |
| Масъулиятро ба дӯш мегирад | Ҳангоми иҷрои фаъолиятҳо оқибатҳои онро ба зимма мегирад. Агар аз ӯ хоҳиш кунанд, масъулиятро ба дӯш мегирад. |
| Фаъол аст | Ғайрифаъол нест, баръакс кӯшиш мекунад саҳми худро гузорад. |
| Мақсаднок ба коре ҷалб мегардад | Пеш аз ҳар гуна фаъолият мақсаде мегузорад, ки ба ҳалли вазифаи додашуда марбут аст. |
| **Андешаронӣ** | |
| Фикрронии дараҷаи баланд | Барои анҷом додани вазифаҳо малакаҳои фикрронии баландро истифода мебарад. |
| Эҷодкорӣ | Фикрҳои тоза пешниҳод мекунад. |

## 2.5. САЛОҲИЯТНОКИИ ОМӮЗГОРОН

Барои татбиқи стандарт ва барномаи нави фанни технология (таълими меҳнат) омӯзгори синфҳои панҷум бояд дониш, малака ва маҳорати зеринро дошта бошад:

– назария ва принсипҳои низоми таълими салоҳиятнокиро донад ва ҷанбаҳои татбиқи амалии онро дар раванди таълим шарҳ дода тавонад;

– тарзи банақшагирӣ ва арзёбии салоҳиятнокии хонандагонро донад ва ҳангоми раванди таълим истифода барад;

– усулҳои таълимие, ки барои ташаккули салоҳиятнокии хонанда мусоидат мекунанд донад ва усули мувофиқро интихоб карда тавонад;

– усул ва воситаҳои арзёбии ташаккулдиҳандаро барои муайян кардани сатҳи азхудкунии салоҳиятҳо истифода бурда тавонад;

– натиҷаҳои арзёбии ташаккулдиҳандаро ба мақсади қабули қарори мувофиқ истифода бурда тавонад;

роҳу воситаҳои самараноки ба хонандагон барои салоҳиятнок шудан ёрӣ расониданро донад ва дар раванди таълим истифода барад;

– барои ташаккули салоҳиятнокии хонанда аз методҳои интерактивӣ (фаъол) ва бозиҳои дидактикӣ истифода бурда тавонад;

– ҳар як мавзӯи барнома бо методҳои интерактивӣ ё бозиҳои дидактикӣ гузаронида шавад.




## II. ТАШКИЛИ РАВАНДИ ТАЪЛИМИ САЛОҲИЯТНОКӢ АЗ ФАННИ ТЕХНОЛОГИЯ (ТАЪЛИМИ МЕҲНАТ) БАРОИ СИНФИ 9

Аксари низомҳои таълими анъанавӣ ба азхудкунии мавзӯъ нигаронида шудаанд, яъне омӯзгорон хонандагонро ба аз худ кардани мавзӯъ ва аз ёд кардани маълумот водор менамоянд. Чунин муносибат ба таълим дар гузашта мутобиқ буд, аммо дар замони ҳозира, ки андозаи дониш босуръат зиёд мегардад, дар раванди таълим диққати асосӣ бояд ба ташаккули малакаҳои омӯзишии хонандагон равона гардад, то онҳо тавонанд дониши зарурӣ ва маълумоти мушаххасро интихоб ва истифода баранд.

Акнун барои омӯзгорон “хонандагон чиро меомӯзанд?” ва “чӣ тавр меомӯзанд?” аз “ба хонандагон чиҳоро меомӯзонанд?” муҳимтар аст. Барои баъзеҳо омӯзондан ва омӯхтан (аз худ кардан) як маъно дорад, аммо бояд дар хотир дошт, ки агар омӯзгор нодуруст дарс диҳад, ҳатто дар ҳолати дарси зиёд додан ҳам, азхудкунӣ наметавонад самарабахш бошад.

Дар низоми таълим ва арзёбии салоҳиятнокӣ ба дониш, малака ва маҳоратҳои воқеии хонандагон диққати махсус дода мешавад. Салоҳиятҳо фаъолиятҳоеро, ки хонандагон дар натиҷаи омӯхтан аз худ мекунанд нишон медиҳанд.

Барои муайян кардани он ки оё хонанда салоҳиятҳоро аз худ кардааст ё не, барои ҳар салоҳият нишондиҳандаҳои он оварда мешавад. Нишодиҳандаҳо маҷмӯи дониш, малака ва маҳоратҳое мебошанд, ки аз ноил шудан ба салоҳиятҳо дарак медиҳанд. Онҳо ба шумо имкони мушоҳида ва арзёбӣ карданро фароҳам оварда, нишон медиҳанд, ки то кадом андоза хонанда салоҳиятро аз худ кардааст. Тартиб додани рӯйхати пурраи нишондиҳандаҳо барои баъзе салоҳиятҳо имконнопазир аст, шояд шумораи онҳо ба садҳо нишондиҳанда расад ва микдори онҳо вобаста ба нуктаи оғози инкишофи салоҳиятнокӣ ва вобаста ба сатҳи синф фарқ кунад.

Дар гузашта самтҳои гуногуни раванди таълим (таҳия ва татбиқи нақшаи тақвим) бештар назорат ва мушоҳида карда мешуд. Акнун натиҷаҳои таълимии хонандагон ва раванди омӯзиши онҳо бештар назорат карда мешаванд. Аз байн бурдани навъҳои дигари назорат дар ҳолате амалӣ мегардад, ки агар:

1) муассисаи таълимӣ ва омӯзгорон самаранок ба низоми таълими салоҳиятнокии хонандагон гузаранд.

2) тартиби ҷамъоварии маълумоти дуруст, ки дараҷаи азхудкунии салоҳиятҳоро нишон медиҳад, ба роҳ монда шавад.

Ба омӯзгорон озодии бештар дода, ҳамзамон масъулияти онҳо барои беҳтар шудани дастовардҳои таълимии хонандагон зиёд мегардад. Ин чунин маъно дорад, ки арзёбии салоҳиятҳо қисми асосии ислоҳот маҳсуб меёбад.

Акнун барои омӯзгор танҳо донистани мундариҷаи фан кифоя нест. Омӯзгорон бояд дар асоси таҷриба, омӯзиши равиши дарс, азхудкунии назарияи таълим ва маълумот оид ба ҳар як хонандаи синф барои инкишоф додани салоҳиятҳои онҳо ва таъмини пешравӣ ҷараёни таълимро ба роҳ монанд.

## 3.1.БА ХУСУСИЯТҲОИ ФАРДИИ ХОНАНДА ДИҚҚАТ ДОДАН

Стандарту барномаҳои нави таълим ташаккули натиҷаҳои таълимии ҳамаи хонандагонро новобаста аз қобилият ба вазъи иҷтимоӣ дастгирӣ менамоянд. Стандарт ва барномаи мазкур ақидае, ки тибқи он ба ҳамаи хонандагон талаботи ягона гузош-ташавандаро дастгирӣ намекунад. Он ақидаеро дастгирӣ менамояд, ки дар он ҳар як хонанда дорои маҷмӯи таҷрибаи мушаххас, инчунин дараҷаҳои гуногуни салоҳият аст. Омӯзгорон барои ташаккули натиҷаҳои таълими ҳар як хонанда аз лиҳози касбӣ ва ахлоқӣ масъуланд.

Самаранокии таълим тавассути ташаккули натиҷаҳои таълимии тамоми аҳли синф муайян карда мешавад, на дастовардҳои таълимии якчанд хонанда. Барои амалӣ сохтани мақсади мазкур омӯзгорон бояд тарзи муайян намудани сатҳи дониши мавҷудаи хонанда ва сатҳи ниҳоии азхудкунии салоҳиятҳои ҳар як хонандаро истифода бурда тавонанд.

## 3.2. ПРИНСИПҲОИ ТАЪЛИМИ САМАРАНОК

Таълим ҳамеша самаранок мегардад, агар:

- хонандагон дар заминаи дониш ва малакаи базавиашон (заминашавиашон) инки-шоф ёбанд;
- хонандагон мақсади вазифаҳои таълимии гузошташударо дарк кунанд;
- мақсади таълим барои хонандагон фаҳмо бошад;
- вазифаҳои таълим мувофиқи қобилияти хонандагон таҳия шаванд;
- раванди азхудкунии маводди таълим барои хонандагон шавқовар ва ҷолиб бошад;
- барои азхудкунии маводди нави таълим ё малакаи нав ба хонандагон имконияти мувофиқи машқ кардан дода шавад;
- омӯзгорон усулҳои гуногуни таълимро ба мақсади таҳким ва мустаҳкам гардонидани донишу малакаи нав истифода баранд;
- ҳам омӯзгор ва ҳам хонанда барои таълим масъулият дошта бошанд;
- омӯзгорон усулҳои гуногунро ба мақсади такрор ва дар хотир нигоҳ доштани донишу малака истифода баранд;
- ба хонандагон ҳангоми ҳалли масъалаҳои таълимӣ ва ташаккули малака имконияти ҳамкорӣ кардан диҳанд;
- раванди таълим ба “чӣ тавр фикр кардан” равона гардад, на ба “доир ба чӣ фикр кардан”;
- ҳама оид ба ҳаҷми донишу малакаашон ростқавл бошанд;
- нокомӣ дар ҷараёни таълим ҳамчун қисми таркибии он шинохта шавад;
- омӯзгор раванди омӯзишро дарк кунанд ва донанд, ки таълим чӣ тавр бояд ба роҳ монда шавад ва онро доимо назорат кунад.

## 3.3. ТАЙЁРИИ ОМӮЗГОР БА ДАРС ВА АЛОҚАМАНДИИ (ИРТИБОТИ) ТАЪЛИМИ ТЕХНОЛОГИЯ БО ДИГАР ФАНҲО

Дар тайёрӣ ба машғулият ҷойи марказиро ба нақшагирии раванди таълим ишғол мекунад. Ба туфайли банақшагирӣ амалҳои омӯзгор ва хонанда дар машғулиятҳои дар устохона вобаста бо мақсад ва масъалаҳои таълими технология, принсипҳои он ва ва дигар талаботҳое, ки бо хонандагон дар кор муқаррар карда шудааст имконпазир мешавад. Дар рафти банақшагирии раванди таълим чунин масъалаҳои дидактикӣ ҳал мешаванд:

1. Барои таъмини раванди таълим бо маводди ҳозиразамон замина ба вуҷуд меорад. Инчунин, пешакӣ муҳлати таъмини устохонаи таълимӣ бо ин ё мавод ва асбобҳо маълум мегардад.

2. Робитаи байни мазмуни машғулиятҳои таълими технология (таълими меҳнат) бо дигар фанҳои таълимӣ кушода мешавад. Маводди таълимиро тақсим карда омӯзгор муайян мекунад, ки хонандагон кадом донишҳоро аз дарсҳои физика, химия, риёзиёт, санъати тасвирӣ, нақшакашӣ ва ғайра гирифтаанд дар он вақт, ки онҳо мавзӯи мушаххасро аз таълими технология (таълими меҳнат) меомӯзанд; вобаста ба ин таъмини робитаи дидактикиро байни таълими технология (таълими меҳнат) ва асосҳои илм ба роҳ мондан мумкин аст.

3. Дар раванди машғулият дар устохона хусусан ҳангоми моделсозӣ, мумкин аст маҷмӯи маҳсулот иҷро карда шавад, ки аз ҷузъиёти чӯбӣ ва филиз иборат мебошад. Дар ин ҳолат кори хонандагон дар кадом вақт мувофиқа карда мешавад, ки дар рафти банақшагирӣ ҳаллу фасли худро меёбад.

4. Ҳангоми натиҷабардорӣ санҷидани иҷрои барномаи таълимӣ ба муаллим осон мегардад. Барои ин ба нақша гирифтан иҷрои корро бо ҳаҷми воқеан иҷро шударо муқоиса кардан лозим аст.

5. Аз тарафи қисми таълим ва маориф назорат аз болои раванди таълим осон мешавад.

**2. Тайёрии омӯзгор ба соли хониш.** Тайёрии омӯзгор ба соли таълимии навбатӣ аз охири соли ҷорӣ сар мешавад.

Мувофиқи талаботи методикаи таълими технология бояд дарсҳо 75-80 фоиз тариқи амалӣ ва 20-25 фоиз назариявӣ ҷараён гирад. Омӯзгор кӯшиш ба харҷ диҳад, ки мувофиқи талаботи мазкур раванди таълимро ташкил намояд.

Омӯзгори таълими технология (таълими меҳнат) ҳолати таҷҳизот ва асбобҳоро месанҷад. Камбудиҳои худро худи омӯзгор ислоҳ мекунад. Агар таъмири бунёдӣ ё харидории асбобу таҷҳизот лозим бошад омӯзгор ба роҳбарияти мактаб ба таври хаттӣ муроҷиат мекунад.

Банақшагирии кори таълим аз омӯхтани барномаи мактабӣ ва навиштаҷоти фаҳмонидадиҳии он оғоз меёбад. Барномаро омӯхта бояд бодиққат таҳлил намуда, вазифаи таълимро муайян кард. Инчунин, бо мазмуни барнома, ки дар ҳаҷми дониш, маҳорат ва малака, ки хонандагони ҳар як синф бояд соҳиб шаванд, бо нишондоди ин ё он мавзӯъ, шумораи соат, номгӯйи объектҳои меҳнат бодиққат шинос шудан лозим аст.

Интихоби маҳсулот, яъне объекти меҳнат давраи масъулиятноки тайёрии омӯзгор ба гузаронидани машғулият ба ҳисоб меравад. Ба ғайр аз он маҳсулот бояд аз рӯйи таъйиноти хоб бояд ҷамъияти фоиданокӣ бошад, ки ба онҳо як қатор талаботҳо муайян карда шудааст:

1. Коркарди маҳсулот бояд аз амалиётҳои меҳнатии дар барномаи таълимӣ дида баромада шуда иборат бошад.

2. Кори ба сохтани маҳсулот вобастабуда, бояд барои хонанда, чун дар дақиқӣ ва меъёри вақти банақшагирифта мувофиқи қувваи онҳо бошад.

3. Аз рӯйи таъйинот ва сохти маҳсулот ба фаҳмиши хонандагон дастрас бошад. Ин талабот хусусан барои он лаҳза, ки хонандагон моделҳои гуногун месозанд.

**3. Тайёрии омӯзгор ба машғулиятҳои мавзӯи навбатӣ.** Тайёрии омӯзгор ба машғулият аз рӯйи мавзӯъ аз тартиб додани нақшаи тақвимӣ оғоз меёбад.

Вобаста аз шароит нақшаи тақвимӣ якбора ба тамоми соли хониш, нимсола ё як чоряк тартиб дода мешавад. Агар мактаб устохона ва пойгоҳи хуби моддӣ дошта бошад, нақша ба тамоми соли хониш тартиб дода мешавад. Агар масолеҳ барои сохтани объекти меҳнат кам бошад ё аз сарчашмаҳои тасодуфӣ ворид шавад, нақшаи тақвимӣ дар нимсол ё як чоряк тартиб дода мешавад.

Барои он мактабҳо, ки ба омӯзиши фронталии ҳамаи гурӯҳ қудрат надорад, ҷадвали (график) алоҳида тартиб медиҳанд. Масалан, агар мактаб ба шумораи лозимӣ таҷҳизот ва асбобҳо надошта бошад ё шумораи хонандагон зиёд бошад ҷадвал тартиб медиҳанд, ки хонандагон бонавбат кори дар барнома муқарраршударо иҷро менамоянд.

Барои пурра истифодаи таҷҳизот сохтани маҳсулот мусоидат мекунад. Ин маънои онро дорад, ки бонавбат аз дастгоҳ ё таҷҳизот истифода мебаранд, яъне кор чунин ташкил мешавад.

Ҳамаи маводди таълимӣ, ки мазмуни мавзӯи таълимиро ифода мекунад, омӯзгор ба машғулият (дарс) тақсим мекунад, намуди дарс ва робитаи байни онро муайян мекунад, методҳои таълимиро қайд менамояд, объекти кори хонандаро интихоб мекунад.

Таҳлили кори омӯзгорони пешқадам нишон медиҳад, ки системаи дарсро оиди ин ё он мавзӯъ тартиб дода, аз рӯйи чунин дастур кор кардан лозим аст:

1) ҷойи мавзӯъ дар фанни таълимӣ ва доираи дониш, маҳорат ва малака, ки хонандагон бояд соҳиб шаванд;

2) робитаи назария бо амалия;

3) аҳамияти маводди мавзӯъ барои имконияти инкишофи дониши хонандагон;

4) тайёрии хонандагон барои аз худ кардани мавзӯи нав; 5) аз рӯйи мантиқ баён кардани маводди таълимӣ;

6) имконияти эҷодии кори хонандагон;

7) натиҷаҳои дар назар дошташуда баъди омӯзиши мавзӯъ;

8) робитаи дарс бо корҳои беруназсинфии хонандагон.

Мазмуни ҳар як дарсро пешакӣ донista, омӯзгор имконияти муайян кардани тайёрии хонандагонро дорад ва дар назди онҳо вазифа оид ба такрор намудани маводди гузаштаро мегузорад. Дар натиҷаи ҳамаи корҳои дар боло нишон додашуда, нақшаи тақвими омӯзиши мавзӯъҳои дарпешистодаро тартиб додан мумкин аст.

Омӯзгорон метавонанд аз нақшаи тақвимии шуъбаи маориф, ки аз тарафи муаллимони ботаҷриба тартиб дода шудааст ё аз рӯзномаву маҷалла, ки пешниҳод мешавад истифода баранд.

**4.Тайёрии омӯзгор ба дарс.** Дар тайёрии омӯзгор ба дарс чунин чорабиниҳо ташкилӣ, методӣ, инчунин чорабиниҳо оид ба баланд бардоштани ихтисосро ҷудо кардан мумкин аст.

Маълум аст, ки дониши омӯзгор бояд васеъ ва амиқ бошад, назар ба талаботҳое, ки аз хонандагон талаб карда мешавад. омӯзгор бояд ба ҳамаи саволҳои берун аз барномаи таълимии хонандагон тайёр бошад. Вай бояд ба малакаҳои касбӣ вобаста бо самтҳои таълими технология (таълими меҳнат) соҳиб бошад. Аз ин лиҳоз, сарчашма барои бевосита ё шахсан тайёр шудани омӯзгор китоб ё устои таълим хизмат намояд.

Тайёрии методии омӯзгор ба дарс аз кор бо адабиёти методӣ сар мешавад. Омӯзгор китоби дарсӣ барои хонандагонро дида мебарояд, то ки ҳангоми баёни маълумоти нав ин маводро ба назар гирад. Омӯзгор, инчунин ба адабиёти таълимӣ оид ба асосҳои илм шинос мешавад. Чунин раҳнамоӣ аз рӯйи ду сабабҳои асосӣ зарур аст. Якум, дар китоби дарсӣ маводди ҳадди ақал барои иҷрои барномаи таълимӣ ба қадри кифоя ифода ёфтааст. Дуюм, мазмуни дар китоби дарсӣ ифода ёфтаи маводди таълимӣ ба дараҷаи инкишофи умумии хонандагон ва дониши онҳо оид ба асосҳои илм, ки ба омӯзгор барои тайёр шудан ба баёни мавзӯъ барои хонандагон дастрас бошад ёрӣ мерасонад, мувофиқ мебошад.

Барои тайёрии омӯзгор ба дарс шиносоӣ бо адабиёти методӣ, ки таҷрибаи кории муаллимон ва мактабҳои беҳтарин ҷамъбаст шудааст аҳамияти калон дорад. Дар адабиётҳои методӣ тавсияҳо оид ба сохтани раванди таълим, интихоби объекти меҳнат ва оид ба дигар саволҳо, ки бо иҷрои масъалаҳои таълимӣ дар дарсҳои таълими технология (таълими меҳнат) алоқаманд аст дида мешавад. Омӯхтани таҷрибаи дигар омӯзгорон зарур аст. Иштирок дар дарсҳои кушод, дарсҳои намунавӣ, ки барномаро камтар пешгузарӣ мекунад барои муаллим ҳатмӣ мебошад.

То саршавии машғулият ба муаллимон тавсия дода мешавад, ки мустақилона объекти меҳнатро, ки барои хонандагон ба сифати вазифаи меҳнатӣ қайд шудааст, тайёр кунанд. Аз нуқтаи назари методӣ аз рӯйи чунин сабабҳо зарур мебошад: якум, обрӯю эътибори омӯзгор баланд шавад, агар хонандагон бинанд, ки муаллим бо пуррагӣ ба тарзҳои меҳнатӣ соҳиб мешавад ва ӯ чун намунаи шахсӣ хизмат карда метавонад. Дуюм, объекти меҳнате, ки омӯзгор месозад, чун намуна барои хонандагон хизмат мекунад. Сеюм, раванди меҳнатиро мустақилона иҷро намуда, муаллим аниқ тасаввур мекунад, ки ба хонандагон чӣ гуна мушкилӣ пеш меояд ва ҳангоми иҷрои кор ба кадом хатогиҳо роҳ медиҳанд.

Дар тайёрии омӯзгор ба дарс таҳлили хатогии хонандагон ҷойи асосиро ишғол мекунад. Таҷриба нишон медиҳад, ки 10% вақти таълимӣ баислоҳи хатогиҳо сарф мешавад. Хатогиҳои хонандагон аз сабабҳои гуногун ба амал меоянд. Баъзан аз гуноҳи муаллим, агар ӯ маводди навро пурра баён карда наметавонад.

Баъзан аз гуноҳи хонандагон, агар онҳо бодиққат баёни муаллимро гӯш накарданд. Хатогӣ баъзан объективӣ (воқеӣ) ба амал омада метавонад (инкишофи ҷисмонии хонандагон).

Сифати гузаронидани дарс аз коркарди пешакии саволҳои ташкилӣ вобастагии калон дорад. Ҳар як хонанда бояд бо асбобҳои лозимӣ ва масолеҳ таъмин бошад. Аз омӯзгор тайёр намудани айёният (ҳуҷҷатҳои техникӣ, нақша, харитаи технологӣ, овезаҳои бехатарии кор, моделҳо ва ғайра) талаб карда мешавад.

Тайёрии омӯзгор ба дарс бо тартиб додани нақшаи дарс ба охир мерасад.

Чӣ қадаре, ки нақшаи дарс пурра, муфассал бошад, ҳамон қадар ба омӯзгор ҳангоми гузаронидани дарс ёрӣ мерасонад.

Нақшаи дарс аз рӯйи чунин шакли намунавӣ тартиб дода мешавад:

### Мавзӯъ: «Интихоби касб. Шавқу завқ ва рағбат. Қобилият ва коршоямӣ нисбати касб»

**Барнома**: Қобилиятҳои умумӣ ва махсуси одамон, шароити ошкоркунӣ ва инкишофи онҳо дар ҷараёни фаъолияти таълимӣ ва меҳнатӣ. Идора ва нақши он дар интихоби касб. Маълумот дар бораи қобилияти корӣ ба касб ва услуби шахсии фаъолияти меҳнатӣ. Сифатҳои муҳимми касбии шахс, роҳи ташаккул ва такмили онҳо.

**Салоҳиятҳо**:

- Дар доираи мавзӯъҳои мураккаб ғояи навро эҷод карда метавонад.
- Доир ба касбҳои гуногун маълумоти васеъ дода метавонад.
- Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, онро дар амал ба таври васеъ татбиқ карда метавонад.

**Мақсадҳои дарс:**

- Шароити самараноки интихоби касбро таҳлил карда, аз рӯйи қоидаҳои асосии интихоби касб касби ба худ писандро интихоб карда тавонад.
- Шавқу завқ ва рағбати худро таҳлил намуда, вобаста ба он як касбро интихоб кунад.
- Сифатҳои таҳлилии худро инкишоф дода тавонад.

**Таҷҳизоти зарурӣ**: китоби дарсӣ, овезаҳои давраҳои инкишофи шавқу завқ, шароити самараноки интихоби касб, таъсири шавқу завқ, рағбат ва қобилият ба интихоби касб,

чадвали таснифоти завқ, робитаи сифати шахс, дониш, маҳорат ва малака, завқияти касбӣ ва азму самти он.

**Методикаи таълим:** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед.

**1). Ташкили дарс:** Дар ин марҳала корҳои зерин ба роҳ монда мешавад:

Тайёр намудани маводди хониш;

Ҳозир-ғоиб (ҳасту нест) кардани хонандагон;

Омода намудани аҳли синф ба дарс.

2). **Такрори дарси гузашта:** Дарсро бо истифода аз бозии «Номи касбро ёбед» оғоз намоед.

Ин бозӣ барои инкишофи хотира ва тасаввуроти фазоии хонандагон аҳамияти калон дорад. Аз тарафи омӯзгор ба хонандагон саволҳои дар поён овардашуда дода мешавад. Хонандагон бояд номи касбро муайян намоянд.

**Мақсадҳои бозӣ**

- ✓ Ғанӣ гардонидани тасаввуроти фазогии хонандагон;
- ✓ Мустаҳкамкунии хотираи хонандагон;
- ✓ Тарбия намудани хонандагон ба интихоби бошууронаи касбинтихобкунӣ;
- ✓ Тарбияи мушоҳидакории хонандагон.

**Қадамҳои истифода бурдани бозӣ**

- ➢ Аз тарафи омӯзгор оид ба ягон намуди касб маълумотҳо хонда мешавад;
- ➢ Баъди хондани маълумотҳо хонандагон бояд номи касбро муайян намоянд;
- ➢ Дар вақти муайяншуда аз тарафи муаллим ҷавобҳо ҷамъ карда шуда, холҳо муайян карда мешавад.

**Намуна.**

А. Самтҳои асосии истифодаи техникаи электронии ҳисоб дар истеҳсолотро медонад. Иҷрои корҳои ҳисобкунӣ, нигоҳ доштан ва коркарди ахборро иҷро карда метавонад. Вобаста ба ҳаҷм ва мураккабии корҳои ҳисобу китоб баҳисобгирӣ дар истеҳсолот техникаи электронии ҳисоби гуногунро истифода бурда метавонад. Ба хотираи компютерҳои ҳозира аломатҳои ниҳоят мухталифро ҷой медиҳад. Фаъолияти корияш мураккаб мебошад. *(Эзоҳ: Ҷавоб: барноманавис дар истеҳсолот)*

**Дар натиҷа хонандагон:**

- ➢ Барои интихоби касб омода мешавад;
- ➢ Оид ба касбҳои гуногун маълумоти пурра мегиранд;
- ➢ Таснифоти касбҳоро меомӯзанд.

**Тавсия ба омӯзгор:** Ин бозиро дар синфи 8 ва 9 баъд аз боби касбинтихобкунӣ гузаронидан мумкин аст.

**3). Шиносоӣ бо мазмуни мавзӯъ:** Лексияи хурди омӯзгор маълумотҳоеро дар бар мегирад, ки дар он оид ба интихоби касб, шавқу завқ, рағбат, қобилият ва коршоямӣ нисбати касб муфассал истода мегузарад:

Дар қарорҳои Ҳукумат ва суханрониҳои Раиси Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон роҷеъ ба таври куллӣ тезонидани суръати тағйироту такмил додани интихоби касбии ҷавонон эътибори махсус дода шуда мактабҳои маълумоти умумӣ ҳамчун ҷузъи муҳим дар ҳалли ин масъала дониста мешаванд.

Дар ҳақиқат, дар остонаи мактаб насли наврас бо олами касбу ҳунар шинос гардида, ба ҳар гуна фаъолияти меҳнатӣ шавқу завқ зоҳир менамояд ва дар натиҷа бо хусусиятҳои психофизиологии худ ошно мегардад.

Фаъолияти касбинтихобкунӣ, ки ҳангоми илм андӯзӣ дар мактаб ва берун аз он ба сомон мерасад, бояд инкишофи хусусиятҳои инфиродӣ (шахсӣ) ва қобилияти эҷодкории

ҳар як хонандаро  таъмин намуда, самти касбии ӯро бо ягонагии манфиати шахсию давлатӣ пайваста созад.

Дар зери мафҳуми шавқу завқ хусусияти маърифатии инсон ба ин ё он ашё фаҳмида мешавад. Шавқу завқ ба интихоби касб маънои муносибати хуб нисбат ба соҳаи муайяни меҳнат, саъю кӯшиш ба идрок ва фаъолият мебошад.

Шавқу завқ аз рӯйи мазмун, вусъат, давомият ва амиқӣ доранд. Мазмун ва вусъати шавқу завқ ифодакунандаи доираи назар ва илмдӯстии шахс мебошад. Амиқӣ ва давомияти идомаи шавқу завқ бошад, устувории онҳоро ифода мекунад.

Агар шавқу завқ бо формулаи "донистан мехоҳам" ифода карда шавад, дар он сурат рағбат- "амал кардан мехоҳам" мешавад. Хондани китобҳо дар бораи ҳайвонот, тамошои боғи ҳайвонот ва барномаи телевизионии "Дар олами ҳайвонот"-ро дӯст доштан як тарафи масъала буда, дар раванди кори ҳаррӯза аз олами ҳайвонот бархурдор будан чизи дигар аст.




*Шароити самараноки интихоби касб*

Қоидаҳои асосии интихоби касб

1. Омӯзиши касбҳои гуногун (адабиётҳоро оид ба касб омӯз, бо одамони касбу кори гуногун ошно бишав, ба мавзъеҳои истеҳсолӣ сайр намо ва ғайра).

2. Шахсияти худро биомӯз (завқ, хоҳиш, шавқ, қобилият, ҳолати саломатӣ, хусусияти рӯҳӣ ва ғайра).

3. Ҳангоми касб интихоб намудан, онро дуруст биомӯз, маслиҳати муаллимонро бигир, бо духтурон, падару модар, мутахассисон маслиҳат намо.

4. Имконияти дар фаъолияти худ санҷидани қувваю дониш оид ба касби интихобкардаат пайдо намо. (иҷрои машғулият  аз рӯйи касб, иштирок дар маҳфилҳои касбӣ, маҳфилҳо клубҳо, ҷамъомадҳо ва ғайра).

5. Донишу малакаи касбиатро бо фаъолияти амалиат муқоиса намуда , ба интихоби интиҳоии касб молик гард.




*Таъсири шавқу завқ, рағбат ва қобилият ба интихоби касб*

Қобилият чист? "Қобилият -чунин хусусияти психологии (равонии) инсон аст, ки аз босамарона дарёфтани дониш, малака, маҳорат вобаста мебошад ва лекин худи онҳо мақсади доштани донишу маҳорату малакаҳо надоранд".

Намудҳои гуногуни қобилиятро фарқ намудан мумкин: аз он ҷумла содатарин ва мураккаб, умумӣ ва хусусӣ.

Қобилияти содатарини умумӣ - чунин қобилиятшиносӣ, ки гарчи ба ҳамагон хос бошад ҳам, лекин на ҳамеша дар фаъолияти босамаронаи инсон дида мешавад; масалан, зиракӣ (хушфаҳмӣ), накӯкорӣ ва ғайра; Содаю хусусӣ - қобилият нисбати наздикон буда, лекин барои ҳамагон хос нест; масалан, назардиди амиқ, тасаввуроти фазогӣ, азёдкунии механикӣ ва ғайра. Қобилияти умумии мураккаб ин қобилият нисбати меҳнат, муомилаи сухан кардан, омӯзиш ва тарбия ба ҳисоб меравад. Қобилияти касбии мураккаби хусусӣ раванди самаранокии касбомӯзӣ ва ташаккул додани он аст. Ин чунин хосияти шахс аст, ки аз он сифати фаъолияти касбӣ вобаста мебошад.

Самти касбии шахс гуфта, яке аз паҳлуҳои муҳимми фаъолиятро мефаҳманд, ки онҳо дар завқ, хоҳишмандӣ ва азму идеали шахсӣ ифода меёбад. Самтнокии касбӣ ин фаъолияти омӯхташуда ва мақсадноки шахс ба ҳисоб меравад.




*Иртиботи сифати шахс, дониш, маҳорат ва малака, завқияти касбӣ, ва азму самти он*

Маҳорати касб ин ҳамсамти касбӣ бо якҷоягии баҳодиҳии мусбат нисбати қобилияти худ мебошад.

| Қобилияти умумӣ | Қобилияти махсус. |
|---|---|
| Интеллекти (зеҳнияти) коршоямии муттарақӣ. Талабот оид ба илм андӯзӣ, дониш, маҳорату малака ва ғайра. | Омӯзгорӣ, адабию суханшиносӣ, техникӣ, риёзӣ, варзиш, маҳорати бадеӣ. |

**4). Кори амалӣ**: "Оё ман худамро медонам?" Талаботро оид ба касби омӯзгорӣ ба эътибор гирифта ба саволҳои зерин ҷавоб диҳед:

а) Шумо худро ба сифати омӯзгор аз рӯйи ихтисоси интихоб кардаатон дар кадом дараҷа тасаввур менамоед?

б) Аз кадом сифатҳои касбӣ аллакай бархӯрдор гаштаед?

в) Оё шумо ба дониши амиқ, маҳорату малакаи омӯзгорӣ соҳиб шудаед? Интихоби касби худро чӣ тавр баҳо медиҳед?

**5). Мустаҳкамкунӣ.** Ба саволҳои анкетае, ки бо мақсади муайян кардани самти касбии шумо сохта шудааст ҷавоб гардонед:

❖ Кадом касб ба шумо маъқул аст?

- ❖ Касби ояндаатро чӣ тавр дарк намудӣ?
- ❖ Касби интихобкардаат аз кадом ҷиҳат писанд аст?
- ❖ Муносибати волидайн доир ба мақсади шумо?
- ❖ Пас аз хатми синфи IX хонданро дар куҷо идома додан мехоҳед?

**6). Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро қадр кунед.**

**7). Арзёбӣ.** Дар ҷараёни дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед *(мувофиқи натиҷаи арзёбии мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш гузошта мешавад).*

| **Фаъолият** | **метавонад** | **қисман метавонад** | **наметавонад** |
|---|---|---|---|
| Эҷодкорона шароити самараноки интихоби касбро таҳлил карда, аз рӯйи қоидаҳои асосии интихоби касб касби ба худписанд интихоб карда метавонад? | | | |
| Шавқу завқ ва рағбати худро таҳлил намуда, вобаста ба он ягон касбро интихоб мекунад? | | | |
| Сифатҳои таҳлилии худро инкишоф дода метавонад? | | | |

## IV. РАВИШИ ДАРСИ ФАННИ ТЕХНОЛОГИЯ (ТАЪЛИМИ МЕҲНАТ) ДАР СИНФИ 9

Фанни технология (таълими меҳнат) дар синфҳои панҷум таълим дода шуда, таълими якҷояи фанни пештараи «Таълими меҳнат»-ро дар бар мегирад.

Дар равиши дарси мазкур хонандагон ҳам расм мекашанд ва ҳам дар заминаи ҳамон ашё таълими меҳнатро иҷро менамоянд. Яъне ҳар як дарс тахминан ба ду қисм тақсим мешавад: қисми аввал – маълумоти назариявӣ ва қисмати дуюм кори амалӣ ё баръакс. Вале мазмуни дарс ва тарзи ташкили он ба мавзӯъ вобаста аст. Яке аз вазифаҳои асосии омӯзиши фанни технология (таълими меҳнат) ин инкишоф додани образҳои бадеии хонандагон, ба меҳнат ва зебоиофарию зебопарастӣ ва ба эҷодкорӣ ҳидоят намудани онҳо мебошад. Фароҳам овардани шароити мувофиқ, муҳайё намудани асбобу маводди кор, дуруст, максаднок ва мунтазаму бошуурона ба роҳ мондани омӯзиши фанни технология (таълими меҳнат) хонандагонро ба машғулиятҳои амалии синфҳои минбаъдӣ тайёр намуда, аз тадбирҳои аввалини таълими технология дар доираи муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ ба ҳисоб меравад. Инчунин, дар хонандагон одитарин малакаю маҳорати меҳнатӣ ва эҷодӣ ташаккул ёфта, ба корҳои амалӣ ба ҳаёт омода мешаванд. Вобаста ба малакаҳои меҳнативу эҷодӣ фанни мазкур ба шаш самти зерин тақсим карда шудааст:

- Мафҳум дар бораи ахборот;
- Технологияи коркарди чӯб;
- Технологияи кор бо филиз (металл);
- Маданияти ҷойи зист;
- Лоиҳаҳои эҷодӣ

## V. АРЗЁБӢ

Арзёбӣ раванди бонизомест дар таълим, ки барои муайян, таҳлил ва гирдоварии маълумот ва барои ноил гаштан ба мақсадҳои таълимӣ дар барномаи фанни зикршуда пешбинӣ шудааст.

Чунин хусусиятҳо арзёбӣ ва ҳисоботдиҳиро самаранок мегардонанд:

бояд ба мақсади ташаккул ва ҷамъбаст истифода шавад;

бояд доимӣ бошад (яъне мо набояд то охири мавзӯъ ё соли хониш интизор шавем, дар ин ҳолат барои тағйир ва такмил додани раванди таълим вақт намемонад);

бояд ба мақсади таълимии дарс, ки дар асоси натиҷаҳои таълими стандарт ва барномаи таълим таҳия шудаанд, робитаи мушаххас дошта бошад;

мувофиқ бошад (яъне супориши санҷишӣ бояд дониш ва малакаи мушаххасро арзёбӣ кунад. Масалан, мо барои санҷидани малакаи хондани хонанда аз ӯ хоҳиш намоем, ки матнро бо овози баланд хонад. Ин санҷиши мувофиқ нест, зеро он доир ба малакаи хондан ва муайян кардани ғояи асосии матн маълумоти кофӣ дода наметавонад. Ин нукта хеле муҳим аст, зеро мақсади хондан муайян намудани ғояи асосии матн аст) ;

воқеӣ бошад (ин маънои онро дорад, ки мо тест ё санҷишро бо якчанд хонандаи дорои қобилияти якхела гузаронем, натиҷаи якхела ба даст меорем);

дубора санҷида шавад (яъне, натиҷаи онро каси дигар низ санҷида тавонад. Масалан, агар санҷиши шифоҳӣ гузаронем ва ба хонанда баҳо гузорем. Агар ҳамон хонандаро шахси дигар санҷад, он гоҳ шояд хонанда баҳои дигар гирад);

дар асоси меъёрҳо ба роҳ монда шавад, ин метавонад дурустии онро таъмин созад;

методҳои гуногуни арзёбӣ истифода шаванд (мо набояд танҳо ба санҷиши шифоҳӣ қонеъ шавем);

қобилияти аксари хонандагонро ба эътибор гирад (тестҳо тарзе таҳия шаванд, ки барои хонандаи сустхон ва аълохон маълумоти кофӣ пешниҳод намоянд);

принсипҳои баробариро риоя кунад (воситаҳои арзёбӣ бояд хоҳиши гурӯҳи алоҳидаро инъикос накунад).

Барои таъмини пай дар пай ва истифодаи самараноки вақт омӯзгор бояд арзёбии умумиро ба роҳ монад. Ин чунин маъно дорад:

роҳбарони иттиҳодияҳои методии фаннӣ якҷоя бо омӯзгорон бонки воситаҳои арзёбиро таҳия карда, аз он дар мавриди лозима истифода бурда метавонанд;

дурустӣ ва мувофиқати воситаҳоро омӯзгорон метавонанд якҷоя санҷанд ва натиҷаҳои санҷишҳоро муқоиса намоянд;

натиҷаи санҷиши ҷамъбастиро роҳбарони иттиҳодияҳои методӣ ва муовини директор ҷамъ оварда, таҳлил мекунанд ва инкишофи тамоми мактабро нисбат ба натиҷаҳои таълими барномаи мазкур муқоиса менамоянд.

Аслан роҳбарони иттиҳодияҳои методӣ бояд маълумотро доир ба ноил гаштани хонандагон ба натиҷаҳои таълим таҳлил карда, дар асоси таҳлилҳои мазкур муайян намоянд, ки кадом натиҷаҳои таълим ба даст оварда нашудаанд ва ба кадом омӯзгор ёрии методӣ ва маводди иловагии таълим зарур аст.

Комёбиҳои дониш, малакаю маҳоратҳои талабагон оид ба фанни технология (таълими меҳнат) тавассути тестҳо ва таҳлили фаъолияти мустақилонаи онҳо, сифати кори иҷрокарда арзёбӣ карда мешаванд.

1. Тест (саволнома). Талабот ба гузарондани санҷиш:

саволҳои пурсишнома дар доираи маводди барномаи таълим бошад;

супоришҳо танҳо маводди омӯхтаи фанро фаро гиранд;

тарзи ифодаи саволҳо ба хонандаҳо фаҳмо ва дастрас бошад;

пурсишнома мунтазам гузаронида шавад, то ки хонандагон ба талаботи он одат кунанд.

2. Фаъолияти кори мустақилонаи хонандагон бояд ба талаботи зерин ҷавоб диҳанд:

маҳорати истифодаи воситаҳои меҳнат;

ба назар гирифтани ороиш, рӯшноӣ, тобишу шинами рангҳо;

муҳайё намудани асбобу маводди кор;

риояи қоидаи бехатарӣ;

сарфаю сариштакорона истифода бурдани маводди зарурӣ;
муайян намудани ченаки маснуоти сохташаванда ва ашёи тасвиршаванда;
коршоямии маснуоти сохташаванда;
дуруст баҳо додан ба натиҷаи меҳнати худ ва дигарон.

Барои муайян намудани дараҷаи ба даст овардаи салоҳияти хонанда аз фанни технология (таълими меҳнат) дар давоми сол (дар аввали сол, рейтингҳои 2,3,4; нимсолаи 1; нимсолаи 2; ҷамъбасти сол) санҷишҳо гузаронида мешаванд. Санҷишҳоро дар шаклҳои гуногун гузаронидан мумкин аст: шифоҳӣ, тестҳо, хаттӣ ва амалӣ (эҷод, ё иҷро намудани ягон амал) ва ғ. Воситаҳои арзёбӣ бояд мақсадҳои таълимии ба нақша гирифташударо инъикос кунанд.

Дар арзёбӣ намудани салоҳияти хонанда "Портфолио"- и ӯ нақши хеле калонро дорад. Дар вақтҳои охир дар муассисаҳои таълимии ҷумҳурии мо чунин таҷриба анъана шуда истодааст, ки бунёди ҷузви (портфель) комёбиҳои таълимии шахсии хонандагонро пешниҳод мекунад. Ҳар сол шумораи муассисаҳое, ки фаъолона ба ҷамъоварии комёбиҳо барои бунёди чунин портфолио зиёд шуда истодааст. Дар анъанаҳои таҳсилоти ғарб чунин таҷриба кайҳо истифода мешавад ва мафҳуми "портфолио" ин равандро инъикос мекунад. Портфолио яке аз ғояҳои асосии таҳсилоти даҳсолаи охир қабул шудааст. Чунин қарор мавҷуд аст, ки мактаби асри XXI - ин "мактаби портфолио" мебошад. Аз ин лиҳоз, ғояи портфолио ҳамчун унсури навкунии (модернизатсия)-и таҳсилоти мактаб ва умуман таҳсилот, ки дар тамоми ҷаҳон паҳн шудааст, баромад мекунад. Мафҳуми навкунӣ (модернизатсияи таҳсилот чиро дарбар мегирад ва бо кадом роҳ амалӣ мешавад? Низоми таҳсилот дар ин ҳолат дар намуди низоми таҳсилоти яклухт, ки дар якҷояги бо ҳамаи низоми тағйирёбанда, ки ба тамаддуни муосир ва ҳамаи доираи ҳаётиро дарбар мегирад, инкишоф меёбад. Бунёди ҷаҳони меҳнат вобаста ба шароитҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ. Симои зоҳирии портфолио аз тахайюлот ва қобилиятҳои эҷодӣ ва маҳорати хонандагон вобастагӣ дорад. Портфолио мумкин аст дар намуди ҷузвдон, карточка, қуттӣ ё чизи дигар ороиш дода шавад. Дар ин ҷо, хонандагон озодона худашон метавонанд ба захираҳои зеҳнӣ ва эҷодии худ идора кунанд ва ташаббуси мустақилона зоҳир кунанд, ки дар ин кор фақат маъқул дониста мешавад. Фақат ба як талабот диққат додан лозим аст - ин мувофиқ будани нигоҳдорӣ ҳангоми бунёди чунин портфолио. Мазмуни асосии портфолио аз чӣ иборат мебошад? Дар он, ки мақсади портфолио "нишон додани ту чӣ қобилият дорӣ" ин чунин шиор мебошад, ки хонанда ҳангоми бунёди портфолио ташаббускор бояд бошад. Мафҳуми "портфолио" муайянкунандаи зиёди гуногун дорад, ки ҳангоми ин раҳнамои муайяни гузариш ба ин муайянкунанда дорад.

1. Портфолио ҳамчун тарз, ки комёбиҳои шахсии хонандаро дар ин ё дигар давраи таълими ӯ қайд карда мешавад, ҷамъ гардида ва баҳогузорӣ карда мешавад. Портфолио ба дараҷаҳои "аутентӣ" (саҳеҳ), яъне ҳақиқӣ, ки ба баҳогузорӣ наздик мебошад. Дар ин ҷо баҳо фардӣ кунонида мешавад. Портфолио ба баҳогузорӣ аз рӯйи нуқтаи назари аслии баҳо ва худбаҳодиии хонандагон муайян карда мешавад.

2. Портфолио ҳамчун папкаи (ҷузъдони) файлии корӣ, ки маълумоти гуногуни малака ва қомёбиҳои хонандагонро гирд баровардааст, ҳуҷҷат (санад) карда шудааст.

3. Мақсади портфолио ба ҳисоби аз тарафи хонандагон дар фаъолияти такмилӣ, иҷтимоӣ, коммуникативӣ, эҷодӣ натиҷа мегирад, нигаронида шудааст. Он унсури асосии муносибат ба раванди таҳсилот ба ҳисоб меравад. Аз ҳама асосӣ инъикоси комёбиҳои шахсӣ бидуни фаъолияти таҳсилотӣ барои хонандагони зирак, боистеъдод, ки вазъияти фаъолро ишғол мекунанд".

Мафҳуми "портфолио" модели баҳогузории ҳақиқӣ (аутентичный) мебошад, ки дар дараҷаи калон, назар ба баҳогузории анъанавӣ барои зоҳир намудан оварда мешавад: (расми 1)

**Портфолио**

- **Муаммо дар тайёрӣ**
- **Ба таври объективӣ мавҷуд будан ба дараҷаи соҳибшавӣ**
- **Дараҷаи инкишофи фаъолияти фикрӣ**
- **Муҳокимаҳо дар азхудкунӣ**
- **Дараҷаи ташаккулёбии маҳорат, такмилдиҳии онҳо**
- **Роҳи ислоҳи раванди таълим**
- **Сабабҳои мусбати таълим**
- **Шавқ ба фан**

Гуфтаҳои дар боло қайдкардашударо ба назар гирифта чун хулоса кардан мумкин аст, ки портфолио на фақат шакли баҳодиҳии муосир, балки чунин вазифаҳои асосиро ҳал мекунад:

*Вазифаҳои портфолио*

- **Дастгирии сабабияти баланди таълими хонандагон;**
- **Баланд бардоштани мақоми кӯдак дар оила;**
- **Ташаккули маҳорати умумӣ, таълимӣ ва малака ҳамчун воситаи баланд бардоштани маданияти меҳнати фикрӣ;**
- **Барои фаъолнокӣ ва мустақилӣ ҳавасманд мекунад;**
- **Васеъ гардонидани имкониятҳои таълим ва худтаълим;**
- **Инкишофи малакаи фаъолияти рефлексивӣ ва баҳодиҳӣ (худбаҳодиҳӣ) хонандагон;**
- **Ба фардикунонӣ ва касбикунонии таҳсилнокии хонандагон ёрӣ мекунад;**
- **Ташаккули маҳорати хонандагон: гузоштани мақсад, банақшагирӣ ва ташкилӣ фаъолияти таълимии фардӣ;**
- **Тарбия намудани чунин сифатҳои шахсӣ: ростқавлӣ, бомақсаднокӣ будан, устуворӣ дар комёбӣ ва ғайра;**
- **Барои бомуваффақият худамалигардонӣ имконият медиҳад.**

Портфолио ба таври анъанавӣ интихоби маҷмӯи корҳо бо мақсади намоиши комёбиҳои хонандагон ба ҳисоб меравад. Портфолио тарзи имконпазири баҳодиҳӣ нисбат аз шакли имконпазири баҳодиҳии анъанавӣ ба ҳисоб меравад, ба монанди тест ё имтиҳон.

| **Портфолио аз ҳисоби васеъ гардидани иқтидори функсияҳои таълимии мониторинги педагогӣ ба он чунин имкониятҳо пешниҳод мекунад:** | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| зоҳир намудани камбудӣ; фарқи донистан аз надонистан дар раванди ҳимояи портфолио, ки аз рӯйи чунин меъёрҳо ба амал меояд; | | | | | |
| а) | б) | в) | г) | ғ) | д) |
| дақиқӣ | мантиқи баёни мавод дар портфолио | мавҷуд будани ҳамаи корҳо, ки аз рӯйи бахш ба нақша гирифта шудааст | инъикоси ҷойи шахсии хонанда (худтаҳлилкунӣ аз рӯйи мавзӯъ) | ҳақиқӣ будани корҳои эҷодӣ ва муносибати креативӣ (эҷодкорона) ба раванди ҳалли муаммо | ҷавоби салоҳиятнок додан ба саволҳои рафиқон аз рӯйи мавзӯи омӯзишӣ |

| |
|---|
| 2) таъминот ҳангоми ба вуҷуд омадани мушкилиҳо дар баҳодиҳӣ ба комёбиҳои фардии хонандагон дар чунин методи корҳои коллективӣ (дастҷамъона) , чун лоиҳакашӣ ва ҳамкории робитаи баръакс (аз хонанда ба омӯзгор) |
| 3) сабабият, ки ба зарурият ва фоиданок будани мониторинг меоварад, ба худи хонанда, чунон, ки дар натиҷаи худбаҳодиҳии доимӣ ва худназораткунии хонандагон дониши худро такмил диҳанд, онҳо ба як системаи муайян мубаддал мешавад ва ба инкишофи тафаккур ва хотира мусоидат мекунанд. |
| 4) мониторинги шахсӣ ба раванди таълим дар ташкили машғулият ва азхудкунии мавод маҳсулнок мешавад. |




Хулоса, вазифаҳои асосии портфолио ин баҳодиҳии комёбиҳо таҳсилоти он ва пурра намудани (ё иваз кардан) натиҷаҳои тестӣ ва дигар мониторингҳои шакли анъанавӣ; ҳуҷҷати ҷамъбастии портфолио=монанди (муодил) аттестат=монанди шаҳодатнома дар бораи натиҷаи тест; назорати инкишофи фардии хонандагон дар раванди гирифтани таҳсилот, ки бо комёбиҳои хонандагони дигар муқоиса карда нашудааст.

**Арзёбии ҷамъбастӣ**

Вобаста ба хусусиятҳои хоси фанни технология (таълими меҳнат), ки се тарзи асосии кор (иҷрои амал, эҷод, арзёбӣ)-ро дар бар мегирад, намудҳои назорат ҳам аз рӯйи ҳамин се самт ба роҳ монда мешавад.

**<u>Истифода ва асосҳои коркарди мавод:</u>** вобаста ба синф (синну сол) донистан ва баъзе воситаи технологӣ ба таври сода истифода бурда метавонад.

**<u>Муносибати эҷодкорона дар меҳнат:</u>** вобаста ба синф (синну сол) дар доираи мавзӯъҳои маҳдуд ғояи (идеяҳои) навро ба таври сода эҷод карда метавонад.

**<u>Интихоби касб:</u>** вобаста ба синф (синну сол) доир ба баъзе касбҳо маълумоти сода дода метавонад.

**<u>Асосҳои тарбиявӣ</u>**<u>:</u> вобаста ба синф (синну сол) хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, баъзе унсурҳои онро дар амал ба таври сода татбиқ карда метавонад.

**Намунаҳои арзёбӣ**

**Истифода ва асосҳои коркарди мавод**

Вобаста ба синф (синну сол) ба таври сода донистан ва истифода бурдани баъзе воситаи технологӣ (компютер, асбобҳои дуредгарӣ, челонгарӣ, асбобҳо барои кандакорӣ дар чӯб ва ғайра).

Ин самт бештар ба дуруст истифода бурда тавонистани баъзе воситаҳои технологӣ инчунин, донистан дар бораи вазифаи онҳо равона шудааст.

Барои арзёбӣ намудани ин самт чунин усулҳоро истифода бурдан мумкин аст:

**Усули "Чархофалаки ақидаҳо"**

Усули "Чархофалаки ақидаҳо" барои ташаккул додани сифатҳои таҳлилӣ ва ҷустуҷӯйи хонандагон ёрӣ мерасонад. Хонандагон пешниҳодҳои худро баён карда метавонанд, ки дар натиҷа нутқи онҳо инкишоф меёбад.

**Мақсади усул:**

- ✓ Инкишоф додани тафаккури мантиқӣ;
- ✓ Мустаҳкамкунии хотира
- ✓ Мустаҳкам кардани донишҳо оид ба мавзӯъҳои нав
- ✓ Бедор намудани шавқ оид ба муаммоҳои иқтисодии оила
- ✓ Ташаккул додани завқи ҷустуҷӯ намуда, ёфтан

**Қадамҳои истифодаи бозӣ:**

1. Омӯзгор хонандагони синфро ба чор зергурӯҳи 4-5 нафара тақсим карда ба ҳар як зергурӯҳ хонандаи беҳтаринро ҳамчун сардор таъйин мекунад.
2. Ба ҳар як узви зергурӯҳ варақаи тоза тақсим карда шуда, ба ҳамаи аъзоёни зергурӯҳ як савол дода мешавад. Ҳамаи иштирокчиёни зергурӯҳ бидуни маслиҳат бо ҳамдигар ақидаҳои худро нисбат ба саволи пешниҳодшуда ба варақ менависанд.
3. Варақаҳо бо навиштаҷот дар меъёри муайяни вақт аз рӯйи ақрабаки соат ва аз рӯйи давра ба зергурӯҳҳои ҳамсоя дода мешавад. Ҳангоми гирифтани варақа бо навиштаҷоти ақидаҳо, ҳар як иштирокчӣ бояд нисбат ба навиштаҷоти мавҷудбуда ақидаи худро такрор накарда иншо кунад. Фаъолият ҳамон вақт ба итмом мерасад, ки ба ҳар як иштирокчии зергурӯҳ варақаи худ давр гашта ояд. Дар ин давра ақидаҳои иншошуда таҳлил ва баҳодиҳӣ карда мешаванд.
4. Дар ҳар як зергурӯҳ мубоҳисаи ақидаҳои дигар иштирокчиён, ки дар он рӯйхати ҷамъбасти ақидаҳои асосӣ ва актуалии пешниҳодшударо мубоҳиса менамоянд.
5. Додугирифти натиҷаҳои ақидаҳои коркардшуда. Ҳамаи зергурӯҳҳо бо навбат рӯйхати ақидаҳои ҷамъбастиро пешниҳод мекунанд. Агар навиштаҷотҳо норозигии дигар зергурӯҳҳо дучор нашавад, онҳо ба ҷамъбасти ақидаҳои ниҳоӣ дохил карда мешаванд.

**Намуна:**

Аз тарафи омӯзгор муаммо гузошта мешавад*: "Дар назди иқтисоди оила чӣ гуна вазифаҳо меистад?"*

Иштирокчиёни зергурӯҳҳо *(омӯзгор хонандагонро ба чор зергурӯҳ тақсим мекунад)* ба саволи гузошташуда, ақидаҳои худро бе такрор кардани пайдарҳамӣ иншо мекунанд.

Масъалан:

1. Нисбатан пурра қонеъ гардонидани талабот ва эҳтиёҷоти ҳамаи аъзои оила.
2. Истифодаи оқилонаи захираҳои оилавӣ.
3. Нақшагирӣ ва сарфаи воситаю вақт.
4. Дар рӯзгордорӣ истифода бурдани ҳисоби хоҷагӣ ва ташкили илмии меҳнат.

Ҳамаи сардорони зергурӯҳҳо бо навбат рӯйхати ақидаҳои ҷамъбастиро пешниҳод мекунанд. Агар навиштаҷотҳо норозигии дигар зергурӯҳҳо дучор нашавад, онҳо ба ҷамъбасти ақидаҳои ниҳоӣ дохил карда мешаванд.

**Дар натиҷа хонандагон:**

❖ Қобилияти дар гурӯҳ кор кардани худро инкишоф медиҳанд;
❖ Ақидаҳои худро мустақилона иншо мекунанд;
❖ Донишҳои мавҷудаашонро мустаҳкам мекунанд;
❖ Дар гурӯҳ кор карда, фикри якдигарро гӯш мекунанд;
❖ Бо ҳамдигар мубоҳиса менамоянд.

**Усули “Тест”:** Хонанда ба саволҳо ҷавоби хаттӣ медиҳад.

Масалан:

**Маънои шавқу завқ ба интихоби касб**

а) дилбастагӣ нисбат ба соҳаи муайяни меҳнат, саъю кӯшиш ба дарки моҳияти ягон навъи фаъолият

б) вусъат, давомият ва амиқӣ

в) устуворӣ, хоҳишмандӣ

**Усули “Шифоҳӣ”.** Хонанда ба саволҳои омӯзгор шифоҳӣ ҷавоб медиҳад.

Масалан, омӯзгор асбобҳоро нишон дода, аз хонанда ном ва вазифаи онҳоро мепурсад.

**Муносибати эҷодкорона дар меҳнат**

Вобаста ба синф (синну сол) дар доираи мавзӯъҳои маҳдуд эҷод карда тавонистани ғояҳои навро ба таври сода баён сохта ва шарҳ дода тавонистани он.

Ин самт бештар ба эҷод карда тавонистани баъзе ғояҳои нав инчунин, шарҳ дода тавонистани он равона шудааст, на ба дуруст истифода бурда тавонистани воситаҳои технологӣ). Дар ин ҷо муҳим эҷод ва кашф карда тавонистани баъзе ғояҳои нав мебошад.

Барои арзёбӣ намудани ин самт чунин усулҳоро истифода бурдан мумкин аст:

**Усули “Кори амалӣ”** Хонанда аз рӯйи мавзӯъ ягон чиз эҷод менамояд (тасвир мекунад, месозад, ...).

Масалан:

Омӯзгор хонандагонро ба гурӯҳҳо тақсим намуда, вазифагузорӣ мекунад.

Зергурӯҳи 1.

Рӯйхати захираҳои оилаатонро тартиб дода, натиҷаашро ба ҷадвал дароред:

| **НАМУДИ ЗАХИРА** | | | |
|---|---|---|---|
| **физикӣ** | **моддӣ** | **молиявӣ** | **технологӣ** |
| | | | |

**Зергурӯҳи 2.**

Дар яке аз мавзӯъҳои зер иншои мухтасар нависед:

1. Оилаи ман
2. Сарвати инсон дар чист?
3. Оилаи ояндаатонро чӣ хел дидан мехоҳед?

**Зергурӯҳи 3.**

1. Дар мавзӯи «Оила дар иқтисодиёт» кроссворд тартиб диҳед.

2. Таърифи оилаи пешниҳодкардаи А.С. Макаренкоро, ки дар матни боло зикр шуд, шарҳ диҳед.

**Усули «Чархи ақидаҳо»**

Усули «Чархи ақидаҳо» барои гирдоварии миқдори муайяни (4, 6, 8, 12) андешаҳо доир ба мафҳум ё мавзӯъ дар шакли шохаҳои гирдгардон аст. Омӯзгор ин усулро дар мавридҳое истифода мебарад, ки агар масъалаи ҷудо кардани чизҳои нисбатан муҳим ба миён ояд.

*Дар маркази «чарх» мафҳум, савол ё мушкилоти мавзӯи нав навишта мешавад. Вазифаи хонандагон аз он иборат аст, ки ду ё чорнафарӣ кор карда, маълумотҳои доштаашонро оид ба ин мавзӯъ нависанд.*

**Мақсадҳо:**

- ✓ бедор намудани шавқу ҳавас;
- ✓ муайян кардани сарҳади донишҳои мукаммал;
- ✓ муайян кардани донишҳои нопурраи мавҷуда;
- ✓ ҷудо карда тавонистани чизҳои муҳим;
- ✓ инкишофи малакаҳои таҳлил ва хулосабарорӣ.

**Қадамҳои истифода бурдани ин усул:**

1. Дар маркази нақша мушкилот ва ё масъалаеро, ки ҳал кардан зарур аст, нависед.
2. Омӯзгор аз хонандагон хоҳиш менамояд, ки ақидаҳо, ё далелҳои асосиро вобаста ба мушкилот, ё масъалаи дар марказбуда дар шохаҳои чарх қайд кунанд. Агар далелҳо камӣ кунанд, хонандагон метавонанд саволҳои худро вобаста ба мушкилот, ё масъалаи дар марказбуда нависанд.
3. Гурӯҳҳо фаъолияти худро муаррифӣ мекунанд (чунин фаъолият бештар дар кори гурӯҳӣ гузаронида мешавад)
4. Омӯзгор муаррифии гурӯҳҳоро бодиққат гӯш карда, мубоҳиса ташкил менамояд.

**Намуна**:

**Масъала**: *«Дар бораи талаботҳои асосии оила чӣ медонед? Ақидаҳои худро баён кунед.»*




Бояд зикр намуд, ки «Чархи ақидаҳо» метавонад аз *ададҳои гуногун*: бо миқдори 4, 6, 8, ё 12 иборат бошад. Ин аз мақсадҳои мушаххас ва сатҳи омодагии хонандагон вобаста аст.

**Интихоби касб**

Вобаста ба синф (синну сол) шарҳ дода тавонистани баъзе касбҳо, арзёбӣ карда тавонистани намунаҳои объекти меҳнат, кори худ ва дигарон.

Ин самт бештар ба қобилияти арзёбӣ карда тавонистан, инчунин шарҳ дода тавонистани намунаҳои объекти меҳнат, кори худ ва дигарон равона карда шудааст.

Барои арзёбӣ намудани ин самт чунин усулҳоро истифода бурдан мумкин аст:

Бозии «Кӣ касби зиёдро медонад»-ро дар қисми такрори дарси гузашта ва қисми мустаҳкамкунии дарс гузаронидан мумкин аст.

Мақсадҳои бозӣ:

- ғанӣ гардонидани тасаввуроти хонанда оид ба намудҳои касб;
- мустаҳкамкунии хотираи хонандагон;
- тарбия намудани хонандагон ба тарбияи бошууронаи касбинтихобкунӣ;
- Тарбияи фикри дигаронро гӯш карда тавонистан.

Қадамҳои истифодаи бозӣ:

- Аз тарафи омӯзгор нақшаи тавсифи касб пешниҳод карда мешавад;
- Баъди хондани маълумот хонандагон бояд дар бораи касбҳое, ки оиди он маълумот доранд шарҳ медиҳанд;
- Касе, ки дар вақти муайяншуда дар бораи номгӯйи зиёди касбҳо маълумот медиҳад, ӯ ғолиб ҳисобида мешавад.
- Аз тарафи омӯзгор ҷавобҳо ҷамъ карда шуда, холҳо муайян карда мешаванд.

**Намунаи нақшаи тавсифи касб:**

Бозии «Кӣ касбҳои зиёдро медонад» ин бозиро ин тавр ба сомон расонидан мумкин; дар асоси нақшаи пешниҳодшуда ҳар як талаба фикру андешаи худро доир ба касбҳо баён месозад:

**1.** Мазмуни меҳнат;
**2.** Бояд донад;
**3.** Сифатҳои муҳимми касбӣ;
**4.** Талаботҳои тахассусӣ;
**5.** Маҳдудиятҳои тиббӣ;
**6.** Муассисаҳои таълимӣ.

**Намуна:**

**Устои роҳи оҳан**

1. Мазмуни меҳнат:

Нақшакашӣ, ташкил ва роҳбарӣ ба корҳои таъмиру нигоҳдории ҷории роҳи оҳан ва иншоотҳои сунъии хурд; дарёфт, хабардиҳӣ ва бартараф намудани сабабҳои вайроншавии роҳи оҳан; таъмини мунтазамӣ ва бехатарии ҳаракати қатораҳо; баҳисобгирӣ ва ҳисоботдиҳӣ барои қисми роҳи муайяншуда; идора намудани дрезинаҳо (вагончаҳои таъмирии роҳи оҳанӣ); роҳбарӣ ба кори техникаи барфтозакунӣ.

2. Бояд донад:

Қоидаҳо ва технологияи бурдани кори таъмирӣ ва нигоҳдории сохтори болоии роҳи оҳан, сатҳи заминӣ, иншоотҳои сунъӣ, гузаргоҳҳо, таҷҳизотҳои роҳӣ ва аломатӣ, тартиби нақшакашӣ ва ташкили ин гуна корҳо; намудҳо ва таъйиноти мошинаҳо ва механизмҳои роҳӣ, асбобҳои назоратию ченкунанда; қоидаҳои истифодабарии техникии роҳҳои оҳан ва дастурамалҳо оид ба аломатҳои роҳ, ҳаракати қаторaҳо ва таъмини бехатарии ҳаракат ва ғайра.

3. Сифатҳои муҳимми касбӣ:
- қобилиятҳои муоширатӣ;
- ҳисси тахассусӣ;
- қобилиятҳои ташкилотчигӣ;
- биниш (биноӣ) ва шунавоии хуб;
- фарқ кардани рангҳо;
- реаксияи (аксуламал) тез.
4. Талаботҳои тахассусӣ:
- маълумоти олӣ.
5. Маҳдудиятҳои тиббӣ:
- вайроншавии функсияҳои аппарати (дастгори) такягоҳӣ-ҳаракатӣ;
- бемориҳои дил;
- бемориҳои беҳушшавӣ;
- биниш ва шунавоии бад.
6. Муассисаҳои таълимӣ:

Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. Осимӣ, шаҳри Душанбе (ДТТ).

Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд (ДПДТТХ).

**Усули “Шарҳи категориявӣ”**

Категория – маҷмӯи ашё, ҳодисаҳо ва далелҳоест, ки бо баъзе хусусиятҳои ягонаи худ ба ҳамдигар муттаҳид шудаанд.

Усул барои муттаҳид кардани калимаҳо, мафҳумҳо ва амалҳои мушаххас дар асоси аломату хосиятҳои муайян истифода мешавад. Онро ҳангоми ҷамъбасти ангезиши зеҳн гурӯҳбандии калима, мафҳум ва назарияҳо истифода бурдан аст.

**Мақсадҳо:**

✓ Дар асоси аломату хусусиятҳо муттаҳид карда тавонистани андешаҳои пешниҳодшуда;

✓ Гурӯҳбандӣ кардани калимаҳо, мафҳумҳо, олотҳо ва амалиётҳо мувофиқи категорияҳо;

✓ Инкишофи малакаҳои хулосабарории индуктивӣ (аз ҷузъ ба кулл);

✓ Инкишофи нутқи хаттии хонандагон.

Инро чӣ тавр иҷро кардан мумкин аст?

**Қадамҳо**:

1. Доир ба масъала ва мақсад “Ангезиши зеҳн” гузаронед ва андешаҳоро қайд намоед.
2. Дар муқобили андешаҳо якчандто (3-4) категорияҳоро нависед (категорияҳоро аз хонандагон пурсед).
3. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки фикру мулоҳизаҳоро ба категориҳо ҷудо карда, дар гурӯҳҳо муттаҳид созанд (бо ишораи пайкон).

**Намунаи 1:**

**Ангезиши зеҳн**

**Савол:** Шумо кадом масолеҳ ва мафҳумҳоеро номбар карда метавонед, ки ба ҳунарҳои халқӣ вобаста бошанд?

| **Масолеҳ ва мафҳумҳо** | *Муайянкунии самти категорияҳо* | **Категорияҳо** |
|---|---|---|
| Гил | | Кулолгарӣ |
| Филизтахта Металлтахта | | |
| Пахпардоз | | |
| Хок | | |
| Исканақаламҳои чӯбин | | Сикказанӣ |
| Ангоб | | |
| Лӯлапардоз | | |
| Чокапардоз | | Гаҷкорӣ |
| Гилбум | | |
| Гаҷ | | |
| Болғаи махсус | | |

Ифодаи шакли дигари шарҳи категориявиро низ истифода намудан мувофиқи мақсад мебошад.

**Намунаи 2:**

*Калимаҳоро дар ҷадвал мувофиқ ба категорияҳояшон нависед.*

*Муҳаррики барқӣ, нақш, чӯби санавбар, кошин, белча, лок, катибавӣ, гира, поя, гиреҳ, дарахти чормагз, семент, ширеш, искана, геометрӣ, қаппаки пеш,ислимӣ, болгаи чӯбӣ, қаппаки оқиб, обтарозу.*

| № | Дастгоҳи харротии рахпечбур | Кандакорӣ | Кошинкорӣ | Наққошӣ |
|---|---|---|---|---|
| 1. | | | | |
| 2. | | | | |
| 3. | | | | |
| 4. | | | | |
| 5. | | | | |

**Намунаи 3:**

*Номи умумии калимаҳоро ёбед.*

*1. Штангенсиркул, микрометр, штанумқсанҷ, рейсмус, ҷадвал......(асбобҳои ченкунанда)*

*2. Арра, ранда, искана, парма, болга, ........ (асбобҳои дуредгарӣ)*

*3. Паргор, хаткашак, қалам, лекала, ........ (асбобҳои нақшакашӣ)*

*4. Чӯтка, лок, ранги обӣ, ранги равганӣ, когази сунбода, ....(асбобҳои рангубор)*

*5......*

**Таъкид:** Ҳангоми гурӯҳбандии мулоҳизаҳо хонандагон номи баъзе аз категорияҳоро тағйир дода ё илова карда метавонад. Ба миён омадани категорияи нав низ имконпазир аст.

**Асосҳои тарбиявӣ**

Вобаста ба синф (синну сол) шарҳ дода тавонистани баъзе касбҳо ва сифатҳои шахсият, ки ба мавзӯи мазкур мувофиқ аст.

Ин самт бештар ба хусусиятҳои шахсияти хонанда ва қобилияти онҳоро арзёбӣ карда тавонистан, инчунин шарҳ дода тавонистани намунаҳои объекти меҳнат, кори худ ва дигарон равона карда шудааст.

Барои арзёбӣ намудани ин самт чунин усулҳоро истифода бурдан мумкин аст:
**Намунаи арзёбии самти асосҳои тарбия**

Дар ҷараёни дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед *(мувофиқи натиҷаи арзёбии мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш гузошта мешавад).*

| **Фаъолият** | **метавонад** | **қисман метавонад** | **наметавонад** |
|---|---|---|---|
| Дар бараи намудҳои нақш ва истифодаи он дар ҳунари кулолгарӣ маълумот дода метавонад? | | | |
| Намудҳои нақшҳои ҳандасӣ, наботӣ ва катаба, ки дар кулолгарӣ истифода мешавад эҷодкорона таҳлил карда метавонад? | | | |
| Дар бораи касб кулол маълумоти васеъ дода метавонад? | | | |
| Хусусиятҳои зебоипарастии худро инкишоф дода метавонад? | | | |

**Талабот ба гузарондани санҷиш:**

– санҷиш бо мақсади ташаккул додани хонанда гузаронида шавад, на барои маҳдуд намудани ӯ ;

– саволҳои тест дар доираи муайян намудани рушди салоҳиятҳо ва нишондиҳандаҳо бошад;

– супоришҳо танҳо маводди омӯхтаи фанро дар бар гиранд;

– тарзи ифодаи саволҳо ба хонандаҳо фаҳмо ва дастрас бошанд.

Ин фан бештар бо мақсади ташаккул додани меҳнатпарастӣ ва бедор кардани шавқи эҷодкорӣ равона карда шудааст ва дар арзёбӣ намудан ҳам, ин мақсадҳо бояд чун замина барои таҳия намудани саволу супоришҳо қабул карда шаванд.

**Нақшаи тақвимӣ**
**Фанни «Технология» (таълими меҳнат) барои синфи 9**
**(ҳафтае 1 соат. Ҳамагӣ 34 соат)**

| **Номгӯйи мавзӯъҳо** | микдо-ри соат | Сен-тябр | | | | Октябр | | | | Ноябр | | | | Декабр | | | | | | Феврал | | | | Март | | | | Апрел | | | | Май | | | | Июн |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Нимсолаи якум**<br>**Рейтинги 1** | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Асосҳои истеҳсолот. Маълумот дар бораи равандҳои технологӣ дар соҳаи саноати металлургӣ | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Маълумот дар бораи равандҳои технологӣ дар саноати сабук | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Маълумот дар бораи равандҳои технологӣ<br>Дар саноати масолеҳи бинокорӣ | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Маълумот дар бораи равандҳои технологӣ дар соҳаи кишоварзӣ | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Маълумот дар бораи равандҳои технологӣ дар саноати мошинсозӣ | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |

| | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Маълумот дар бораи равандҳои технологӣ дар соҳаи саноати истеҳсоли сӯзишворӣ | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Маълумот дар бораи равандҳои технологӣ дар саноати энергетика | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Ҳуҷҷати технологӣ ва тайёр кардани истеҳсолот | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Ҳамагӣ | 8 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| **Нимсолаи 1**<br>**Рейтинги 2** | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Системаи мошинҳо ва комплекси таҷҳизоти технологӣ. Асосҳои техника. Механиконии истеҳсолот. Маълумоти асосӣ дар бораи дастгоҳҳои автоматӣ | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Иқтисодиёт ва ташкили истеҳсолот. Маълумоти умумӣ дар бораи иқтисодиёти истеҳсолот. Ташкили | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |

| | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| меҳнат дар корхона» | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Прогресси (пешрафт) илмию техникӣ дар истеҳсолот. Роҳҳои асосии тезонидани прогресси илмию техникӣ. Масолеҳи нав ва технологияи ҳозира | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Автоматикунонии равандҳои истеҳсолӣ. Мафҳуми системаҳои зудбадали истеҳсолӣ. Техникаи электронии ҳисоб дар истеҳсолот | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Интихоби касб. Шавқу завқ ва рағбат. Қобилият ва коршоямӣ нисбати касб | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Саломатӣ ва интихоби касб. Роҳҳои соҳибихтисос гардидан. Нақшаҳои ҳаётӣ ва касбӣ | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Асосҳои иқтисодии оила. Иқтисодиёти оила дар ҳаёти иқтисодии ҷамъият | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |

| | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Талаботи оила | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Буҷаи оила. Буҷаи талаба. Таҳлили хароҷоти ҳаррӯза, ҳарҳафтаина, ҳармоҳа ва ҳарсола | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Ҳамагӣ | 9 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| **Нимсолаи 2 Рейтинги 3** | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Хароҷоти доимӣ ва тағйирёбанда | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Маркетинг дар иқтисодиёти оила | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Менеҷмент дар иқтисодиёти оила. Мафҳуми менеҷмент дар оила | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Соҳибкорӣ дар иқтисоди оила. Иқтисоди замини наздиҳавлигӣ. Вазифаҳою таъйиноти замини наздиҳавлигӣ | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Маданияти корҳои таъмиру сохтмон. Асосҳои технологияи кошинкорӣ. Кошинкории фарш | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |

| | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Касбу ҳунарҳои миллӣ. Кулолгарӣ. Маълумоти мухтасар доир ба ҳунари кулолгарӣ | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Нақш ва хелҳои он | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Хок ва хосиятҳои он | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Ҳамагӣ | 8 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Нимсолаи 2<br>Рейтинги 4 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Асбобу ускунаҳо барои кулолгарӣ | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Амалиётҳои гилкорӣ | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Сохтани маснуот бо усули дастӣ | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Сохтани маснуот бо усули механикӣ | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Ранг ва ороиши маснуот | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Лоиҳаи эҷодӣ. Интихоби лоиҳа. Мизи қатшаванда. Намунаи мизҳои сохташаванда | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |

| | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Арзиши аслии намунаҳои ҳархелаи мизҳо | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Харитаи технологӣ. Мизи қатшаванда | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Натиҷаи озмоиш ва хулосаҳо | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Ҳамагӣ | 9 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| **Ҷамъи умумӣ** | 34 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| **Ҳафтаҳо** | | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 | 9 | 10 | 11 | 12 | 13 | 14 | 15 | 16 | 17 | | 18 | 19 | 20 | 21 | 22 | 23 | 24 | 25 | 26 | 27 | 28 | 29 | 30 | 31 | 32 | 33 | 34 |

## ДАРСИ 1.
## Мавзӯъ: «Асосҳои истеҳсолот. Маълумот дар бораи равандҳои технологӣ дар соҳаи саноати металлургӣ»

**Барнома**: Маълумот дар бораи раванди технологӣ.

**Салоҳиятҳо**:

- Дар бораи равандҳои технологии соҳаи саноат маълумоти васеъ дода метавонад.
- Дар доираи мавзӯъҳои мураккаб ғояи навро эҷод карда метавонад.
- Доир ба касбҳои гуногун маълумоти васеъ дода метавонад.
- Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда онро дар амал ба таври васеъ татбиқ карда метавонад.

**Мақсадҳои дарс:**

- Дар бораи равандҳои технологӣ дар соҳаи саноати металлургӣ маълумоти васеъ дода тавонад.
- Оид ба ҳосил намудани чӯян ва пӯлод маълумоти мушаххас дода тавонад.
- Дар бораи касби идоракунандаи кӯраҳои домнагӣ маълумоти васеъ дода тавонад.
- Тарбия намудани худ дар рӯҳияи меҳнатдӯстӣ.

**Таҷҳизоти зарурӣ**: китоби дарсӣ, нурафзо (проектор), овезаҳои расми раванди истеҳсолот, слайдҳо, наворҳои омӯзишӣ.

**Методикаи таълим:** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед.

**1). Ташкили дарс:** Дар ин марҳала корҳои зерин ба роҳ монда мешавад:

Тайёр намудани маводди хониш;

Ҳозир-ғоиб кардани хонандагон;

Омода намудани аҳли синф ба дарс.

2). **Фаъолноккунии хонандагон:** Аз сабаби он ки дарси аввал мебошад, аз усули “Ангезиши зеҳн” истифода мебарем.

Усули Ангезиши зеҳн (*brain storming* – ҳуҷуми ақлӣ) аз ҷониби Алекс Осборн (ИМА) дар солҳои 40-уми асри 20 пешниҳод шуда, ҳамчун усули барангехтани андешаҳо хеле машҳур гаштааст. Ангезиши зеҳн бештар дар марҳалаи водорнамоӣ истифода бурда мешавад. Он бо мақсади бахотироварӣ ва фаъолгардонии донишҳое, ки хонандагон пештар доштанд ва барои бедор намудани шавқу ҳавас оид ба қабули ахбори нав, ташкили ваҷҳҳо барои фаъолияти дар пешистода истифода бурда мешавад. Ангезиши зеҳн аз гузориши саволи проблемавӣ сар мешавад ва ақидаҳо дар чорчӯбаи вақти муайян муҳокима карда мешавад: фардӣ, ҷуфтӣ, гурӯҳӣ.

*Дар усули “Ангезиши зеҳн” масъала, ё саволҳои кушода гузошта мешаванд, ки чанд ҷавоби имконпазир дошта, барои ҷустуҷӯйи роҳҳои ҳал ё вариантҳои гуногуни ҷавоб мусоидат намояд.*

**Мақсадҳои асосӣ**:

- ✓ гирдоварии андешаҳо;
- ✓ фаъолгардонии хонандагон дар ҷараёни дарс;
- ✓ ба вуҷуд овардани вазъияти ҷустуҷӯ.

Самаранок гузаронидани ин усул аз омилҳои зерин вобаста мебошад:

1. Интихоби масъалаи кушода/саволҳое, ки чанд ҷавоби имконпазир доранд;
2. Риояи қадамҳо ва қоидаҳои ангезиши зеҳн.

**Қадамҳо ва қоидаҳои ангезиши зеҳн:**

1. Савол/масъаларо ба хонандагон пешниҳод кунед.

2. Аз онҳо хоҳиш намоед, ки оид ба савол ё масъалаи пешниҳодшуда, фикру ақидаҳои худро иброз доранд.

3. Фикру ақидаҳои пешниҳодшударо нависед.

4. Хоҳиш намоед, ки ақидаҳои худро баён кунанд.

**Намуна:**

Дарсро аз гузоштани масъала оғоз кунед. Бо саволҳои зерин ба хонандагон муроҷиат кунед:

**Савол**: *Оё шумоён дар бораи намудҳои саноати металлургӣ маълумот доред?*

Фарз кардем хонандагон чунин фикру ақидаҳоро пешниҳод менамоянд:

- *металлургияи сиёҳ;*
- *металлҳои ранга;*
- *корхонаҳои маъдантозакунӣ;*
- *кураҳои домнагӣ;*
- *мошинҳои рехтагарӣ;*
- *кураҳои (мартенӣ ва г.)*

Ин ақидаҳоро бе ягон шарҳ дар тахтаи синф, ё дар коғаз навишта мешаванд. Сипас, ҳар як ақида аз тарафи хонандагон шарҳ дода мешавад.

Қайд кардан зарур аст, ки омӯзгор андешаҳои хонандагонро бояд қадр кунад. Ақидаҳо танқид карда нашаванд. Кор то замоне идома меёбад, ки фикру мулоҳизаҳо шунида шаванд. Фикру мулоҳизаҳои пешниҳодшуда аввал қайд, сипас муҳокима ва таҳрир мешаванд. Омӯзгор ба фикру мулоҳизаҳои беҳтарин такя карда, онҳоро бо мавзӯъ алоқаманд намуда, ба қисми асосии дарс мегузарад.

**Дар натиҷа хонандагон:**

1) фикру мулоҳизаҳои худро баён мекунанд;
2) донишҳои худро ба хотир меоранд;
3) дар рафти дарс фаъолона иштирок мекунанд**;**
4) андешаҳои якдигарро муқоиса мекунанд ва ғайра.

**Тавсия ба омӯзгор:** Вазифаи ин баҳсу муҳокима кардан сари як масъала нест. Барои ин усул вақти зиёд сарф накунед, тақрибан 5-7 дақиқа кифоя аст.

Оид ба саволҳо каме муҳокимаронӣ карда ба хонандагон оид ба фанни таълимӣ низ бояд маълумот пешниҳод намуд, зеро барои хонандагон дар соли хониши нав дарси якум мебошад.

**3). Шиносоӣ бо мазмуни мавзӯъ:** Дар лаҳзаи баёни мавзӯи нав омӯзгор дар бораи равандҳои истеҳсолот, мақсад ва моҳияти соҳаи саноати металлургӣ ба хонандагон маълумот медиҳад.

Саноати металлургӣ ду навъ аст :

А) металлургияи сиёҳ - истеҳсоли оҳан ва хӯлаҳои он;

Б) металлургияи ранга - ҳамаи металлҳои ранга

Ба саноати металлургияи сиёҳ чунин муассисаҳо дохил мешаванд :

1) Коркарди маъдан, ки бо истеҳсоли маъданҳои оҳан, магний ва дигар канданиҳои фоиданок машғуланд;

2) Фабрикаҳои маъдантозакунӣ ё агломератсионӣ, ки ба тоза кардан ва гудохтану тайёр кардани маъдани оҳан машғуланд;

Маъдани оҳанро бо баробари аз ғашҳо, ҷинсҳои бегона тоза кардан, боз бо як қисм сӯзишворӣ ва флюс омехта карда, пухта ба шакл меорад, ки онро агломерат меноманд.

3) Бевосита корхонаҳои металлургӣ бо кӯраҳои домнагӣ, ки дар онҳо чӯян истеҳсол карда мешавад. Барои дар ин гуна кӯраҳо ҳосил намудани чӯян агломерат, кокс (ангишт), флюс (оҳаксангҳо), ҳаво ва оксигени тоза лозим аст. Барои сохтани кӯраи домнагӣ, масолеҳи оташбардор лозим аст. Ба сифати масолеҳи оташбардор, динас, манезит, хроммагнезит, шамот ва дигар масолеҳҳо истифода мешаванд.

Дар кӯраҳои домнагӣ, дар натиҷаи таъсири ҳарорати баланд, барқароршавии оксидҳои оҳан ва дигар элементҳо ба амал омада, бо карбон пайвастагиҳои гуногунро ҳосил менамоянд, дар натиҷа чӯян ҳосил мешавад.

4) Бо ёрии мошинаҳои рехтагарӣ ба шакл овардани чӯян;

5) Корхонаҳои металлургӣ бо маҷмӯи кӯраҳо, ки барои истеҳсоли пӯлод пешбинӣ шудаанд: кӯраҳои конвекторӣ, мартенӣ ва барқӣ.

Дар кӯраҳои конвекторӣ аз чӯяни моеъ бо истифодаи реаксияҳои экзотермикӣ пӯлод ҳосил карда мешавад.

Дар кӯраҳои мартенӣ бошад, аз металлпораҳо, чӯяни сахт ё чӯяни моеъ, бо ёрии сӯзишвории газшакл ё моеъ, пӯлод ҳосил мекунанд.

Дар кӯраҳои барқӣ пӯлоди махсус (зангназананда, оташматин, хосияти магнитӣ дошта, тезбур ва ғ.) истеҳсол карда мешавад. Дар ин кӯраҳо ба сифати манбаи гармӣ аз ҷараёни барқӣ истифода мебаранд.

6) Истеҳсоли пӯлод бо ба шакл овардани он хотима меёбад. Барои ба ин ё он шакл овардани рехтаи пӯлодӣ, онро бо ёрии дастгоҳҳои махсус прокат мекунанд, яъне аз байни навардҳои даврзананда пахш карда мегузаронанд. Агар навардҳо ҳамвор бошанд, он гоҳ варақаҳо, агар навардҳо ягон хел бурриш дошта бошад, тарҳҳои гуногун ҳосил мешаванд.

7) Ба саноати металлургияи сиёҳ инчунин аз саноати химия кокс, аз саноати масолеҳи бинокорӣ масолеҳи оташбардор дастрас мешавад.

Дар навбати худ саноати металлургияи ранга низ аз саноати маъдан, ки бо истеҳсоли маъданҳои металлҳои ранга, корхонаҳои маъдантозакунӣ, ки маъданҳоро бо ин ё он роҳ тоза мекунад, яъне онҳоро аз ҷинсҳои бегона пок месозанд ва аз комбинат ё корхонаҳое, ки бевосита ин ё он металлҳои рангаро истеҳсол менамоянд иборат мебошад. Металлҳои ранга аксаран бо роҳи электролиз, гудохта барқароркунӣ, бо реаксияҳои химиявӣ аз маҳлулҳо истифода намуда ҳосил карда мешавад. Металлҳои ранга чӣ ба намуди тоза ва чӣ дар шакли хӯлаҳо васеъ истифода карда мешаванд.

**4). Мустаҳкамкунӣ.**

- Сохтори металлургияи сиёҳ кадом муассисаҳоро дар бар мегирад?
- Агломерат гуфта чиро меноманд?
- Дар кадом кӯраҳо чӯян истеҳсол карда мешавад?
- Истеҳсоли пӯлод бо чӣ хотима меёбад?
- Дар кадом кӯраҳо пӯлоди махсус истеҳсол мешавад?
- Оид ба металлургияи ранга маълумот диҳед?
- Оид ба саволҳо каме муҳокимаронӣ кунед.

**5). Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро қадр кунед.**

**6). Арзёбӣ.** Дар ҷараёни дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед *(мувофиқи натиҷаи арзёбии мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш гузошта мешавад).*

| **Фаъолият** | **метавонад** | **қисман метавонад** | **Наметавонад** |
|---|---|---|---|
| Дар бораи равандҳои технологӣ дар соҳаи саноати металлургӣ маълумоти васеъ дода метавонад? | | | |
| Эҷодкорона оид ба ҳосил намудани чӯян ва пӯлод маълумоти мушаххас дода метавонад? | | | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| Дар бораи касби идоракунандаи кӯраҳои домнагӣ маълумоти васеъ дода метавонад? | | | |
| Худро дар рӯҳияи меҳнатдӯстӣ тарбия карда метавонад? | | | |

## ДАРСИ 2.

### Мавзӯъ: «Маълумот дар бораи равандҳои технологӣ дар саноати сабук»

**Барнома**: Тавсифи умумии равандҳои технологие, ки дар истеҳсолот истифода мешаванд: физикӣ, химиявӣ, биологӣ, энергетикӣ ва омехта.

**Салоҳиятҳо**:

- Дар бораи равандҳои технологии соҳаи саноат маълумоти васеъ дода метавонад.
- Дар доираи мавзӯъҳои мураккаб ғояи навро эҷод карда метавонад.
- Доир ба касбҳои гуногун маълумоти васеъ дода метавонад.
- Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда онро дар амал ба таври васеъ татбиқ карда метавонад.

**Мақсадҳои дарс:**

- Дар бораи дар саноати сабук маълумот дода тавонад.
- Дар бораи намудҳои дастгоҳи бофандагӣ ва ресандагӣ маълумот дода тавонад.
- Дар бораи касби бофанда ва ресанда маълумоти васеъ дода тавонад.
- Дар худ тарбия намудани хусусиятҳои бодиққатӣ, якҷоякунӣ ва тақсимоти (ботаваҷҷуҳӣ) диққатнокӣ.

**Таҷҳизоти зарурӣ**: китоби дарсӣ, нурафзо (проектор), овезаҳои расми раванди истеҳсолот, касби бофанда ва ресанда, слайдҳо, наворҳои омӯзишӣ.

**Методикаи таълим:** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед.

1). **Ташкили дарс:** Дар ин марҳала корҳои зерин ба роҳ монда мешавад:

Тайёр намудани маводди хониш;

Ҳозир-ғоиб кардани хонандагон;

Омода намудани аҳли синф ба дарс.

2). **Такрори дарси гузашта:** Дарсро аз гузоштани масъала оғоз кунед. Бо саволҳои зерин ба хонандагон муроҷиат кунед:

- Сохтори металлургияи сиёҳ кадом муассисаҳоро дар бар мегирад?
- Агломерат гуфта чиро меноманд?
- Дар кадом кӯраҳо чӯян истеҳсол карда мешавад?
- Истеҳсоли пӯлод бо чӣ хотима меёбад?
- Дар кадом кӯраҳо пӯлоди махсус истеҳсол мешавад?
- Оид ба металлургияи ранга маълумот диҳед?
- Доир ба саволҳо каме муҳокимаронӣ кунед.

**3). Шиносоӣ бо мазмуни мавзӯъ:** Омӯзгор баёни мавзӯи навро бо навиштани номи мавзӯъ дар тахтаи синф оғоз намуда, ба хонандагон муҳиммияти омӯзиши равандҳои технологӣ дар саноати сабук маълумот пешкаш мекунад.

Сохтори саноати сабук муассисаҳои зеринро дар бар мегирад:

корхонаҳои ресандагӣ, бофандагӣ, трикотажӣ, дӯзандагӣ, пойафзолдӯзӣ, пахтатозакунӣ, абрешим, бофандагӣ, истеҳсоли чарм ва мисли ин.

Амалиёти иҷрошаванда дар саноати сабук: аз пахта, пашм, абрешим ва нах замина барои маҳсулоти тайёр омода карда мешавад, ки аз наххо матоъҳои гуногун - қолинҳо, маснуоти трикотажӣ бофта мешавад. Чарм барои пойафзол ва дигар навъи маҳсулот низ истеҳсол мешавад. Истеҳсоли маснуоти чарчинворӣ (галантерия) низ ба ин соҳа мансуб аст.

Саноати сабук одатан дар маҳалҳо ҷойгир карда шуда, он саноати маҳаллӣ номида мешавад ва аксаран барои истеҳсоли моли ниёзи мардум хизмат мекунад.

Равандҳои технологии ин соҳа хеле гуногун буда, аз дастгоҳҳои махсуси ба ин ё он соҳаи саноат мувофиқшуда иборат аст.

## 4). УСУЛИ «ШАРШАРА»

Усули «Шаршара» (Каскад) барои ба қисмҳо ҷудо кардани калимаҳо, мафҳумҳо ва дар корҳои амалии фанни технология (таълими меҳнат) истифода мешавад. Онро ҳангоми таҳлил ва таҷзияи мафҳум, назарияҳо ва дар кори амалӣ истифода бурдан айни муддаост.

**Мақсадҳо:**

– таҳлилу таҷзия карда тавонистани калимаҳо, мафҳумҳо ва кори амалӣ;
– инкишофи малакаҳои хулосабарории дедуктивӣ (аз кулл ба ҷузъ);
– омӯхтани тарзҳои нави фаъолият.

**Қадамҳо**:

1. Як, ду ва се мафҳум (мавзӯъ, масъала) ё пайдарпайи кори амалиро интихоб намоед.

2. Мавзӯъ, масъала, мафҳум ва ё пайдарпайи кори амалиро дар тарафи чапи нависед.

3. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки мавзӯъ ва пайдарпайи кори амалиро ба ду-се қисмати асосӣ ҷудо кунанд.

4. Қисматҳои асосиро пас аз мавзӯъ, масъала, мафҳум ва ё пайдарпайи кори амалиро овардашуда қайд кунед ва бо тирча алоқаманд намоед.

4. Фаслҳои асосиро боз ба қисматҳо ҷудо кунед (андешаҳо ё тартиби иҷрои кори амалиро бояд кӯтоҳ ва мухтасар шарҳ дода шаванд) ва бо тирча алоқаманд намоед.

5. Нақша шакли шаршараро мегирад.

**Намуна**:



**Таъкид:** Ҳангоми тартиб додани «шаршара» якчанд қисмҳои нақшаро аз як тараф ба тарафи дигар гузаронидан мумкин аст. Он барои аз нав дида баромадани ин ё он қисмат имконият медиҳад. Усули мазкурро бештар дар кори гурӯҳӣ ташкил кардан тавсия мешавад.

**Тавсия ба омӯзгор**: Усули мазкур бештар дар давраи мулоҳизаронӣ, яъне пас аз омӯхтани мавзӯи нав, барои ба ёд овардани мавзӯъ (масъала)-и омӯхташуда истифода мегардад. Шумо аз рӯйи диди худ ҷойи қисматҳоро иваз намоед, яъне қисматҳои нақшаро аз як тараф ба тарафи дигар кӯчонед. Пас аз тартиб додани нақша саволҳое ба шогирдон пешниҳод намоед, ки фикрронии онҳоро инкишоф диҳад.

**5). Мустаҳкамкунӣ.**

- ❖ Сохтори саноати сабук кадом муассисаҳоро дар бар мегирад?
- ❖ Дар ин сохторҳо бо кадом масолеҳ кор мекунанд?
- ❖ Саноати маҳаллӣ гуфта чиро меноманд?
- ❖ Оид ба раванди истеҳсолии ин саноат маълумот диҳед?

**6). Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро қадр кунед.**

**7). Арзёбӣ.** Дар ҷараёни дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед *(мувофиқи натиҷаи арзёбии мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш гузошта мешавад).*

| **Фаъолият** | **метавонад** | **қисман метавонад** | **наметавонад** |
|---|---|---|---|
| Дар бораи дар саноати сабук маълумот дода метавонад? | | | |
| Эҷодкорона дар бораи намудҳои дастгоҳи бофандагӣ ва ресандагӣ маълумот дода метавонад? | | | |
| Дар бораи касби бофанда ва ресанда маълумоти васеъ дода метавонад? | | | |
| Хусусиятҳои бодиққатӣ, якҷоякунӣ ва тақсимоти диққатнокиро дар худ тарбия карда метавонад? | | | |

## ДАРСИ 3.

### Мавзӯъ: «Маълумот дар бораи равандҳои технологӣ дар саноати масолеҳи бинокорӣ»

**Барнома**: Равандҳои технологӣ дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқи Тоҷикистон: сохтмон.

**Салоҳиятҳо**:

- ➢ Дар бораи равандҳои технологии соҳаи саноат маълумоти васеъ дода метавонад.
- ➢ Дар доираи мавзӯъҳои мураккаб ғояи навро эҷод карда метавонад.
- ➢ Доир ба касбҳои гуногун маълумоти васеъ дода метавонад.
- ➢ Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда онро дар амал ба таври васеъ татбиқ карда метавонад.

**Мақсадҳои дарс:**

- Дар бораи соҳаи саноати масолеҳи бинокорӣ маълумоти васеъ дода тавонад.
- Истеҳсоли баъзе аз масолеҳи бинокориро эҷодкорона фарқ ва таҳлил карда тавонад.
- Доир ба касби бинокор маълумоти васеъ дода тавонад.
- Хусусиятҳои таҳлилии худро оид ба касбҳои гуногуни бинокорӣ инкишоф дода тавонад.

**Таҷҳизоти зарурӣ**: китоби дарсӣ, овезаҳои оид ба равандҳои технологӣ дар соҳаи саноати масолеҳи бинокорӣ ва ғайра.

**Методикаи таълим:** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед.

**1). Ташкили дарс:** Дар ин марҳала корҳои зерин ба роҳ монда мешавад:

Тайёр намудани маводди хониш;

Ҳозир-ғоиб кардани хонандагон;

Омода намудани аҳли синф ба дарс.

2). **Такрори дарси гузашта:** Дарсро аз гузоштани масъала оғоз кунед. Бо саволҳои зерин ба хонандагон муроҷиат кунед:

- ➢ Сохтори саноати сабук кадом муассисаҳоро дар бар мегирад?
- ➢ Дар ин сохторҳо бо кадом масолеҳ кор мекунанд?
- ➢ Саноати маҳаллӣ гуфта чиро меноманд?
- ➢ Оид ба раванди истеҳсолии ин саноат маълумот диҳед?

**3). Шиносоӣ бо мазмуни мавзӯъ: О**мӯзгор дар тахтаи синф номи мавзӯи нав «Маълумот дар бораи равандҳои технологӣ дар саноати масолеҳи бинокорӣ»-ро навишта дар бораи он маълумот медиҳад. Омӯзгор метавонад дар ин лаҳзаи дарсӣ аз усули “Чархи ақидаҳо” истифода намояд.

Усули «Чархи ақидаҳо» барои гирдоварии миқдори муайяни (4, 6, 8, 12) андешаҳо доир ба мафҳум ё мавзӯъ дар шакли шохаҳои гирдгардон аст. Омӯзгор ин усулро дар мавридҳое истифода мебарад, ки агар масъалаи ҷудо кардани чизҳои нисбатан муҳим ба миён ояд.

*Дар маркази «чарх» мафҳум, савол ё мушкилоти мавзӯи нав навишта мешавад. Вазифаи хонандагон аз он иборат аст, ки ду ё чорнафарӣ кор карда, маълумотҳои доштаашонро доир ба ин мавзӯъ нависанд.*

**Мақсадҳо:**

- ✓ бедор намудани шавқу ҳавас;
- ✓ муайян кардани сарҳади донишҳои мукаммал;
- ✓ муайян кардани донишҳои нопурраи мавҷуда;
- ✓ ҷудо карда тавонистани чизҳои муҳим;
- ✓ инкишофи малакаҳои таҳлил ва хулосабарорӣ.

**Қадамҳои истифодаи ин усул:**

1. Дар маркази нақша мушкилот ва ё масъалаеро, ки ҳал кардан зарур аст, нависед.
2. Омӯзгор аз хонандагон хоҳиш менамояд, ки ақидаҳо, ё далелҳои асосиро вобаста ба мушкилот, ё масъалаи дар марказбуда дар шохаҳои чарх қайд кунанд. Агар далелҳо камӣ кунанд, хонандагон метавонанд саволҳои худро вобаста ба мушкилот, ё масъалаи дар марказбуда нависанд.
3. Гурӯҳҳо фаъолияти худро муаррифӣ мекунанд (чунин фаъолият бештар дар кори гурӯҳӣ гузаронида мешавад)
4. Омӯзгор муаррифии гурӯҳҳоро бодиққат гӯш карда, мубоҳиса ташкил менамояд.

**Намуна**:
**Масъала**: *«Дар бораи масолеҳи бинокорӣ чӣ медонед? Ақидаҳои худро баён кунед.»*




Бояд зикр намуд, ки «Чархи ақидаҳо» метавонад аз *ададҳои гуногун*: бо миқдори 4, 6, 8, ё 12 иборат бошад. Ин аз мақсадҳои мушаххас ва сатҳи омодагии хонандагон вобаста аст.

**Тавсия ба омӯзгор:** Ҳангоми иҷрои супориш хонандагон шояд миқдои муайяншудаи ақидаҳоро пур карда натавонанд. Дар ин ҳолат шумо метавонед ба хонандагон навиштани саволҳоеро, ки онҳо ба он ҷавоб гирифтан мехоҳанд пешниҳод намоед. Муҳим: пурра кардани ҳамаи «ақидаҳо» мебошад. Ин усулро ҳам дар фаъолияти гурӯҳӣ ва ҳам дар фаъолияти дунафарӣ истифода бурдан мумкин аст.

Инчунин омӯзгор чунин маълумотро метавонад пешниҳод кунад:

Ин соҳаи саноат асосан барои сохтмон масолеҳи лозимиро истеҳсол менамояд.

Сохтори ин соҳаро корхонаҳои семент, корхонаҳои истеҳсоли масолеҳи асбесту-семент, ба монанди шифер, ғулбаҳо ва ғайра; корхонаҳои хишт, сафоли бомпӯшӣ, кошинҳои рӯйкашкунӣ, корхонаи конструксияҳои оҳану бетонӣ, корхонаҳои хонасозӣ, ҷузъҳои бетонӣ ва дигар омехтаҳоро тайёркунанда, корхонаҳои истеҳсоли оҳаксанг, гаҷ, корхонаҳои масолеҳи ғайримаъданӣ, корхонаҳои истеҳсоли коғазҳои рӯйкаш ба мисли тол, пергамент, рубероид ва ғайра ташкил медиҳад.

Саноати бинокориро соҳаҳои саноати чӯбу ҷангал бо масолеҳи чӯб, муассисаҳои дигар бо конструксияҳои чӯбин, ба мисли дару тирезаҳо, фаршҳои тайёр ва ғайра, соҳаи саноати химия бо масолеҳи рангу ороишӣ корхонаҳои соҳаи мошинасозӣ бо маснуоти металлии гуногун ба монанди симмех, қулф, ошиқ-маъшуқ (часпак), дигар масолеҳ барои мебел; корхонаи шиша бо шишаи тиреза ва дигар маснуоти шишагӣ таъмин менамоянд.

Корҳои сохтмон, бевосита аз тарафи муассисаҳои сохтмон иҷро карда мешавад, ки ба онҳо трести (муассисаҳои) бинокорӣ, идораҳои бинокорӣ, колоннаҳои механиконида ва қитъаҳои (участка) бинокорӣ мансубанд.

Истеҳсоли баъзе аз масолеҳи бинокорӣ :

*<u>Истеҳсоли семент.</u>* Семент аз хоки махсус, ки маргел номида мешавад, аз омехтаи як ҳисса хок ва се ҳисса оҳаксангаст. Дар натиҷаи пухтан дар кӯраҳои ғулбагии даврзананда, дар ҳароратҳои то 1400-1500$^0$С ҳосил карда шуда, дар хотимаи амалиёт он осиёб (майда) карда мешавад.

*<u>Истеҳсоли хишти пухта.</u>* Аз хоки одӣ, ки пешаки элак карда мешавад, лой тайёр карда бо новаҳои махсус, ки андозаҳои лозимиро доранд, равона карда мешавад. Аз ин лой бо ёрии корди сими хишти ғафсиаш зарурӣ бурида мешавад. Пас аз хушконидан хиштро ба тагмонҳои махсус ҷойгир намуда, ба кӯраҳои ҳалқагӣ ҷойгир мекунанд. Дар ин кӯраҳо хишт дар давоми 48 соат аз ҳарорати паст сар карда мунтазам то нуқтаҳои ҳарорати баланд 900-1000$^0$С ҳаракат мекунанд ва аз ин нуқта боз ба ҷойҳои ҳарораташ пасти кӯра рафта хунук мешавад ва аз кӯра бо ин тагмон берун оварда мешавад.

*<u>Истеҳсоли оҳаксанг</u>***.** Аз сангҳои махсус дар кӯраҳо дар ҳарорати то 1000$^0$С дар муддати то 10-12 соат оҳаксанг пухта мешавад.

*<u>Истехсоли шифер</u>*. Барои истеҳсоли шифер аз омехтаи асбест ва семент лой тайёр карда, аз он бо тарзи қолибкунии варақаҳои шифер ба шакли зарурӣ оварда мешаванд. Пас аз он ин варақаҳо хушконида мешаванд.

*<u>Истеҳсоли бетон.</u>* Барои истеҳсоли бетон санги майдакардашуда семент ва обро омехта карда мешаванд. Барои ин омехтакунакҳои механикиро истифода мекунанд.

*<u>Истеҳсоли лойҳои бинокорӣ.</u>* Онҳо аз қумҳои гуногунтаркиб бо оби оҳак ва семент ё бе семент тайёр карда шуда, вобаста ба таркибашон тамғаҳои гуногунро доранд. Ҳамин тавр масолеҳи бинокории гуногун бо технологияҳои гуногун тайёр карда мешавад.

*<u>Саноати сохтмон.</u>* Ҳамаи корҳои сохтмони ба монанди сохтани сарбандҳо, пойгоҳҳои баркӣ, роҳи оҳан, бандарҳо, обанборҳо, қалъаҳо, роҳҳои мошингард, нақбҳо, хатҳои метрополитен, конҳ корхонаҳо биноҳои маъмурӣ ва истиқоматӣ, пулҳо, хатҳои газ, нафт, ҷараёни барқ нақлкунанда ва ғайра аз ҷониби саноати сохтмон иҷро карда мешавад. Ин соҳаи сохтмон вобаста ба корҳои иҷрошаванда аз техника ва технологяи гуногун истифода мебарад. Масалан, барои сохтани роҳҳо, каналҳо, обанборҳо аз экскаватор, булдозер ва дигар мошинаҳои махсус истифода менамоянд.

Барои иҷрои сохтмони биноҳои маъмурию истеҳсолӣ ва истиқоматӣ бошад аз кранҳои (ҷарсақилҳои) борбардор ва дигар механизмҳо васеъ истифода карда мешавад. Ҳама гуна амалиёт оид ба таъмини биноҳо бо ҷараёни интиқоли барқ, нуқтаҳои об ва канализатсия (шабакаҳои обиву корезӣ), газ, нуқтаҳои телефон ва радио, корҳои рангубор ва ороиш, системаҳои ҳавотозакунӣ ва ғайра аз ҷониби муассисаҳои гуногун ба сомон расонида мешаванд.

**4). Мустаҳкамкунӣ:**

- Сохтори саноати масолеҳи бинокорӣ кадом муассисаҳоро дар бар мегирад?
- Саноати масолеҳи бинокорӣ хочагии халқро бо чӣ таъмин мекунад?
- Хишти пухтаро чӣ тавр истеҳсол мекунанд?
- Барои истеҳсоли бетон чиҳо лозиманд?
- Оид ба индустрияи сохтмон маълумот диҳед?
- Дар ин соҳа аз чӣ гуна техникаҳо ва технологияҳо истифода мебаранд?

**5). Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро қадр кунед.**

**6). Арзёбӣ.** Дар рафти дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти

таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед *(мувофиқи натиҷаи арзёбии мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш гузошта мешавад).*

| **Фаъолият** | **метавонад** | **қисман метавонад** | **наметавонад** |
|---|---|---|---|
| Дар бораи соҳаи саноати масолеҳи бинокорӣ маълумоти васеъ дода метавонад? | | | |
| Истеҳсоли баъзе аз масолеҳи бинокориро озодона фарқ ва таҳлил карда метавонад? | | | |
| Оид ба касби бинокор маълумоти васеъ дода метавонад? | | | |
| Хусусиятҳои таҳлилии худро оид ба касбҳои гуногуни бинокорӣ инкишоф дода метавонад? | | | |

## ДАРСИ 4.
## Мавзӯъ: «Маълумот дар бораи равандҳои технологӣ дар соҳаи кишоварзӣ»

**Барнома**: Равандҳои технологӣ дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқи Тоҷикистон: кишоварзӣ.

**Салоҳиятҳо**:

- ➢ Дар бораи равандҳои технологии соҳаи саноат маълумоти васеъ дода метавонад.
- ➢ Дар доираи мавзӯъҳои мураккаб ғояи навро эҷод карда метавонад.
- ➢ Доир ба касбҳои гуногун маълумоти васеъ дода метавонад.
- ➢ Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, онро дар амал ба таври васеъ татбиқ карда метавонад.

**Мақсадҳои дарс:**

- Дар бораи равандҳои технологӣ дар соҳаи кишоварзӣ маълумот дода тавонад.
- Дар бораи соҳаҳои муассисаҳои кишоварзӣ эҷодкорона маълумот дода тавонад;
- Дар бораи касбҳои соҳаи кишоварзӣ маълумоти васеъ дода тавонад.
- Сифатҳои таҳлилии худро оид ба хоҷагии қишлоқ ташаккул дода тавонад.

**Таҷҳизоти зарурӣ**: китоби дарсӣ, овезаҳо оид ба мавзӯъ.

**Методикаи таълим:** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед.

**1). Ташкили дарс:** Дар ин марҳала корҳои зерин ба роҳ монда мешавад:

Тайёр намудани маводди хониш;

Ҳозир-ғоиб кардани хонандагон;

Омода намудани аҳли синф ба дарс.

2). **Такрори дарси гузашта:** Дарсро аз ба миён гузоштани масъала оғоз кунед. Бо саволҳои зерин ба хонандагон муроҷиат кунед:

- ➢ Сохтори саноати масолеҳи бинокорӣ кадом муассисаҳоро дар бар мегирад?
- ➢ Саноати масолеҳи бинокорӣ хоҷагии халқро бо чӣ таъмин мекунад?
- ➢ Хишти пухтаро чӣ тавр истеҳсол мекунанд?
- ➢ Барои истеҳсоли бетон чиҳо лозиманд?
- ➢ Оид ба индустрияи сохтмон маълумот диҳед?
- ➢ Дар ин соҳа аз чӣ гуна техникаҳо ва технологияҳо истифода мебаранд?

Оид ба саволҳо муҳокимаронӣ намуда, донишҳои аз дарсҳои гузашта гирифтаи онҳоро ба хотирашон оваред.

**3). Шиносоӣ бо мазмуни мавзӯъ:** Сӯҳбат дар бораи равандҳои технологӣ дар соҳаи кишоварзӣ бо хонандагон сурат мегирад.

Ба сохтори ин соҳа хоҷагиҳои давлатӣ, хоҷагиҳои коллективӣ, хоҷагиҳои деҳқонӣ, иттиҳодияҳои гуногун, корхонаҳои мурғпарварӣ, хоҷагиҳои моҳидорӣ, гармхонаҳои гуногун, муассисаҳои зотпарварӣ, тухмипарварӣ, пойгоҳҳои таҷрибавӣ, парвариши занбӯри асал, чарогоҳҳо, ҷангалҳо ва ғайра дохил мешаванд.

Инчунин ин соҳа ҳамчун комплекси агросаноатӣ дорои корхонаҳои коркарди шир, чарм, гӯшт, комбинатҳои ордкашӣ, консервбарорӣ, корхонаҳои истеҳсоли тамоку, корхонаи нӯшокиҳо ва як қатор муассисаҳои дигари истеҳсолӣ мебошад. Ин имконият медиҳад, ки ашёи хом дар ҷояш ва сари вақт коркард шуда, аз нобудшавӣ нигоҳ дошта шавад.

Дар шароити ҷумҳурии мо муассисаҳои кишоварзӣ серсоҳа буда, зироати асосии техникӣ пахта ба ҳисоб меравад. Ғайр аз пахта дар ҷумҳурӣ ғалладона, картошка, тамоку, меваю сабзавот, ангур, меваҳои ситрусӣ ва дигар зироатҳо кишт карда шуда, чорводорӣ, мурғпарварӣ, моҳипарварӣ, занбуриасалпарварӣ, пиллапарварӣ ба роҳ монда шудаанд.

Дар шароити имрӯза дар ин соҳаи муҳимми иқтисодиёти ҷумҳурӣ ба истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ зиёда аз 140239 адад хоҷагиҳои калон, миёна ва хурди деҳқонӣ (фермерӣ) фаъолият доранд.

Кишоварзӣ - яке аз соҳаҳои асосии иқтисодии ҷумҳурӣ буда истеҳсолоти аграрӣ ҷойи асосиро ишғол мекунад. Кишоварзӣ саноатро бо ашёи хом ва аҳолиро бо маҳсулоти хӯрокӣ таъмин менамояд. Кишоварзии ҷаҳон ҳамагӣ 3 %-и сатҳи хушкиро ишғол кардааст. Масоҳати замини кишти ҷаҳон 4,6 млрд. гектарро ташкил медиҳад, ки аз он 1,5 га,заминҳои шудгоршуда мебошад. Ин онро ифода мекунад, ки ба ҳар як шаҳрванд ба ҳисоби миёна 0,3 га заминҳои корамшуда мувофиқ меоянд. Масалан, дар Чин ба ҳар як сари аҳоли 0,09 га, дар ИМА 0,64 га, дар Русия 0,8 га , дар Тоҷикистон ҳамаги 3 % заминҳои корам рост меояд.

Дар истеҳсолоти кишоварзӣ воситаи асосии истеҳсолот захираҳои замин ба ҳисоб меравад. Дар мавриди ба таври оқилона истифода бурдани замин маҳсулоти кишоварзӣ, ҳосилнокии зироатҳо афзуда, ниҳоят дар ба самаранокии истеҳсолоти соҳаи кишоварзӣ оварда мерасонад.

Дар соли 2015 масоҳати заминҳои корам 830,6 ҳазор.га-ро ташкил додааст. Барои пурра намудани маълумот оид ба таркиби майдонҳои корам диаграммаи зерин оварда шудаанд.






Чӣ хеле, ки аз диаграммаи соли 1991 маълум аст, ҳиссаи зиёди заминҳои корам ба ғалладона ва лӯбиё (37%), зироати хӯрокаи чорво (36%) ва боқимондаи онҳо ба заминҳои мева ва буттамева (13%), токзори гуногунсол 6% ва картошкаю зироатҳои сабзавоту полезӣ (8%) рост меояд. Лекин солҳои охир ин ҳолат тағйир ёфтааст, ки қисми зиёди заминҳоро ғалладона ва лӯбиё 51%, замини ниҳолҳои мева ва буттамева 17% ва боқимондаи онҳо зироатҳои хӯроки чорво 12%, токзори гуногунсол 5% ва картошкаю зироати сабзавоту полезӣ 15 % ташкил додааст. Аз ин чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки дар солҳои охир диққати асосӣ ба таъмини аҳолӣ бо ғалладона ва пахтакорӣ равона карда шудааст.

**4). Мустаҳкамкунӣ.** Ин лаҳзаи дарсӣ бо истифода аз бозии "Дар олами касбҳо" гузаронида мешавад.

Ба номи касб – шарҳи онро мувофиқ оваред:

Намуна:

*Номҳои касб:*

1. Чӯпон;
2. Занбӯрпарвар;
3. Агроном;
4. Мурғпарвар;
5. Кирмакпарвар;
6. Зироаткор;

*Шарҳи касбҳо:*

А) Аз аввали баҳор то охири тирамоҳ машғули кор мебошад, қуттиҳои он аз тахта сохта шудааст, асал истеҳсол мекунад, кораш мушкил, лекин фоидаовар аст.

Б) Тухм ва гӯшти паранда истеҳсол мекунад, меъёри таркиби хӯрокаро муайян мекунад, донишҳои химиявию физикиро бояд дошта бошад.

В) Барги тутро аз навдаҳо тоза карда парвариш мекунад, шуғлаш мавсимӣ мебошад, аз маҳсулоти тайёркардаи ӯ шоҳӣ бофта мешавад.

Г) Мавсими корҳои шудгор, дарав, кишт, ғунучин, обёрӣ, порудиҳӣ ва ғайраро медонад, дар ҳавои кушод фаъолият мебарад, намудҳои зироати хоҷагии қишлоқро таҳлил карда метавонад.

Д) Ба зироатҳои соҳаи кишоварзӣ мутахассис мебошад, мавсими кишту корро медонад, ҳосилнокии зироатҳоро баланд карда метавонад.

Е) Дар чарогоҳҳо гӯсфандҳоро мечаронад, шумораи онҳоро зиёд мекунад, маҳсулоти гӯштӣ ва пашм аз ӯ вобастагӣ дорад.

Ҷавобҳо: 1-Е, 2-А, 3-Д, 4-Б, 5-В, 6-Г.

Инчунин омӯзгор метавонад бо саволҳои зерин дониши хонандагонро мустаҳкам карда метавонад.

- ❖ Сохтори кишоварзӣ кадом муассисаҳоро дар бар мегирад?
- ❖ Кишоварзӣ саноатро бо чӣ таъмин мекунад?
- ❖ Дорои истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ чанд намуд хоҷагиҳо машғуланд?
- ❖ Дар шароити имрӯза чӣ гуна хоҷагиҳо фаъолият доранд?
- ❖ Рустаниҳои асосии кишоварзиро номбар кунед?
- ❖ Техникаи кишоварзӣ чӣ гуна вазифаро иҷро мекунад?
- ❖ Химияи кишоварзӣ чӣ гуна вазифаро бар дӯш дорад?
- ❖ Мувофиқи диаграммаи овардашуда дар бораи замини кишт маълумот диҳед?

**5). Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро қадр кунед.**

**6). Арзёбӣ.** Дар ҷараёни дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед *(мувофиқи натиҷаи арзёбии мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш гузошта мешавад).*

| **Фаъолият** | **метавонад** | **қисман метавонад** | **наметавонад** |
|---|---|---|---|
| Дар бораи равандҳои технологӣ дар соҳаи кишоварзӣ маълумот дода метавонад? | | | |
| Дар бораи соҳаҳои муассисаҳои кишоварзӣ эҷодкорона маълумот дода метавонад? | | | |
| Дар бораи касбҳои соҳаи кишоварзӣ маълумоти васеъ дода метавонад? | | | |
| Сифатҳои таҳлилии худро оид ба хоҷагии қишлоқ ташаккул дода метавонад? | | | |

## ДАРСИ 5.
### Мавзӯъ: «Маълумот дар бораи равандҳои технологӣ дар саноати мошинсозӣ»

**Барнома**: Равандҳои технологӣ дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқи Тоҷикистон: мошинсозӣ.

**Салоҳиятҳо**:

- ➢ Дар бораи равандҳои технологии соҳаи саноат маълумоти васеъ дода метавонад.
- ➢ Дар доираи мавзӯъҳои мураккаб ғояи навро эҷод карда метавонад.
- ➢ Доир ба касбҳои гуногун маълумоти васеъ дода метавонад.
- ➢ Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда онро дар амал ба таври васеъ татбиқ карда метавонад.

**Мақсадҳои дарс:**

- Дар бораи равандҳои технологӣ дар саноати мошинсозӣ маълумот дода тавонад.
- Амалиётҳои дар мошинасозӣ истифода мешударо таҳлил карда тавонад.
- Дар бораи касб маълумоти васеъ дода тавонад.
- Тарбияи масъулиятнокиро инкишоф дода тавонад.

**Таҷҳизоти зарурӣ**: китоби дарсӣ, слайдҳо, нурафзо (проектор) овезаҳо оид ба мавзӯъ.

**Методикаи таълим:** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед.

**1). Ташкили дарс:** Дар ин марҳала корҳои зерин ба роҳ монда мешавад:

Тайёр намудани маводди хониш;

Ҳозир- ғоиб кардани хонандагон;

Омода намудани аҳли синф ба дарс.

2). **Такрори дарси гузашта:** Дарсро аз гузоштани масъала оғоз кунед. Бо саволҳои зерин ба хонандагон мурочиат кунед:

- ➢ Сохтори кишоварзӣ кадом муассисаҳоро дар бар мегирад?
- ➢ Кишоварзӣ саноатро бо чӣ таъмин мекунад?
- ➢ Барои истеҳсоли маҳсулоти кишоварзиро чанд намуд хоҷагиҳо машғуланд?
- ➢ Дар шароити имрӯза чӣ гуна хоҷагиҳо фаъолият доранд?
- ➢ Рустаниҳои асосии кишоварзро номбар кунед?
- ➢ Техникаи кишоварзӣ чӣ гуна вазифаро иҷро мекунад?
- ➢ Химияи кишоварзӣ чӣ гуна вазифаро бар дӯш дорад?
- ➢ Мувофиқи диаграммаи овардашуда дар бораи замини кишт маълумот диҳед?

Оид ба саволҳо каме муҳокимаронӣ намуда, донишҳои аз дарсҳои гузашта гирифтаи онҳоро ба хотирашон оваред.

**3). Шиносоӣ бо мазмуни мавзӯъ:** Омӯзгор дар бораи равандҳои технологӣ дар саноати мошинсозӣ барои хонандагон маълумот медиҳад.

Саноати мошинсозӣ аз соҳаҳои асосии хоҷагии халқ буда, талаботи халқро бо маснуот ва мошинҳои гуногун қонеъ мегардонад.

Мошин ин механизм ё маҷмӯи механизмҳои ҳаракатнок буда, як намуди энергияро ба дигар намуд энергия мубаддал мекунад. ё ягон кори муфид ё фоиданокро иҷро менамояд.

Ба таркиби саноати мошинсозӣ ҳамаи муассисаҳое, ки бо истеҳсоли мошинҳои гуногун, қисмҳои онҳо, асбобу, афзор, дастгоҳҳо, рехтаҳо ва дигар молҳои истифодаи умум машғуланд, дохил мешаванд.

Мошинҳо ба ду гурӯҳ ҷудо карда шудаанд:

**1.Мошинҳои ибтидоӣ**

- Ҳаракатро аз манбаъҳои табиӣ (сузишворӣ, об, шамол,... ) мегиранд.

**2.Мошинҳои дуюмин**

- Ҳаракатро аз мошинаҳои ибтидоӣ мегиранд.

1) Мошинҳои ибтидоӣ, ки ҳаракатро аз манбаъҳои табиӣ (сузишворӣ, об, шамол,…) мегиранд.

2) Мошинҳои дуюмин, ки ҳаракатро аз мошинаҳои ибтидоӣ мегиранд.

Инчунин мошинаҳо ба мошинаҳои энергетикӣ ва мошинаҳои технологӣ ҷудо мешаванд.

Вобаста ба соҳаҳо мошинҳо ба чунин навъҳо ҷудо мешаванд:

1. Мошинҳои кишоварзӣ
2. Мошинҳои нақлиётӣ
3. Мошинҳо барои соҳаи сохтмон
4. Мошинҳои соҳаи атом
5. Мошинҳои соҳаи компютер
6. Мошинҳои дастгоҳсозӣ

7. Мошинҳои асбобсозӣ
8. Мошинҳои нақлкунанда
9. Мошинҳои истифодаи умум (барои тиб, саноати сабук,
хӯрокворӣ, барои рӯзгор ва ғайраҳо)
10. Мошинҳои барои саноати маъдан
11. Мошинҳои барои саноати химия

Дар соҳаи мошинсозӣ барои кишоварзӣ аз мехи одӣ сар карда то киштиҳои кайҳонӣ, аз белу каланд сар карда то афзорҳои гуногун, аз асбобҳои оддӣ сар карда то асбобҳои оптикии гуногун, аз рехтаҳо сар карда то ҷузъиётҳои гуногунхел, аз амалиёти сохтан шурӯъ карда то амалиёти васлкунӣ, ородиҳӣ ва санҷишӣ иҷро карда мешаванд.

Дар мошинсозӣ амалиёти зерин истифода мешавад:
а) истехсоли рехтаҳо
б) коркарди тазъиқӣ
в) кафшер ва пайвандкунӣ
г) буридан
д) коркарди ҳароратӣ
е) коркарди электрохимиявӣ
ж) коркарди электрофизикавӣ
з) коркарди электромеханикӣ
и) васл ва соз намудан
к) ородиҳӣ
л) санҷидан ва ҷобаҷо кардан

**4). Усули «Кластер».**

Кластер (claster – хӯша, даста) усули гирдоварии андешаҳои хонандагон доир ба ягон мавзӯъ, мафҳум буда, дар шаклҳои гуногун тасвир меёбад. Ин усул аз тарафи мутахассиси проблемаҳои эҷодӣ Тони Бюзан кор карда шудааст. Ин усул имкон медиҳад, ки хонандагон барои фикр намудани мавзӯи дарпешистода сафарбар шаванд.

*Дар марказ як мафҳум, савол ё проблемаи мавзӯи нав навишта мешавад. Вазифаи хонандагон аз он иборат аст, ки маълумотҳои доштаашонро оид ба он нависанд. Ин имкон медиҳад, ки хонандагон ҳамаи андешаҳои баёншударо дар як ҷо гирд оварда, дар баробари шунидани онҳо боз ба таври аёнӣ бо онҳо шинос гарданд.*

**Мақсадҳо:**
✓ гирдоварии андешаҳои хонандагон;
✓ бунёди вазъияти ҷустуҷӯ;
✓ инкишофи малакаҳои баёни мухтасари фикр;
✓ омӯзиши роҳҳои гуногуни гирдоварии андешаҳо;
✓ пешниҳод кардани маълумотҳои иловагӣ;
✓ муайян кардани дониши хонандагон доир ба мавзӯъ.

**Марҳалаҳои кор ҳангоми таҳияи кластер:**




– дар маркази тахтаи синф (ё варақи сафед) давра тасвир карда мешавад, ки дар дохили он мафҳум ва ё калимаи асосии мавзӯи нав навишта мешавад, ки ғоя, мақсади асосии дарсро ташкил мекунад;

**марҳалаи дуввум** – хонандагон дар атрофи мавзӯъ, мафҳум ва ё калимаи асосӣ андешаҳои худро менависанд. Дар натиҷа, дар атрофи ин калима ё ибора, ғояҳо, далелҳо, ё симоҳое, ки онро зоҳир менамоянд, гирд оварда мешаванд;

**марҳалаи сеюм** – пас аз хондани китоб, шарҳи омӯзгор, хонандагон ба таҳлил ва низом даровардани маводди омӯхташуда оғоз менамоянд. Хонандагон байни андешаҳо алоқаи муво-фиқро барқарор намуда, онҳоро вобаста ба мазмунашон ба гурӯҳҳо муттаҳид мекунанд;

**марҳалаи чорум** – андешаҳои навишташуда, бо хатҳои рост бо мафҳум, ё калимаи асосӣ пайваст карда мешаванд. Дар натиҷа як сохтор ба вуҷуд меояд, ки фикрҳоро ба таври графикӣ инъикос ме-намояд.

Шакли кластер гуногун шуда метавонад: ба монанди «хӯша», вақте ки аз ақидаҳо ташаккул меёбад ва дар гирди мавзӯъ онҳо навишта мешаванд. Ҳангоми навишти ақидаҳо алоқаҳои байниҳамдигарии онҳо муайян карда мешаванд. Муҳим он аст, ки хонандагон миқдори зиёди алоқаҳоро ёбанд ва вобаста ба он кластер ду намуд мешавад: кластери **сода** ва кластери **мураккаб.**

Дар маркази худ як мафҳуми асосиро дорад, ки дар гирди он якчанд мафҳумҳои ба он тобеъ мавҷуд буда, ин мафумҳо низ зермафҳумҳои ба худ тобеъро доранд.

| | |
|---|---|
| Кластери сода | • дар маркази худ як мавҳуми асосиро дорад, ки дар гирди он мафҳумҳои ба он тобеъ мавҷуданд. |
| Кластерри мураккаб | • дар маркази худ як мавҳуми асосиро дорад, ки дар гирди он якчанд мафҳумҳои ба он тобеъ мавҷуд буда, ин мафҳумҳо низ зермафҳумҳои ба худ тобеъро доранд. |

**Намунаи кластери <u>сода</u>:**
**Савол:** Вобаста ба соҳаҳо мошинҳоро ба кадом навъҳо ҷудо мекунанд**?**
Дар бораи навъҳои мошин вобаста ба соҳаҳо ҳамаи фикрҳо ҷамъ карда мешаванд.




**Дар натиҷа хонандагон:**

✓ Оид ба мафҳум ё мушкилоти асосӣ чуқур андеша карда, донишҳояшонро доир ба он ба хотир меоранд;

✓ бо шумораи муайяни шохаҳо андешаҳояшонро баён ва зикр мекунанд;

✓ барои исботи андешаҳои худ далел меоранд;

✓ қисматҳои асосии маълумотро аз умумӣ ҷудо мекунанд;

**Тавсия ба омӯзгор:** Дар усули хӯша иртибот, пайвастагии мантиқӣ, пайдарпайи фикру андешаҳо муҳим аст, то идрок осон гардад. Усули хӯшаро дар машғулиятҳои гуногун ва фанҳои мухталиф танҳо аз рӯйи зарурат истифода бурдан мумкин аст.

**5). Мустаҳкамкунӣ.**

❖ Сохтори мошинсозӣ кадом муассисаҳоро дар бар мегирад?

❖ Мошинҳоро ба чанд гурӯҳ тақсим мекунанд?

❖ Мошинҳои энергетикӣ гуфта чиро меноманд?

❖ Мошинҳои технологӣ гуфта чиро меноманд?

❖ Оид ба соҳаи истифодабарии мошинҳо мисолҳо оред?

❖ Дар бораи амалиёти асосии дар мошинсозӣ мисолҳо оред?

**6). Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро қадр кунед.**

**7). Арзёбӣ.** Дар ҷараёни дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед *(мувофиқи натиҷаи арзёбии мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш гузошта мешавад).*

| Фаъолият | метавонад | қисман метавонад | наметавонад |
|---|---|---|---|
| Дар бораи равандҳои технологӣ дар саноати мошинсозӣ маълумот дода метавонад? | | | |
| Эҷодкорона амалиётҳои дар мошинасозӣ истифода шавандаро таҳлил карда метавонад? | | | |
| Дар бораи касб маълумоти васеъ дода тавонад? | | | |
| Тарбияи масъулиятнокиро инкишоф дода метавонад? | | | |

## ДАРСИ 6.
## Мавзӯъ: «Маълумот дар бораи равандҳои технологӣ дар соҳаи саноати сӯзишворӣ»

**Барнома**: Равандҳои технологӣ дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқи Тоҷикистон: сӯзишворӣ.

**Салоҳиятҳо**:
- Дар бораи равандҳои технологии соҳаи саноат маълумоти васеъ дода метавонад.
- Дар доираи мавзӯъҳои мураккаб ғояи навро эҷод карда метавонад.
- Доир ба касбҳои гуногун маълумоти васеъ дода метавонад.
- Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда онро дар амал ба таври васеъ татбиқ карда метавонад.

**Мақсадҳои дарс:**
- Дар бораи равандҳои технологӣ дар соҳаи саноати сӯзишворӣ маълумот дода тавонад.
- Намудҳои раванди технологӣ ва усулҳои онро таҳлил карда тавонад.
- Дар бораи касбҳо дар саноати сӯзишворӣ маълумоти васеъ дода тавонад.
- Қобилияти хуби муоширатиро инкишоф дода тавонад.

**Таҷҳизоти зарурӣ**: китоби дарсӣ, слайдҳо, нурафзо (проектор) овезаҳо оид мавзӯъ.

**Методикаи таълим:** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед.

**1). Ташкили дарс:** Дар ин марҳала корҳои зерин ба роҳ монда мешавад:
Тайёр намудани маводди хониш;
Ҳозир-ғоиб кардани хонандагон;
Омода намудани аҳли синф ба дарс.

2). **Такрори дарси гузашта:** Дарсро аз гузоштани масъала оғоз кунед. Бо саволҳои зерин ба хонандагон муроҷиат кунед:
- Сохтори мошинсозӣ кадом муассисаҳоро дар бар мегирад?
- Мошинҳоро ба чанд гурӯҳ тақсим мекунанд?
- Мошинҳои энергетикӣ гуфта чиро меноманд?
- Мошинҳои технологӣ гуфта чиро меноманд?
- Оид ба соҳаи истифодабарии мошинҳо мисолҳо оред?
- Дар бораи амалиёти асосии дар мошинсозӣ мисолҳо оред?

Доир ба саволҳо каме муҳокимаронӣ намуда, донишҳои аз дарсҳои гузашта гирифтаи онҳоро ба хотирашон оваред.

**3). Шиносоӣ бо мазмуни мавзӯъ:** Омӯзгор дар лексияи (маъруза) хурди худ дар бораи равандҳои технологӣ дар соҳаи саноати сӯзишворӣ ба хонандагон маълумот бояд

диҳад. Инчунин, омӯзгор метавонад аз бозии «Нотиқ» истифода намуда, бо хонандагон якҷоя мавзӯи навро аз худ кунанд.

**Маълумоти умумӣ дар бораи бозӣ.**

Озмун оид ба «Нотиқи беҳтарин» дар байни ду-се хонанда гузаронидан мумкин аст. Ҳар як хонанда як қисми кӯтоҳи мавзӯъро аз худ карда ба хонандагони синф ҳамчун нотиқ баён мекунанд.

**Мақсадҳои бозӣ**

А. Инкишоф додани нутқи хонанда;

Б. Истифодаи дурусти калимаҳо, истилоҳ ва ташбеҳ аз тарафи хонанда;

В. Инкишофи тарбияи маънавии хонандагон.

**Қадамҳои истифодаи бозӣ**

А. Омӯзгор мавзӯъ ва мақсади машғулиятро эълон мекунад.

Б. Хонандагон (аз рӯйи хоҳиш) бояд ба тахтаи синф баромада, дар назди ҳамсинфони худ дар нақши «нотиқ», яъне дар як дақиқа дар бораи зарурияти ҳаётии омӯхтани мавзӯи додашуда боварӣ ҳосил намоянд.

В. Хонандагон вазифадоранд, гуфти нотиқро бодиққат гӯш карда, мақсади нотиқро муайян намоянд.

**Намунаи истифодаи бозӣ:**

**А**. Саноати сӯзишворӣ қисми муҳимми хоҷагии халқро ташкил медиҳад ва онро бо сузишворӣ таъмин менамояд. Ба таркиби саноати сузишворӣ соҳаҳои нафт, ангиштсанг ва газ дохил мешаванд, ки инҳо асосан дар қаъри замин ҷойгир шудаанд. Тарзи истеҳсоли нафт : Нафт худ моеъи равғанини сиёҳтоби ғализ буда, дар ҷойҳои муайяни қишри замин дар чуқуриҳои гуногун ҷойгир аст, ки онро кони нафт меноманд. Барои берун овардан чоҳҳо парма канда шуда, аз онҳо нафт бо фишори худаш ё бо ёрии насосҳо ё бо фишори сунъӣ, ки бо ёрии чоҳӣ иловагӣ ба нафт дода мешавад берун меояд. Нафти хориҷшуда бо ёрии ғулбаҳо ба ҷойҳои коркард ё то нақлиёти нафткашон фиристода мешавад ва дар муассисаҳои нафткоркунанда бо коркарди ҳароратӣ ба навъҳо (бензин, карасин, равғани дизелӣ ва ғайраҳо) ҷудо карда мешавад.

**Б**. Ангиштсанг ҳам аз қаъри замин бо ду роҳ : бо тарзи кофтани хандақҳо (шахтаҳо) ё бо тарзи бурида кушодани рӯйи замин то қабати ангишт дар бурришҳо (разрезҳо) берун оварда мешаванд. Татбиқи ин ё он роҳи истихроҷ ба захира ва чуқурии ҷойгиршавии ангишт вобаста мебошад. Агар захираҳои ангиштсанг ба солҳои тӯлонӣ кифоягӣ кунад (якчанд даҳсолаҳо) ё нисбатан чуқуртар ҷойгир шуда бошад, он гоҳ хандақҳо, ки иншооти хеле мураккаб мебошад, кофта мешаванд. Дар ҳолатҳои дигар ба сатҳи замин наздик будани кони ангишт рӯйи он кушода истихроҷ карда мешавад.

Дар дараҷаи пухтарасӣ ангиштсанг се хел мешавад :

1) антрасит-ангиштсанги хеле пухтарасида

2) ангиштсанги мӯътадил

3) ангиштсанги хокистарӣ-нисбатан хом

**В**. Газ дар қишри замин дар зери фишори баланд то 300 мм ва зиёда атмосфера дучор мешавад. Барои берун овардани он чоҳҳо парма канда мешавад, ки газ аз онҳо бо фишори худаш берун меояд. Пас аз тоза шудан газ ба истеъмолкунандагон ба воситаи ғулбаҳо фиристода мешавад. Барои ба ғулбаҳо равон кардани миқдори зиёди газ онро ба моеъ мубаддал менамоянд. Ғайр аз ин, ба сифати сӯзишвори торф ва варақсангҳои сӯзанда, сӯзишвории сунъӣ-кокс низ истифода мешавад.

**Дар натиҷа хонандагон чиро ёд мегиранд?**

- Нутқи хонандагон бурро мегардад;
- Тарбияи мустақилона ҷамъ намудани мавод аз адабиёти гуногун;
- Шуурнокии хонандагон инкишоф меёбад.

**5). Мустаҳкамкунӣ:**

- Сохтори соҳаи сӯзишворӣ кадом муассисаҳоро дар бар мегирад?
- Нафтро чӣ тавр истеҳсол мекунанд?
- Ангиштро бо кадом роҳҳо истеҳсол мекунанд?
- Газро чӣ тавр истеҳсол мекунанд?
- Шумо боз кадом намуд сӯзишвориҳоро медонед?

**6). Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро қадр кунед.**

**7). Арзёбӣ.** Дар ҷараёни дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед *(мувофиқи натиҷаи арзёбии мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш гузошта мешавад)*.

| **Фаъолият** | **метавонад** | **қисман метавонад** | **наметавонад** |
|---|---|---|---|
| Дар бораи равандҳои технологӣ дар соҳаи саноати сӯзишворӣ маълумот дода метавонад? | | | |
| Эҷодкорона намудҳои раванди технологӣ ва усулҳои онро таҳлил карда метавонад? | | | |
| Дар бораи касбҳо дар саноати сӯзишворӣ маълумоти васеъ дода метавонад? | | | |
| Қобилияти хуби муоширатиро инкишоф дода метавонад? | | | |

## ДАРСИ 7.

## Мавзӯъ: «Маълумот дар бораи равандҳои технологӣ дар саноати энергетика»

**Барнома**: Равандҳои технологӣ дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқи Тоҷикистон: энергетика.

**Салоҳиятҳо**:

- Дар бораи равандҳои технологии соҳаи саноат маълумоти васеъ дода метавонад.
- Дар доираи мавзӯъҳои мураккаб ғояи навро ифода карда метавонад.
- Доир ба касбҳои гуногун маълумоти васеъ дода метавонад.
- Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда онро дар амал ба таври васеъ татбиқ карда метавонад.

**Мақсадҳои дарс:**

- Дар бораи равандҳои технологӣ дар саноати энергетика маълумот дода тавонад.
- Дар бораи истеҳсоли ҷараёни барқ дар неругоҳҳо маълумот дода тавонад.
- Дар бораи касбҳо дар саноати энергетика маълумоти васеъ дода тавонад.
- Қобилияти таҳлилии худро инкишоф дода тавонад.

**Таҷҳизоти зарурӣ**: китоби дарсӣ, слайдҳо, нурафзо (проектор), овезаҳо оид ба мавзӯъ.

**Методикаи таълим:** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед.

**1). Ташкили дарс**: Дар ин марҳала корҳои зерин ба роҳ монда мешавад:

Тайёр намудани маводди хониш;

Ҳозир-ғоиб кардани хонандагон;

Омода намудани аҳли синф ба дарс.

**2). Такрори дарси гузашта:** Дарсро аз гузоштани масъала оғоз кунед. Бо саволҳои зерин ба хонандагон муроҷиат кунед:

- Сохтори соҳаи сӯзишворӣ кадом муассисаҳоро дар бар мегирад?
- Нафтро чӣ тавр истеҳсол мекунанд?
- Ангиштро бо кадом роҳҳо истеҳсол мекунанд?
- Газро чӣ тавр истеҳсол мекунанд?
- Шумо боз кадом намуд сӯзишвориҳоро медонед?

Оид ба саволҳо каме муҳокимаронӣ кунед ва донишҳои аз дарсҳои гузашта гирифтаи онҳоро ба ёдашон оваред.

**3). Шиносоӣ бо мазмуни мавзӯъ:** Дар ин лаҳзаи дарсӣ омӯзгор ба хонандагон дар бораи равандҳои технологӣ дар саноати энергетика маълумот медиҳад.

Ба таркиби энергетика соҳаҳое дохил мешаванд, ки онҳо бо истеҳсоли ҷараёни барқ ва нақли он машғуланд. Ба онҳо пеш аз ҳама неругоҳҳои барқӣ, зерпойгоҳҳои (подстансия) трансформатори баландшиддат, корҳои паҳнкунии ҷараён ва зерпойгоҳҳои паҳнкунандаи шиддат дохил мешаванд. Якчанд неругоҳҳои барқии минтақаҳои гуногун ба як ҳалқаи умумӣ пайвасташуда системаи ягонаи энергетикиро ташкил медиҳанд.

Неругоҳҳои барқӣ дар навбати худ якчанд намуд буда, барои истеҳсоли ҷараёни барқ хизмат мекунанд. Онҳо ба неругоҳҳои бо гармӣ, бо об, бо шамол ва ғайра коркунанда ҷудо мешаванд. Неругоҳҳои бо гармӣ коркунанда дар навбати худ ба неругоҳҳои буғӣ, газӣ, офтобӣ, атомӣ, бо обҳои зеризаминӣ коркунанда ҷудо мешаванд.

Раванди истеҳсол ва истифодаи ҷараёни барқ ягона буда, захира кардани миқдори зиёди он ғайриимкон мебошад. Аз ин рӯ, неруе, ки истеҳсол мешавад, бо хатҳои паҳнкунанда то истеъмолкунанда барои истифода фиристода мешавад.

Барои истеҳсоли ҷараёни барқ дар неругоҳҳо вобаста ба хели онҳо мошинаҳои энергетикӣ ба мисли трубинаҳо ва генераторҳоро истифода мебаранд. Трубинаҳо бо ёрии об, буғ, газ ба ҳаракат оварда шуда, дар навбати худ генераторро, ки бо трубина дар як тир шинонда мешавад ба ҳаракат меоранд.

Зерпойгоҳҳои трансформаторӣ барои баланд кардани шиддати ҷараён ва кам кардани гумшавии ҷараён, пешгирии гармшавии ноқилҳо ва дигар қисматҳои ҷараёнгузар хизмат мекунанд. Дар навбати худ барои то истеъмолкунанда бурда расонидани ҷараён вай бо ёрии зерпойгоҳҳои трансформатории пасткунандаи шиддат то бузургиҳои муътадил паст карда мешавад.

**4). Бозии «Калимаҳоро ҷобаҷо гузор!»**

**Маълумоти умумӣ дар бораи бозӣ**

Бозии «Калимаҳоро ҷобаҷо гузор!» барои ташаккул додани хотира ва фикррониии хонандагон аҳамият дорад. Тафаккури мантиқии хонандагон инкишоф меёбад.

**Мақсадҳои бозӣ**

А.Ташаккул додани хотира ва фикррониии хонандагон;

Б. Инкишоф ёфтани тафаккури мантиқии хонандагон;

В. Тарбия намудани хонандагон ба мулоҳизакорӣ ва дурандешӣ.

**Қадамҳои истифодаи бозӣ**

А. Аз тарафи омӯзгор ба тахтаи синф ҷумлаҳои подарҳаво навишта мешавад, ки дар худ қоидаҳои асосии техникаи бехатарӣ ҳангоми кор бо мошинаи дарздӯзии пойиро таҷассум менамояд.

Б. Ба хонандагон вазифа дода мешавад, ки аз ҷумлаи нодуруст ҷумлаи мантиқан дурустро тартиб диҳанд;

В. Хонандагон дар дафтари кории худ ҷумларо дар тартиби лозимӣ менависанд. Ҳамин тавр такрорӣ ва мустаҳкамкунии маълумот доир ба мавзӯи додашуда инъикос меёбад.

Г. Ба хонандагон саволҳо дода мешавад:

Дар кадом давраи кори амалии машғулият қоидаҳои додашударо истифода бурдан мумкин аст? (ба давраҳои саршавии кор; новобаста дар давраи фаъолияти амалӣ; ба давраи охири кор)

**Намунаи истифодаи бозӣ:**

Барои истеҳсоли ҷараёни барқ хизмат мекунанд, Неругоҳҳои барқӣ дар навбати худ якчанд намуд буда. (**Неругоҳҳои барқӣ дар навбати худ якчанд намуд буда, барои истеҳсоли ҷараёни барқ хизмат мекунанд**).

Газ ба ҳаракат оварда шуда, трубинаҳо бо ёрии об, дар навбати худ генераторро, буғ, ки бо трубина дар як тир шинонда мешавад ба ҳаракат меоранд. (**Трубинаҳо бо ёрии об, буғ, газ ба ҳаракат оварда шуда, дар навбати худ генераторро, ки бо трубина дар як тир шинонда мешавад ба ҳаракат меоранд**).

Барои баланд кардани шиддати ҷараён зерпойгоҳҳои трансформаторӣ ва дигар қисматҳои ҷараёнгузар хизмат мекунанд ва кам кардани гумшавии ҷараён, пешгирии гармшавии ноқилҳо. (**Зерпойгоҳҳои трансформаторӣ барои баланд кардани шиддати ҷараён ва кам кардани гумшавии ҷараён, пешгирии гармшавии ноқилҳо ва дигар қисматҳои ҷараёнгузар хизмат мекунанд**).

**Дар натиҷа хонандагон чиро ёд мегиранд:**

А. Тафаккури мантиқии хонандагон бой мегардад;

Б. Хонандагон уҳдаборӣ, ташаббускориро меомӯзанд;

В. Диққатнокии хонандагон инкишоф меёбад.

**4). Мустаҳкамкунӣ.**

- Сохтори энргетика кадом муассисаҳоро дар бар мегирад?
- Ҳалқаи (системаи ягона) энергетикиро шарҳ диҳед?
- Неругоҳҳои барқӣ чанд хел мешаванд?
- Барои истеҳсоли барқ аз кадом мошинҳо истифода мебаранд?
- Зерпойгоҳҳои трансформаторӣ чӣ гуна вазифаро иҷро мекунанд?
- Оид ба неругоҳҳои барқии мамлакатамон маълумот диҳед?

**5). Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро қадр кунед.**

**6). Арзёбӣ.** Дар рафти дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед *(мувофиқи натиҷаи арзёбии мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш гузошта мешавад).*

| **Фаъолият** | **метавонад** | **қисман метавонад** | **наметавонад** |
|---|---|---|---|
| Дар бораи равандҳои технологӣ дар саноати энергетика маълумот дода метавонад? | | | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| Эҷодкорона дар бораи истеҳсоли ҷараёни барқ дар неругоҳҳо маълумот дода метавонад? | | | |
| Дар бораи касбҳо дар саноати энергетика маълумоти васеъ дода метавонад? | | | |
| Қобилияти таҳлилии худро инкишоф дода метавонад? | | | |

## ДАРСИ 8.
## Мавзӯъ: «Ҳуҷҷати технологӣ ва тайёр кардани истеҳсолот»

**Барнома**: Ҳуҷҷати технологӣ ва тайёр кардани истеҳсолот.

**Салоҳиятҳо**:

- Дар бораи равандҳои технологии соҳаи саноат маълумоти васеъ дода метавонад.
- Дар доираи мавзӯъҳои мураккаб ғояи навро эҷод карда метавонад.
- Доир ба касбҳои гуногун маълумоти васеъ дода метавонад.
- Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда онро дар амал ба таври васеъ татбиқ карда метавонад.

**Мақсадҳои дарс:**

- Дар бораи ҳуҷҷатҳои технологӣ ва тайёр кардани истеҳсолот маълумоти васеъ дода тавонад.
- Давраи тайёр кардани масолеҳро таҳлил карда тавонад.
- Доир ба касбҳое, ки ҳуҷҷатҳои технологӣ тартиб медиҳанд маълумоти васеъ дода тавонад.
- Ҳангоми омӯзиш зеҳни тези худро инкишоф дода тавонад.

**Таҷҳизоти зарурӣ**: китоби дарсӣ, слайдҳо, нурафзо (проектор), овезаҳо оид ба мавзӯъ.

**Методикаи таълим:** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед.

1). Ташкили дарс: Дар ин марҳала корҳои зерин ба роҳ монда мешавад:

Тайёр намудани маводди хониш;

Ҳозир-ғоиб кардани хонандагон;

Омода намудани аҳли синф ба дарс.

2). **Такрори дарси гузашта:** Дарсро аз гузоштани масъала оғоз кунед. Бо саволҳои зерин ба хонандагон муроҷиат кунед:

- Сохтори энергетика кадом муассисаҳоро дар бар мегирад?
- Ҳалқаи (системаи ягона) энергетикиро шарҳ диҳед?
- Неругоҳҳои барқӣ чанд хел мешаванд?
- Барои истеҳсоли барқ аз кадом мошинҳо истифода мебаранд?
- Зерпойгоҳҳои трансформаторӣ чӣ гуна вазифаро иҷро мекунанд?
- Оид ба неругоҳҳои барқи мамлакатамон маълумот диҳед?

Оид ба саволҳо каме муҳокимаронӣ кунед ва донишҳои аз дарсҳои гузашта гирифтаи онҳоро ба хотир биоваред.

**3). Шиносоӣ бо мазмуни мавзӯъ:** Омӯзгор дар бораи ҳуҷҷати технологӣ, тайёр кардани истеҳсолот, харитаи маршрутӣ ва харитаи амалиёт маълумот медиҳад:

Номгуй ва мазмуни ҳуҷҷати технологӣ бо стандарти давлатии *Системаи ягонаи ҳуҷҷати технологӣ* муқаррар карда мешавад.

Намудҳои асосии ҳуҷҷати технологӣ харитаи маршрутӣ, харитаи амалиёт, харитаи эскизҳо, дастурамали технологӣ, феҳристи асбобу анҷом мебошанд. Ду намуди аввал дар тамоми истеҳсолот, охиринашон аксаран танҳо дар истеҳсолоти алоҳида истифода бурда мешаванд.

- *Харитаҳои маршрутӣ(хати сайр);*
- *Харитаи амалиёт;*
- *Давраи тайёр кардани масолеҳ;*
- *Давраи шаклгириро;*
- *Давраи васлкунӣ;*
- *Тайёрии конструкторӣ;*
- *Тайёрии технологии истеҳсолот;*
- *Тайёрии ташкилию истеҳсолии истеҳсолот.*

### 4). УСУЛИ “МИЗИ МУДАВВАР”.

Дар «Мизи мудаввар» масъала ва савол тарзе гузошта мешавад, ки он аз ҳамаи хонандагон ҷавоби гуногунро талаб кунад. Савол бояд мушаххас, фаҳмо ва ба мавзӯи дарс мувофиқ бошад. Он бояд ба дараҷаи қобилияти ҳар хонанда мувофиқ бошад, то онҳо дар ҷараёни муҳокимаи масъала иштирок карда тавонанд.

**Маводди зарурӣ:** лозим нест

**Қадамҳо:**

1. Хонандагонро ба гурӯҳҳо муттаҳид намоед.
2. Ба хонандагон барои муҳокима ва баррасӣ саволро пешниҳод кунед.
3. Ба ҳар як гурӯҳ як варақ диҳед.
4. Хонандаи аввал дар варақ ҷавоб навишта, онро бо овози баланд мехонад.
5. Хонандаи аввал варақро ба ҳамсинфи дар тарафи чапаш нишаста месупорад.
6. Хонандаи дуюм як ҷавоб навишта, онро бо овози баланд мехонад ва варақро ба хонандаи дигар медиҳад.
7. Ҳамаи хонандагон бо навбат ҷавобро дар варақ навишта, онро бо овози баланд мехонанд.
8. Варақ то ақидаашро навиштани хонандаи охирини гурӯҳ аз даст ба даст гузаштан мегирад.
9. Сипас гурӯҳҳо ба муаррифии натиҷаи корашон даъват карда мешаванд.

**Намуна:**

Омӯзгор мепурсад:

*1) Раванди технологӣ дар корхонаҳои мошинсозӣ чӣ тавр мегузарад?*

**Хонандаи 1:** Давраи тайёр кардани масолеҳ;

Хонандаи 2: Давраи шаклгирӣ;

Хонандаи 3: Давраи васлкунӣ;

Хонандаи 4: Тайёрии конструкторӣ;

Хонандаи 5: Тайёрии технологии истеҳсолот;

Хонандаи 6: Тайёрии ташкилию истеҳсолии истеҳсолот;

Саволҳои дигаре, ки омӯзгор дар ин машғулият пурсида метавонад:

2). Давраи тайёр кардани масолеҳро шарҳ диҳед?

Хонандагон фикри худро баён мекунанд. Омӯзгор ба хонандагон муроҷиат мекунад. Шумо ба ин розӣ ҳастед? Барои чӣ розиед? Барои чӣ розӣ нестед? (*Ҷавоб: Дар ин ҷо аз масолеҳи аввала ва ашёи хом масолеҳи ҷузъҳои оянда тайёр карда мешавад*)

3). Дар давраи шаклгирӣ коргарони кадом касбҳо иштирок мекунанд?

Хонандагон фикри худро баён мекунанд. Омӯзгор ба хонандагон муроҷиат мекунад. (*Ҷавоб: Харрот, фрезерчӣ, челонгар, суфтагар*)

Шумо ба ин ақида розӣ ҳастед? Барои чӣ розиед? Барои чӣ розӣ нестед?

4). Давраи васлкунӣ аз чанд марҳала иборат аст?

Хонандагон фикри худро баён мекунанд. Омӯзгор ба хонандагон муроҷиат мекунад. *(Ҷавоб: ду марҳала: а) васлкунии қисм ба қисм, ки дар натиҷа қисми таркибии маснуоти оянда ҳосил мешавад; б) васлкунии умумии маснуот)*

Шумо ба ин ақида розӣ ҳастед? Барои чӣ розиед? Барои чӣ розӣ нестед?

5). Тайёрии конструкторӣ аз чӣ оғоз меёбад?

Хонандагон фикри худро баён мекунанд. Омӯзгор ба хонандагон муроҷиат мекунад. *(Ҷавоб: Аз коркарди супориши техникӣ (ТЗ)*

Шумо ба ин ақида розӣ ҳастед? Барои чӣ розиед? Барои чӣ розӣ нестед?

6). Тайёрии ташкилию истеҳсолии истеҳсолот бо чӣ алоқаманд аст?

Хонандагон фикри худро баён мекунанд. Омӯзгор ба хонандагон муроҷиат мекунад. *(Ҷавоб: Бо тайёрии технологии истеҳсолот)*

Шумо ба ин ақида розӣ ҳастед? Барои чӣ розиед? Барои чӣ розӣ нестед?

**5). Кори амалӣ. Омӯзгор кори амалии** ҳуҷҷати технологӣ ва тайёр кардани истеҳсолотро ба хонандагон супориш медиҳад:

**Қадамҳо:**

**6). Мустаҳкамӣ.**

❖ Таъйиноти харитаи маршрутӣ ва амалиётӣ кадоманд?

❖ Харитаи маршрутӣ аз харитаи амалиётӣ чӣ фарқ дорад?

❖ Азхудкунии саноатии маҳсулоти нав чӣ тавр ба амал меояд?

**7). Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро қадр кунед.**

**8). Арзёбӣ.** Дар рафти дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед *(мувофиқи натиҷаи арзёбии мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш гузошта мешавад).*

| **Фаъолият** | **метавонад** | **қисман метавонад** | **наметавонад** |
|---|---|---|---|
| Дар бораи ҳуҷҷатҳои технологӣ ва тайёр кардани истеҳсолот маълумоти васеъ дода метавонад? | | | |
| Эҷодкорона давраи тайёр кардани масолеҳро таҳлил карда метавонад? | | | |
| Доир ба касбҳое, ки ҳуҷҷатҳои технологӣ тартиб медиҳанд маълумоти васеъ дода метавонад? | | | |
| Ҳангоми омӯзиш зеҳни тези худро инкишоф дода метавонад. | | | |

## ДАРСИ 9.

### Мавзӯъ: «Системаи мошинҳо ва комплекси таҷҳизоти технологӣ. Асосҳои техника. Механиконии истеҳсолот. Маълумоти асосӣ дар бораи дастгоҳҳои автоматӣ»

**Барнома**: Маълумот дар бораи намудҳои гуногуни техникаи ҳозира. Техникае, ки дар истеҳсолот истифода мешавад: мошинҳо, асбобҳо ва олотҳо. Маълумот дар бораи мошинҳои ҳозира: принсипи кор, сохти умумӣ, истифодаи онҳо дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ. Системаи мошинҳо ва комплексҳои таҷҳизоти технологӣ.

**Салоҳиятҳо**:

➢ Дар бораи равандҳои технологии соҳаи саноат маълумоти васеъ дода метавонад.

➢ Дар доираи мавзӯъҳои мураккаб ғояи навро эҷод карда метавонад.

➢ Доир ба касбҳои гуногун маълумоти васеъ дода метавонад.

➢ Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда онро дар амал ба таври васеъ татбиқ карда метавонад.

**Мақсадҳои дарс:**

- Дар бораи асосҳои техника, механиконии истеҳсолот ва дар бораи дастгоҳҳои автоматӣ маълумоти васеъ дода тавонад.

- Ҳангоми аз тарафи омӯзгор гузаронидани саёҳатҳо ба истеҳсолот намудҳои мошинҳоро тасниф карда тавонад.

- Дар бораи касбҳои системаи мошинҳо ва комплекси таҷҳизоти технологӣ коркунанда маълумоти васеъ дода тавонад.

- Хусусиятҳои бодиққатӣ ва реаксияи тезро дар худ инкишоф дода тавонад.

**Таҷҳизоти зарурӣ**: китоби дарсӣ, расмҳо, слайдҳо, нурафзо (проектор), наворҳои таълимӣ дар бораи истеҳсолот, овезаҳо оид ба мавзӯъ.

**Методикаи таълим:** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед.

**1). Ташкили дарс:** Дар ин марҳала корҳои зерин ба роҳ монда мешавад:

Тайёр намудани маводди хониш;

Ҳозир-ғоиб кардани хонандагон;

Омода намудани аҳли синф ба дарс.

2). **Такрори дарси гузашта:** Дарсро аз гузоштани масъала оғоз кунед. Бо саволҳои зерин ба хонандагон муроҷиат кунед:

- Таъйиноти харитаи маршрутӣ ва амалиётӣ кадоманд?
- Харитаи маршрутӣ аз харитаи амалиётӣ чӣ фарқ дорад?
- Азхудкунии саноатии маҳсулоти нав чӣ тавр ба амал меояд?

Оид ба саволҳо каме муҳокимаронӣ кунед ва донишҳои аз дарсҳои гузашта гирифтаи онҳоро ба ёдашон оваред.

**3). Шиносоӣ бо мазмуни мавзӯъ:** Омӯзгор дар лаҳзаи баёни мавзӯи нав ба хонандагон дар бораи асосҳои техника, механиконии истеҳсолот ва дар бораи дастгоҳҳои автоматӣ маълумот медиҳад. Пешниҳод карда мешавад, ки дар мавзӯъҳои мазкур методи "Кейс"-ро омӯзгор истифода барад.

**Истифодаи методи "Case study" дар таълим.** Кейс (аз англисӣ case-ҳодиса, вазъият)-ин муҳокимаи вазъият ё ҳодисаи мушаххас, бозиҳои амалӣ. Дар зери мафҳуми он технологияи таҳлили вазъияти мушаххас ё ҳодисаи хусусӣ фаҳмида мешавад. Ин метод аз ҳалли вазъиятҳои педагогӣ ва масъалаҳои педагогӣ сарчашма мегирад. Фарқи асосии методи кейс аз масъалаҳои педагогӣ дар он аст, ки ба он блоки барзиёдӣ ҳамроҳ карда мешавад, масалан тавсиянома, рӯйхати адабиёт, ки мумкин аст, тадқиқотчӣ истифода барад. Барои таҳлили ҳодиса бояд вазъияти ҳақиқии ҳаётӣ инъикос ёбад. Ба ғайр аз он, дар навиштаҷот бояд муаммо ё як қатор мушкилиҳои мавҷуда ё бевосита, зиддиятҳо, масъалаҳои панҳои ё ноаён барои тадқиқотчӣ ҷойдошта буданаш зарур аст. Инчунин, соҳиб будан ба донишҳои назариявӣ лозим аст, ки барои ҳалли муаммои мушахас истифода бурда мешавад.)

Дар раванди кор аз болои кейс аз иштирокчиён одатан ҷустуҷӯйи маълумоти иловагӣ оид ба таҳлили вазъият талаб карда мешавад. Дар охир хонандагон ҳалли шахсии худро оид ба муаммои пешниҳодшуда дарёфт мекунанд (одатан ҳалли бисёри ҳархела) ва ба хулосаи шахсии худ меоянд.

Ҳоло ду мактабҳои классикӣ мавҷуд мебошад, ки ин методро ҳамчун асоси методи амалии таълим истифода мебаранд, инҳо Гарвард (Амрико) ва Манчестр (Аврупо) мебошанд. Дар чорчӯбаи мактаби амрикоӣ мақсади истифодаи методи кейс таълими ҷустуҷӯйӣ ҳалли дурусти ягона, мактаби аврупоӣ бошад ҳалли бисёр вариантии муамморо пешниҳод мекунад. Кейсҳои барои таълим пешниҳод шуда аз рӯйи ҳаҷм калон мешаванд. Масалан, кейсҳои амрикоӣ 20-25 саҳифа матн ва 8-10 саҳифа расм, аврупоӣ 1,5-2 маротиба камтар.

Имрӯз методи кейс яке аз самараноктарин тарзи таълими малакаи ҳалли муаммо ба ҳисоб меравад. Технологияи мазкур пурра интерактивӣ мебошад, чунки сараввал

хонандагонро дар раванди муносибатҳои субъект-субъективӣ дохил мекунад ва хонандагонро ба фаъолнокӣ, ташаббускорӣ, мустақилӣ, ҳуқуқӣ ба ҳар кас баён намудани нуқтаи назари шахсӣ ҳидоят мекунад. Аммо, аз ҳама асосӣ дар он ба ҳисоб меравад, ки муносибати додашуда аз доираи муҳити таълимӣ мебарояд ва дар соҳаи донишҳои мазкур шавқ ва сабабҳои касбӣ ва шавқро ташаккул медиҳад.

Ғояи методи кейс (методи таълими вазъиятӣ) бисёр сода мебошад (20)

- Метод барои гирифтани дониш аз рӯйи фанҳое, ки ба саволҳои гузошташуда ҷавобҳои ҳаммаъно надоранд ва гирифтани ҷавобҳои варианти бисёри ҳалли онро доранд; вазифаи тадрис дар ин ҳолат аз нақшаи классикӣ берун мебарояд ва ба гирифтани муаммои ягона набуда нигаронида шудааст.

- Такя дар таълим бо соҳиб будани донишҳои тайёр ва коркарди он ба офаридани таълимдиҳанда ва таълимгиранда гузошта мешавад; дар ин ҷо фарқи принсипиалии методи кейс аз методикаи анъанавии ҳалли вазифаҳои педагогӣ мебошад: донишҷӯ аз рӯйи мазмуни кор бо дигар донишҷӯ ва дар раванди мубоҳисаи муаммо бо омӯзгор низ баробарҳуқуқ мебошад.

- Натиҷаи истифодаи методи кейс на фақат дониш, балки малакаи фаъолияти касбӣ, яъне салоҳиятнокӣ, ки дар раванди ҳалли кейс ташаккул меёбад ба ҳисоб меравад.

- Технологияи истифодаи методи кейс чунин мебошад: модели вазъияти мушаххас, ки дар ҳаёт ҳақиқатан, яъне ҳолат ташаккул меёбад, ки мумкин аст дар фаъолияти касбӣ дар ҳақиқат ба вуҷуд меояд, коркард карда мешавад. Дар ин ҳолат дар кейс маҷмӯи он донишҳо ва салоҳиятҳо, ки гирифтани он барои донишҷӯён зарур мебошад, инъикос меёбад.

- Дар раванди ҳалли методи кейс фикркунӣ, вазъияти касбӣ, гузаришҳои ҳаётӣ, ҷаҳонбинии касбӣ ба вуҷуд меояд.

- Истифодаи методи кейс дар машғулиятҳои амалӣ хонандагонро маҷбур мекунад, ки на фақат тарафҳои берунии вазъиятро чуқур омӯзанд, балки малакаи таълимро бо воситаи фаъолият истифода баранд.

Бунёди кейс ҳозир актуалӣ ва маъмул мебошад ва пеш аз ҳама ба ташаккули касбии омӯзгори оянда равона гардидааст. Ин технология дар таълими касбӣ васеъ истифода бурда мешавад, аммо, масалан дар синфҳои болоии мактаб низ истифода бурдани он имконпазир аст.

Хулоса, методи кейс ҳамчун технологияи ташаккули таффакур, ки дар чаҳорчӯбаи салоҳиятнокӣ фикр ва амал карданро имкон медиҳад, баромад мекунад ва инчунин иқтидори эҷодиро инкишоф медиҳад. Амалҳо дар кейс ё дар навиштаҷот (дар он вақт натиҷа ва самаранокии онро фикр карданро талаб мекунад), ё онҳо бояд сифати тарзи ҳалли муамморо пешниҳод кунанд. Дар натиҷа бояд модели ҳаракатҳои амалиро ташаккул диҳанд.

Истифодаи методи кейс ҳоло фақат бо таълим маҳдуд нашудааст, онро чун методи тадқиқотӣ низ фаъол истифода мебаранд. Самаранокӣ дар он аст, ки онро бо дигар методҳои таълим осон алоқа кардан мумкин аст.

Шартан чунин намудҳои кейсро фарқ мекунанд: кейсҳои амалӣ, кейсҳои таълимӣ, кейсҳои илмӣ тадқиқотӣ.

Вазифаи асосии кейси амалӣ дар ҷузъан ва пурра вазъияти ҳаётиро нишон додан мебошад. Кейсҳои додашуда бояд ба қадри ҳол вазъият ё ҳодисаро ҳақиқӣ инъикос намоянд.

Мақсади кейси додашуда коркарди донишҳои назариявӣ дар инъикос ба вазъияти амалӣ мебошад. Ин кейс модели вазъияти амалиро бунёд мекунад. Мазмуни асосии он дарккунии ҳаёт ва соҳиб шудани қобилият ба фаъолияти мувофиқ ба ҳисоб меравад.

Бидуни он, ки ҳар як кейс функсияи таълимиро дорад, дараҷаи ифодаи онҳо гуногун мебошад. Кейси функсияи таълимии бартаридошта кейси таълимӣ номгузорӣ шудааст. Он вазъиятҳои якхела, ки тез-тез дар ҳаёт вомехӯранд ва бо он бечунучаро дар раванди

фаъолияти касбии худ мутахассис дучор мешавад, инъикос медиҳад. Чуноне, ки дар кейси таълимӣ дар ҷойи аввал масъалаҳои таълимӣ ва тарбиявӣ меистад, то ин унсури асосӣ ҳангоми инъикоси вазъият пешниҳод мекунад. Сюжет, муаммо ва вазъият дар ин ҷо ҳақиқӣ намебошад, (аз таҷриба) лекин, онҳое, ки дар ҳаёт дучор шудан мумкин аст. Онҳо ҷузъҳои асосӣ ва ҳақиқии ҳаётиро тавсиф мекунанд.

Ин ҳам барои кейси илмӣ-тадқиқотӣ мувофиқ мебошад. Мазмуни асосии он чун модел барои гирифтани донишҳои нав дар бораи вазъият ва рафтор кардан иборат мебошад. Омили таълимии он ба таълими малакаҳои тадқиқотҳои илмӣ бо воситаи методи моделиронӣ равона карда шудааст. Ин кейс аз рӯйи принсипи бунёди модели тадқиқотӣ сохта мешавад.

Дар поён асосан кейсҳои таълимӣ оварда шудааст. Чунин кейсҳо ба фаҳмиши вазъият ва таҳлил карда тавонистан, омӯхтани сабаб ва ба амалоӣ, пешниҳод оидиислоҳи вазъият равона карда шудааст. Ҷоиз аст, ки ҳамаи вазъиятро таҳлил намудан номумкин аст, лекин ба вазъиятҳои якхела дучор шудан мумкин аст, ки таҳлили он сабаб аз мушкилиҳои ба вуҷуд баромаданро дорад.

**Методи кейс дар педагогика.** Чун қоида, кейс чунин омилҳоро дар бар мегирад:

- вазъият-ҳодиса, муаммо, таърих аз ҳаёти ҳақиқӣ;
- матни вазъият- хронологӣ (солнома), таърихӣ, матни ҷой, хусусиятҳои ҳаракат ё иштирокчиёни вазъият;
- шарҳи вазъият, ки аз тарафи омӯзгор баён карда мешавад;
- саволҳо ё вазифа барои кор бо кейс;
- замима

**Давраҳои коркарди кейс**

- муайян намудани ҷойи кейс дар низоми мақсадҳои маълумотӣ;
- ҷустуҷӯйи низоми қоидаҳо, ки бевосита ба мавзӯи кейс алоқаманд мебошад;
- сохтан ё интихоби модели вазъият;
- ташкил намудани навиштаҷоти вазъият ва роҳҳои ҳалли он;
- ҷамъ намудани маълумоти иловагӣ;
- тайёр намудани матни охирин;
- муаррифии кейс, ташкили мубоҳиса.

**Давраҳои ҳалли кейс**

- Давраи якум: шиносоӣ бо вазъият, хусусияти он.
- Давраи дуюм: ҷудо намудани муаммоҳои асосӣ, ҷудо намудани омилҳо ва шахсоне, ки дар ҳақиқат таъсир расонида метавонанд.
- Давраи сеюм: пешниҳоди нуқтаи назар ё мавзӯъ барои методи "ангезиши зеҳн"
- Давраи чорум: таҳлили оқибати ҳалли ин ё он масъала, ки қабул карда шудааст.
- Давраи панҷум: пешниҳоди як ё якчанд вариантҳои ҳалли кейс (амалҳои пайдарпай), нишондод барои ба қадри имкон ба вуҷуд омадани муаммо, инчунин ба механизми пешгирии онҳо ё ҳалли он.

Методи кейс имкониятҳои бисёр васеи маълумотӣ дорад. Гуногунии натиҷаҳо, ки ҳангоми истифодаи методи кейс мумкин аст гирифта шавад ва ба ду гурӯҳ ҷудо мешавад: натиҷаҳои таълимии натиҷаҳо, ки бо омӯзиши дониш ва малака алоқаманд мебошанд ва натиҷаҳои таълимӣ - натиҷаи ҳамкорӣ ва амалӣ гардонидани мақсади таълимии шахсӣ.

Хулоса, кейси хуб ҷустуҷӯйи муносибатҳои навро таълим медиҳад, зеро ки ҳалли дурусти ягона надорад. Ҳал якчандто шуданаш имкон дорад. Ба ғайр аз ин ба коркарди тафаккури новобаста, яъне на фақат малакаи ҷустуҷӯйӣ, балки салоҳиятнокии касбиро инкишоф медиҳад.

Лексияи хурди омӯзгор чунин маълумотҳоро дар бар гирифта метавонад. Асосҳои техникаи ҳозираро мошинҳо ташкил медиҳанд. Мошинҳо вобаста ба он ки кадом корро иҷро мекунанд, ба мошинҳои энергетикӣ (трубина, муҳаррики дарунсӯз, муҳаррики

барқӣ, генераторҳои барқӣ ва ғ.), мошинҳои корӣ, аз ҷумла технологӣ (дастгоҳ, тухмпошак ва ғ.), нақлиётӣ (ҳавопаймо, автомобил, чархбол, дучарха ва ғайра), мошинҳои иттилоотӣ (арифмометри оддӣ то компютер) ҷудо мешаванд. Дар истеҳсолоти ҳозира тамоми намудҳои мошинҳои номбардашуда истифода мешаванд.

Мошинҳо ва механизмҳо меҳнати дастиро иваз карда, инсонро аз иҷрои амалиёти вазнину хастакунанда озод мекунанд, ҳосилнокии меҳнат, сифати маҳсулотро баланд мебардоранд. Истифодаи мошин ва механизмҳо дар раванди истеҳсолот механиконии истеҳсолот номида мешавад.

Механиконӣ имкон дорад ҷузъӣ бошад, ки ин сурат амалиёти ҷудогонаи технологӣ механиконида мешавад ва ҳиссаи зиёди меҳнати дастӣ боқӣ мемонад. Чунончи, меҳнати коргар, ки баъд аз тайёр кардани ҷузъи мошин ё механизм дар дастгоҳи харротӣ (мошин) онро ба анбор месупорад, ҷузъан механиконида шудааст.

Воситаи самарабахш такмил додани истеҳсолот *механиконии комплексӣ* мебошад. Дар ин маврид меҳнати дастӣ дар давоми тамоми раванди истеҳсолӣ бо меҳнати мошинӣ иваз мешавад.

*Мошинҳои технологӣ* вобаста ба намуди равандҳои мушаххаси технологӣ, ки барои ба амал баровардани онҳо истифода мешаванд, фарқ мекунанд. Масалан, барои коркарди масолеҳ ва ҷузъҳои металлӣ дар мошинсозӣ (ва дар як қатор соҳаҳои дигар) бо роҳи буридан чунин мошинҳои технологии ниҳоят маъмул, монанди дастгоҳҳои металлбуррӣ истифода бурда мешаванд.

*Мошинаҳои муттасил амалкунанда* конвейерҳое мебошанд, ки суръати онҳо бо тартиби раванди истеҳсолӣ муайян карда мешавад. Конвейерҳои тасмагӣ бештар паҳн шудаанд, ки тасмаи резинӣ ё пӯлодӣ дар болои ғилдиракча ҳаракат мекунад ва бо ёрии тасма бор ба масофаи зиёд бурда мешавад. Чунин типи конвейерҳо дар саноати соатсозӣ, асбобсозӣ, радиоэлектронӣ, хӯрокворӣ, пойафзолбарорӣ, дӯзандагӣ ва як қатор соҳаҳои дигари саноат истифода мешавад.

Автомат[1] дастгоҳ ё маҷмуи дастгоҳест, ки аз рӯйи барномаи муайян, бе иштироки бевоситаи инсон дар раванди ҳосил кардан, тағйир додан, интиқол ва тақсим (истифода) кардани энергия, масолеҳ ва ахбор тамоми амалиётро иҷро мекунад. Ба автомат барнома мумкин аст мувофиқи сохти он муайян карда шавад (соат, автоматҳои садо) ё аз муҳити берун ба намуди перфокарта, перфолента ва ғайра (дастгоҳҳо бо идоракунии барномавии рақамдор, мошинаҳои ҳисоб) дохил шавад.




4). Кори амалӣ. Омӯзгор ба хонандагон кори амалиро супориш медиҳад.
Қадамҳо:

Дар корхонаи базавӣ бо роҳи такмил додани мошинҳои техникӣ (металлкоркунӣ, бофандагӣ, чӯбкоркунанда ё дастгоҳи дигар) шинос шавед.

1. Дар вақти истеҳсолӣ ба корхонаҳои соҳаҳои гуногуни саноат ва кишоварзӣ ба таъйиноти мошинҳои мухталиф (технологӣ ва нақлиётӣ) ва нақши онҳо дар механиконии раванди истеҳсолот диққат диҳед.

2. Дар бораи механиконӣ (автоматони )-и 2-3 амалиёти технологӣ дар корхонаи базавӣ ҳикоя кунед.

**5). Мустаҳкамкунӣ.**

❖ Мошинҳо аз дигар воситаҳои техникие, ки дар истеҳсолт ва рӯзгор истифода мешаванд, бо чӣ фарқ мекунанд?

❖ Мошинҳоро вобаста ба таъйиноти онҳо чӣ тавр тасниф кардан мумкин аст?

❖ Мошинҳоеро, ки дар рӯзгор истифода мешаванд, ба кадом гурӯҳҳо мансуб кардан мумкин аст?

❖ Дар корхонаи базавӣ мошинҳо барои таҷҳизонидани раванди технологӣ истифода мешаванд. Мисолҳо биёред.

❖ Қисмҳои асосии ягон мошинро номбар кунед ва таъйиноти онро фаҳмонед.

❖ Барои назорат кардани бузургиҳои технологии маҳсулоти истеҳсолшаванда дар корхонаи базавӣ кадом воситаҳои техникӣ ёрӣ мерасонанд? Мисолҳо биёред.

❖ Механиконии истеҳсолот аз чӣ иборат аст?

❖ Механиконии ҷузъӣ аз механиконии комплексӣ чи фарқ дорад?

❖ Дар корхонаи базавии мактаби шумо кадом мошинҳои технологӣ истифода мешаванд?

❖ Мошину механизмҳои борбардору нақлиётиро, ки механиконии истеҳсолотро дар корхонаи базавӣ таъмин мекунанд, номбар кунед.

❖ Истифодаи дастгоҳҳои автоматии муҳофизатиро дар зиндагӣ ва дар корхонаҳое, ки дар вақти экскурсия дар онҳо будед, мисол биёред.

❖ Аз рӯйи нақша принсипи амали танзимкунандаҳои автоматиро шарҳ диҳед. Таъйиноти функсионалии элементҳои ҷудогонаи он аз чӣ иборат аст?

**6). Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро қадр кунед.**

**7). Арзёбӣ.** Дар рафти дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед *(мувофиқи натиҷаи арзёбии мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш гузошта мешавад).*

| **Фаъолият** | **метавонад** | **қисман метавонад** | **наметавонад** |
|---|---|---|---|
| Дар бораи асосҳои техника, механиконии истеҳсолот ва дар бораи дастгоҳҳои автоматӣ маълумоти васеъ дода метавонад? | | | |
| Эҷодкорона ҳангоми аз тарафи омӯзгор гузаронидани саёҳатҳо ба истеҳсолот намудҳои мошинҳоро тасниф карда метавонад? | | | |
| Дар бораи касбҳои системаи мошинҳо ва комплекси таҷҳизоти технологӣ кор мекунанд маълумоти васеъ дода метавонад? | | | |
| Хусусиятҳои бодиққатӣ ва аксуламали тезро дар худ инкишоф дода метавонад? | | | |

## ДАРСИ 10.
## Мавзӯъ: «Иқтисодиёт ва ташкили истеҳсолот. Маълумоти умумӣ дар бораи иқтисодиёти истеҳсолот. Ташкили меҳнат дар корхона»

**Барнома**: Шиносоӣ бо иқтисодиёт ва ташкили истеҳсолот дар мисоли корхонаҳои базавӣ ва дигар корхонаҳои маҳаллӣ: банақшагирӣ, ташкили ҷойи кор, интизоми меҳнат ва истеҳсолот, ҳосилнокии меҳнат, сарфаи масолеҳ, энергия, муноситати эҳтиёткорона ба техника, бамеъёрдарорӣ ва додани музди меҳнат, ҳисоби хоҷагӣ, шаклҳои ташкили меҳнат.

**Салоҳиятҳо**:

- Дар бораи равандҳои технологии соҳаи саноат маълумот  дода метавонад.
- Дар доираи мавзӯъҳои мураккаб ғояи навро эҷод карда метавонад.
- Доир ба касбҳои гуногун маълумоти васеъ дода метавонад.
- Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, онро дар амал ба таври васеъ татбиқ карда метавонад.

**Мақсадҳои дарс:**

- Дар бораи иқтисодиёт, ташкили истеҳсолот ва ташкили меҳнат дар корхона маълумоти васеъ дода тавонад.
- Ҳосилнокии меҳнати худро эҷодкорона дар устохонаҳои таълимии мактаб ҳисоб карда тавонад.
- Дар бораи касбҳои вобаста ба соҳаи иқтисодиёт, ки дар истеҳсолот кор мекунанд маълумоти васеъ дода тавонад.
- Муноситати эҳтиёткоронаи худро нисбат ба техника ташаккул дода тавонад.

**Таҷҳизоти зарурӣ**: китоби дарсӣ, расмҳо,  слайдҳо, нурафзо (проектор), наворҳои таълимӣ дар бораи истеҳсолот, овезаҳо оид ба мавзӯъ.

**Методикаи таълим:** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед.

**1). Ташкили дарс:** Дар ин марҳала корҳои зерин ба роҳ монда мешавад:

Тайёр намудани маводди хониш;

Ҳозир-ғоиб кардани хонандагон;

Омода намудани аҳли синф ба дарс.

2). **Такрори дарси гузашта:** Пурсиши вазифаи хонагӣ бо истифода аз бозии **“Занҷир”** гузаронида мешавад. Ба ду зергурӯҳ варақа бо саволҳо тақсим карда мешавад. Мизи якум саволи 1, мизи дуюм саволи ду. Кадоме аз зергурӯҳҳо дуруст ҷавоб диҳад, ҳамон зергурӯҳ ғолиб дониста мешавад. Кадоме аз зергурӯҳҳо ҷавоби нодуруст медиҳанд ё ҷавобро намедонанд хат кашида мешавад - занҷир канда мешавад.

**Ба зергурӯҳи якум:**

- Мошинҳо аз дигар воситаҳои техникие, ки дар истеҳсолт ва рӯзгор истифода мешаванд, бо чӣ фарқ мекунанд?
- Мошинҳоро вобаста ба таъйиноти онҳо чӣ тавр тасниф кардан мумкин аст?
- Мошинҳоеро, ки дар рӯзгор истифода мешаванд, ба кадом гурӯҳҳо мансуб кардан мумкин аст?
- Дар корхонаи базавӣ мошинҳо барои таҷҳизонидани раванди технологӣ истифода мешаванд. Мисолҳо биёред.
- Қисмҳои асосии ягон мошинро номбар кунед ва таъйиноти онро фаҳмонед.
- Барои назорат кардани бузургиҳои технологии маҳсулоти истеҳсолшаванда дар корхонаи базавӣ кадом воситаҳои техникӣ ёрӣ мерасонанд? Мисолҳо биёред.

**Ба зергурӯҳи дуюм:**

- Механиконии истеҳсолот аз чӣ иборат аст?
- Механиконии ҷузъӣ аз механиконии комплексӣ чи фарқ дорад?

➢ Дар корхонаи базавии мактаби шумо кадом мошинҳои технологӣ истифода мешаванд?

➢ Мошину механизмҳои борбардору нақлиётиро, ки механиконии истеҳсолотро дар корхонаи базавӣ таъмин мекунанд, номбар кунед.

➢ Истифодаи дастгоҳҳои автоматии муҳофизатиро дар зиндагӣ ва дар корхонаҳое, ки дар вақти экскурсия дар онҳо будед, мисол биёред.

➢ Аз рӯйи нақша принсипи амали танзимкунандаҳои автоматиро шарҳ диҳед. Таъйиноти функсионалии элементҳои ҷудогонаи он аз чӣ иборат аст?

**3). Шиносоӣ бо мазмуни мавзӯъ:** Омӯзгор дар лексияи хурди худ дар бораи иқтисодиёт, ташкили истеҳсолот ва ташкили меҳнат дар корхона маълумот медиҳад.

Ҳалли вазифаҳои тезонидани тараққиёти иҷтимоию иқтисодии мамлакат, афзоиши некӯаҳволии одамон ҳарҷониба баланд бардоштани самаранокии истеҳсолотро талаб мекунад. Баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот, яъне бо харҷи камтарин ба даст овардани натиҷаҳои баландтарини хоҷагӣ мебошад. Ин дар навбати худ чунин маъно дорад, ки хоҷагиро бояд чунон пеш бурд, ки ҳар як сомонӣ ба истеҳсолот гузошташуда, яъне маблағи барои ашёи хом, сарфшуда натиҷаи бештар диҳад.

Ду роҳи тараққиёти истеҳсолот мавҷуд аст : экстенсивӣ ва интенсивӣ. Роҳи аввал аз ҳисоби зиёд кардани миқдори корхонаҳо, сехҳо ва қитъаҳои онҳо, замини кишт, ҷалб кардани қувваи нави коргарӣ, масолеҳ ва ғайра васеъ кардани истеҳсолот мебошад. Роҳи дуюм – ба даст овардани ҳамон натиҷа аз ҳисоби истифодаи технология, техникаи мукаммалтар, ташкили бехтарӣ истеҳсолот, мустаҳкам кардани интизом, истифодаи сарфаю сариштакоронаи захираҳои мавҷуда мебошад.

Бо тамоми тараққиёти пешинаи хоҷагии халқ мамлакат барои интенсивонии ҳамаҷонибаи истеҳолот заминаҳи зарурии объективӣ барпо карда шуда буданд: иқтидори афзудаи иқтисодӣ, вусъати тадқиқоти илмӣ, тайёр кардани кадрҳои баландихтисоси коргарӣ, мутахассисон, олимон, роҳбарони хоҷагӣ.

Вақти корӣ ченаки муҳимтарини сарфи меҳнат мебошад. Самаранокии сарфи меҳнат *ҳосилнокии меҳнат* мебошад. Вай бо миқдори маҳсулот, ки дар воҳиди вақт истеҳсол шудааст, ифода меёбад.

Ҳосилнокии меҳнат ба омилҳои бисёр вобаста аст: ба ҷорӣ кардани техникаи нав ва технологияи пешқадам, кам кардани талафи вақти кор аз ҳисоби ташкили бехатари кор, мустаҳкам кардани интизоми меҳнат, баланд бардоштани ихтисоси кормандон ва ғайра.

Баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат омили асосии афзоиши иқтисодӣ, баланд бардоштани некӯахволии халқ мебошад.

Барои он ки истеҳсоли мунтазами маҳсулот ба чунин миқдор ва сифате, ки барои ҷамъият зарур аст, таъмин шавад, раванди истеҳсолот дар корхона бояд дуруст ташкил гардад.

Қисми муҳимтарини таркибии истеҳсолот *ташкили илмии меҳнат* мебошад. Дар доираи корхонаи ҷудогона вай инҳоро пешбинӣ мекунад: ҷорӣ кардани шаклҳои оқилонаи тақсимот ва кооперативонии меҳнат, беҳтар кардани ташкил ва хизматрасонии ҷойи кор, омӯхтан ва паҳн кардани тарзу усулҳои пешқадами меҳнат, беҳтар кардани тайёрӣ ва баланд бардоштани ихтисоси кадрҳо, такмили бамеъёрдорорӣ ва музди меҳнат, беҳтар кардани шароити меҳнат, мустаҳкам кардани интизом ва тарбияи муносибати бошуурона ва эҷодӣ ба меҳнат.

Ташкили меҳнат *инфиродӣ* ва *коллективӣ,* гурӯҳӣ шуда метавонад. Барои истеҳсолот пеш аз ҳама шаклҳои коллективии ташкили меҳнат хос аст. Аз онҳо шакли бригадавии ташкили меҳнат аз ҳама самарабахш мебошад. Дар сурати чунин ташкили меҳнат аксар пудрати бригадавиро ба кор мебаранд. *Меъёри вақт* – вақте ки ба тайёр кардани воҳиди маҳсулот ё иҷрои як амалиёт муқаррар карда шудааст. Меъёри вақт ба ҳисоби соат, дақиқа, сония муайян карда мшавад.

*Меъёри коркард* - миқдори маҳсулот (ба ҳисоби тонна, метр, дона ва ғайра) ё амалиёт, ки бояд коргар дар воҳиди вақт ба ҷо оварад. Ин меъёр мумкин аст ба фосилаҳои мухталифи вақт (соат, баст, моҳ) муқаррар карда шавад.

Ташкили дурусти фазои корӣ ба вуҷуд овардани шароити хеле мусоидро барои кор дар назар дорад. Ҳавои тоза, ҳарорати мувофиқ, рӯшноии дуруст ва ранги ашёи атроф, набудани садову овозҳо, реҷаи оқилонаи кор барои кайфияти хуби одам, кам кардани хастагиву мондашавӣ, пас барои зиёд кардани ҳосилнокии меҳнат заруранд.

**4). Кори амалӣ.** Омӯзгор ба хонандагон кори амалиро супориш медиҳад.

**Қадамҳо:**

1. Ҳосилноки меҳнати худро дар маркази таълими истеҳсолӣ (устохонаи таълимии мактаб) ҳисоб кунед.
2. Ҳолати ҷойи кории худро таҳлил кунед.

**5). Мустаҳкамкунӣ.**

❖ Фарқи ба таври пайваста ва экстенсивӣ пеш бурдани хоҷагӣ аз чӣ иборат? Барои чӣ дар мамлакат мо роҳи интенсивонии истеҳсолот пеш гирифта шудааст?

❖ Арзиши аслии маҳсулот аз чӣ таркиб меёбад? Инро дар мисоли маснуот мушаххас шарҳ диҳед. Усулҳои имконпазири кам кардани арзиши аслии маснуотро номбар кунед.

❖ Дар маркази таълимии истеҳсолӣ реҷаи сарфакорӣ чӣ тавр ба амалӣ ё тадбиқ мешавад?

❖ Ташкили илмии меҳнат чист? Нуқтаҳои асосии онҳо дар мисоли КТИ, сехи таълимӣ, корхонаи базавӣ шарҳ диҳед.

❖ Моҳияти шаклҳои коллективонаи ташкили меҳнат аз чӣ иборат?

❖ Дар корхонаи базавии мактаби Шумо, дар комбинати таълими истеҳсолӣ, сехи таълими истеҳсолии кадом бригадаҳо кор мекунанд?

❖ Фарқи байни шаклҳои музди меҳнати корбайъ ва вақтбайъ аз чӣ иборат аст? Барои додани музди меҳнати шумо дар КТИ, сехи таълимӣ, дар корхона кадом шакли музди меҳнат кор фармуда мешавад? Оё коэффитсенти иштироки меҳнати дар КТИ, сех, корхонаи шумо истифода бурда мешавад?

**6). Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати саҳми гузоштаи хонандагонро қадр кунед.**

**7). Арзёбӣ.** Дар ҷараёни дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед *(мувофиқи натиҷаи арзёбии мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш гузошта мешавад).*

| **Фаъолият** | **метавонад** | **қисман метавонад** | **наметавонад** |
|---|---|---|---|
| Дар бораи иқтисодиёт, ташкили истеҳсолот ва ташкили меҳнат дар корхона маълумоти васеъ дода метавонад? | | | |
| Ҳосилнокии меҳнати худро эҷодкорона дар устохонаҳои таълимии мактаб ҳисоб карда метавонад? | | | |
| Дар бораи касбҳои вобаста ба соҳаи иқтисодиёт, ки дар истеҳсолот кор мекунанд маълумоти васеъ дода метавонад? | | | |
| Муноситати эҳтиёткоронаи худро нисбат ба техника ташаккул дода метавонад? | | | |

## ДАРСИ 11.

### Мавзӯъ: «Прогресси илмию техникӣ дар истеҳсолот. Роҳҳои асосии тезонидани прогресси илмию техникӣ. Масолеҳи нав ва технологияи ҳозира»

**Барнома**: Самтҳои прогресси илмию техникӣ: ба вуҷуд овардани масолеҳи конструксионӣ ва дигар масолеҳҳо.

**Салоҳиятҳо**:

- Дар бораи равандҳои технологии соҳаи саноат маълумоти васеъ дода метавонад.
- Дар доираи мавзӯъҳои мураккаб ғояи навро эҷод карда метавонад.
- Доир ба касбҳои гуногун маълумоти васеъ дода метавонад.
- Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда онро дар амал ба таври васеъ татбиқ карда метавонад.

**Мақсадҳои дарс:**

- Дар бораи роҳҳои асосии тезонидани прогресси илмию техникӣ, масолеҳи нав ва технологияи ҳозира маълумоти васеъ дода тавонад.
- Ду – се раванди истеҳсолӣ ё амалро дар корхонаҳое, ки дар вақти экскурсияи истеҳсолӣ ба онҳо хонандагон рафта буданд, эҷодкорона таҳлил карда тавонад.
- Оид ба он касбҳое, ки ба ихтироъ кардани масолеҳи нав вобаста мебошад маълумоти васеъ дода тавонад.
- Хусусиятҳои мушоҳидакории худро ташаккул дода тавонад.

**Таҷҳизоти зарурӣ**: китоби дарсӣ, расмҳо, слайдҳо, нурафзо (проектор), наворҳои таълимӣ, овезаҳо оид ба мавзӯъ.

**Методикаи таълим:** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед.

**1). Ташкили дарс:** Дар ин марҳала корҳои зерин ба роҳ монда мешавад:

Тайёр намудани маводди хониш;

Ҳозир-ғоиб кардани хонандагон;

Омода намудани аҳли синф ба дарс.

**2). Такрори дарси гузашта:** Дарсро аз гузоштани масъала оғоз кунед. Бо саволҳои зерин ба хонандагон муроҷиат кунед:

- Фарқи ба таври интенсивӣ ва экстенсивӣ пеш бурдани хоҷагӣ аз чӣ иборат? Барои чӣ дар мамлакати мо роҳи интенсивонии истеҳсолот пеш гирифта шудааст?
- Арзиши аслии маҳсулот аз чӣ таркиб меёбад? Инро дар мисоли маснуот мушаххас шарҳ диҳед. Усулҳои имконпазири кам кардани арзиши аслии маснуотро номбар кунед.
- Дар маркази таълимии истеҳсоли реҷаи сарфакорӣ чӣ тавр ба амал бароварда мешавад?
- Ташкили илмии меҳнат чист? Нуқтаҳои асосии онҳо дар мисоли КТИ, сехи таълимӣ, корхонаи базавӣ шарҳ диҳед.
- Моҳияти шаклҳои коллективонаи ташкили меҳнат аз чӣ иборат?
- Дар корхонаи базавии мактаби Шумо, дар комбинати таълими истеҳсолӣ, сехи таълими истеҳсолӣ кадом бригадаҳо кор мекунанд?

Оид ба саволҳо каме муҳокимаронӣ намуда, донишҳои аз дарсҳои гузашта гирифтаи онҳоро ба хотирашон оваред.

**3). Шиносоӣ бо мазмуни мавзӯъ:** Лексияи хурди омӯзгор оид ба прогресси илмию техникӣ дар истеҳсолот, роҳҳои асосии тезонидани прогресси илмию техникӣ ва масолеҳи нав ва технологияи ҳозира сурат мегирад.

Тезонидани прогресси илмию техникӣ масъалаи асосии сиёсати иқтисодии ҳукумат мебошад. Вазифаи муҳимтарин бо суръат ва миқёсан зиёд ба кор андохтани тамоми

технологияи пешқадам, сифатан дигаргун сохтани қувваҳои истеҳсолкунанда мебошад. Бо ҳамин мақсад ҷамъ овардани захираҳо дар чунин соҳаҳои хеле муҳимми прогресси илмию техникӣ, чунончи, тараққиёти электроника, энергетикаи атомӣ, автоматикунонии комплексӣ, технологияи истеҳсолот ва коркарди масолеҳи нав пешбинӣ шудааст.

Дар саноат мавқеи намоёнро тарзи нави технологияи пешқадам, чунончи, плазмагӣ, лазерӣ, импулсӣ, радиатсионӣ, мембранагӣ ва ғайра ишғол мекунанд. Онҳо бояд ҳосилнокии меҳнатро хеле баланд бардоранд, самаранокии истифодаи захираҳоро зиёд кунанд, энергияталабӣ ва масолеҳталабии истеҳсолотро кам кунанд. Дар кишоварзӣ ҳам дар рустанипарварӣ ва ҳам чорводорӣ гузариш ба технологияи индустриалӣ ва интенсивӣ, тадбиқи усулҳои биотехнология ба амал бароварда мешавад.

Барои техникаи ҳозира бисёр масолеҳи мухталиф талаб карда мешавад, ки хосияти пешакӣ муайяншуда доранд. Масалан, ин масолеҳ бояд ба бори хеле зиёд ё тағйироти зиёди ҳарорат тоб оварда тавонад, хосиятҳои муайяни физикавию химиявӣ дошта бошад (устувори ба таъсири муҳити гуногуни кор, ноқилии хеле баланд ё баръакс, хеле паст ва ғайра). Зарурати он бо шароити мураккаби истифодаи техника, ки дар он вай бояд эътимодияти баланд ва қобилияти кориро нигоҳ дорад, шарҳ дода мешавад. Масалан, киштии кайҳонӣ дар вақти парвоз ларзиш ва бори вазнин, тағйири якбораи ҳароратро аз сар мегузаронад, ба таъсири радиатсияи офтоб дучор мешавад ва ғ. Аз ин рӯ, барои чунин аппаратҳои масолеҳи фавқулсахт ва гармибардор лозим аст. Ин гуна масолеҳ дар табиат амалан вуҷуд надорад. Элементҳои, мухталифи химиявиро ба ҳам пайваста, масолеҳи нав ҳосил кардан мумкин аст, ки хосияти пешакӣ муайяншуда дорад.

Татбиқи равандҳои муттасили технологие, ки бисёр амалҳоро муттаҳид мекунанд, самараи калон медиҳад. Технологияҳои муттасил бо роҳи якҷоякунии амалҳои технологӣ имкон медиҳад, ки аз як ҷой ба ҷойи дигари кор кашонидани масолеҳу ҷузъҳо ва як қатор амалҳои дигари ёрирасон истисно карда шаванд. Масалан, ҳангоми бо усули металлургияи хока сохтани ҷузъҳо аксар равандҳои пресскунӣ ва гудохтанро якҷоя мекунанд: хокаҳои металлро (филиз) дар як вақт пресс мекунанд ва мегудозанд.

Ба истеҳсолоти ҳозира ҷорӣ кардани масолеҳи нав, равандҳои технологии прогрессивӣ,зудтар ҷорӣ кардани технологияи анъанавӣ роҳи асосии баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот дар соҳаи мухталифи хоҷагии халқ мебошад.

**4). Мустаҳкамкунӣ. Бозии “Савол - ҷавоб”**

**Мақсади бозӣ:**

- Инкишофи зиракӣ, тахайюлот, маҳорати таҳлилӣ ва тасдиқ кардани хонандагон.

**Рафти бозӣ:**

- Хонандагон дар назди тахтаи синф дар як қатор меистанд, омӯзгор бо навбат ба ҳар як хонанда тӯбчаро ҳаво медиҳад ва бо баробари он аз мавзӯи нав ё аз мавзӯъҳои гузашта, савол медиҳад. Хонанда тӯбчаро бозмегардонад ва ба савол ҷавоб дода, як қадам ба пеш ҳаракат мекунад. Агар хонанда ҷавоб дода натавонад дар ҷояш меистад. Агар ҷавоби савол пурра набошад, ним қадам ба пеш мебарояд. Дар охир ҳамон хонандае ғолиб дониста мешавад, ки ба ҳамаи саволҳо ҷавоби пурра дода, то ба мизи хонандагии синф расида меравад.

Бо чунин саволҳо бозии мазкур ва мустаҳкамкуниро гузаронидан мумкин аст:

❖ Роҳҳои асосии прогресси илмию техникиро номбар кунед. Онҳо дар корхонаи базавии мактаби шумо чӣ тавр амалӣ мешаванд?

❖ Ҳар як меҳнаткаши мамлакати мо дар кори тезонидани прогресси илмию техникӣ чӣ нақш мебозад?

❖ Прогресси илмию техникӣ ба такмил додани ҷамъияти мо, ҳаёти ҳар як аъзои он чӣ тавр таъсир мерасонад?

❖ Зарурати ҳосил кардани масолеҳи принсипан нав аз чӣ иборат аст?

❖ Технологияи истеҳсолотӣ ба кадом роҳҳо такмил дода мешавад?

❖ Технологияи бепартов ва кампартов чист? Мувофиқи мақсад будани татбиқи онҳоро асоснок кунед.

❖ Дар устохонаҳои мактаби шумо партовҳои металл (филиз) ва чӯбро чӣ тавр кам кардан мумкин аст?

**5). Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро қадр кунед.**

**6). Арзёбӣ.** Дар ҷараёни дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед *(мувофиқи натиҷаи арзёбии мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш гузошта мешавад).*

| **Фаъолият** | **метавонад** | **қисман метавонад** | **наметавонад** |
|---|---|---|---|
| Дар бораи роҳҳои асосии тезонидани прогресси илмию техникӣ, масолеҳи нав ва технологияи ҳозира маълумоти васеъ дода метавонад? | | | |
| Ду – се раванди истеҳсолӣ ё амалро дар корхонаҳое, ки дар вақти экскурсияи истеҳсолӣ ба онҳо хонандагон рафта буданд, эҷодкорона таҳлил карда метавонад? | | | |
| Оид ба он касбҳое, ки ба ихтироъ кардани масолеҳи нав вобаста мебошад маълумоти васеъ дода метавонад? | | | |
| Хусусиятҳои мушоҳидакории худро ташаккул дода метавонад? | | | |

## ДАРСИ 12.

### Мавзӯъ: «Автоматикунонии равандҳои истеҳсолӣ. Мафҳуми системаҳои зудбадали истеҳсолӣ. Техникаи электронии ҳисоб дар истеҳсолот»

**Барнома**: Тадбиқи системаҳои автоматӣ, роботҳои саноатӣ ва манипуляторҳо, хатҳои роторӣ, системаи печони истеҳсолот, сохтани сеҳҳо ва корхонаҳои пурра автоматикунонидашуда, истифодаи намудҳои нави энергия, энергияи офтоб, энергияи чашма.

**Салоҳиятҳо**:

➢ Дар бораи равандҳои технологии соҳаи саноат маълумоти васеъ дода метавонад.

➢ Дар доираи мавзӯъҳои мураккаб ғояи навро эҷод карда метавонад.

➢ Доир ба касбҳои гуногун маълумоти васеъ дода метавонад.

➢ Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, онро дар амал ба таври васеъ татбиқ карда метавонад.

**Мақсадҳои дарс:**

- Дар бораи автоматикунонии равандҳои истеҳсолӣ, мафҳуми системаҳои зудбадали истеҳсолӣ ва техникаи электронии ҳисоб дар истеҳсолот маълумоти васеъ дода тавонад.
- Дар бораи техникаи электронии ҳисоб дар истеҳсолотро эҷодкорона таҳлил ва самаранокии онро муайян карда тавонад.
- Вобаста ба касбҳое, ки дар соҳаи автоматикунонии равандҳои истеҳсолӣ мавҷуд мебошад маълумоти васеъ дода тавонад.
- Дар раванди омӯзиш хусусиятҳои бодиққатиро ташаккул дода тавонад.

**Таҷҳизоти зарурӣ**: китоби дарсӣ, расмҳо, слайдҳо, нурафзо (проектор), наворҳои таълимӣ, овезаҳо оид ба мавзӯъ.

**Методикаи таълим:** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед.

**1). Ташкили дарс:** Дар ин марҳала корҳои зерин ба роҳ монда мешавад:

Тайёр намудани маводди хониш;

Ҳозир-ғоиб кардани хонандагон;

Омода намудани аҳли синф ба дарс.

**2). Такрори дарси гузашта:** Дарсро аз гузоштани масъала оғоз кунед. Бо саволҳои зерин ба хонандагон муроҷиат кунед:

- Роҳҳои асосии прогресси илмию техникиро номбар кунед. Онҳо дар корхонаи базавии мактаби шумо чӣ тавр амалӣ мешаванд?
- Ҳар як меҳнаткаши мамлакати мо дар кори тезонидани прогресси илмию техникӣ чӣ нақш мебозад?
- Прогресси илмию техникӣ ба такмил додани ҷамъияти мо, ҳаёти ҳар як аъзои он чӣ тавр таъсир мерасонад?
- Зарурати ҳосил кардани масолеҳи принсипан нав аз чӣ иборат аст?
- Технологияи истеҳсолотӣ ба кадом роҳҳо такмил дода мешавад?
- Технологияи бепартов ва кампартов чист? Мувофиқи мақсад будани татбиқи онҳоро асоснок кунед.
- Дар устохонаҳои мактаби шумо партовҳои металл (филиз) ва чӯбро чӣ тавр кам кардан мумкин аст?

Оид ба саволҳо каме муҳокимаронӣ намуда, донишҳои аз дарсҳои гузашта гирифтаи онҳоро ба хотирашон оваред.

**3). Шиносоӣ бо мазмуни мавзӯъ:** Омӯзгор ба хонандагон дар ин лаҳзаи дарсӣ дар бораи автоматикунонии равандҳои истеҳсолӣ, мафҳуми системаҳои зудбадали истеҳсолӣ ва техникаи электронии ҳисоб дар истеҳсолот маълумот медиҳад.

Автоматонӣ яке аз самтҳои асосии такмил додани истеҳсолот мебошад. Автоматикунонии васеъ бо ҷорӣ кардани дастгоҳҳои мухталифи автоматӣ, ин инсонро дар кори назорати рафти амалҳои ҷудогонаи технологӣ ва идораи онҳо (дастгоҳҳои нимавтомат, дастгоҳҳои автомат ва ғайра) иваз мекунанд, оғоз ёфта буд.

Дар солҳои охир миқдори зиёди дастгоҳҳо ихтироъ шуда ва дар амал ҷорӣ карда шудааст, ки идоракунии онҳо ба таври автоматӣ аз рӯйи барномаи муайян ба амал бароварда мешавад. Дастгоҳҳои дорои идоракунии барномавӣ дар соҳаҳои мухталифи хоҷагии халқ (мошинсозӣ, асбобсозӣ ва ғ.) ба таври васеъ истифода бурда мешаванд. Онҳо як ё якчанд амали технологиро иҷро карда, ба зудӣ аз як речаи кор ба дигараш гузашта метавонанд ва ғайра.

Ба талаботи тезонидани равандҳои истеҳсолот дастгоҳҳои металлбури серамал (ба ном марказҳои коркардабароянда) ба дараҷаи зиёдтар ҷавоб дода метавонанд. Дастгоҳи серамал мошини мураккаби идоракунии барномавиаш рақамдор мебошад.

Вай масолеҳро қабул мекунад ва ба реҷаи автоматии пешакӣ аз тарафи оператор муайяншуда коркарди тамоми сатҳи ҷузъро хеле дақиқ анҷом медиҳад. Дар сохти чунин мошинҳо ивазкунии автоматии ҷузъҳо, асбоб, назорати автоматии сатҳи коркардашаванда ва дигар амалҳо пешбинӣ шудаанд. Дастгоҳи серамал якчанд дастгоҳҳои металбурро иваз мекунад ва дар натиҷа ҳосилнокии меҳнатро 3-8 маротиба афзун менамояд.

Техникаи электронии ҳисоб ба тамоми соҳаҳои истеҳсолоти моддӣ фаъолона дохил шуда, боиси азнавсозии куллии технология, баланд шудани ҳосилнокӣ ва беҳтар шудани шароити меҳнати одамон мегардад.

Самтҳои асосии истифодаи техникаи электронии ҳисоб дар истеҳсолот – иҷрои корҳои ҳисобкунӣ, нигоҳ доштан ва коркарди ахбор, автоматикунонии истеҳсолот мебошад.

Ҳар истеҳсолот бо иҷрои ҳисобу китоби меҳнатталаб, баъзан хеле мураккаб, масалан, самаранокии ҷорӣ кардани техникаи нав, тартиби хеле оқилонаи таъмини масолеҳ ва ҳамлу нақли маҳсулоти тайёр ва ғайра алоқаманд аст. Вобаста ба хаҷм ва мураккабии корҳои ба ҳисобгтрӣ дар истеҳсолот техникаи электронии ҳисоби гуногунро истифода мебаранд : супер МЭҲ, ки зудамалии онҳо якчанд миллиард амалро дар як сония ташкил медиҳад, компютерҳои инфиродӣ ва микро МЭҲ.

Техникаи электронии ҳисобро ҳамчун маҳзани дониш ҳам истифода бурда мешавад. Илова бар инчунин маҳзан, ки аз он дар ҳар лаҳза оид ба масъалаи диққатҷалбкунанда ҷавоб гирифтан имконпазир аст. Ба “хотира”-и компютерҳои ҳозира маълумотҳои ниҳоят мухталифро ҷой медиҳанд : дар бораи тадқиқотҳои асосӣ, ҳалли нави конструкторӣ, хосияти масолеҳ, реҷаи равандҳои мухталифи технологӣ ва ғайра. Ин имкон медиҳад, системаҳои автоматикунонидаи ахбору маълумотдиҳӣ (АИС) барпо карда шаванд.

Аз солҳои 60-ум сар карда дар саноат ба истифодаи системаҳои баҳисобгирӣ ахборотӣ шурӯъ карданд, ки шартан бонки маълумот меноманд. Онҳо конструкторон, технологҳо, олимонро бо ахбори комплексие, ки барои ҳалли як қатор вазифаҳои истеҳсолӣ ва илмӣ заруранд, таъмин мекунанд. Мақсади барпо кардани чунин воситаҳо бо ахбор таъмин кардани коркарди конструкторӣ ва технологӣ дар соҳаҳои мухталифи саноат мебошад. Таҷрибаи истифодаи системаҳои автоматикунонидаи ахбору маълумотдиҳӣ (АИС) дар самолётсозӣ, электроника, автомобилсозӣ дар бораи хеле кам шудани хароҷот ба тайёрии илмию техникии истеҳсолот, кӯтоҳ шудани мӯҳлати худи коркард шаҳодат медиҳад.

Шумо медонед, ки пеш аз истеҳсоли ҳар маснуот лоиҳаи он кашида мешавад: додани супориши техникӣ, коркарди нақшаҳо, ҳисобу китоби тамоми гиреҳҳо, сохтани модел ё намунаи озмоишӣ, санҷиши он ва ғайра. Лоиҳакашӣ қисми аз ҳама меҳнатталаби ба вуҷуд овардани маҳсулоти нав аст. Баъзан мураккабии коркарди лоиҳа чунон зиёд аст ва мӯҳлати тайёр кардани он чунон тӯл мекашад, ки маснуоти нав то ибтидои истеҳсолот кӯҳна мешавад. Ҳамаи ин татбиқи техникаи электронии ҳисоббарориро дар ин соҳа ба мақсад мувофиқ гардонд. Имконияти МЭҲ барои якҷоя кардани функсияи ҳисобу китоб ва ахбороти асосӣ барпо кардани системаҳои лоиҳакашии автоматикунонида (САПР) гардиданд: МЭҲ ҳисобу китоби пешакиро иҷро мекунад, вариантҳои конструксияро таҳлил карда, бо маснуоти монанди мавҷуда муқоиса мекунанд ва ғайра. Дар комплекс бо МЭҲ автоматҳои зудчопкунанда ва

нақшакаширо истифода мебаранд, ки ба ҳосил кардани нақшаҳои кории ҷузъҳо, схемаҳои монтаж ва ғайра имконият медиҳанд.

Бо ёрии системаҳои лоихакашии автоматикунонида мӯҳлати иҷрои корҳои лоиҳакашӣ кӯтоҳ карда мешаванд. Масалан, агар пеш барои тартиб додани нақшаҳои конструксияхои нави оҳану бетонӣ якчанд ҳафта сарф шавад, холо МЭХ имкон медихад, ки ин кор дар якчанд соат иҷро карда шавад.

**4). Усули «Фишбоун»**

Дар устухони сари моҳӣ муаммо нишон дода шудааст, ки дар матни мавзӯи нав дида баромада мешавад. Дар худи склети моҳӣ устухонҳои қаноти болоӣ – сабабҳои пайдоиши муаммои омӯхташавандаро қайд мекунанд. Дар муқобили устухонҳои қаноти болоӣ устухонҳои қаноти поёнӣ ҷойгир шудаанд, хонандагон дар вақти омӯзиши мавзӯъ далелҳое, ки дар он мазмун инъикос ёфтааст менависанд. Далелҳо ба муаммо равшанӣ ва қиёфаи ҳақиқӣ дар бораи механизми мушаххас медиҳанд. Устухонҳои қанотҳои болоӣ ва поёниро ба қисмҳо ҷудо намуда, маълумотҳои пешниҳодшударо васеъ кардан мумкин аст.

**Намуна:**




**5). Мустаҳкамкунӣ.**

❖ Тахти автоматикунонии ҷузъӣ ва пурраи истеҳсолот чӣ фаҳмида мешавад? Мисолҳо биёред.

❖ Шарҳ диҳед, ки кори анбори автоматикунонида чӣ тавр ташкил карда шудаст.

❖ Зарурати ба вуҷуд овардани системаи зудбадали истеҳсолӣ кадом аст?

❖ Роли модулҳои зудбадали истеҳсолиро дар сохтани системаҳои зудбадали истеҳсолӣ шарҳ диҳед?

❖ Ҷорӣ кардани компютер дар истеҳсолот ба мазмуни фаъолияти меҳнатии коргарон ва хизматчиён чӣ таъсир мерасонад? Маводди экскурсия, ахбори рӯзномаҳо,

маҷаллаҳо, намоишҳои телевизионӣ ва гуфторҳои радиоро ба асос гирифта мисолҳо биёред.

❖ Системаҳои ахбори автоматикунонида чист? Чунин систмаҳоро мисол биёред.

❖ Бартарии системаҳои автоматикунонидаи лоиҳакашӣ бар муносибати анъанавӣ ба лоиҳакашии маснуот дар чист?

**6). Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро баҳогузорӣ кунед.**

**7). Арзёбӣ.** Дар ҷараёни дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед *(мувофиқи натиҷаи арзёбии мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш гузошта мешавад).*

| **Фаъолият** | **метавонад** | **қисман метавонад** | **наметавонад** |
|---|---|---|---|
| Дар бораи автоматикунонии равандҳои истеҳсолӣ, мафҳуми системаҳои зудбадали истеҳсолӣ ва техникаи электронии ҳисоб дар истеҳсолот маълумоти васеъ дода метавонад? | | | |
| Дар бораи техникаи электронии ҳисоб дар истеҳсолотро эҷодкорона таҳлил ва самаранокии онро муайян карда метавонад? | | | |
| Вобаста ба касбҳое, ки дар соҳаи автоматикунонии равандҳои истеҳсолӣ мавҷуд мебошад маълумоти васеъ дода метавонад? | | | |
| Дар раванди омӯзиш хусусиятҳои бодиққатиро ташаккул дода метавонад? | | | |

## ТЕСТ

**1. Саноати металлургӣ чанд навъ мешавад?**

а) 2 навъ
б) 4 навъ
в) 7 навъ

**2. Пӯлод чӣ тавр ҳосил карда мешавад?**

а) дар кӯраҳои конвекторӣ аз чӯяни моеъ бо истифодаи реаксияҳои экзотермикӣ
б) дар кӯраҳои конвекторӣ аз пӯлоди моеъ бо истифодаи реаксияҳои экзотермикӣ
в) дар кӯраҳои мартенӣ аз чӯяни моеъ бо истифодаи реаксияҳои экзотермикӣ

**3. Саноати сабук чист?**

а) маҷмӯи соҳаҳои махсусгардонидашудаи саноат, ки аз навъҳои гуногуни ашёи маснуоти истеъмолӣ умумӣ истеҳсол мекунад

б) маҷмӯи соҳаҳои маориф, ки аз навъҳои гуногун маснуоти истеъмолӣ умумӣ истеҳсол мекунад

в) маҷмӯи соҳаҳои умумигардонидашудаи саноат, ки аз навъҳои гуногуни ашёи маснуоти истеъмолӣ махсус истеҳсол мекунад

**4. Бо усули пневмомеханикӣ зиёда аз чанд % ресмонҳои пахтагӣ бароварда мешавад?**
а) 60%
б) 76 %
в) 79%

**5. Мошинаҳои ресандагиро киҳо идора мекунанд?**
а) коргарони ресанда
б) коргарони дузанда
в) коргарони бурранда

**6. Мошина чист?**
а) механизм ё маҷмӯи механизмҳои ҳаракатнок буда, як намуди энергияро ба дигар намуди энергия мубаддал мекунад, ё ягон кори фоиданокро иҷро менамояд.
б) механизм ё маҷмӯи механизмҳои ҳаракатнок буда, як намуди ҳаракатро ба энергия мубаддал мекунад, ё ягон кори фоиданокро иҷро менамояд.
в) мошинае, ки ягон кори фоиданокро иҷро менамояд.

**7. Мошинаҳо ба чанд гурӯҳ ҷудо карда мешаванд?**
а) ба 2 гурӯҳ
б) ба 4 гурӯҳ
в) ба 5 гурӯҳ

**8. Вобаста ба соҳаҳои истифодабарӣ мошинаҳо ба чанд хел ҷудо мешаванад?**
а) ба 11 хел
б) ба 15 хел
в) ба 17 хел

**9. Ба таркиби кадом саноат соҳаҳои нафт, ангиштсанг ва газ дохил мешаванд, ки инҳо асосан дар қаъри замин ҷойгир мешаванд?**
а) саноати сӯзишворӣ
б) саноати ресандагӣ
в) саноати сабук

**10. Дараҷаҳои пухтарасии ангишт чанд навъанд?**
а) 3 навъ
б) 4 навъ
в) 10 навъ

**11. Ба сифати сӯзишворӣ чиҳоро истифода бурдан мумкин аст?**
а) торф ва қабатҳои сӯзанда, сӯзишвории сунъӣ-кокс
б) моеъ, оташ, торф
в) сӯзишвории сунъӣ-кокс, оташ, газ

**12. Зерпойгоҳҳои трансформаторӣ барои чӣ хизмат мекунанд?**
а) барои баланд кардани шиддати ҷараён ва кам кардани гумшавии ҷараён, пешгирии гармшавии ноқилҳо ва дигар қисматҳои ҷараёнгузар
б) барои пешгирии гармшавии ноқилҳо ва дигар қисматҳои ҷараёнгузар
в) барои мӯътадил нигоҳдории гармӣ ва сардӣ

**13. Номгӯй ва мазмуни ҳуҷҷати технологӣ бо кадом стандарти давлатӣ муқаррар карда мешавад?**
а) Системаи ягонаи ҳуҷҷати технологӣ (ЕСТД)
б) Системаи умумии ҳуҷҷати технологӣ

в) Ҳуҷҷати техникӣ

**14. Дар кадом харита нисбат ба харитаҳои маршрутӣ иҷрои ҳар як амалиёти ҷудогона мувофиқи гузаришҳо тасвир карда мешавад?**

а) харитаи амалиёт
б) харитаи технологӣ
в) харитаи техникӣ

**15. Дар давраи васлкунӣ чанд марҳаларо фарқ кардан мумкин аст?**

а) ду марҳала
б) 4 марҳала
в) 5 марҳала

**16. Мошинаро чӣ ба кор медарорад?**

а) муҳаррик
б) қисмҳои эҳтиётӣ
в) марғула

**17.Асбобҳо мувофиқи принсипи амал чӣ хел мешаванд?**

а) механикӣ, электрикӣ, гидравликӣ, оптикӣ, муштарак
б) механикӣ ва электромеханикӣ
в) физикӣ, кимиёвӣ, электрикӣ

**18.Калимаи “реле”-ро маънидод кунед.**

а) калимаи франсавӣ-маънояш «иваз кардан»
б) калимаи олмонӣ-маънояш «тағйир додан»
в) калимаи франсавӣ-маънояш «иваз накардан»

**19.Чанд роҳи тараққиёти истеҳсолот мавҷуд аст ва кадомҳо?**

а) экстенсивӣ ва интенсивӣ
б) экстенсивӣ ва эксонсивӣ
в) интенсивӣ ва техникӣ

**20.Қисми муҳимтарини таркибии истеҳсолотро чӣ ташкил медиҳад?**

а) ташкили илмии меҳнат
б) ташкили меъёрии меҳнат
в) ташкили меҳнат

*Эзоҳ: Ҷавоби дуруст варианти “а” мебошад.*

## ДАРСИ 13.
## Мавзӯъ: «Интихоби касб. Шавқу завқ ва рағбат. Қобилият ва коршоямӣ Нисбат ба касб»

**Барнома**: Қобилиятҳои умумӣ ва махсуси одамон, шароити ошкоркунӣ ва инкишофи онҳо дар ҷараёни фаъолияти таълимӣ ва меҳнатӣ. Идора ва нақши он дар интихоби касб. Маълумот дар бораи қобилияти корӣ ба касб ва услуби шахсии фаъолияти меҳнатӣ. Сифатҳои муҳимми касбии шахс, роҳи ташаккул ва такмили онҳо.

**Салоҳиятҳо**:

- Дар доираи мавзӯъҳои мураккаб ғояи навро пайдо карда метавонад.
- Доир ба касбҳои гуногун маълумоти васеъ дода метавонад.
- Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, онро дар амал ба таври васеъ татбиқ карда метавонад.

**Мақсадҳои дарс:**

- Шароити самараноки интихоби касбро таҳлил карда, аз рӯйи қоидаҳои асосии интихоби касб касби ба худ писандро интихоб карда тавонад.
- Шавқу завқ ва рағбати худро таҳлил намуда, вобаста ба он касб ё ихтисоси дилхоҳро интихоб кунад.
- Сифатҳои таҳлилии худро инкишоф дода тавонад.

**Таҷҳизоти зарурӣ**: китоби дарсӣ, овезаҳои давраҳои инкишофи шавқу завқ, шароити самараноки интихоби касб, таъсири шавқу завқ, рағбат ва қобилият ба интихоби касб, ҷадвали таснифоти завқ, робитаи сифати шахс, дониш, маҳорат ва малака, завқияти касбӣ ва азму самти он.

**Методикаи таълим:** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед.

**1). Ташкили дарс:** Дар ин марҳала корҳои зерин ба роҳ монда мешавад:

Тайёр намудани маводди хониш;

Ҳозир-ғоиб кардани хонандагон;

Омода намудани аҳли синф ба дарс.

2). **Такрори дарси гузашта:** Дарсро бо истифода аз бозии «Номи касбро ёбед» оғоз намоед.

Ин бозӣ барои инкишофи хотира ва тасаввуроти фазоии хонандагон аҳамияти калон дорад. Аз тарафи омӯзгор ба хонандагон саволҳои дар поён овардашуда дода мешавад. Хонандагон бояд номи касбро муайян намоянд.

**Мақсадҳои бозӣ**

- ✓ Ғанӣ гардонидани тасаввуроти фазогии хонандагон;
- ✓ Мустаҳкамкунии хотираи хонандагон;
- ✓ Тарбия намудани хонандагон ба интихоби бошуурона касбинтихобкунӣ;
- ✓ Тарбияи мушоҳидакории хонандагон.

**Қадамҳои истифода бурдани бозӣ**

- ➢ Аз тарафи омӯзгор оид ба ягон намуди касб маълумотҳо хонда мешавад;
- ➢ Баъди хондани маълумотҳо хонандагон бояд номи касбро муайян намоянд;
- ➢ Дар вақти муайяншуда аз тарафи омӯзгор ҷавобҳо ҷамъ карда шуда, холҳо муайян карда мешавад.

**Намуна.**

А. Самтҳои асосии истифодаи техникаи электронии ҳисоб дар истеҳсолотро медонад. Иҷрои корҳои ҳисобкунӣ, нигоҳ доштан ва коркарди ахборро иҷро карда метавонад. Вобаста ба ҳаҷм ва мураккабии корҳои ҳисобу китоб дар истеҳсолот техникаи электронии ҳисоби гуногунро истифода бурда метавонад. Ба хотираи компютерҳои ҳозира аломатҳои ниҳоят мухталифро ҷой медиҳад. Фаъолияти корияшон хеле мураккаб мебошанд. *(Эзоҳ: Ҷавоб: барноманавис дар истеҳсолот)*

**Дар натиҷа хонандагон:**

- ➢ Барои интихоби касб омода мешавад;
- ➢ Оид ба касбҳои гуногун маълумоти пурра мегиранд;
- ➢ Таснифоти касбҳоро меомӯзанд.

**Тавсия ба омӯзгор:** Ин бозиро дар синфи 8 ва 9 баъд аз боби касбинтихобкунӣ гузаронидан мумкин аст.

**3). Шиносоӣ бо мазмуни мавзӯъ:** Лексияи хурди омӯзгор маълумотҳоеро дар бар мегирад, дар он оид ба интихоби касб, шавқу завқ, рағбат, қобилият ва коршоямӣ нисбати касб муфассал истода мегузарад:

Дар қарорҳои Ҳукумат ва суханрониҳои Раиси Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оиди ба таври куллӣ тезонидани суръати тағйироту такмил додани интихоби касбии ҷавонон эътибори махсус дода шуда, мактабҳои маълумоти умумӣ ҳамчун ҷузъи муҳим дар ҳалли ин масъала дониста мешаванд.

Дар ҳақиқат, дар остонаи мактаб насли наврас  бо олами касбу ҳунар шинос гардида, ба ҳар гуна фаъолияти  меҳнатӣ шавқу завқ зоҳир менамояд ва дар натиҷа бо хусусиятҳои психофизиологии худ ошно мегардад.

Фаъолияти касбинтихобкунӣ, ки ҳангоми илмандӯзӣ дар мактаб ва берун аз он ба сомон мерасад, бояд инкишофи хусусиятҳои инфиродӣ (шахсӣ) ва қобилияти эҷодкории ҳар як хонандаро  таъмин намуда, самти касбии ӯро бо ягонагии манфиати шахсию давлатӣ пайваста созад.

Дар зери мафҳуми шавқу завқ хусусияти маърифатии инсон ба ин ё он ашё фаҳмида мешавад. Шавқу завқ ба интихоби касб маънои муносибати хуб нисбат ба соҳаи муайяни меҳнат, саъю кӯшиш ба идрок ва фаъолият мебошад.

Шавқу завқ аз рӯйи мазмун, вусъат, давомият ва амиқӣ доранд. Мазмун ва вусъати шавқу завқ ифодакунандаи доираи назар ва илмдӯстии шахс мебошад. Амиқӣ ва давомияти шавқу завқ бошад, устувории онҳоро ифода мекунад.

Агар шавқу завқ бо формулаи "донистан мехоҳам" ифода карда шавад, дар он сурат рағбат – "амал кардан мехоҳам" мешавад. Хондани китобҳо дар бораи ҳайвонот, тамошои боғи ҳайвонот ва барномаи телевизионии "Дар олами ҳайвонот"-ро дӯст доштан як тарафи масъала буда, дар раванди кори ҳаррӯза аз олами ҳайвонот бархурдор  бурдан чизи дигар аст.




*Шароити самараноки интихоби касб*

Қоидаҳои асосии интихоби касб

6. Омӯзиши касбҳои гуногун (адабиётҳоро оид ба ихтисос омӯз, бо одамони касбу кори гуногун ошно бигард, ба мавзеҳои истеҳсолӣ сайр намо ва ғайра).

7. Шахсияти худро биомӯз (завқ, хоҳиш, шавқ, қобилият. Ҳолати саломатӣ, хусусияти рӯҳӣ ва ғайра).

8. Ҳангоми касб интихоб намудан, онро дуруст биомӯз, маслиҳати омӯзгоронро бигир, бо духтурон, падару модар, мутахассисон маслиҳат намо.

9. Имконияти дар фаъолияти худ санҷидани қувваю дониш оид ба касби интихобкардаат пайдо намо. (иҷрои машғулият  аз рӯйи касб, иштирок дар маҳфилҳои касбӣ, махфилҳо, ҷамъомадҳо ва ғайра).

10. Донишу малакаи касбиатро бо фаъолияти амалиат муқоиса намуда, ба интихоби интиҳоии касб соҳиб шав.




*Таъсири шавқу завқ, рағбат ва қобилият ба интихоби касб*

Қобилият чист? "Қобилият – чунин хусусияти психологии инсон аст, ки аз босамарона дарёфтани дониш, малака, маҳорат вобаста мебошад ва лекин худи онҳо мақсади доштани донишу маҳорату малакаҳо надоранд".

Намудҳои гуногуни қобилиятро фарқ намудан мумкин: аз он ҷумла содатарин ва мураккаб, умумӣ ва хусусӣ.

Қобилияти содатарини умумӣ - чунин қобилиятшиносӣ, ки гарчи ба ҳамагон хос бошад, ҳам лекин на ҳамеша дар фаъолияти босамари инсон дида мешавад; масалан, зиракӣ (хушфаҳмӣ), накукорӣ ва ғайра; Соддаю хусусӣ -қобилият нисбати наздикон буда, лекин барои ҳамагон хос нест; масалан, назардиди амиқ, тасаввуроти фазогӣ, азёдкунии механикӣ ва ғайра. Қобилияти умумии мураккаб ин қобилият нисбати меҳнат, муомилаи сухан кардан, омӯзиш ва тарбия ба ҳисоб меравад. Қобилияти касбии мураккаби хусусӣ раванди самаранокии касбомӯзӣ ва ташаккул додани он аст. Ин чунин хосияти шахс аст, ки аз он сифати фаъолияти касбӣ вобаста мебошад.

Самти касбии шахс гуфта, яке аз паҳлуҳои муҳимми фаъолиятро мефаҳманд, ки онҳо дар завқ, хоҳишмандӣ ва азму идеали шахсӣ ифода мeёбад. Самтнокии касбӣ ин фаъолияти омӯхташуда ва мақсадноки шахс ба ҳисоб меравад.




*Алоқамандии сифати шахс, дониш, маҳорат ва малака, завқияти касбӣ ва азму самти он*

Маҳорати касбӣ-ин ҳамсамти касбӣ бо якҷоягии баҳодиҳии мусбат нисбати қобилияти худ мебошад.

| Қобилияти умумӣ | Қобилияти махсус. |
|---|---|
| Интеллекти коршоямии муттарақӣ. Талабот оиди илмандӯзӣ, дониш, маҳорату малака ва ғайра. | Омӯзгорӣ, адабию суханшиносӣ, техникӣ, риёзӣ, варзиш, маҳорати бадеӣ. |

**4). Кори амалӣ**: "Оё ман худамро медонам?" Талаботро оиди касби омӯзгорӣ ба эътибор гирифта ба саволҳои зерин ҷавоб диҳед:

а) Шумо худро ба сифати омӯзгор аз рӯйи ихтисоси интихоб кардаатон дар кадом дараҷа тасаввур менамоед?

б) Аз кадом сифатҳои касбӣ аллакай бархӯрдор гаштаед?

в) Оё шумо ба дониши амиқ, маҳорату малакаи омӯзгорӣ соҳиб шудаед? Интихоби касби худро чӣ тавр баҳо медиҳед?

**5). Мустаҳкамкунӣ.** Ба саволҳои анкетае, ки бо мақсади муайян кардани самти касбии шумо сохта шудааст ҷавоб гардонед:

- ❖ Кадом касб ба ту писанд аст?
- ❖ Касби ояндаатро чӣ тавр дарк намудӣ?
- ❖ Касби интихобкардаат аз кадом ҷиҳат бароятон писанд?
- ❖ Муносибати волидайн оид ба ният ё ҳадафи шумо?
- ❖ Пас аз хатми синфи IX хонданро дар куҷо идома додан мехоҳӣ?

**6). Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро баҳо диҳед.**

**7). Арзёбӣ.** Дар ҷараёни дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед *(мувофиқи натиҷаи арзёбии мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш гузошта мешавад).*

| **Фаъолият** | **метавонад** | **қисман метавонад** | **наметавонад** |
|---|---|---|---|
| Эҷодкорона шароити самараноки интихоби касбро таҳлил карда, аз рӯйи қоидаҳои асосии интихоби касб ихтисоси дӯстдоштаи худ интихоб карда метавонад? | | | |
| Шавқу завқ ва рағбати худро таҳлил намуда, вобаста ба он ягон касбро интихоб мекунад? | | | |
| Сифатҳои таҳлилии худро инкишоф дода метавонад? | | | |

## ДАРСИ 14.
## Мавзӯъ: «Саломатӣ ва интихоби касб. Роҳҳои соҳибихтисос гардидан. Нақшаҳои ҳаётӣ ва касбӣ»

**Барнома**: Саломатӣ ва интихоби касб. Мутобиқати мазмун ва шароити меҳнат ба имкониятҳои ҷисмонии одам. Мамониатҳои тиббӣ дар интихоби касб. Мустаҳкам кардани саломатӣ мутобиқи талаботи касб. Роҳҳои соҳиб шудан ба ихтисос. Тайёрии касбии хонандагон дар комбинати таълимию истеҳсолии байнимактабӣ ва сехҳои таълимии корхона. Соҳиб шудан ба касбҳои коргарӣ бидуни ҷудоӣ аз истеҳсолот дар омӯзишгоҳҳои миёнаи касбҳои техникии ҷумҳурӣ.

**Салоҳиятҳо**:

- Дар доираи мавзӯъҳои мураккаб ғояи навро эҷод карда метавонад.
- Доир ба касбҳои гуногун маълумоти васеъ дода метавонад.
- Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда онро дар амал ба таври васеъ татбиқ карда метавонад.

**Мақсадҳои дарс:**

- Барои коршоямии касбӣ ҳар гуна бемориҳоро таҳлил карда тавонад.
- Дар бораи системаи тайёр намудани мутахассисони касбӣ маълумоти васеъ дода тавонад.
- Тарбияи касбинтихобкунии худро ташаккул дода тавонад.

**Таҷҳизоти зарурӣ**: китоби дарсӣ, овезаҳои ҷадвали ташкили коршоямии касбӣ барои ҳаргуна касбҳо, ҷадвали системаи тайёрнамудани мутахассисони касбӣ, ҷадвали роҳҳои соҳиб шудан ба касб.

**Методикаи таълим:** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед.

**1). Ташкили дарс:** Дар ин марҳала корҳои зерин ба роҳ монда мешавад:

Тайёр намудани маводди хониш;

Ҳозир-ғоиб кардани хонандагон;

Омода намудани аҳли синф ба дарс.

**2). Такрори дарси гузашта:** Дарсро аз бозии «Кӣ касби зиёдро медонад» оғоз кунед.

Бозии «Кӣ касби зиёдро медонад» -ро дар қисми такрори дарси гузашта ва қисми мустаҳкамкунии дарс гузаронидан мумкин аст.

Мақсадҳои бозӣ:

- ғанӣ гардонидани тасаввуроти хонанда оид ба намудҳои касб;
- мустаҳкамкунии хотираи хонандагон;
- тарбия намудани хонандагон ба тарбияи бошууронаи касбинтихобкунӣ;
- Тарбияи фикри дигаронро гӯш карда тавонистан.

Қадамҳои истифодаи бозӣ:

- Аз тарафи омӯзгор нақшаи тавсифи касб пешниҳод карда мешавад;
- Баъди хондани маълумот хонандагон бояд дар бораи касбҳое, ки оид ба он маълумот доранд шарҳ медиҳанд;
- Касе, ки дар вақти муайяншуда дар бораи номгӯйи зиёди касбҳо маълумот медиҳад, ӯ ғолиб ҳисобида мешавад.
- Аз тарафи омӯзгор ҷавобҳо ҷамъ карда шуда холҳо муайян карда мешаванд.

**Намунаи нақшаи тавсифи касб:**

Бозии «Кӣ касби зиёдро медонад» ин бозиро ин тавр ба сомон расонидан мумкин; дар асоси нақшаи пешниҳодшуда ҳар як хонанда фикру андешаи худро оид ба касбҳо баён месозад:

**7.** Мазмуни меҳнат;
**8.** Бояд донад;
**9.** Сифатҳои муҳимми касбӣ;
**10.** Талаботҳои квалификатсионӣ;
**11.** Маҳдудиятҳои тиббӣ;
**12.** Муассисаҳои таълимӣ.

**Намуна:**

**Устои роҳи оҳан**

1. Мазмуни меҳнат:

Нақшакашӣ, ташкил ва роҳбарӣ ба корҳои таъмиру нигоҳдории ҷории роҳи оҳан ва иншоотҳои сунъии хурд; дарёфт, хабардиҳӣ ва бартараф намудани сабабҳои вайроншавии роҳи оҳан; таъмини мунтазамӣ ва бехатарии ҳаракати қаторахо; баҳисобгирӣ ва ҳисоботдиҳӣ барои қисми роҳ муайяншуда; идора намудани дрезинаҳо (вагончаҳои таъмирии роҳи оҳанӣ); роҳбарӣ ба кори техникаи барфтозакунӣ.

2. Бояд донад:

Қоидаҳо ва технологияи бурдани кори таъмирӣ ва нигоҳдории сохтори болоии роҳи оҳан, сатҳи заминӣ, иншоотҳои сунъӣ, гузаргоҳҳо, таҷҳизотҳои роҳӣ ва аломатӣ, тартиби нақшакашӣ ва ташкили ин гуна корҳо; намудҳо ва таъйиноти мошинаҳо ва механизмҳои роҳӣ, асбобҳои назоратию ченкунанда; қоидаҳои истифодабарии техникии роҳҳои оҳан ва дастурамалҳо оиди аломатҳои роҳ, ҳаракати қатораҳо ва таъмини бехатарии ҳаракат ва ғайра.

3. Сифатҳои муҳимми касбӣ:

- қобилиятҳои муоширатӣ;
- ҳисси масъулиятнокӣ;
- қобилиятҳои ташкилотчигӣ;
- биниш ва шунавоии хуб;
- фарқ кардани рангҳо;
- реаксияи тез.

4. Талаботҳои квалификатсионӣ:

- маълумоти олӣ.

5. Маҳдудиятҳои тиббӣ:

- вайроншавии функсияҳои аппарати такягоҳӣ-ҳаракатӣ;
- бемориҳои дил;
- бемориҳои беҳушшавӣ;
- биниш ва шунавоии бад.

6. Муассисаҳои таълимӣ:

Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. Осимӣ, шаҳри Душанбе (ДТТ).

Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд (ДПДТТХ).

**3). Шиносоӣ бо мазмуни мавзӯъ:** Дар лексияи хурд омӯзгор чунин маълумотҳоро ба хонандагон пешниҳод менамояд:

Ба саволи «Оё касбу кор нисбати саломатии шахс таъсири номатлуб расонида метавонад?»- мебоист ҳангоми ҷавоб додан андешаи духтуронро, оид ба таъсири манфӣ расонидани ҷараёни меҳнат ё ки муҳити истеҳсолот ба саломатии одамро дар madди

назар дорад, зеро ки дар чунин маврид имконияти ӯ ба талаботи касбу кор ҷавобгӯй нест. Ин ҳолатро бо мисолҳои ҳаётӣ тасдиқ намудан айни муддаост.

Аз ҳамин лиҳоз дар мамлакати мо ба ҳифзи саломатӣ ва меҳнати ноболиғон эътибори махсус дода мешавад. Одатан ба фаъолияти меҳнати наврасони синну солашон ба 16 расида ва ба таври истисноъ –наврасони 15 соларо ҷалб намуда мешаванд.

Давомоти рӯзи кори ҳафтаи шашрӯза барои наврасони 16-18сола ба миқдори 6 соат, барои наврасони 15-16 сола ва шогирдони инфиродиву таълими бригадавӣ- ба миқдори 4 соат таъйин шудааст.

Таҷрибаҳо нишон додааст, ки барои хонандагон яке аз сабабҳои хусусии маҳдудияти касбӣ – пеш аз ҳама тағйироти ба вуҷуд омадаи аппарати такягоҳу ҳаракат , тағйироти қобилияти биниши чашм, шунавоӣ ва баъзан тағйироти системаи асаб нисбат ба меъёр ва узвҳои дарунӣ ба ҳисоб.

Барои пешгирии хасташавӣ истироҳати фаъол, самаранокии ҳаракати меҳнатӣ ва тағйир додани фаъолияти меҳнатӣ дар ҷараёни меҳнат аҳамияти калон дорад.

Коршоямии касбӣ – ин системаи ба ҳам мутобиқшавии «одам-касбу ихтисос» ба ҳисоб меравад. Коршоямии касбӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки характери инсон ба касби интихобкардааш монанд мешавад. Ҳоло чор дараҷаи коршоямии касбиро ҷудо кардан мумкин аст:

- номувофиқ будан нисбати касб (тағйирот дар вазъи саломатӣ ва сифати шахсӣ, ки ба соҳиби касб шудан монеа мегардад).
- коршоями нисбати касб (мавҷуд набудани мухолифат).
- мувофиқати шахс ба касб (дорои сифатҳои махсуси корӣ ва мавҷуд набудани мухолифат).
- мувофиқати шахс нисбати касб.

Тайёрии касбии ибтидоӣ – ин ҷараёни омӯзиш ва тарбия, ки хонандагонро ба худмуайянкунии касбӣ ва ташаккулдиҳандагии он водор месозад.

Ин масоил аз рӯйи самтҳои зерин иҷро мегардад:

- ташаккулдиҳии санҷидашудаи касбӣ;
-мусаллаҳ гардидан бо донишу малакаи ибтидоии касбӣ.
-ташаккулдиҳии касбӣ нисбати сифатҳои муҳимми шахсӣ.

Интихоби касб мақсаднок, ҷараёни муташаккил буда, он мутобиқи нақшаи муайян бояд иҷро карда шавад.

Нақшаи касбӣ –ин сикли пайдарҳамии фаъолияти шахс оид ба сознон додани стратегияи касбии худмуайянкунӣ ва ташаккулдиҳӣ ба ҳисоб меравад.

Баробари амиқтар гардидани шавқу завқи касбӣ, андӯхти дониш доир ба касб, маҳорату фаъолиятии амалӣ баъзан тағйир ёфта, боз ҳам ба ҳақиқат наздиктар мешавад. Нақшаҳои касбӣ аз рӯйи якчанд марҳалаҳо сознон меёбад. Дар марҳалаи аввал нақшаи иҷроиш оид ба тадбир расонидани интихоби пешакии касбӣ пешбинӣ мегардад.

Дар марҳалаи дуюм оид ба аниқтар намудани масъалаи интихоби касб ва муайян кардани хоҳиши касбӣ чораҳо андешида мешавад.

Марҳалаи сеюм роҳҳои азхуднамоии касб, баландшавии дараҷаи касбӣ ва ғанигардии тахассусиро дар бар мегирад.

**4). Кори амалӣ.** Оид ба мавзӯи «Касби ояндаи ман» реферат навишта шавад.

Пайдоиши касбу ихтисос ва моҳияти онҳо дар замони ҳозира; Маҳсулоти онҳо.

Хусусияти мазмун, шароити меҳнат

Талаботи касб нисбат ба шахс.

Намояндагони беҳтарини касби интихобкарда.

Барои чӣ ҳамин касб ба ман писанд аст.

Ин касбро дар куҷо омӯхтан мумкин.

Барои омӯхтани ин касб кадом чораҳоро меандешам.

Реферат бояд зебо ва босифат тайёр карда шавад. Пас аз баромад реферат дар кабинети Профориентатсия нигоҳ дошта мешавад.

Нақшаи касбии худро аниқ намудан ва муайян сохтани муҳлати мушаххаси амалӣ гардонидани он.

**4). Мустаҳкамкунӣ.**

- Шахсони чанд сола ба кор қабул карда мешаванд?
- Муҳлати давомнокии рӯзи кории ноболиғон аз чанд соат иборат аст?
- Барои ноболиғони касалии тарбод (ревматизм) дошта кадом корҳо иҷозат дода намешавад?
- Коршоямии касбӣ аз чанд дараҷа иборат аст?
- Самтҳои тайёрии касбии аввалиндараҷаро номбар кунед.
- Тайёрии коргаронро дар истеҳсолот кӣ назорат менамояд?
- Ба хатмкунандагони Омӯзишгоҳҳои касбӣ-техникӣ чӣ гуна ҳуҷҷат дода мешавад?
- Таҳти мафҳуми нақшаи касбӣ шумо чиро мефаҳмед?
- Марҳалаҳои ташаккули нақшаи касбро гуфта диҳед.
- Сохтори нақшаи касбиро номбар кунед.

**5). Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро қадр кунед.**

Омӯзгор ҷавобҳои хонандагонро ба назар гирифта, арзёбӣ менамояд ва баҳо мегузорад. Камбудӣ ва беҳбудии корашонро муаррифӣ менамояд.

**6). Арзёбӣ.** Дар ҷараёни дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед *(мувофиқи натиҷаи арзёбии мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш гузошта мешавад).*

| **Фаъолият** | **метавонад** | **қисман метавонад** | **наметавонад** |
|---|---|---|---|
| Дар бораи сохти чароғи тафсониш, патрон, калид ва вилкаи штепселӣ маълумот дода метавонад? | | | |
| Эҷодкорона намудҳо ва таъйиноти симҳо ва изоляторҳоро таҳлил карда метавонад? | | | |
| Оид ба касб техник-электромеханик маълумоти мушаххас дода метавонад? | | | |
| Дар раванди корҳои амалӣ фикронии техникии худро инкишоф дода метавонад? | | | |

**ТЕСТ**

**1. Маънои шавқу завқ ба интихоби касб**

а) дилбастагӣ нисбат ба соҳаи муайяни меҳнат, саъю кӯшиш ба дарки моҳияти ягон навъи фаъолият

б) вусъат, давомият ва амиқӣ

в) устуворӣ, хоҳишмандӣ

**2. Шавқу завқ бо кадом формула ифода карда мешавад?**

а) *"донистан мехоҳам"*

б) *"амал кардан мехоҳам"*

в) *"шавқ дорам"*

**3. Ба ташаккулёбии факторҳои қобилият чиҳо таъсир мерасонад?**

а) ирсият ва муҳит

б) муҳити гирду атроф

в) хоҳиши волидайн

**4. Маҳорати касбӣ чист?**

а) ҳамсамти касб бо якҷоягии баҳодиҳии мусбат нисбат ба қобилияти худ

б) ҳамсамти касб бо якҷоягии баҳодиҳии манфӣ нисбати қобилияти худ

в) ҳамсамти касб бо якҷоягии баҳодиҳии мусбат нисбати касби худ

**5.Чанд дараҷаи коршоямии касбӣ вуҷуд дорад?**

а) 4 дараҷа

б) 5 дараҷа

в) 7 дараҷа

**6. Мӯҳлати таҳсил дар ОКТ барои хонандагони маълумоти миёнаи нопуррадошта чанд сол мебошад?**

а) 3 сол

б) 5 сол

в) 1 сол

**7. Системаи дидактикии таълим дар ОКТ аз чанд унсур иборат мебошад?**

а) аз 3 унсур

б) аз 5 унсур

в) аз 6 унсур

**8.Нақшаҳои касбӣ аз рӯйи чанд марҳала созмон меёбанд?**

а) аз се марҳала

б) аз чор марҳала

в) аз панҷ марҳала

**9. Мафҳуми "коршоямӣ"-ро маънидод намоед.**

а) маънои биологӣ дошта, нишондоди фаъолияти одам ва ҳайвонотро бо ҳампайвастагӣ меомӯзад

б) маънои биологӣ дошта, нишондоди фаъолияти ҳайвонотро бо ҳампайвастагӣ меомӯзад

в) маънои кимиёвӣ дошта, нишондоди фаъолияти одам ва ҳайвонотро бо ҳампайвастагӣ меомӯзад

**10. Мафҳуми “қобилияти меҳнат” -ро маънидод намоед.**

а) маънои иҷтимоӣ дошта, аз рӯйи тафтиши меҳнатӣ ба тамоми фаъолияти инсон баҳо медиҳад

б) маънои иқтисодӣ дошта, аз рӯйи тафтиши меҳнатӣ ба тамоми фаъолияти инсон баҳо медиҳад

в) маънои иҷтимоӣ дошта, аз рӯйи тафтиши касбӣ ба тамоми фаъолияти инсон баҳо медиҳад

**11. Барои духтарони синну солашон 16-18 сола меъёри интиҳоии кашонидани бори вазнаш то чанд кг пешбинӣ шудааст?**

а) 10-25 кг

б) 11-27 кг

в) 10-30 кг

**12. Рузи корӣ барои наврасони 16-18 сола ба миқдори чанд соат таъйин шудааст?**

а) 6 соат

б) 7 соат

в) 10 соат

**13. Кадом намудҳои гуногуни қобилиятро фарқ кардан мумкин аст?**

а) содатарин ва мураккаб, умумӣ ва хусусӣ

б) мураккаб ва хусусӣ

в) хусусӣ ва содатарин

**14. Дар мамлакати мо чанд шакли асосии додани музди меҳнат вуҷуд дорад?**

а) корбайъ ва вақтбайъ

б) соатбайъ ва вақтбайъ

в) корбайъ, вақтбайъ ва соатбайъ

**15. Ташкили меҳнатро номбар кунед?**

а) инфиродӣ ва гурӯҳӣ (коллективӣ)

б) инфиродӣ

в) гурӯҳӣ (коллективӣ)

**16. Самаранокии сарфи меҳнат дар чист?**

а) ҳосилнокии меҳнат

б) ҳосилнокии даромади оилавӣ

в) ҳосилнокии буҷет

**17. Дар интенсивонии истеҳсолот амалӣ гардонидани қарорҳои прогрессивии хоҷагӣ чӣ нақши калонро мебозад?**

а) банақшагирӣ

б) самаранокӣ

в) зудаҳаииятӣ

**18. Намудҳои нақшаҳои хоҷагии халқро номбар кунед.**

а) дарозмуддат, панҷсола ва солона

б) дарозмуддат ва кутоҳмуддат

в) яксола ва дусола

**19.Қисми муҳимми ташкили илмии меҳнатро чӣ ташкил медиҳад?**
а) ташкили дурусти ҷойи кор
б) интихоби дурусти касб
в) ташкили дурусти меҳнат

**20.Бидуни азнавсозии механизми хоҷагӣ бе чӣ номумкин аст?**
а) бе фаъол гардонидани омили инсон прогресси илмию техникӣ
б) бе фаъол гардонидани омили инсон прогресси техникӣ
в) бе фаъол нагардонидани омили инсон прогресси илмию техникӣ

*Эзоҳ: Ҷавоби дуруст варианти “а” мебошад.*

## ДАРСИ 15.

**Мавзӯъ: «Асосҳои иқтисодии оила. Иқтисодиёти оила дар ҳаёти иқтисодии ҷамъият»**

**Барнома**: Истеҳсолот ва иқтисодиёт. Мақсад ва вазифаҳои иқтисодиёт. Иқтисодиёти хона. Оила ҳамчун ячейкаи аввалини иқтисодӣ – иҷтимоии ҷамъият. Фаҳмиши умумӣ, мақсад ва вазифаҳои иқтисодиёти оила.

**Салоҳиятҳо**:
- Дар доираи мавзӯъҳои мураккаб ғояи навро эҷод карда метавонад.
- Доир ба касбҳои гуногун маълумоти васеъ дода метавонад.
- Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, онро дар амал ба таври васеъ татбиқ карда метавонад.

**Мақсадҳои дарс:**
- Захираҳои иқтисодии оиларо тартиб дода тавонад.
- Дар бораи касби муҳосиб маълумоти васеъ дода тавонад.
- Хусусиятҳои сарфакориро дар худ тарбия карда тавонад.

**Таҷҳизоти зарурӣ**: китоби дарсӣ, овезаҳои гардиши воситаҳо дар ҳаёти иқтисодии ҷамъият ва ғайра.

**Методикаи таълим:** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед.

**1). Ташкили дарс:** Дар ин марҳала корҳои зерин ба роҳ монда мешавад:
Тайёр намудани маводди хониш;
Ҳозир-ғоиб кардани хонандагон;
Омода намудани аҳли синф ба дарс.

2). **Такрори дарси гузашта:** Дарсро аз гузоштани масъала оғоз кунед. Бо саволҳои зерин ба хонандагон муроҷиат кунед:
- Шахсони чанд солдошта ба кор қабул карда мешаванд?
- Давомнокии рӯзи кории ноболиғон аз чанд соат иборат аст?
- Барои ноболиғони бемории тарбод (ревматизм) дошта кадом корҳо иҷозат дода намешавад?
- Коршоямии касбӣ аз чанд дараҷа иборат аст?
- Самтҳои тайёрии касбии аввалиндараҷаро номбар кунед.
- Тайёрии коргаронро дар истеҳсолот аз тарафи кӣ назорат бурда мешавад?
- Ба хатмкунандагони Омӯзишгоҳҳои касбӣ-техникӣ чӣ хел ҳуҷҷат дода мешавад?
- Таҳти мафҳуми нақшаи касбӣ шумо чиро мефаҳмед?
- Марҳалаҳои ташаккули нақшаи касбро гуфта диҳед.
- Сохтори нақшаи касбиро номбар кунед.

Оид ба саволҳо муҳокимаронӣ намуда, донишҳои аз дарсҳои гузашта андухтаи онҳоро ба хотирашон оваред.

**3). Шиносоӣ бо мазмуни мавзӯъ:** Дар лексияи хурд омӯзгор оид ба асосҳои иқтисодии оила ва иқтисодиёти оила дар ҳаёти иқтисодии ҷамъият маълумоти мухтассар барои хонандагон пешниҳод мекунад.

Аксарияти хонандагон дар оила ба воя мерасанд. Онҳо дар оила тарбия мeёбанд, истироҳат мекунанд, неру ҷамъ менамоянд, мушкилию нобарориҳои зиндагиро аз сар мегузаронанд, якҷоя бо хешу табор аз комёбию муваффақиятҳо хурсанд мешаванд, таҷрибаи ҳаётии волидайн, бародарон, хоҳарон, бобою бибиро ёд мегиранд, бо роҳҳои тарбияи кӯдакон ошно мегарданд.

Дар шароити иқтисоди бозоргонӣ донистани асосҳои иқтисодиёти оила аҳамияти махсус талаб мекунад. Ҳар як инсон бояд дар он имкониятҳояшро барои зиндагӣ дар муҳити рақобатпазир ба таври шоиста истифода барад. Ба ин кор инсон бояд аз кӯдакӣ омода шавад. Пулро чӣ тавр кор кардану чӣ тавр харҷ кардан зарур аст? Захираҳои гуногун, аз ҷумла оилавиро чӣ тавр оқилона истифода бурдан лозим аст? Вақти холӣ чӣ тавр бояд истифода шавад? Ба ҳамаи суолҳо ва бисёр суолҳои дигар шумо дар ҳамин китоб ҷавоб меёбед.

Дар замони ҳозира бекорӣ авҷ мегирад. Бо ин масъала бисёр давлатҳои ҷаҳон рӯ ба рӯ мешаванд. Вале агар инсон дар шароити хоҷагии оилавӣ истеҳсоли молу хизматҳоро ташкил карда тавонад, вай худаш ва оилаашро бо ризқу рӯзӣ таъмин карда метавонад.

Дар бисёр оилаҳо вазифаҳои меҳнатӣ нобаробар тақсим шудааст. Қисми зиёди кор ба уҳдаи модар вогузор мегардад. Ин нодуруст аст. Оқилона тақсим кардани меҳнати ҳамаи аъзои оиларо ёд гирифтан лозим аст. Ин китоб ба шумо, хонандагони азиз, маҳз ҳамин корро ёд мегирад.

Дар аввал калимаи «экономика» (аз юнонӣ «oikonomike»- идора кардани хоҷагӣ) маънии маҳорату қобилияти рӯзгордориро дошт, вале тадриҷан маънии ибтидоии калима аз байн рафт. Алҳол калимаи экономика маънои идора кардани хоҷагии калонро мефаҳмонад. Ин вожа ба забони тоҷикӣ бо калимаи арабии «иқтисод» ё «иқтисодиёт» тарҷума мешавад. Маънои аслии калимаи «иқтисод», «сарфаю сириштакор будан», «эътидолро нигоҳ доштан», «сарфакорӣ кардан» мебошад. Рафта-рафта вожаи иқтисодиёт низ маънои идора кардани хоҷагии калонро ба худ гирифт.

Дар назди иқтисоди оила вазифаҳои зерин меистанд:

Нисбатан пурра қонеъ гардонидани талабот ва эҳтиёҷоти ҳамаи аъзои оила.

Истифодаи оқилонаи захираҳои оилавӣ.

Нақшагирӣ ва сарфаи воситаю вақт.

Дар рӯзгордорӣ истифода бурдани ҳисоби хоҷагӣ ва ташкили илмии меҳнат.

**Вазифаҳои оила.** Оид ба муайян кардани вазифаҳои оила муносибатҳои гуногун мавҷуданд. Дар ҳамаи ҷамъиятҳо оила вазифаҳои зеринро иҷро мекунад: репродуктивӣ, иқтисодӣ, тарбиявӣ, рекреативӣ, коммуникативӣ (танзимӣ).

- Вазифаи репродуктивӣ
- Сиёсати демографӣ
- Вазифаи тарбиявии оила
- Вазифаи рекреативӣ
- Вазифаҳои коммуникативӣ
- Вазифаи танзимӣ низоми танзими муносибатҳои байни аъзои оила
- Вазифаи иқтисодӣ

Қисмҳои таркибии вазифаи иқтисодӣ:

- Ташкили истеъмолӣ оилавӣ ва бурдани хоҷагии оила
- Андӯхтани амволи хусусии оила ва таъмини ворисияти он
- Фаъолияти молиявӣ оид ба ташаккул ва истифодаи буҷаи оилавӣ
- Иштироки аъзоёни оила дар истеҳсолоти ҷамъиятию кооперативӣ.
- Таҷдиди тавлиди инсон

**4). Усули "Чархофалаки ақидаҳо"**

Усули “Чархофалаки ақидаҳо” барои ташаккул додани сифатҳои таҳлилӣ ва ҷустуҷӯйи хонандагон ёрӣ мерасонад. Хонандагон пешниҳодҳои худро баён карда метавонанд, ки дар натиҷа нутқи онҳо инкишоф меёбад.

**Мақсади усул:**

- ✓ Инкишоф додани тафаккури мантиқӣ;
- ✓ Мустаҳкамкунии хотира
- ✓ Мустаҳкам кардани донишҳо оид ба мавзӯъҳои нав
- ✓ Бедор намудани шавқ оид ба муаммоҳои иқтисодии оила
- ✓ Ташаккул додани завқи ҷустуҷӯ намудан, ёфтан

**Қадамҳои истифодаи бозӣ:**

6. Омӯзгор хонандагони синфро ба чор зергурӯҳи 4-5 нафара тақсим карда ба ҳар як зергурӯҳ хонандаи беҳтаринро ҳамчун сардор таъйин мекунад.
7. Ба ҳар як аъзои зергурӯҳ варақаи тоза тақсим карда шуда, ба ҳамаи аъзоёни зергурӯҳ як савол дода мешавад. Ҳамаи иштирокчиёни зергурӯҳ бидуни маслиҳат бо ҳамдигар ақидаҳои худро нисбати саволи пешниҳодшуда ба варақа менависанд.
8. Варақаҳо бо навиштаҷот дар меъёри муайяни вақт аз рӯйи ақрабаки соат ва аз рӯйи давра ба зергурӯҳҳои ҳамсоя дода мешавад. Ҳангоми гирифтани варақа бо навиштаҷоти ақидаҳо, ҳар як иштирокчӣ бояд нисбат ба навиштаҷоти мавҷудбуда ақидаи худро такрор накарда иншо нависад. Фаъолият ҳамон вақт ба итмом мерасад, ки ба ҳар як иштирокчии зергурӯҳ варақаи худ давр гашта ояд. Дар ин давра ақидаҳои иншошуда таҳлил ва баҳодиҳӣ карда мешаванд.
9. Дар ҳар як зергурӯҳ мубоҳисаи ақидаҳои дигар иштирокчиён, ки дар он рӯйхати ҷамъбасти ақидаҳои асосӣ ва актуалии пешниҳодшударо мавриди мубоҳиса қарор медиҳад.
10. Додугирифти натиҷаҳои ақидаҳои коркардшуда. Ҳамаи зергурӯҳҳо бо навбат рӯйхати ақидаҳои ҷамъбастиро пешниҳод мекунанд. Агар навиштаҷотҳо норозигии дигар зергурӯҳҳо дучор нашавад, онҳо ба ҷамъбасти ақидаҳои ниҳоӣ дохил карда мешаванд.

**Намуна:**

Аз тарафи омӯзгор муаммо гузошта мешавад: *“Дар назди иқтисоди оила чӣ гуна вазифаҳо меистад?”*

Иштирокчиёни зергурӯҳҳо (омӯзгор *хонандагонро ба чор зергурӯҳ тақсим мекунад)* ба саволи гузошташуда, ақидаҳои худро бе такрор кардани пайдарҳамӣ иншо мекунанд.

Масъалан:

5. Нисбатан пурра қонеъ гардонидани талабот ва эҳтиёҷоти ҳамаи аъзои оила.
6. Истифодаи оқилонаи захираҳои оилавӣ.
7. Нақшагирӣ ва сарфаи воситаю вақт.
8. Дар рӯзгордорӣ истифода бурдани ҳисоби хоҷагӣ ва ташкили илмии меҳнат.

Ҳамаи сардорони зергурӯҳҳо бо навбат рӯйхати ақидаҳои ҷамъбастиро пешниҳод мекунанд. Агар навиштаҷотҳо норозигии дигар зергурӯҳҳо дучор нашавад, онҳо ба ҷамъбасти ақидаҳои ниҳоӣ дохил карда мешаванд.

**Дар натиҷа хонандагон:**

- ❖ Қобилияти дар гурӯҳ кор кардани худро инкишоф медиҳанд;
- ❖ Ақидаҳои худро мустақилона иншо мекунанд;
- ❖ Донишҳои мавҷудаашонро мустаҳкам мекунанд;
- ❖ Дар гурӯҳ кор карда, фикри якдигарро мешунаванд;
- ❖ Бо ҳамдигар мубоҳиса менамоянд.

**Тавсия ба омӯзгор:** Ин усулро дар шакли бозӣ, ё мусобиқа низ гузаронидан мумкин аст. Хонандагонро ба гурӯҳҳо ҷудо карда, барои ҳар як ҷавоби дуруст холгузорӣ кунед. Гурӯҳе, ки соҳиби холҳои зиёд мегардад, ғолиб мебарояд. Ҳангоми дар шакли бозӣ, ё мусобиқа гузаронидани ин усул, хонандагони фаъолро ба зергурӯҳҳо баробар тақсим намоед. Ин усулро дар лаҳзаи мустаҳкамкунии мавзӯи нав гузаронидан мувофиқи мақсад аст.

**4). Кори амалӣ**: Омӯзгор хонандагонро ба гурӯҳҳо тақсим намуда, вазифагузорӣ мекунад.

**Зергурӯҳи 1.**

Рӯйхати захираҳои оилаатонро тартиб дода, натиҷаашро ба ҷадвал дароред:

| **Намуди захира** | | | |
|---|---|---|---|
| **физикӣ** | **моддӣ** | **молиявӣ** | **технологӣ** |
| | | | |

**Зергурӯҳи 2.**

Дар яке аз мавзӯъҳои зер иншои мухтасар нависед:

4. Оилаи ман
5. Сарвати инсон дар чист?
6. Оилаи ояндаатонро чӣ хел дидан мехоҳед?

**Зергурӯҳи 3.**

1. Дар мавзӯи «Оила дар иқтисоиёт» кроссворд тартиб диҳед.
2. Таърифи оилаи пешниҳодкардаи А.С. Макаренкоро, ки дар матни боло зикр шуд, шарҳ диҳед.

**5). Мустаҳкамкунӣ.**

- ❖ Маънои аслии калимаи «экономика» ва «иқтисодиёт» чист?
- ❖ Захира гуфта чиро мефаҳмед?
- ❖ Мамлакати мо дорои чӣ хел захираҳо мебошад?
- ❖ Таъйиноти иқтисодиёти оиларо чун илм шарҳ диҳед.
- ❖ Оила дорои кадом захираҳост?
- ❖ Вазифаҳои оила гуфта чиро мефаҳмед?
- ❖ Вазифаҳои асосии оиларо номбар кунед.
- ❖ Қисмҳои таркибии асосии вазифаи иқтисодиро номбар созед.
- ❖ Оилаи шумо ба кадом намуди оила тааллуқ дорад, муайян созед.

**6). Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро баҳогузорӣ кунед.**

Омӯзгор ҷавобҳо ва кори амалии хонандагонро ба назар гирифта, арзёбӣ менамояд ва баҳо мегузорад. Камбудӣ ва беҳбудии корашонро муаррифӣ менамояд.

**7). Арзёбӣ.** Дар ҷараёни дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед *(мувофиқи натиҷаи арзёбии мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш гузошта мешавад).*

| **Фаъолият** | **метавонад** | **қисман метавонад** | **наметавонад** |
|---|---|---|---|
| Эҷодкорона захираҳои иқтисодии оиларо тартиб дода метавонад? | | | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| Дар бораи касби муҳосиб маълумоти васеъ дода метавонад? | | | |
| Хусусиятҳои сарфакориро дар худ тарбия карда метавонад? | | | |

## ДАРСИ 16.
## Мавзӯъ: «Талаботи оила»

**Барнома**: Талаботи оила. Гуногунии талаботи оила. Талаботи асосии оила. Таснифи талабот “Пирамидаи талабот”-и А.Маслоу. Талаботи ашёии оқилона. Таснифи талаботи ашёӣ. Талабот ба манзил. Усулҳои қонеъ гардонидани талабот ба манзил.

**Салоҳиятҳо**:

- Дар доираи мавзӯъҳои мураккаб ғояи навро эҷод карда метавонад.
- Доир ба касбҳои гуногун маълумоти васеъ дода метавонад.
- Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, онро дар амал ба таври васеъ татбиқ карда метавонад.

**Мақсадҳои дарс:**

- Гуногунии талаботро аз рӯйи “Пирамидаи талабот”-и А.Маслоу таҳлил карда тавонад.
- Оид ба касбҳое, ки вобаста ба талаботи оила мебошанд маълумоти васеъ дода тавонад.
- Сарфаву сариштакориро дар талаботи оила риоя карда метавонад.
- Ташаккули тарбияи муносибати эҷодӣ ба меҳнат.

**Таҷҳизоти зарурӣ**: китоби дарсӣ, овезаҳои талаботи асосии оила, таснифи талабот, “Пирамидаи талабот”-и А.Маслоу, Таснифи талаботҳои ашёӣ, талабот ба манзили ҳозиразамон, усулҳои қонеъ гардонидани талабот ба манзил.

**Методикаи таълим:** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед.

**1). Ташкили дарс:** Дар ин марҳала корҳои зерин ба роҳ монда мешавад:

Тайёр намудани маводди хониш;

Ҳозир-ғоиб кардани хонандагон;

Омода намудани аҳли синф ба дарс.

2). **Такрори дарси гузашта:** Дарсро аз гузоштани масъала оғоз кунед. Хонандагонро ба ду зергурӯҳ тақсим кунед. Бо саволҳои зерин ба хонандагон муроҷиат кунед:

**Зергурӯҳи 1.**

- Маънои аслии калимаи «экономика» ва «иқтисодиёт» чист?
- Захира гуфта чиро мефаҳмед?
- Мамлакати мо дорои чӣ хел захираҳо мебошад?
- Таъйиноти иқтисодиёти оиларо чун илм шарҳ диҳед.
- Оила дорои кадом захираҳост?
- Вазифаҳои оила гуфта чиро мефаҳмед?

**Зергурӯҳи 2.**

- Вазифаҳои асосии оиларо номбар кунед.
- Қисмҳои таркибии асосии вазифаи иқтисодиро номбар созед.
- Оилаи шумо ба кадом намуди оила тааллуқ дорад, муайян созед.
- Оила чист?
- Дараҷаи некуаҳволӣ гуфта чиро мефаҳмем?
- Нақши оиларо дар тараққии рушди истеҳсолоти мамлакат шарҳ диҳед.

Оид ба саволҳо каме муҳокимаронӣ намуда, донишҳои аз дарсҳои гузашта гирифтаи онҳоро ба ёдашон биоваред.

**3). Шиносоӣ бо мазмуни мавзӯъ:** Омӯзгор  лексияашро худ ба хонандагон дар бораи талаботи оила маълумот пешниҳод мекунад.

Талабот – зарурати идрокшудаи дар ихтиёр доштани ягон чизи моддӣ ё маънавӣ аст. Истеҳсоли русии «потребность» аз калимаи славянии қадими «потреба» «требети» ба вуҷуд омада, маънои «амал кардан барои ба даст даровардани чизи матлуб»-ро дорад. «Потребность» ба тоҷикӣ «талабот» тарҷума мешавад, ки аз калимаи арабии «талаб» ба маънои чизеро хостан, дархост буда, чун истилоҳи иқтисодӣ шакли ҷамъи он «талабот» ба кор меравад. Бинобар ин истифодаи калимаи «талаботҳо» нодуруст аст.

Ҳангоми тартиб додани номгӯйи талаботи оила ва муайян намудани навбати қонеъгардонии онҳо мо бояд оқилона будани талаботро ба назар гирем. Ҳар инсон, бояд барои қонеъ гардонидани талаботи худ  нағз меҳнат карда, пули хуб кор кунад. Сандуқи талабот ба мушкилӣ кушода мешавад. Ҳар инсон бояд эҳсоси худмаҳдудкунӣ ва таносуби талаботи шахсӣ бо ҷамъиятӣ дошта бошад.

Саъдӣ мегӯяд: «Мол аз баҳри осоиши умр аст, на умр аз баҳри гирд кардани мол». Оқилеро пурсиданд:  «Некбахт кист ва бадбахт чист?» Гуфт: «Некбахт он ки хӯрду кишт ва бадбахт он ки мурду ҳишт» Биёед мо низ аз рӯйи фармудаи Саъдӣ амал кунем.

Талаботи моддию  маънавиро фарқ кардан лозим аст. Ба талаботи моддӣ - ғизо, манзил, либос дохил мешаванд, ки онҳо асоси дигар талабот мебошанд.

Ба талаботи маънавӣ - талаботи ба фарҳанг, санъат, муошират, дониш мансубанд.

Талаботи мутлақ – талаботе, ки қонеъ гардонидани онҳо дар ҳамин дараҷаи инкишофи илм, техника ва истеҳсолот имконпазир аст. Масалан, талаби харидани автомобил.

Талаботи воқеӣ он талаботест, ки бо имкониятҳои истеҳсолот муайян мешавад. Масалан, корхонаи мо автомобил истеҳсол карда метавонад.

Ҳақиқӣ – он талаботе, ки имкониятҳои мо онҳоро қонеъ гардонида метавонад. Масалан, мо барои харидани мошин ба қадри кофӣ пул дорем ва онро мехарем.

Албатта хоҳишҳои инсон танҳо бо талаботи моддӣ (ғизо, об, либос, манзил) маҳдуд намегардад. Эҳтиёҷоти ӯ гуногун аст ва бинобар ин психологи амрикоӣ Абраҳам Маслоу «пирамидаи талабот»-ро пешниҳод кард, ки гуногунии онҳоро дар бар мегирад.

**Иерархияи талаботи инсон**




**«Пирамидаи талабот»-и А.Маслоу**

Талаботи ашёии оқилона. «Харидани чизҳои даркорӣ» ибораи хеле аҷиб аст. Оё Шумо метавонед бигӯед, ки кадом чизҳо бароятон заруранд? Ҳамон қадар чизҳои зарурӣ ҳастанд, ки ба харидани онҳо ҳеҷ гуна  моҳона намерасад.

Талабот ба манзил. Талабот ба манзил яке аз талаботи муҳимтарини инсон аст. Ҳанӯз одамони ҷамоаи  ибтидоӣ барои худ маҳалли истиқомат меҷустанд. Онҳо аввал дар ғорҳо, сипас дар хаймаҳо зиндагӣ мекарданд. Тадриҷан манзили инсон зеботару хушрӯйтар гардид. Алҳол бисёр касон мехоҳанд ҳавлиҳои чандошёнаи ҳавздор созанд. Ин талаботи табии инсон мебошад.

**4). Усули «Чархи ақидаҳо»**

Усули «Чархи ақидаҳо» барои гирдоварии миқдори муайяни (4, 6, 8, 12) андешаҳо доир ба мафҳум ё мавзӯъ дар шакли шохаҳои гирдгардон аст. Омӯзгор ин усулро дар мавридҳое истифода мебарад, ки агар масъалаи ҷудо кардани чизҳои нисбатан муҳим ба миён ояд.

*Дар маркази «чарх» мафҳум, савол ё мушкилоти мавзӯи нав навишта мешавад. Вазифаи хонандагон аз он иборат аст, ки ду ё чорнафарӣ кор карда, маълумотҳои доштаашонро оид ба ин мавзӯъ нависанд.*

**Мақсадҳо:**

- ✓ бедор намудани шавқу ҳавас;
- ✓ муайян кардани сарҳади донишҳои мукаммал;
- ✓ муайян кардани донишҳои нопурраи мавҷуда;
- ✓ ҷудо карда тавонистани чизҳои муҳим;
- ✓ инкишофи малакаҳои таҳлил ва хулосабарорӣ.

**Қадамҳои истифода бурдани ин усул:**

5. Дар маркази нақша мушкилот ва ё масъалаеро, ки ҳал кардан зарур аст, нависед.
6. Омӯзгор аз хонандагон хоҳиш менамояд, ки ақидаҳо, ё далелҳои асосиро вобаста ба мушкилот, ё масъалаи дар марказбуда дар шохаҳои чарх қайд кунанд. Агар далелҳо камӣ кунанд, хонандагон метавонанд саволҳои худро вобаста ба мушкилот, ё масъалаи дар марказбуда нависанд.
7. Гурӯҳҳо фаъолияти худро муаррифӣ мекунанд (чунин фаъолият бештар дар кори гурӯҳӣ гузаронида мешавад)
8. Омӯзгор муаррифии гурӯҳҳоро бодиққат гӯш карда, мубоҳиса ташкил менамояд.

**Намуна**:

**Масъала**: *«Дар бораи талаботҳои асосии оила чӣ медонед? Ақидаҳои худро баён кунед.»*




Бояд зикр намуд, ки «Чархи ақидаҳо» метавонад аз *ададҳои гуногун*: бо миқдори 4, 6, 8, ё 12 иборат бошад. Ин аз мақсадҳои мушаххас ва сатҳи омодагии хонандагон вобаста аст.

**Тавсия ба омӯзгор:** Ҳангоми иҷрои супориш хонандагон шояд миқдори муайяншудаи ақидаҳоро пур карда натавонанд. Дар ин ҳолат шумо метавонед ба хонандагон навиштани саволҳоеро, ки онҳо ба он ҷавоб гирифтан мехоҳанд пешниҳод намоед. Муҳим: пурра кардани ҳамаи «ақидаҳо» мебошад. Ин усулро ҳам дар фаъолияти гурӯҳӣ дар ва ҳам дар фаъолияти дунафарӣ истифода бурдан мумкин аст.

**5). Кори амалӣ:** Омӯзгор ба хонандагон кори амалиро супориш медиҳад.

Қадамҳо:

1. Бисанҷед, ки аъзои оилаи Шумо пулро чӣ гуна сарф мекунед?

2. Ба саволҳои тест худатон ҷавоб диҳед ва дар маҷлиси умумии оила ба волидайнатон пешниҳод кунед.

3. Аз рӯйи усули Робинзон харидани сақич, шарбат, банан, себ, чой, нимтанаи тобистонаро таҳлил намоед. Барои ин як варақро ба ду қисм ҷудо карда, «тарафдор» ва «зид»-ро таҳлил намоед.

4. Интерйери хонаи худро таҳия намуда, 2-3 варианти онро иҷро кунед.

**6). Мустаҳкамкунӣ.** Омӯзгор ба хонандагонро ба ду зергурӯҳ тақсим карда

**Зергурӯҳи 1.**

- ❖ Талабот чист?
- ❖ Кадом намудҳои талаботро Шумо медонед?
- ❖ Ба талаботи моддӣ чиҳо мансубанд?
- ❖ Як мисоли талаботи дурӯғин оред.
- ❖ Ба талаботи мутлақ, воқеӣ ва ҳақиқӣ мисолҳо оред.
- ❖ Дараҷаи истеъмолӣ оқилона чист?
- ❖ Ашё ба кадом гурӯҳҳо тақсим мешаванд? Аз ҳар гурӯҳ чандтои ашёро номбар кунед.

**Зергурӯҳи 2.**

- ❖ Меъёри истеъмолӣ оқилона чист?
- ❖ Маҷмӯи оқилонаи ашё гуфта чиро мефаҳмем?
- ❖ Интерйер чист?
- ❖ Ибораи «манзили бофароғат»-ро чӣ хел мефаҳмед?
- ❖ Шартҳои асосии ободонии манзилро номбар кунед.
- ❖ Пайдарпайи ороиши интерйерро номбар кунед.

6). **Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро қадр кунед.**

**7). Арзёбӣ.** Дар ҷараёни дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед *(мувофиқи натиҷаи арзёбии мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш гузошта мешавад)*.

| Фаъолият | метавонад | қисман метавонад | наметавонад |
|---|---|---|---|
| Эҷодкорона гуногунии талаботро аз рӯйи "Пирамидаи талабот"-и А.Маслоу таҳлил карда метавонад? | | | |
| Оид ба касбҳое, ки вобаста ба талаботи оила мебошанд маълумоти васеъ дода метавонад? | | | |
| Сарфакориро дар талаботи оила риоя карда метавонад? | | | |

## ДАРСИ 17.
## Мавзӯъ: «Буҷаи оила. Буҷаи талаба. Таҳлили хароҷоти ҳаррӯза, ҳарҳафтаина, ҳармоҳа ва ҳарсола»

**Барнома**: Буҷаи оила. Тақсимоти буҷа. Китоби хоҷагидорӣ. Бозии амалии буҷаи оила. Буҷаи талаба. Таҳлили хароҷоти ҳаррӯза ва солона.

**Салоҳиятҳо**:

- ➢ Дар доираи мавзӯъҳои мураккаб ғояи навро эҷод карда метавонад.
- ➢ Доир ба касбҳои гуногун маълумоти васеъ дода метавонад.
- ➢ Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, онро дар амал ба таври васеъ татбиқ карда метавонад.

**Мақсадҳои дарс:**

- Тести "Оё Шумо пули оиларо сарф карда метавонед?"-ро эҷодкорона иҷро карда тавонад.

- Дар бораи касбҳои вобаста ба мавзӯъро (соҳибкорон, зиёиён, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, тиб, маориф, алоқа, хизмати иҷтимоӣ ва ғ.) маълумоти васеъ дода тавонад.

- Хусусиятҳои тарбиявии касбии вобаста ба мавзӯъро дарк карда тавонад.

**Таҷҳизоти зарурӣ**: китоби дарсӣ, овезаҳои тақсими даромади умумӣ, таснифи хароҷоти оила, манбаъҳои даромадҳои шахсии шаҳрвандон, алоқаи даромади шахсӣ бо буҷаи давлатӣ, ҷадвалҳои сохтори тахминии буҷаи оила, варианти бурдани дафтари ҳисобдорӣ, таркиби даромади оилавӣ ва намунаи тести "Оё шумо пули оилавиро сарфа карда метавонед?"

**Методикаи таълим:** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед.

1). Ташкили дарс: Дар ин марҳала корҳои зерин ба роҳ монда мешавад:

Тайёр намудани маводди хониш;

Ҳозир-ғоиб кардани хонандагон;

Омода намудани аҳли синф ба дарс.

2). **Такрори дарси гузашта:** Дарсро аз гузоштани масъала оғоз кунед. Бо саволҳои зерин ба хонандагон муроҷиат кунед:

- Талабот чист? Кадом намудҳои талаботро Шумо медонед?
- Ба талаботи моддӣ чиҳо мансубанд? Як мисоли талаботи дурӯғин оред. Ба талаботи мутлақ, воқеӣ ва ҳақиқӣ мисолҳо оред.
- Дараҷаи истеъмолӣ оқилона чист?
- Ашё ба кадом гурӯҳҳо тақсим мешаванд? Аз ҳар гурӯҳ чандтои ашёро номбар кунед.
- Меъёри истеъмолӣ оқилона чист?
- Маҷмӯи оқилонаи ашё гуфта чиро мефаҳмем?
- Интерйер чист?
- Ибораи «манзили бофароғат»-ро чӣ хел мефаҳмед? Шартҳои асосии ободонии манзилро номбар кунед. Пайдарпайи ороиши интерйерро номбар кунед.

Оид ба саволҳо каме муҳокимаронӣ намуда, донишҳои аз дарсҳои гузашта гирифтаи онҳоро ба хотирашон оваред.

**3). Шиносоӣ бо мазмуни мавзӯъ:** Омӯзгор дар лексияи хурд ба хонандагон чунин маълумотҳоро пешкаш мекунад:

**Мафҳуми буҷа.** Маънои таҳтуллафзии калимаи «буҷа» «халтаи пул» аст. Буҷаи оила ин маҷмӯи ҳамаи даромад ва хароҷот дар давраи муайяни вақт (як моҳ ё як сол) аст, ки ба рӯйхат дароварда шудааст.

Ба даромади умумӣ ҳамаи намудҳои даромад (музди меҳнат, роҳхати имтиёзнок ба хонаи истироҳат, мошини сабукрав, гараж) дохил мешаванд.

Даромади пулӣ фақат пулеро дарбар мегирад, ки оила дар давраи муайяни вақт кор кардааст.

Хароҷот – масраф, харҷ, истеъмолӣ ягон чиз ба мақсади мушаххас.

Агар даромад аз хароҷот зиёд бошад, онро изофагӣ мегӯянд. Буҷаи оила бояд дар ҳолати мувозинати дақиқ бошад, зеро ин имкон медиҳад захираҳои оила оқилона истифода шуда, аксарияти талабот қонеъ гардонида шавад. Дар сохтори буҷа бояд андӯхт ва пасандоз пешбинӣ карда шавад, ки дар моддаи «Хароҷот» ба ҳисоб гирифта мешавад.

**Даромад -** пул ё дигар сарвати моддӣ аст, ки аз корхона, фаъолияти ҷамъиятӣ ва ё ягон намуди дигари фаъолият ба даст меояд. Қисми даромади буҷаи оилаи шаҳрвандони Тоҷикистон аз манбаъҳои зерин ташаккул меёбад

**4). Бозии «Паравоз»**

Ин бозӣ барои инкишофи хотира ва ба хотир овардани донишҳои хонандагон аҳамияти калон дорад. Аз тарафи омӯзгор ба хонандагон мафҳумҳо, ғоя, саволҳо вобаста ба мавзӯъро пешниҳод карда мешавад (яъне, паравоз). Хонандагон бояд ба саволҳо ё мафҳумҳо ҷавоби дуруст фикр кунанд (яъне, вагонҳои қатора).

**Мақсадҳои бозӣ**

- ✓ Ғанӣ гардонидани донишҳои нави хонандагон;
- ✓ Мустаҳкамкунии хотираи хонандагон;
- ✓ Ташакули бахотироварии донишҳои пештара;
- ✓ Тарбияи мушоҳидакории хонандагон;
- ✓ Тарбияи тафаккури эҷодӣ.

**Намуна.**

**1.** Аз тарафи омӯзгор чунин савол гузошта мешавад: «Дар бораи даромади буҷаи оила маълумот диҳед?»

**2.** Хонандагон бо навбат фикри худро баён мекунанд;

**3.** Омӯзгор ё ду нафар хонанда ба тахтаи синф маълумотҳои хонандагонро менависанд (*маълумотҳо бояд мушаххас бошанд*);

**4.** Омӯзгор бо хонандагон ҷавобҳоро таҳлил мекунад ва бо навбат яккачин карда, ба вагонҳо менависанд.




**Дар натиҷа хонандагон:**

- ➢ Бо муаммоҳои иқтисодии оила нағз шинос мешавад;
- ➢ Оид ба даромади буҷаи оила маълумоти пурра мегиранд;
- ➢ Нуқтаҳои муҳимми мавзӯъро ба хотир меоранд;
- ➢ Хусусиятҳои таҳлилии онҳо инкишоф меёбад.

Тавсия ба омӯзгор: Ин бозиро дар синфи 5 - 9 баъд аз мавзӯъҳое, ки дар онҳо мавзӯъҳои васеъ ва ба ҳамдигар алоқаманд мавҷуд мебошад гузаронидан мувофиқи мақсад аст.

**4). Кори амалӣ:** Омӯзгор хонандагони синфро ба ду зергурӯҳ тақсим намуда, кори амалиро супориш медиҳад.

Қадамҳо:

**Зергурӯҳи 1.**

1. Варианти бурдани дафтари ҳисобдориро тартиб диҳед.
2. Ба хонандагон пешниҳод намоед , ки ба суолҳои тест ҷавоб диҳанд.
3. Натиҷаи ҷавобҳоро ҷамъбаст кунед. Ба суоли зерин ҷавоб диҳед: чаро натиҷаҳо маҳз чунинанд ва дигар хел нестанд?

**Зергурӯҳи 2.**

1. Дар оилаи шумо воситаҳо чӣ хел сарф мешаванд, таҳлил кунед. Кӯшиш намоед, роҳҳои сарфакории худатонро пайдо кунед.

2. Варианти дафтари ҳисобдориро тартиб диҳед.

3. Арзиши тахминии ҳамаи тӯҳфаҳоро, ки ба шумо ба муносибати 8-март ва Соли нав харидан лозим аст, ҳисоб кунед.

4. Ҳисоб кунед, ки хонапулӣ ва пардохти хизматҳои коммуналӣ кадом қисми буҷаи оиларо ташкил мекунад.

**6). Мустаҳкамкунӣ.** Дар қисми мустаҳкамкунии мавзӯи нав аз бозии **"Занҷир"** истифода намудан мумкин аст. Хонандагонро ба ду зергурӯҳ тақсим намуда, ба ҳар зергурӯҳ саволҳо бо навбат пешниҳод карда мешавад. Кадоме, аз иштирокчиёни зергурӯҳ ба савол ҷавоб гуфта натавонад, занҷир канда мешавад ва ба зергурӯҳи дигар хол дода мешавад. Агар ба саволи зергурӯҳ, ки беҷавоб монда буд, иштирокчиёни зергурӯҳи дигар ҷавоб гӯянд, ба он зергурӯҳ холи боз ҳам баландтар дода мешавад.

**Зергурӯҳи 1.**

❖ Буҷа чист? Даромад гуфта чиро мефаҳмед? Манбаъҳои даромади хоҷагии оилавиро номбар кунед.

❖ Хароҷот гуфта чиро мефаҳмед? Моддаҳои асосии хароҷоти оиларо номбар кунед.

❖ Буҷаи мутавозин чӣ маъно дорад?

❖ Даромад чист? Қисми даромади буҷа аз кадом қисмҳо ташаккул меёбад?

❖ Оила аз рӯйи хислати гирифтани даромад, ба кадом гурӯҳҳои асосӣ ҷудо мешавад?

❖ Сохтори даромади оилаҳои русиягӣ ва амрикоиро муқоиса кунед.

❖ 2. Пардохтҳои ҳатмӣ чиҳоро дарбар мегирад?

❖ Хароҷоти доимию тағйирёбанда гуфта чиҳоро мефаҳмед? Ба хароҷоти тағйирёбанда мисол оред.

❖ Пардохтҳои ҳатмӣ гуфта чиро мефаҳмед?

❖ Андози даромад чист? Онро чӣ тавр ҳисоб мекунанд?

**Зергурӯҳи 2.**

❖ Роҳҳои асосии сарфаи гармӣ ва неруи баркро номбар кунед.

❖ Пасомад ва андӯхт чист?

❖ Усулҳои ҷойгиронии пасандозро номбар кунед.

❖ Пасандози соф аз чиҳо ташаккул меёбад?

❖ Ба саҳмия кадом талабот пешниҳод карда мешавад? Саҳмия аз вомбарг чӣ фарқ дорад?

❖ Бима (суғурта) барои чӣ лозим аст?

❖ Буҷа чист? Намудҳои буҷаро номбар кунед.

❖ Вариантҳои дафтари ҳисобу китоби буҷаи хонадагонро мисол оред.

❖ Моддаҳои хароҷоту даромади хонандагонро таҳлил кунед.

❖ Дафтари ҳисобу китоб барои шумо чӣ манфиат дорад?

**6). Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро қадр кунед.**

**5). Арзёбӣ.** Дар ҷараёни дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед *(мувофиқи натиҷаи арзёбии мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш гузошта мешавад).*

| **Фаъолият** | **метавонад** | **қисман метавонад** | **наметавонад** |
|---|---|---|---|
| Тести "Оё Шумо пули оиларо сарф карда метавонед?"-ро эҷодкорона иҷро карда метавонад? | | | |
| Дар бораи касбҳои вобаста ба мавзӯъро (соҳибкорон, зиёиён, мақомоти ҳифзи | | | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| ҳуқуқ, тиб, маориф, алоқа, хизмати иҷтимоӣ ва ғайра) маълумоти васеъ дода метавонад? | | | |
| Хусусиятҳои тарбиявии касбии вобаста ба мавзӯъро дарк карда метавонад? | | | |

## ДАРСИ 18.

### Мавзӯъ: «Хароҷоти доимӣ ва тағйирёбанда»

**Барнома**: Хароҷотҳои доимӣ ва тағирёбанда. Хароҷотҳо барои газ, қува барқ, ангишт ва дигар намудҳои сӯзишворӣ.

**Салоҳиятҳо**:

- Дар доираи мавзӯъҳои мураккаб ғояи навро эҷод карда метавонад.
- Доир ба касбҳои гуногун маълумоти васеъ дода метавонад.
- Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, онро дар амал ба таври васеъ татбиқ карда метавонад.

**Мақсадҳои дарс:**

- Лоиҳаи афзоиши қисми даромади буҷаи оила ва намунаи дафтари ҳисобу китоби оиларо эҷодкорона тартиб дода тавонад.
- Дар бораи касби муҳосиб маълумоти васеъ дода тавонад.
- Маҳорати таҳлили нишондиҳандаҳои ададӣ ва қонуни тағйирёбии онҳоро ташаккул дода тавонад.

**Таҷҳизоти зарурӣ**: китоби дарсӣ, овезаҳои тақсими даромади умумӣ, таснифи хароҷоти оила, манбаъҳои даромадҳои шахсии шаҳрвандон, алоқаи даромади шахсӣ бо буҷаи давлатӣ, ҷадвалҳои сохтори тахминии буҷаи оила, варианти бурдани дафтари ҳисобдорӣ, таркиби даромади оилавӣ.

**Методикаи таълим:** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед.

**1). Ташкили дарс:** Дар ин марҳала корҳои зерин ба роҳ монда мешавад:

Тайёр намудани маводди хониш;

Ҳозир-ғоиб кардани хонандагон;

Омода намудани аҳли синф ба дарс.

2). **Такрори дарси гузашта:** Дарсро аз гузоштани масъала оғоз кунед. Бо саволҳои зерин ба хонандагон муроҷиат кунед:

- Буҷа чист? Даромад гуфта чиро мефаҳмед? Манбаъҳои даромади хоҷагии оилавиро номбар кунед.
- Хароҷот гуфта чиро мефаҳмед? Моддаҳои асосии хароҷоти оиларо номбар кунед.
- Буҷаи мутавозин чӣ маъно дорад?
- Даромад чист? Қисми даромади буҷа аз кадом қисмҳо ташаккул меёбад?
- Оила аз рӯйи характери гирифтани даромад, ба кадом гурӯҳҳои асосӣ ҷудо мешавад?
- Сохтори даромади оилаҳои русиягӣ ва амрикоиро муқоиса кунед.
- 2. Пардохтҳои ҳатмӣ чиҳоро дарбар мегирад?
- Хароҷоти доимию тағйирёбанда гуфта чиҳоро мефаҳмед? Ба хароҷоти тағйирёбанда мисол оред.
- Пардохтҳои ҳатмӣ гуфта чиро мефаҳмед?
- Андози даромад чист? Онро чӣ тавр ҳисоб мекунанд?

Оид ба саволҳо муҳокимаронӣ намуда, донишҳои аз дарсҳои гузашта гирифтаи онҳоро ба хотирашон оваред.

**3). Шиносоӣ бо мазмуни мавзӯъ:** Лексияи хурди омӯзгор маълумотро дар бораи хароҷоти доимӣ ва тағйирёбандаро дар бар мегирад.

**Доимӣ.** Дар ин маврид хароҷоте дар мадди назар аст, ки дар давоми сол тағйир намеёбад. Масалан, пули маҳфил ё мактаби мусиқӣ, пули наҳорӣ дар ошхонаи мактаб.

**Тағйирёбанда.** Хароҷоти якдафъаина ё давра ба давра ба миёномада. Масалан, харидани кассета, пластинка, тамошои кино.

**Ғайричашмдошт.** Хароҷоте, ки онҳоро ба назар гирифтан ғайриимкон аст. Масалан, шикастани соат, гум шудани ручка ва ғайра. Алҳол барои талаба чизҳои харидании хеле зиёд аст ва аксараш қимат ҳам мебошад. Бинобар ин дуруст тақсим кардани буҷаи худ ва бо буҷаи умумии оила мувофиқ кардани он хеле муҳим аст. Шахсоне, ки мехоҳанд низоми харҷи пулиашонро такмил диҳанд бояд чор қоидаи зеринро дар хотир доранд: Ҳисобу китоб, нақшагирӣ, ташкил ва назорат.

Барои ҳисобукитоби даромаду хароҷот дафтари муҳосиба ташкил кардан зарур. Шумо метавонед нисбат ба дафтари муҳосиба эҷодкорӣ зоҳир намоед. Ба дафтаратон ном гузоред. Масалан, «Қатра-қатра дарё шавад». Дафтарро ба моҳҳо ҷудо карда, дар аввали ҳар моҳ рамз гузоред. Фарз кардем, январ: рамзи соли нав арчаи бо бозичаҳо оро дода. Ҳамаи хароҷотро вобаста ба майлу хоҳишатон ба ҳисобномаҳо ҷудо кунед. Масалан, ҳисобномаи 1- хӯрокхӯрӣ берун аз хона; ҳисобномаи 2 – асбобу анҷоми хатнависӣ; ҳисобномаи 3 – китоб; ҳисобномаи 4 – маркағундорӣ; ҳисобномаи 5 – видеофилм, театр; ҳисобномаи 6 – сексияи варзишӣ, либоси варзишӣ; ҳисобномаи 7 – ширинӣ; ҳисобномаи 8 – тӯҳфаҳо.

Дар охири моҳ ҳамаи даромаду хароҷотро ҷамъ кунед. Аз маблағи даромад хароҷотро тарҳ карда бақияро нависед. Агар он бо бақияи пул дар ҳамёнатон баробар бошад, пас навиштаҳои Шумо дурустанд. Хароҷотатонро тамоми сол сабт кунед. Дар охири сол онро ҷамъбаст намоед, хароҷоти ҳар ҳисобномаро аниқ кунед, фоизи онро дар хароҷоти умумӣ бароред, имкону бузургии пасандозро муайян ва хатоҳоро таҳлил кунед.

Таҳлили дафтари ҳисобу китоб имкон медиҳад: аввал, фаҳмед, ки пулро ба кадом чизҳо сарф кардаед; дуюм, хароҷоту даромадро таҳлил карда, шумо самтҳои сарфаю сариштакориро муайян менамоед; дар асоси хароҷоти воқеӣ пешакӣ буҷаатонро тартиб медиҳед.

**4).Усули «Дарахти ҷавобҳо»**

Усули **«Дарахти ҷавобҳо»** барои гирдоварии миқдори муайяни (4, 6, 8, 12) андешаҳо доир ба мафҳум ё мавзӯъ дар шакли шохаҳои дарахт аст. Омӯзгор ин усулро дар мавридҳое истифода мебарад, ки агар ба мафҳумҳо ва саволҳо якчанд ҷавоб талаб карда шавад.

*Ба хонандагон мафҳум, савол ё мушкилоти мавзӯи нав пешниҳод карда мешавад. Вазифаи хонандагон аз он иборат аст, ки дар зергурӯҳҳо кор карда, маълумотҳои дошташонро оид ба ин мавзӯъ дар шохаҳои дарахт нависанд.*

**Мақсадҳо:**

- ✓ бедор намудани шавқу ҳавас нисбат ба мавзӯъ;
- ✓ муайян кардани сарҳади донишҳои мукаммал;
- ✓ ҷудо карда тавонистани чизҳои муҳим;
- ✓ инкишофи малакаҳои таҳлил ва хулосабарорӣ;
- ✓ ташаккул додани қобилияти ҷустуҷӯ намудани роҳҳои гуногуни ҳалли масъала ё мафҳум.

**Қадамҳои истифода бурдани ин усул:**

- ➢ Аз тарафи омӯзгор савол гузошта мешавад;
- ➢ Хонандагони синф ба се ё чор гурӯҳ баробар тақсим карда шуда, ба онҳо рақамгузорӣ карда мешавад;

➢ Ҳар як зергурӯҳ саволро муҳокима мекунад ва ба баргҳои дарахти худ қайд мекунад (*варақаи калони когаз*);

➢ Зергурӯҳҳо баъди навиштани ҷавобҳо бо зергурӯҳҳои ҳамсоя ҷой иваз мекунанд ва ба баргҳои дарахти ҳамсоя ғояҳои навишташудаи онҳоро ислоҳ ва танқид накарда, ғояи худро менависанд.

➢ Ҷоивазкунии зергурӯҳҳоро дар вобаста ба ҳалли муаммо боз доштан мумкин аст;

➢ Омӯзгор бо хонандагон «Дарахти ҷавобҳо»-ро дар тахтаи синф овехта, ҳалли муамморо кор карда, пешниҳоди худро ироа мекунад;

➢ Аз тарафи омӯзгор дар синф байни зергурӯҳҳо мубоҳиса ташкил карда мешавад (хусусан ҳангоми ҳалли масъалаҳои баҳсталаб);

➢ Ҳалли «Дарахти ҷавобҳо»-ро ҳангоми муҳокимаи ҳалли мусбат (яке аз зергурӯҳҳо) ва манфӣ (зергурӯҳи дуюм) истифода бурдан мумкин аст.

**Намуна**:

**Масъала**: *«Усулҳои истифодаи такрории захираро дар хоҷагии оилавӣ пешниҳод кунед? Ақидаҳои худро баён кунед»* . Масалан: коғаз.

**Барои маълумот:** Ин модда бори аввал дар Чин дар асри 2 то милоди Масеҳ истеҳсол шуда буд. Ва то ҳол он кӯҳна нашудааст, онро ягон моддаи ҳозиразамон танг карда набаровардааст. Аксаран суоле ба миён меояд: қуттиҳои коғазии истифодашудаи ширро, ки асосаш 100% аз селлюлозаи сулфат иборат аст, чӣ кор кунем? Он моеъногузар аст, вале қобили коркарди такрориро надорад.

**Ақидаи иштирокчиёни зергурӯҳҳо:**

❖ Онро дар ошхона истифода бурдан мувофиқ аст. Агар қуттии истифодашудаи ширро тоза шуста, хушк кунед, дар он мураббо ё ҷемро нигоҳ доштан мумкин аст. Ҳавоногузар (герметикӣ) будани онҳо шарт нест, вале дар мавриди зарурӣ бо ёрии дарзмол ё асбоби лаҳимкорӣ ва порчаи полиэтилен канораҳои онро сахт кардан мумкин аст. Дар ин қуттиҳо маҳсулотро тамоми зимистон нигоҳ дошта мешавад.

❖ Қуттии шир ё афшураро ба паҳлӯ гузошта, девораи паҳлӯияшро бурида, ба он хок андохта ягон чиз шинондан мумкин аст. Онро дар назди тирезаи ошхона гузошта метавонед.

❖ Донхӯрак аз қуттиҳо. Дар ин маврид рафтори парандаҳоро ва ҳаҷми муносиби ҷузъҳои донхӯракро донистан лозим аст. Ба ин донхӯракҳо парандаи момоҷурғотак тез одат мекунад. Сӯрохиҳоро ба ҳамин паранда мутобиқ (32-34мм дар қутр) карда, зери он лапаровеза 50х50мм (козырек) сохтан лозим аст.

❖ Барои парвариши кӯчати меваю гул истифода бурдани қуттии шир. Барои ин аз қуттӣ истаканчаҳо месозанд. Истаканчаро бо корд сӯрох карда, ба он кӯчатро менишинонанд. Алҳол саноати маҳсулоти шир маҳсулоташро (қаймоқ, майонез, йогурт) дар истаканчаҳои махсус мебарорад, ки барои парвариши кучат хеле мувофиқ аст.

Бояд зикр намуд, ки «Дарахти ҷавобҳо» метавонад аз *ададҳои гуногун*: бо миқдори 4, 6, 8, ё 12 иборат бошад. Ин аз мақсадҳои мушаххас ва сатҳи омодагии хонандагон вобаста аст.

**Дар натиҷа ҳонандагон:**

- Хонандагон ба мавзӯи нав шавқу ҳавас пайдо мекунанд;
- Донишҳои азхудкардаашонро ба хотир меоранд;
- Ҷудо кардани мафҳумҳои асосии мавзӯъро меомӯзанд;
- Таҳлил ва хулосабардорӣ менамоянд;
- Роҳҳои гуногуни ҳал кардани масъала ё мафҳумро меомӯзанд.

**Тавсия ба омӯзгор:** Ҳангоми иҷрои супориш хонандагон шояд миқдои муайяншудаи ақидаҳоро пур карда натавонанд. Дар ин ҳолат шумо метавонед ба хонандагон навиштани саволҳоеро, ки онҳо ба он ҷавоб гирифтан мехоҳанд пешниҳод намоед.

Муҳим: пурра кардани ҳамаи "Дарахти ҷавобҳо" мебошад. Ин усулро ҳам дар фаъолияти гурӯҳӣ ва ҳам дар фаъолияти дунафарӣ истифода бурдан мумкин аст.

**5). Кори амалӣ:** Лоиҳаи афзоиши қисми даромади буҷаи оиларо аз ҳисоби дар оила истеҳсол кардани ягон мол (хизмат) ё лоиҳаи кам кардани қисми хароҷоти буҷаи оиларо аз ҳисоби истифодаи нисбатан оқилонаи маблағ таҳия карданро омӯзгор ба хонандагон супориш медиҳад.

**6). Мустаҳкамкунӣ.**

- ❖ Буҷа чист?
- ❖ Намудҳои буҷаро номбар кунед.
- ❖ Вариантҳои дафтари ҳисобу китоби буҷаи хонадагонро мисол оред.
- ❖ Моддаҳои хароҷоту даромади талабаҳоро таҳлил кунед.
- ❖ Дафтари ҳисобу китоб барои шумо чӣ манфиат дорад?

7). **Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро баҳо гузоред.**

**8). Арзёбӣ.** Дар ҷараёни дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед *(мувофиқи натиҷаи арзёбии мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш гузошта мешавад).*

| **Фаъолият** | **метавонад** | **қисман метавонад** | **наметавонад** |
|---|---|---|---|
| Лоиҳаи афзоиши қисми даромади буҷаи оила ва намунаи дафтари ҳисобу китоби оиларо эҷодкорона тартиб дода метавонад? | | | |
| Дар бораи касби муҳосиб маълумоти васеъ дода метавонад? | | | |
| Маҳорати таҳлили нишондиҳандаҳои ададӣ ва қонуни тағйирёбии онҳоро ташаккул дода метавонад? | | | |

## ДАРСИ 19.
## Мавзӯъ: «Маркетинг дар иқтисодиёти оила»

**Барнома**: Маркетинг дар иқтисодиёти оила. Таблиғи мол.

**Салоҳиятҳо**:

- ➢ Дар доираи мавзӯъҳои мураккаб ғояи навро эҷод карда метавонад.
- ➢ Доир ба касбҳои гуногун маълумоти васеъ дода метавонад.
- ➢ Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, онро дар амал ба таври васеъ татбиқ карда метавонад.

**Мақсадҳои дарс:**

- Вазифаҳои асосии маркетингро: ошкор сохтани талабот, қонеъ гардонидани талабот ва таҷдиди талаботро эҷодкорона ҳал карда тавонад.
- Дар бораи касбҳое, ки дар воситаҳои рекламаи оммавӣ мавҷуд аст маълумоти васеъ дода тавонад.
- Қобилиятҳои муоширатчигӣ ва ташкилотчигиро дар худ ташаккул дода тавонад.

**Таҷҳизоти зарурӣ**: китоби дарсӣ, намунаҳои рекламаи маҳсулотҳо ва ғайра.

**Методикаи таълим:** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед.

1). **Ташкили дарс:** Дар ин марҳала корҳои зерин ба роҳ монда мешавад:

Тайёр намудани маводди хониш;

Ҳозир-ғоиб кардани хонандагон;

Омода намудани аҳли синф ба дарс.

2). **Такрори дарси гузашта:** Дарсро аз гузоштани масъала оғоз кунед. Бо саволҳои зерин ба хонандагон муроҷиат кунед:

- Буҷа чист?
- Намудҳои буҷаро номбар кунед.
- Вариантҳои дафтари ҳисобу китоби буҷаи мактаббачаҳоро мисол оред.
- Моддаҳои хароҷоту даромади талабаҳоро таҳлил кунед.
- Дафтари ҳисобу китоб барои шумо чӣ манфиат доред?

Оид ба саволҳо каме муҳокимаронӣ намуда, донишҳои аз дарсҳои гузашта гирифтаи онҳоро ба хотирашон оваред.

**3). Шиносоӣ бо мазмуни мавзӯъ:** Лексияи хурди омӯзгор дар бораи маркетинг дар иқтисодиёти оиларо дар бар мегирад.

Истилоҳи маркетинг аз калимаи англисии «marketing» буда, маънояш «низоми идоракунии ташкили истеҳсолот ва фурӯши маҳсулот дар асоси таҳқиқ ва пешгӯйи бозор» мебошад. Вазифаҳои асосии маркетинг:

1. Ошкор сохтани талабот
2. Қонеъ гардонидани талабот
3. Таҷдиди талабот: раванди муттасил

Агар хоҷагиро оқилона пеш баред, шумо бояд аз баъзе харидҳо худдорӣ кунед. Баъзе чизҳоро дар хона тайёр кардан ё сохтан мумкин аст. Масалан, пардаи тирезаи ошхона, рафи китобмонак ва ғайраро. Ҳамаи инро маркетинги оилавӣ ҳал мекунад. Марҳалаҳои зерини харидро пешниҳод кардан мумкин аст.

1. Тартиб додани рӯйхати молҳои зарурӣ; ба вуҷуд овардани маҷмӯи ашёи матлуб

2. Мувофиқи рӯйхат фурӯшгоҳҳои зарурӣ – молҳои хоҷагӣ, китоб, тилловорӣ, олами бачаҳо муайян карда мешаванд.

Чунин рӯйхат имкон медиҳад, ки чизҳои нодаркорро нахаред.

3. Ҷамъоварии маълумот. Мо дар бораи вариантҳои гуногун, сифати мол, пурдоштӣ ва ғайра маълумот мегирем. Ҷолиби диққат аст, ки 40% харидорони дигар аз хариди чизи бадсифат огоҳ мешаванд. Яъне, аллакай 40 кас зарур бошад ҳам ин молро намехаранд. Аксар вақт харидор дар бораи моли мавриди назараш маълумоти кофӣ надорад.

4. Лаҳзаи хариди мол. Ин лаҳзаи аз ҳама ҳалкунандаю гуворо аст.

5. Баҳо додан ба мол ё хидмати харида

Рекламаи оммавӣ диққатро ҷалб мекунад, рекламаи мустақим бошад бояд бовар кунонад ва ба амал водор созад. Ҳамин тариқ, рекламаи оммавӣ кори гаронбаҳо буда, онро танҳо ширкатҳои пуриқтидору бой амалӣ гардонида метавонанд. Рекламаи оммавӣ бештар ба истеҳсолкунандагони калон, бонкҳо, иттиҳодияҳои тиҷоратӣ тааллуқ дорад, ки мехоҳанд имиҷи худро ба вуҷуд оранд, ё ба ибораи дигар ном бароранд ба ширкат ё моли (хизмати) он эътибор бахшанд.

Дар мавзӯи мазкур барои мустаҳкам намудани дониши хонандагон оид ба мавзуъ аз бозии "Нотиқи беҳтарин" истифода бурдан мумкин аст.

**Қадамҳои истифодаи бозӣ:**

1. Омӯзгор мавзӯъ ва мақсади машғулиятро эълон мекунад.

2.Хонандагон (аз рӯйи хоҳиш) бояд ба тахтаи синф баромада, дар назди ҳамсинфони худ дар нақши «нотиқ» сухан мегӯяд, яъне дар як дақиқа дар бораи зарурияти ҳаётии омӯхтани мавзӯи додашуда боварӣ ҳосил намоянд.

3.Хонандагон вазифадоранд, суханони нотиқро бодиққат гӯш карда, мақсади нотиқро муайян намоянд.

**Намуна:**

Муаллим: *Дар бораи сифатҳои моли матлуб маълумот диҳед?*

Нотиқи якум:

1. Дар истифода бо эътимод будан, фоидаоварӣ; ба таъйиноташ мутобиқ будан
2. Мувофиқ будан
3. Ороиши зебою дилкаш ва назаррабо доштан
4. Ба мӯд мутобиқат кардан
5. Ба худ хос будан, вижагӣ доштан, ба завқу салиқаи инфиродӣ мутобиқат кардан; хосияти афзалияту бартарии харидорро зоҳир ва камбудию норасоиҳои ӯро пинҳон кардан;
6. Ба дигар чизҳо мувофиқ будан; аз байни дигар чизҳо ҷудо шуда наистодан; ба пойафзолу либос як маҷмӯи томро ташкил додан;
7. Арзиши истеъмолии мол бояд на танҳо ҳифз гардад, балки рӯз аз рӯз афзояд.

Омӯзгор: *Воситаҳои реклами оммавиро номбар кунед?*

Нотиқи дуюм:

- симо, садо,рӯзнома, маҷалла;
- фаъолияти маблағгузорӣ ё сарпарастӣ;
- нашрияи даврӣ ва ғайра.

Рекламаи самти мушаххас дошта, ки оҳангу тобиши он нисбатан маҳрамона аст. Воситаҳои рекламаи мустақим:

- барномаҳои садою симои маҳаллӣ, нашрияҳои маҳаллӣ;
- бевосита фиристодани номаҳои рекламавӣ ва дигар маводди рекламавӣ;
- реклама тавассути телефон;
- ороиши пештоқ;
- ташкили намоишҳо ва дигар чорабиниҳои махсус

4). **Кори амалӣ:** Омӯзгор ба хонандагон сохтани намунаи корандози магнитиро ҳамчун кори амалӣ супориш медиҳад:

**Қадамҳо:**

1. Барои дар шароити оила истеҳсол кардан ягон молро интихоб намуда, рекламаи онро таҳия кунед.
2. Аз рӯзнома рекламаи ба назари шумо беҳтаринро интихоб кунед. Онро муфассал таҳлил намоед.

**5). Мустаҳкамкунӣ.**

❖ Маркетинг чист?
❖ Маркетинг дар рӯзгордорӣ барои чӣ лозим аст?
❖ Вазифаҳои маркетинг чист?
❖ Аъзои оиларо аз рӯйи дараҷаи ширкат дар харид ба чанд гурӯҳ тақсим мекунанд?
❖ Реклама чист?
❖ Чанд намуди рекламаро медонед?

**6). Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро қадр кунед.**

**7). Арзёбӣ.** Дар ҷараёни дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед *(мувофиқи натиҷаи арзёбии мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш гузошта мешавад)*.

| **Фаъолият** | **метавонад** | **қисман метавонад** | **наметавонад** |
|---|---|---|---|
| Вазифаҳои асосии маркетингро: ошкор сохтани талабот, қонеъ гардонидани талабот ва таҷдиди талаботро эҷодкорона ҳал карда метавонад? | | | |
| Дар бораи касбҳое, ки дар воситаҳои рекламаи оммавӣ мавҷуд аст маълумоти васеъ дода | | | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| метавонад? | | | |
| Қобилиятҳои муоширатчигӣ ва ташкилотчигиро дар худ ташаккул дода метавонад? | | | |

**ДАРСИ 20.**

**Мавзӯъ: «Менеҷмент дар иқтисодиёти оила. Мафҳуми менеҷмент дар оила»**

**Барнома**: Менеҷмент дар иқтисодиёти оила. Мафҳуми менеҷмент дар оила.

**Салоҳиятҳо**:

- Дар доираи мавзӯъҳои мураккаб ғояи навро эҷод карда метавонад.
- Доир ба касбҳои гуногун маълумоти васеъ дода метавонад.
- Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, онро дар амал ба таври васеъ татбиқ карда метавонад.

**Мақсадҳои дарс:**

- Қоидаҳои ташкили меҳнатро бо пуррагӣ эҷодкорона пешниҳод карда тавонад.
- Дар бораи касби менеҷер маълумоти васеъ дода тавонад.
- Қобилияти идоракунӣ ва сарфакории худро инкишоф дода тавонад.

**Таҷҳизоти зарурӣ**: китоби дарсӣ, овезаҳо вобаста ба мавзӯъ.

**Методикаи таълим:** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед.

1). **Ташкили дарс**: Дар ин марҳала корҳои зерин ба роҳ монда мешавад:

Тайёр намудани маводди хониш;

Ҳозир-ғоиб кардани хонандагон;

Омода намудани аҳли синф ба дарс.

2). **Такрори дарси гузашта:** Дарсро аз гузоштани масъала оғоз кунед. Бо саволҳои зерин ба хонандагон муроҷиат кунед:

- Маркетинг чист?
- Маркетинг дар рӯзгордорӣ барои чӣ лозим аст?
- Вазифаҳои маркетинг чист?
- Аъзои оиларо аз рӯйи дараҷаи ширкат дар харид ба чанд гурӯҳ тақсим мекунанд?
- Реклама чист?
- Чанд намуди рекламаро медонед?

Оид ба саволҳо каме муҳокимаронӣ намуда, донишҳои аз дарсҳои гузашта гирифтаи онҳоро ба хотирашон оваред.

**3). Шиносоӣ бо мазмуни мавзӯъ:** Омӯзгор дар лексияи хурди худ дар бораи менеҷмент дар иқтисодиёти оила ва мафҳуми менеҷмент дар оила ба хонандагон маълумот медиҳад.

Аз нуқтаи назари иқтисод истеҳсолоти хонагӣ истеҳсолоти майдаю дастӣ аст. Иқтисоди оила бояд шиори зеринро дошта бошад: «лутфан, маданияти меҳнатро риоя кунед».

Менеҷмент ин илм дар бораи идоракунӣ аст. Менеҷер мудир мебошад. Менеҷер аз қисмҳои зерин иборат аст: мақсад, вазифа, нақшагирӣ, ташкил, ҳавасмандгардонӣ, назорат ва тасҳеҳ.

Дар меҳнати хонагӣ низ бояд умурҳои менеҷмент амал кунанд:

- оила бояд мақсадҳое дошта бошад, ки онҳоро ҳамаи аъзои оила дақиқ дарк кунанд;
- гурӯҳбандии вазифаҳо барои муайян кардани намудҳои кор бояд чунон сурат гирад, ки ба ҳар кор як нафар масъул бошад;
- ваколатҳо бояд байни ҳамаи аъзои оила тақсим карда шаванд. Тамоми бори оила набояд танҳо ба дӯши мард ё зан гузошта шавад.

-Фароҳам овардани шароите, ки «коргарон»-ро ба гузаштани ҳадди аксари саҳм дар роҳи ба даст овардани мақсад водор созад. Дар ин бобат суханони хушу гуворо воситаи хеле хуб аст.

-Муносибатҳои оилавӣ бояд самарабахшии қабули қарорҳо, назорат ва мутобиққуниро таъмин кунанд. Дар ин бобат шӯрои оила, нақшакашии якҷоя, таҳияю муҳокимаи буҷаи оила, ҷадвали кор ва ғайра нақши калон мебозанд.

Таҳқиқи муфассали муқоисавии менеҷменти истеҳсолӣ марбутан ба корхонаи оилавӣ нишон медиҳад, ки онҳо умумиятҳои зиёде доранд. Дар оила идоракуние амалӣ мегардад, ки асосашро принсипҳои зерин ташкил мекунанд:

- тақсими меҳнат, ки мақсади он бо назардошти қобилият, саломатӣ, таҷриба аз ҷониби узви алоҳидаи оила иҷро кардани намудҳои мушаххаси кор аст;
- ваколат ва масъулият. Ҳар узви оила бояд ваколатҳои худро дошта бошад ва масъулияти муайян низ ба зиммаи ӯ гузошта шуда бошад.
- интизом;
- ягонагии самт. Барои ба мақсадҳои оила ноил шудан бояд ҳама аҳлона меҳнат кунанд.
- ба манфиати умум тобеъ сохтани манфиати хусусӣ;
- адолат. Арзёбии айнии фаъолияти ҳар узви оила. Тавъам сохтани некбинию хайрхоҳӣ ва муносибати танқидӣ дар арзёбии фаъолияти ҳар узви оила;
- ташаббускорӣ ва эҷодкорӣ.

Вазифаҳои асосии менеҷмент дар иқтисоди оила:

- кушода додани иқтидори эҷодкории ҳар корманд;
- ташаккули оилаи муттаҳиду аҳл;
- қонеъ гардонидани талаботи аъзои оила

Дар иқтисоди оила пудрати оилавӣ амал мекунад. Ташкили меҳнат, дар хона ба ҷадвали кор аз рӯйи пудрати (иҷораи) оилавӣ вобаста аст.

Сохтор ва ҳаракати хонаводагиро аз бисёр ҷиҳат шумораи аъзои оила, сатҳи даромади пулию натуралӣ, шумораи кӯдакон, микроиқлими оила, тамоюлҳои ҳаётӣ, хаҷми манзил, дараҷаи таъмин будан бо техникаи рӯзгор, синну соли оила, мавҷудияти нафақахӯрону беморон, иштиғоли касбӣ, талаботу пешниҳоди мол ва ғайра муайян мекунанд.

Дар оила бояд ташкили илмии меҳнат (ТИМ) амал кунад. Барои ташкили оқилонаи меҳнат ба нақшагирӣ, омодагии ҷиддӣ, тозагию тартибот дар ҷойи кор, реҷаи кор, сабру тааммул заруранд. Ташкили илмии меҳнат банақшагириро тақозо мекунад. Нақшагирӣ се хел мешавад:

- дарозмӯҳлат (гилемафшонӣ, таъмири манзил, хонабардорӣ);
- ҳарҳафтаина (ҷомашӯӣ, дарзмолкунӣ, таъмири ҷории либос ва ғайра)
- ҳаррӯза (зарфшӯйӣ, хонарӯбӣ ва ғайра)

## 4). Усули «МДД»

Усули МДД (ихтисораи «Медонам», «Донистан мехоҳам», «Донистам») усули ҷустуҷӯй - тадқиқот буда, барои фаъолона ҳал карани масъалаи нав ёрӣ мерасонад.

**Мақсадҳо:**

– муайян кардани савияи дониши мавҷудаи хонандагон;
– ташаккули малакаҳои ба худ баҳо додан;
– инкишофи малакаҳои кор бо матн;
– муқоисаи донишҳои мавҷуда ва донишҳои навомӯхтаи хонандагон.

Қадамҳо:

1. Аз рӯйи мақсад ва мавзӯи дарс ангезиши зеҳн гузаронида мешавад.
2. Ба хонандагон саволҳо дода, сутуни аввалро пур мекунем.
3. Ба онҳо савол дода мешавад, ки оид ба мавзӯи дарс чиро донистан мехоҳанд.

4. Ба ҳамин тариқ сутуни дуюм низ пур карда мешавад.

5. Пас аз хондани матни пешниҳодшуда ба сутуни дуюм баргашта, муайян мекунем, ки хонандагон ба кадом саволҳои худ ҷавоб ёфтанд.

6. Он ҷавобҳо ба сутуни сеюм навишта мешаванд.

7. Сипас муайян месозем, ки то кадом андоза навиштаҳои сутуни аввал ба дониши мавҷудаи хонандагон мувофиқанд.

| *Медонам* | *Донистан мехоҳам* | *Донистам* |
|---|---|---|
| Дониши мавҷуда бо як калима ё ибора баён карда мешавад. | ? | ? |
| Дониши мавҷуда бо як калима ё ибора баён карда мешавад. | Саволҳое сабт мегарданд, ки ба масъалаҳо вобастаанд. | ? |
| Дониши мавҷуда бо як калима ё ибора баён карда мешавад. | Саволҳое сабт мегарданд, ки ба масъалаҳо вобастаанд. | Имконияти ёфтани ҷавоб ба саволҳоро инъикос менамояд |

**Намуна:**

| *Медонам* | *Донистан мехоҳам* | *Донистам* |
|---|---|---|
| | | |
| Чӣ будани менеҷментро медонам. | Вазифаҳои асосии менеҷментро дар иқтисоди оила донистан мехоҳам. | Кушода додани иқтидори эҷодии ҳар корманд; ташаккули оилаи муттаҳиду аҳл; қонеъ гардонидани талаботи аъзои оила. |
| Ба нақшагириро медонам. | Намудҳои банақшагириро донистан мехоҳам. | Банақшагирӣ се хел мешавад: дарозмӯҳлат (гилемафшонӣ, таъмири манзил, хонабардорӣ); ҳарҳафтаина (ҷомашӯӣ, дарзмолкунӣ, таъмири ҷории либос ва ғайра); ҳаррӯза (зарфшӯӣ, хонарӯбӣ ва ғайра). |

**Тавсия ба омӯзгор:** Усули «МДД»-ро сараввал ба таври анъанавӣ гузаронидан лозим аст. Барои «МДД» вақтро дар ҳудуди 15-20 дақиқа муқаррар созед. Ҷадвали онро дар лавҳи синф ё варақаи калон кашед. Пас аз ташаккули малакаҳои кори шогирдон бо ин усул, метавонед дар гурӯҳҳои хурд онро (дунафарӣ, сенафарӣ) татбиқ намоед.

**5). Кори амалӣ.** Омӯзгор ба хонандагон кори амалиро супориш медиҳад.

1. Якҷоя бо волидон вазифаи ҳар узви оиларо дар рӯзгор муайян кунед.
2. Ҷадвали корҳои (таҳсил, истироҳат, корҳои хона, варзиш ва ғайра) якҳафтаинаашонро тартиб диҳед.

**5). Мустаҳкамкунӣ.**

- Менеҷмент чист?
- Унсурҳои менеҷментро номбар кунед.
- Принсипҳои асосии идораро гӯед.
- Ба вазифаҳои асосии менеҷмент дар иқтисоди оила кадом вазифаҳо мансубанд?
- «Ташкили илмии меҳнат» гуфта чиро мефаҳмед?
- Барои ташкили меҳнат чӣ лозим аст?
- Чӣ тавр кори хонаро мувофиқи мақсад ташкил кардан мумкин аст?

6). **Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро қадр кунед.**

**7). Арзёбӣ.** Дар ҷараёни дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед *(мувофиқи натиҷаи арзёбии мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш гузошта мешавад).*

| Фаъолият | метавонад | қисман метавонад | наметавонад |
|---|---|---|---|
| Қоидаҳои ташкили меҳнатро бо пуррагӣ эҷодкорона пешниҳод карда метавонад? | | | |
| Дар бораи касби менеҷер маълумоти васеъ дода метавонад? | | | |
| Қобилияти идоракунӣ ва сарфакории худро инкишоф дода метавонад? | | | |

## ДАРСИ 21.
## Мавзӯъ: «Соҳибкорӣ дар иқтисоди оила. Иқтисоди замини наздиҳавлигӣ. Вазифаҳою таъйиноти замини наздиҳавлигӣ»

**Барнома**: Соҳибкорӣ: мақсад, вазифа ва моҳият. Таърихи пайдоиш ва тараққиёти соҳибкорӣ. Ҷустуҷӯйи кори худ. Соҳибкор – ҳамчун ташаббускор ташкилкунандаи истеҳсолоти молӣ ва хизматрасонӣ. Соҳибкорӣ ҳамчун намуди фаъолияти иқтисодӣ. Иқтисоди замини наздиҳавлигӣ. Вазифаҳою таъйиноти замини наздиҳавлигӣ.

**Салоҳиятҳо**:

- Дар доираи мавзӯъҳои мураккаб ғояи навро эҷод карда метавонад.
- Доир ба касбҳои гуногун маълумоти васеъ дода метавонад.
- Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, онро дар амал ба таври васеъ татбиқ карда метавонад.

**Мақсадҳои дарс:**

- Дар бораи соҳибкорӣ дар иқтисоди оила, иқтисоди замини наздиҳавлигӣ, вазифаҳою таъйиноти замини наздиҳавлигӣ маълумот дода, масоҳати боғ ва полези назди ҳавлиро эҷодкорона ҳисоб карда тавонад.
- Дар бораи касби иқтисодчӣ маълумоти васеъ дода тавонад.
- Тафаккури мантиқӣ ва конструктивии худро инкишоф дода тавонад.

**Таҷҳизоти зарурӣ**: китоби дарсӣ, ҷадвали ҳисоб кардани масоҳати боғи наздиҳавлигӣ, масоҳати полези наздиҳавлигӣ, ҳисобномаи арзиши маҳсулоти участкаи боғдорӣ, ҳисобномаи арзиши маҳсулоти полезӣ ва ғайра.

**Методикаи таълим:** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед.

**1). Ташкили дарс:** Дар ин марҳала корҳои зерин ба роҳ монда мешавад:

Тайёр намудани маводди хониш;

Ҳозир-ғоиб кардани хонандагон;

Омода намудани аҳли синф ба дарс.

**2). Такрори дарси гузашта:** Дарсро аз гузоштани масъала оғоз кунед. Бо саволҳои зерин ба хонандагон муроҷиат кунед:

- Менеҷмент чист?
- Унсурҳои менеҷментро номбар кунед.
- Принсипҳои асосии идораро гӯед.
- Ба вазифаҳои асосии менеҷмент дар иқтисоди оила кадом вазифаҳо мансубанд?
- «Ташкили илмии меҳнат» гуфта чиро мефаҳмед?
- Барои ташкили меҳнат чӣ лозим аст?

➢ Чӣ тавр кори хонаро мувофиқи мақсад ташкил кардан мумкин аст?

Оид ба саволҳо каме муҳокимаронӣ намуда, донишҳои аз дарсҳои гузашта гирифтаи онҳоро ба хотирашон оваред.

**3). Шиносоӣ бо мазмуни мавзӯъ:** Омӯзгор ба хонандагон дар бораи соҳибкорӣ дар иқтисоди оила, иқтисоди замини наздиҳавлигӣ ва вазифаҳоою таъйиноти замини наздиҳавлигӣ маълумот медиҳад.

Соҳибкорӣ - фаъолияти ташаббускорона, мустақилона, хилофи қонун набудани симоҳои воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки таҳти масъулияти амволии худи онҳо амалӣ гардонида мешавад ва ба гирифтани даромад, фоида, баланд бардоштани мақом, ба вуҷуд овардани обрӯю эътибор нигаронида шудааст.

Ба он нукта диққат додан лозим аст, ки одамони гуногун неру, қобилияташонро ба фаъолияти соҳибкорӣ равон мекунанд. Фикр кардан лозим нест, ки мақсади ягонаи ҳамаи сохибкорон фоида аст. Гирифтани фоида мақсади асосии соҳибкор мебошад, вале ӯ мақсадҳои дигар низ дорад:

- худпарастӣ, исбот кардани қобилияту истеъдоди худ;
- ҷидду ҷаҳл ба мустақилият, кӯшиши баромадан аз зери фармону тобеияти дигар одамон (волидон, сардорон, атрофиён ва ғайра).
- шиорҳои баробарҳуқуқию эмансикатсия занонро ба машғул шудан бо фаъолияти мустақилонаи соҳибкорӣ водор месозад;
- имкони идома додани анъанаҳои коргарии оила;
- эҳёи ҳунарҳои халқӣ ва имкони истифодаи ашёи хоми маҳаллӣ;

Дар мамлакати мо шумораи одамони дорои қитъаи замини наздиҳавлигӣ меафзояд. Амалан ҳар оила қитъаи замине дорад, ки дар он меваю сабзавоти дӯстдоштаи аҳли оиларо парвариш мекунанд.

Дар сурати оқилона истифода бурдан аз қитъаи замини назди ҳавлӣ ба миқдори зиёд маҳсулоти кишоварзӣ рӯёндан мумкин аст. Бо ёрии ҳисобу китоби на он қадар мураккаб аниқ кардан мумкин аст, ки чӣ қадар замин мувофиқи мақсад аст. Ба назар гирифтан лозим аст, ки чунин заминҳо андозбандӣ мешаванд. Ҳамин тавр, ба мақсади сарфаи маблағи буҷаи оилавӣ аниқ донистан лозим аст, ки барои бо тамоми маҳсулоти зарурӣ таъмин кардани оила масоҳати қитъаи замини наздиҳавлигӣ чӣ қадар бояд бошад.

Пажӯҳишгоҳи хӯрокаи Академияи илмҳои Федератсияи Русия меъёрҳои илмии истеъмолӣ солонаи меваю сабзавотро барои як нафар таҳия кардааст. Нарасидан ё набудани миқдори зарурии витамину моддаҳои минералӣ дар хӯрок кори мӯътадили организмро халалдор месозад, ба афзоиш ва ташаккули дурусти ҳамаи узвҳо мамониат мекунад, боиси вайроншавии фаъолият, ҳатто, беморӣ мегардад.

Ба як инсон соле 91кг меваю буттамеваҳо (71кг мева ва 20 кг. буттамева), қариб 280кг сабзавоту кабудӣ хӯрдан лозим аст. Ба ҳисоби миёна инсон бояд рӯзе 252г мева ва 765г сабзавот тановул кунад.

**4.) Кори амалӣ: Омӯзгор хонандагонро ба се зергурӯҳ тақсим карда, чунин супориш медиҳад**:

**Зергурӯҳи 1.**

**Супориши 1.** Ба фикратон, ҳар узви оилаи шумо ба кадом намудҳои фаъолияти соҳибкорӣ машғул шуда метавонад?

**Супориши 2.** Ҳисобу китоб кунед, ки агар шумо дар вақти аз кор холӣ буданатон ба ягон намуди фаъолият машғул шавед, чӣ қадар фоида мегиред?

**Зергурӯҳи 2.**

**Супориши 1.** Ҷадвалҳоро пур карда, масоҳати қитъаи назди ҳавлиро ҳисоб кунед.

**Супориши 2.** Зироатҳоеро номбар кунед, ки ба назари шумо дар қитъаи замини назди ҳавлиатон парвариш кардани онҳо ба мақсад мувофиқ аст (ба ғайр аз зироатҳои дар ҷадвал номбаршуда).

**Супориши 3.** Нақша – лоиҳаи боғатонро кашед.

**Зергурӯҳи 3.**

**Супориши 1.** Арзиши аслии истеҳсоли маҳсулоти полезӣ ва боғдориро муайян кунед. Аз падару модаратон пурсед, ки дар қитъаи замини шумо кадом намуд ва чӣ қадар нурӣ сарф мешавад? Кадом нурӣ нисбатан самарабахш аст? Дар замини шумо дар мубориза бо зараррасонандагони кишоварзӣ чӣ хел доруҳоро истифода мебаранд?

**Супориши 2.** Фоидаи эҳтимолиро дар сурати ба фурӯш баровардани маҳсулот ҳисобу китоб кунед.

**Супориши 3.** Усули аз хамаи беҳтарини тайёр кардани мева ё сабзавотро интихоб намоед. Ҳисоб кунед, ки арзиши қуттиҳои 0,5литра ва 2 литраи маҳсулоти тайёр чанд сомонӣ мешавад.

## 5.) МУСТАҲКАМКУНӢ. ҶОБАҶОГУЗОРӢ

Машғулияти мазкур бо мақсади ба ҳар хонанда фароҳам овардани имконияти фикрронии мустақилона инкишоф, баёни ақида, шинохта шудан ва таҳқиқ шудан таҳия шудааст.

**Маводди зарурӣ:** коғази А3 ё дигар навъи коғази калонҳаҷм, қалам, ручка ё маркер

**Қадамҳо:**

1. Хонандагонро ба чор гурӯҳ муттаҳид намоед.
2. Ба ҳар гурӯҳ як вараќи коғази андозаи А3 (ё ягон коғази андозаи калонтар) диҳед.
3. Ҳар гурӯҳ як нафарро ҳамон «котиб» интихоб мекунад. Ин шахс ҳангоми муҳокимаронӣ ақидаи ҳамгурӯҳонашро сабт мекунад.
4. Аз ҳар гурӯҳ хоҳиш намоед, ки нақшаи зеринро кашанд.



5. Ҳар хонанда ақида ё ҷавобашро дар хоначаҳои берунии нақша менависад.
6. Аъзоёни гурӯҳ бо навбат ақидаҳояшонро дар хоначаи мувофиқ менависанд.
7. Давраи дар мобайни нақша барои навиштани ақидаи умумии гурӯҳ истифода мешавад. «Котиб» дар ин давра ақидаи умумии гурӯҳро доир ба савол ё масъала менависад.
8. Ҳар гурӯҳ сипас ақидаи асосии гурӯҳро ба аҳли синф муаррифӣ мекунад.

6). **Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро қадр кунед.**

**7). Арзёбӣ.** Дар ҷараёни дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед *(мувофиқи натиҷаи арзёбии мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш гузошта мешавад).*

| **Фаъолият** | **метавонад** | **қисман метавонад** | **наметавонад** |
|---|---|---|---|
| Дар бораи соҳибкорӣ дар иқтисоди оила, иқтисоди замини наздиҳавлигӣ, вазифаҳою таъйиноти замини наздиҳавлигӣ маълумот дода, масоҳати боғ ва полези назди ҳавлиро эҷодкорона ҳисоб карда метавонад? | | | |
| Дар бораи касби иқтисодчӣ маълумоти васеъ дода метавонад? | | | |
| Тафаккури мантиқӣ ва конструктивии худро инкишоф дода метавонад? | | | |

**ТЕСТ**

**1. Истилоҳи иқтисодиёт тарҷумаи кадом калима аст?**

а) “экономика”

б) “буҷет”

в) “эконом”

**2. Калимаи “экономика” дар аввал**

а) аз юнонӣ-маънои идора кардани хоҷагӣ

б) аз арабӣ-маънои идора кардан

в) аз юнонӣ-маънои идора кардани буҷет

**3. Захираҳо гуфта чиро фаҳмида мешавад?**

а) пул, воситаҳои моддию истеҳсолӣ, сарват, имконият, манбаъҳои восита ва даромад

б) захираи меваю сабзавот, дороӣ, доштани хоҷагӣ

в) замин, мошинаи сабукрав, манзилгоҳ

**4. Вазифаи рекреативӣ чиро дарбар мегирад?**

а) ёрии ҳамдигарии ҷисмонӣ, моддӣ, маънавӣ ва равонӣ, таҳкими саломатии ҳамдигар, ташкили фароғату истироҳати аъзои оила

б) вазифаи идомати насл (таваллуди фарзанд) ва таҷдиди аҳолӣ

в) талаботи аъзои оиларо дар муошират ва тафоҳуми мутақобила

**5. Мафҳуми эгамоторӣ**

а) намуди баробарҳуқуқ

б) занони яккадаст

в) мардони яккадаст

**6. Дараҷаи некуаҳолӣ гуфта чиро мефаҳманд?**

а) сатҳи бо мол, хизмат ва шароити ҳаёт таъмин будани аъзои оила

б) сатҳи бо мол, хизмат ва шароити ҳаёт таъмин будани аҳолии ҷумҳурӣ

в) сатҳи бо мол, хизмат ва шароити ҳаёт таъмин будани кӯдакони давлат

**7. Талабот чист?**

а) зарурати дар ихтиёр доштани ягон чизи моддӣ ё маънавӣ
б) зарурати дар ихтиёр доштани оила
в) зарурати дар ихтиёр доштани ягон вазифа

**8. Истилоҳи русии “потребность» ба забони тоҷикӣ**
а) “талабот”
б) “талабнома”
в) “талаф”

**9. Ба талаботи дурӯғин ё ғайриоқилона чиҳо дохил мешаванд?**
а) сигоркашӣ, истеъмолӣ машрубот, майли аз ҳад зиёд ба маҳсулоти қаннодӣ, сақич, зару зевари барзиёд
б) сигоркашӣ ва сайру гашт
в) омӯзиш ва сайри олам

**10. Кадом намуди талаботҳоро фарқ кардан мумкин аст?**
а) моддию маънавӣ
б) манзилӣ ва хоҳишӣ
в) моддӣ

**11. Ба талаботи маънавӣ чиҳо мансубанд?**
а) талабот ба фарҳанг, санъат, муоширaт, дониш
б) талабот ба донишу хониш
в) талабот ба фарҳанг, техника ва истеҳсолот

**12. Маънои таҳтулляфзии калимаи “буҷа”**
а) “халтаи пул”
б) “халта”
в) “даромади оилавӣ”

**13. Даромад чист?**
а) пул ё сарвати моддӣ, ки аз корхона, шахси алоҳида ё ягон навъи фаъолият ба даст меояд
б) пулеро дарбар мегирад, ки оила дар давраи муайяни вақт кор кардааст
в) музди меҳнат, роҳхати имтиёзнок ба хонаи истироҳат, мошинаи сабукрав, гараж

**14. Хароҷот чист?**
а) масраф, харҷ, истеъмолӣ ягон чиз ба мақсади мушаххас
б) буҷае, ки оила сарф менамояд
в) буҷа, даромад ва баромад

**15. Дар кадом ҳолат буҷа каср дорад?**
а) агар хароҷот аз даромад зиёд бошад

б) агар даромад аз хароҷот зиёд бошад

в) агар тарозу дар мувозинат бошад

**16. Дар кадом ҳолат буҷаро буҷаи мувозинат меноманд?**

а) агар хароҷот ба даромад баробар бошад

б) агар хароҷот аз даромад зиёд бошад

в) агар даромад аз хароҷот кам бошад

**17. Маънои калимаи "баланс"-ро баён намоед.**

а) тарозу

б) буҷет

в) даромад

**18. Даромад чист?**

а) пул ё дигар сарвати моддӣ аст, ки аз корхона, фаъолияти ҷамъиятӣ ва ё ягон намуди дигари фаъолият ба даст меояд

б) пул ё дигар сарвати моддӣ аст, ки аз корхона ба даст меояд

в) пул ё дигар сарвати маънавӣ аст, ки аз корхона, фаъолияти ҷамъиятӣ ва ё ягон намуди дигари фаъолият ба даст меояд

**19. Андоз чист?**

а) пардохти ҳатмӣ ба буҷаи сатҳи дахлдор ё ба хазинаи берун аз буҷа, ки андозсупорандагон мувофиқи тартиб ё шартҳои муқарраркардаи қонун амалӣ мегардонанд

б) пардохти хоҳишӣ ба буҷаи сатҳи дахлдор, ки андозсупорандагон мувофиқи тартиб ё шартҳои муқарраркардаи қонун амалӣ мегардонанд

в) пардохти асосӣ ба буҷаи сатҳи дахлдор ё ба хазинаи берун аз буҷа, ки андозсупорандагон бо хоҳиши худ амалӣ мегардонанд

**20. Маънои истилоҳи "маркетинг"**

а) низоми идоракунии ташкили истеҳсолот ва фурӯши маҳсулот дар асоси таҳқиқ ва пешгӯйи бозор

б) низоми идоракунии ташкили истеҳсолот ва фурӯши маҳсулот дар асоси ихтиёрӣ

в) низоми идоракунии ташкили истеҳсолот ва фурӯши маҳсулот дар асоси маҷбурӣ

*Эзоҳ: Ҷавоби дуруст варианти "а" мебошад.*

## ДАРСИ 22.
## Мавзӯъ: «Маданияти корҳои таъмиру сохтмон. Асосҳои технологияи кошинкорӣ. Кошинкории фарш»

**Барнома**: Мошини ҷомашӯйӣ, яхдон ва қоидаҳои бехатарии меҳнат.

**Салоҳиятҳо**:

- Миқдори зиёди воситаҳои технологиро истифода бурда метавонад.
- Дар доираи мавзӯъҳои мураккаб ғояи навро эҷод карда метавонад.
- Доир ба касбҳои гуногун маълумоти васеъ дода метавонад.

➢ Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, онро дар амал ба таври васеъ татбиқ карда метавонад.

**Мақсадҳои дарс:**

- Дар бораи асарҳои технологияи кошинкорӣ маълумоти васеъ дода тавонад.
- Хамираи сементии барои часпонидани кошинҳо ба девор ва фаршро мувофиқи талабот эҷодкорона тайёр карда тавонад.
- Дар бораи касби устои кошинкор (кафелчӣ) маълумоти васеъ дода тавонад.
- Фикрронии конструктивӣ ва чобукдастии худро ташаккул дода тавонад.

**Таҷҳизоти зарурӣ**: китоби дарсӣ, овезаҳои намудҳои кошинкорӣ дар девор, чидани кошинҳо, расм буридан бо алмос, шикастани кошин, тарошидан дар санг, кошинкории фарш, асбобҳо барои кошинкорӣ: белчаи гилкорӣ, болғачаи махсуси қирадор, асбоби махсуси сӯрохкунанда, анбӯрчаи бурранда, асбоби ороишӣ, шпател, мехи махсус, қолиб, алмоси шишабур, масолеҳҳо: семент, қум, клей, хокаи сафедкунӣ, ғайра.

**Методикаи таълим:** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед.

**1). Ташкили дарс:** Дар ин марҳала корҳои зерин ба роҳ монда мешавад:

Тайёр намудани маводди хониш;

Ҳозир-ғоиб кардани хонандагон;

Омода намудани аҳли синф ба дарс.

2). **Такрори дарси гузашта:** Дарсро аз гузоштани масъала оғоз кунед. Бо саволҳои зерин ба хонандагон муроҷиат кунед:

➢ Соҳибкорӣ чист?

➢ Барои хоҷагии оилавӣ кадом шаклҳои фаъолияти соҳибкорӣ мавҷуданд?

➢ Барои кадом намудҳои соҳибкорӣ иҷозатнома гирифтан лозим аст?

➢ Дар кадом мавридҳо патент дода мешавад?

Оид ба саволҳо каме муҳокимаронӣ намуда, донишҳои аз дарсҳои гузашта гирифтаи онҳоро ба хотирашон оваред.

**3). Шиносоӣ бо мазмуни мавзӯъ:** Омӯзгор дар маданияти корҳои таъмиру сохтмон, асосҳои технологияи кошинкорӣ ва кошинкории фарш чунин маълумот пешкаш мекунад.

Барои рӯйкаш намудани деворҳои дохили бино ва фарш кошинкорӣ ба таври васеъ истифода мебаранд. Кошин сатҳро аз таъсири муҳит нигоҳ медорад, хуб тоза мешавад, аз ҷиҳати гигиенӣ хуб мебошад.

Кошинҳое, ки барои рӯйкаш намудани қисми дохили бино истифода бурда мешавад, аз керамика (аз гил сохта шуда дар хумдон пухта сир дода шудааст) ва пластмассаи полистиролӣ истеҳсол мекунанд. Тамоми девор ё ҷойҳои алоҳидаи он (назди дастшӯяк, плита ва ғайра) кошинкорӣ кардан мумкин аст.

Кошинҳои сафолии сирдорро ба кошинҳои оддӣ (росткунҷа), кунҷӣ (карнизҳо) ва плинтусӣ ҷудо мекунанд.

Пеш аз сар кардани кошинкорӣ сифати сатҳи деворро санҷида, кошинҳоро аз рӯйи ранг ва андоза ҷудо мекунанд. Агар кошинҳоро бо хамираи семент часпонидан лозим бошад, кошинҳоро ба об тар карда, пас мечаспонанд. Баъзе навъҳои кошинҳои тунуки сирдодашударо ба об тар накарда бо чӯтка ё латтаи тар пок кардан лозим аст, то доғи об намонад. Кошинҳо ба девор ва фарш бо хамираи сементӣ, шилми казеину сементӣ, рангҳои равғанӣ, ширеши “Бустилат” часпонида мешавад.

Пеш аз кошинкории девор рӯйкаш кардани фарш беҳтар аст, зеро дар ин маврид кошинҳои ба девор мустаҳкамшаванда ба фарш такя мекунанд. Агар фарш баъди девор кошинкорӣ карда шавад, он гоҳ дар поёни девор зеҳтахта мегузоранд, то ки ба он кошинҳои қаторҳои поён то ба девор сахт часпида такя кунанд. Аз кошинҳои гуногуншакл ва гуногунранг рӯйкаши нақшдор ба вуҷуд овардан мумкин аст. Ба рӯйкаши бетонии фарш об зада ба болои он бо элаки сӯрохиҳояш майда сементи тозаро мерезанд (2-3 мм) , семент ба хамира мубаддал мешавад, сипас ба болои он кошинҳоро

мечинанд. Ба ҷойи сементи тоза омехтаи сементу регро (бо миқдори баробар) истифода бурдан мумкин аст. Ғафсии хамираи сементу рег ҳам бояд 2-3 мм бошад. Агар рӯйкаш ҳамвор нашавад, ғафсии хамираи сементу рег то 7-15 мм расонидан мумкин аст.



Ҳангоми бо хамираи семент кошинкорӣ кардан (ба сатҳи хиштин ва бетонӣ) бо ёрии шоқул ё зеҳтахтаи шоқулӣ деворро ҳамвор мекунанд ва ба сатҳи кошинкорӣ нишонаи кошинӣ мегузоранд. Нишона, яъне савияи минбаъдаи кошинкорӣ бо ёрии шоқул ғафсии хамираро ба назар гирифта (10-15 мм) дар масофаи 500 мм аз ҳамдигар дурр мегузоранд. Дар биноҳое, ки сатҳи кошинкоришавандаашон чандон калон нест, дар чор кунҷи девор яктогӣ нишонакошин гузоштан кифоя аст.Сипас, дар канораҳои девор зеҳтахта-шоқул мегузоранд, буришаш 40х40 мм ва дарозиаш 2м. Ин зеҳтахта барои ба таври уфуқӣ мустаҳкам кардани таноб лозим аст, пас бо меъёри таноб кошинҳоро мечаспонанд.

Баъди тамом кардани кошинкорӣ ҳамаи сатҳи зеҳтахтаро гирифта ба ҷойи онҳо кошин мечаспонанд. Барои он, ки масофаи кошинҳо як хел бошанд, ба сифати қолиб фонаҳоеро истифода мебаранд, ки андозаи муайян доранд.

Ҳангоми кошинкории деворҳои чӯбини синчдор онҳоро бо тол ё рубироид пӯшонда, сипас симтӯр мезананд ва ба он хамираи семент мемоланд, баъд мисли пештара амал мунанд. Деворҳои нави чӯбинро фавран кошинкорӣ кардан мумкин нест. Барои бо кошин рӯйкаш кардани деворҳои чӯбин, онро то як сол нигоҳ дошта хушконидан зарур аст, то ки тобпартоии девор ба итмом расад.

**5). Кори амалӣ:** Дар ин лаҳзаи дарсӣ омӯзгор ба хонандагон шиносоӣ бо технологияи кошинкориро ҳамчун корӣ амалӣ месупорад:

**Қадамҳо:**

1. Бо кошинҳои сафолӣ ва пластмассӣ шинос шавед.
2. Муайян кунед, ки девори (матбах, ванна ва ҳоҷатхона) бо кадом тарз “як ба як”, “ним ба ним” ё аз рӯйи диагонал кошин чида шудааст ва онро ба дафтаратон кашед.
3. Агар дар мактаб ё синфатон чунин қитъаи кошинкоришудаи таъмир талаб бошад хамира тайёр намуда онро таъмир кунед.

**6). Мустаҳкамкунӣ.** Эссе (иншои хурд)

(Эссе́ аз кал. фаронсавӣ essai «кӯшиш, санҷиш, очерк», аз калимаи лотинии exagium «ченкунӣ, андозагирӣ (баркашидан) – ин иншои на он қадар калон аст.)

**Мақсадҳо:**

– инкишофи нутқи хаттӣ;
– инкишофи малакаҳои таҳлил.

**Қадамҳо:**

1. Аз хонандагон хоҳиш карда мешавад, ки мавзӯи дар давоми дарс омӯхташударо ба хотир оранд.
2. Фикру ақидаҳо ва таассуроти шахсии худро нисбат ба мазмуни дарс нависанд.
3. Хоҳишмандон эссеи худро ба аҳли синф мехонанд.

4. Эссе дар 5-10 дақиқа навишта мешавад.

**Таъкид:** навиштани эссе дар *марҳалаи **мулоҳизаронӣ*** мувофиқ аст.

**Тавсия ба омӯзгор.** Шумо метавонед усули мазкурро дар ҳамбастагӣ бо усулҳои дигар истифода баред. Пеш аз навиштани эссе усулеро истифода баред, ки он аз чор унсур иборат аст: мавқеъ, асос, мисол, хулоса.

Ин имкон медиҳад, ки хонанда мавқеи шахсии худро дар мавриди шарҳи мазмуни матн дошта бошад. Тарзи баён бо ин усул мӯъҷаз ва ихчам мебарояд. Ба воситаи он хонанда мавқеи худро баён мекунад, ба он асос, мисол меорад, аз он хулоса мебарорад. Баъд аз он шогирдон эссе менависанд.

Инчунин, омӯзгор метавонад бо саволҳои мазкур низ дониши хонандагонро мустаҳкам намояд.

- Корҳои кошинкориро шарҳ диҳед?
- Истеҳсолот чӣ гуна кошинҳоро истеҳсол мекунад?
- Барои кошинкорӣ кадом асбобҳоро истифода мебаранд?
- Пайдарпайи кошинкории деворро гуфта диҳед?
- Пайдарпайи кошинкории фаршро ҳам бигӯед?
- Барои чидани кошин аз чӣ истифода мебаранд?
- Чӣ тавр кошинро мебуранд?
- Тарзҳои чидани кошинро шарҳ диҳед?

**7). Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро қадр кунед.**

**8). Арзёбӣ.** Дар ҷараёни дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед *(мувофиқи натиҷаи арзёбии мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш гузошта мешавад).*

| **Фаъолият** | **метавонад** | **қисман метавонад** | **наметавонад** |
|---|---|---|---|
| Дар бораи асарҳои технологияи кошинкорӣ маълумоти васеъ дода метавонад? | | | |
| Хамираи сементии барои часпонидани кошинҳо ба девор ва фаршро мувофиқи талабот эҷодкорона тайёр карда метавонад? | | | |
| Дар бораи касби устои кошинкор (кафелчӣ) маълумоти васеъ дода метавонад? | | | |
| Фикрронии конструктивӣ ва чобукдастии худро ташаккул дода метавонад? | | | |

## ТЕСТ

**1.Барои рӯйкаш намудани деворҳои дохили бино ва фарш аз чӣ ба таври васеъ истифода мебаранд?**

а) кошинкорӣ

б) ҳунармандӣ

в) наққошӣ

**2. Чӣ сатҳро аз таъсири муҳит нигоҳ медорад, хуб тоза мешавад, аз ҷиҳати гигиенӣ хуб мебошад?**

а) кошин

б) ангиштсанг
в) оҳаксанг

**3. Керамика чист?**
а) аз гил сохта шуда дар хумдон пухта сир дода шудааст
б) аз оҳак сохта шуда дар хумдон пухта сир дода шудааст
в) аз гил сохта шуда дар хумдон пухта шудааст

**4. Кошинҳое, ки барои рӯйкаш намудани қисми дохили бино истифода бурда мешавад, аз чӣ истеҳсол мекунанд?**
а) керамика ва пластмассаи полистиролӣ
б) пластмассаи одӣ ва оҳак
в) ранг ва керамика

**5. Кошинҳои сафолии сирдорро ба кадом намудҳо ҷудо мекунанд?**
а) кошинҳои одӣ (росткунҷа), кунҷӣ (карнизҳо) ва плинтусӣ
б) кошинҳои мураккаб (секунҷа) ва плинтусӣ
в) кошинҳои одӣ (росткунҷа) ва карнизҳо

**6. Агар кошинҳоро бо хамираи семент часпонидан лозим бошад, чӣ тарз мечаспонанд?**
а) ба об тар карда
б) ба оҳак тар карда
в) ба ранг тар карда

**7. Кадом навъҳои кошинро ба об тар накарда, бо чӯтка ё латтаи тар пок кардан лозим аст, то доғи об намонад?**
а) баъзе навъҳои кошинҳои тунуки сирдоршударо
б) баъзе навъҳои кошинҳои ғафси сирдоршударо
в) ҳамаи навъҳои кошинҳои ғафси сирдоршударо

**8. Ҳангоми кошинҳоро ба девор ва фарш бо хамираи сементӣ, шилми казеину сементӣ, рангҳои равғанӣ аз кадом ширеш истифода бурда, мечаспонанд?**
а) Ширеши “Бустилат”
б) Ширеши аз об ва орд тайёркардашуда
в) Ширеш барои коғаз

**9. Ҳангоми тайёр намудани хамира барои часпонидани кошинҳо бояд дар муддати чанд соат часпонида шавад?**
а) як соат
б) ним соат
в) ду соат

**10. Шилми ширешии ҳосилшударо дар давоми чанд соат истифода бурдан лозим аст?**
а) 2 соат
б) 3 соат
в) 5 соат

**11. Аз рӯйи кадом намуд кошинҳои чиндор, пирамидашакл, аз рӯйи ранг – якранг ва ҳарранга истеҳсол карда мешавад?**

а) намуди беруна

б) намуди дохилӣ

в) намуди чап ва рост

**12. Кошинҳоро аз кадом намуд мечинанд?**

а) "як ба як", "ним ба ним" ё аз рӯйи диагонал

б) чап бо чап

в) рост бо рост

**13. Чӣ бояд кард ҳангоми руйпӯш намудани сатҳ кошинҳои бутун мувофиқат накунад?**

а) бурридан

б) часпонидан

в) бурридан ва часпонидан

**14. Аз кошинҳои гуногуншакл ва гуногунранг чӣ ба вуҷуд овардан мумкин аст?**

а) рӯйкаши нақшдор

б) рӯйкаши бенақш

в) танҳо нақши гул

**15. Агар рӯйкаш ҳамвор нашавад, ғафсии хамираи сементу регро то чанд мм расонидан мумкин аст?**

а) 7-15 мм

б) 8-20 мм

в) 7-21 мм

**16. Ҳангоми бо хамираи семент кошинкорӣ кардан (ба сатҳи хиштин ва бетонӣ) бо ёрии чӣ деворро ҳамвор мекунанд?**

а) шоқул ё зеҳтахтаи шоқулӣ

б) белчаи махсус

в) кошинкоркун

**17. Дарзи байни кошинҳо чанд мм-ро ташкил дода метавонад?**

а) 0,5-3 мм

б) 1-3 мм

в) 2-4 мм

**18.Сатҳро аз чиҳо бояд тоза кард?**

а) чирк ва доғҳои равғанин

б) ранг ва оҳак

в) оҳак ва доғ

**19.Ҳангоми бо шилми ширешӣ часпонидани кошинҳо ҳам дар зеҳтахтаҳо чӣ кашидан зарур аст?**

а) таноб

б) расм

в) ширеш

**20.Агар фарш на он қадар ҳамвор бошад, таҳти қатори аввал зеҳтахтаи тунукро чӣ гуна мегузоранд?**

а) уфуқӣ

б) амудӣ

в) рост

*Эзоҳ: Ҷавоби дуруст варианти "а" мебошад.*

## ДАРСИ 23.
## Мавзӯъ: «Касбу ҳунарҳои миллӣ. Кулолгарӣ. Маълумоти мухтассар доир ба ҳунари кулолгарӣ»

**Барнома**: Касбу ҳунарҳои миллӣ. Кулолгарӣ. Маълумоти мухтассар доир ба ҳунари кулолгарӣ.

**Салоҳиятҳо**:

- Миқдори зиёди воситаҳои технологиро истифода бурда метавонад.
- Дар доираи мавзӯъҳои мураккаб ғояи навро офарида карда метавонад.
- Доир ба касбҳои гуногун маълумоти васеъ дода метавонад.
- Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, онро дар амал ба таври васеъ татбиқ карда метавонад.

**Мақсадҳои дарс:**

- Дар бораи таърихи ҳунари кулолгарӣ маълумоти васеъ дода тавонад.
- Бо устоҳое, ки бо ин кор машғуланд суҳбат намуда, оид ба кулолгарӣ, таърихи он, устоҳои номдор эҷодкорона маълумот ҷамъоварӣ карда тавонад.
- Дар бораи касби кулол маълумоти васеъ дода тавонад.
- Хусусиятҳои зебоипарастии худро инкишоф дода тавонад.

**Таҷҳизоти зарурӣ**: китоби дарсӣ, намунаҳои расмҳои маҳсулоти кулолгарӣ, овезаҳои доир ба мавзӯъ ва ғайра.

**Методикаи таълим:** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед.

**1). Ташкили дарс:** Дар ин марҳала корҳои зерин ба роҳ монда мешавад:

Тайёр намудани маводди хониш;

Ҳозир-ғоиб кардани хонандагон;

Омода намудани аҳли синф ба дарс.

**2). Такрори дарси гузашта:** Дарсро аз гузоштани масъала оғоз кунед. Бо саволҳои зерин ба хонандагон муроҷиат кунед:

- Корҳои кошинкориро шарҳ диҳед?
- Истеҳсолот чӣ гуна кошинҳоро истеҳсол мекунад?
- Барои кошинкорӣ кадом асбобҳоро истифода мебаранд?
- Пайдарпайи кошинкории деворро гуфта диҳед?
- Пайдарпайи кошинкории фаршро ҳам бигӯед?
- Барои чидани кошин аз чӣ истифода мебаранд?
- Чӣ тавр кошинро мебуранд?
- Тарзҳои чидани кошинро шарҳ диҳед?

Оид ба саволҳо каме муҳокимаронӣ намуда, донишҳои аз дарсҳои гузашта гирифтаи онҳоро ба хотирашон овареd.

**3). Шиносоӣ бо мазмуни мавзӯъ:** Лексияи хурди омӯзгор маълумот оид ба ҳунари кулолгариро дар бар мегирад. Омӯзгор дар ин лаҳзаи дарсӣ аз усули *"Ангезиши зеҳн"* истифода намояд, натиҷаи хубро ба бор меорад.

Усули Ангезиши зеҳн (*brain storming* – ҳуҷуми ақлӣ) аз ҷониби Алекс Осборн (ИМА) дар солҳои 40-уми асри 20 пешниҳод шуда, ҳамчун усули барангехтани андешаҳо хеле машҳур гаштааст. Ангезиши зеҳн бештар дар марҳалаи водорнамоӣ истифода бурда мешавад. Он бо мақсади бахотироварӣ ва фаъолгардонии донишҳое, ки хонандагон пештар доштанд ва барои бедор намудани шавқу ҳавас оид ба қабули ахбори нав, ташкили ваҷҳҳо барои фаъолияти дар пешистода истифода бурда мешавад. Ангезиши зеҳн аз гузориши саволи проблемавӣ сар мешавад ва ақидаҳо дар чорчӯбаи вақти муайян муҳокима карда мешавад: фардӣ, ҷуфтӣ, гурӯҳӣ.

*Дар "методи Ангезиши зеҳн" масъала, ё саволҳои кушода гузошта мешаванд, ки чанд ҷавоби имконпазир дошта, барои ҷустуҷӯйи роҳҳои ҳал ё вариантҳои гуногуни ҷавоб мусоидат намояд, на барои муҳокима.*

**Мақсадҳои асосӣ**:
- ✓ гирдоварии андешаҳо;
- ✓ фаъолгардони хонандагон дар ҷараёни дарс;
- ✓ ба вуҷуд овардани вазъияти ҷустуҷӯ.

Самаранок гузаронидани ин усул аз омилҳои зерин вобаста мебошад:

3. Интихоби масъалаи кушода/саволҳое, ки чанд ҷавоби имконпазир доранд;
4. Риояи қадамҳо ва қоидаҳои ангезиши зеҳн.

**Қадамҳо ва қоидаҳои ангезиши зеҳн:**

5. Савол/масъаларо ба хонандагон пешниҳод кунед.
6. Аз онҳо хоҳиш намоед, ки оид ба савол ё масъалаи пешниҳодшуда, фикру ақидаҳои худро иброз намоянд.
7. Фикру ақидаҳои пешниҳодшударо нависед.
8. Хоҳиш намоед, ки андешаҳои худро баён кунанд.

**Намуна:**

**Савол**: *«Дар бораи аз гил тайёр кардани зарфҳо чӣ ақида доред?»*

Фарз кардем хонандагон чунин фикру ақидаҳоро пешниҳод менамоянд:

- *маснуоти сафолӣ;*
- *маҳсулоти сирдори сафолӣ;*
- *зарфҳои сафолӣ;*
- *кулолгарӣ;*
- *сафоли мунаққш ва ғайра.*

Ин ақидаҳоро бе ягон шарҳ дар тахтаи синф, ё дар коғаз навишта мешаванд. Сипас, ҳар як ақида аз тарафи хонандагон шарҳ дода мешавад.

Қайд кардан зарур аст, ки омӯзгор андешаҳои хонандагонро бояд қадр кунад. Ақидаҳо танқид карда нашаванд. Кор то замоне идома меёбад, ки фикру мулоҳизаҳо шунида шаванд. Фикру мулоҳизаҳои пешниҳодшуда аввал қайд, сипас муҳокима ва таҳрир мешаванд. Омӯзгор ба фикру мулоҳизаҳои беҳтарин такя карда, онҳоро бо мавзӯъ алоқаманд намуда, ба қисми асосии дарс мегузарад.

**Дар натиҷа хонандагон:**

5) фикру мулоҳизаҳои худро баён мекунанд;
6) донишҳои худро ба хотир мееоранд;

7) дар рафти дарс фаъолона иштирок мекунанд;

8) андешаҳои якдигарро муқоиса мекунанд ва ғайра.

**Тавсия ба омӯзгор:** Вазифаи ин баҳсу муҳокима кардан сари як масъала нест. Барои ин усул вақти зиёд сарф накунед, тақрибан 5-7 дақиқа кифоягӣ мекунад.

Инчунин омӯзгор мӯҳтавои зеринро ба хонандагон пешниҳод карда метавонад.

Кулолгарӣ аз санъатҳои қадима ва аҷиби мардуми тоҷик буда, дар тӯли ҳазорсолаҳо аз ҳунари оддии рӯзгор то ба санъати баланди миллӣ табдил ёфтааст. Чӣ тавре ки олимони бостоншинос баъди тадқиқотҳои ҳафриётҳои зиёд қайд кардаанд, кулолгарӣ қисми таркибии зиндагии моддӣ ва маънавии мардуми тоҷик ҳисоб меёфт. Агар пайдоиши ин ҳунар тақозои ҳаёти одамони даврaи ибтидоии пайдоиши ҷамъият бошад, мунтазам он ба ҳастии инсоният амиқтар ворид шуда, ба мояи умр, рушду камоли маънавият, ташаккули такомули ҷаҳонбинии инсон мубаддал гардид.

Яъне такомули асосии истеҳсолӣ, новобаста ба чигунагии ҷараёнҳои истеҳсолии шакли ҷамъиятӣ ногузир давраҳои нав ба навро аз сар мегузаронад. Чуноне ки ҷамъият бе истеҳсолот вуҷуд дошта наметавонад. Ҳамин тавр, ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки ҳаргуна самтҳои истеҳсолоти ҷамъиятӣ, азнавсозандагони ҷараёнҳои истеҳсолӣ, яъне маҳсулоти сафолӣ  яке аз нахустин фаъолияти истеҳсолии инсон аст. Мо инро дар мисоли зарфҳои аз Саразм, Ҳулбук, Истаравшан, Афросиёб, `ҷануби Туркманистон ва ғайра бадастомада амиқу равшан мебинем.



*Дастгоҳи дастии кулогарӣ*

Баъдан кулолгарӣ ба санъати зебо ва воломақом табдил ёфт, зеро инсонҳои дарккунандаи назокату тароват ва ҳусни табиат мехостанд, дар эҷоди худ орзу ва таманноҳои дили худро таҷассум гардонанд. Ҳамин зайл кулолгарони минбаъда кӯшидаанд тавассути офаридаҳои хеш рӯзгори худро абадӣ гардонда, сохтани асбобҳои гуногуни рӯзгорро аз гил оғоз кардаанд ва минбаъд ин ҳунар тавассути онҳо байни қабилаҳои дигар паҳн  гардид, асбобу анҷоми аз мис, биринҷӣ, тилло месохтагӣ шуданд ва кулолгарӣ то андозае рӯ ба таназзул ниҳод. Аммо азбаски сохтани зарфҳои металлӣ (филизӣ) заҳмати зиёд ва маблағ талаб мекард, яқин метавон гуфт, ки онҳоро бештар одамони нисбатан доро истифода мебурданд. Азбаски шумораи мардуми нодор дар ҳамаи давру замонҳо  бештар буд, ин санъат аз байн нарафт то замони мо расид.

Зинда кардани мероси ниёгон бошад, муҳаббати ҷавононро ба санъати миллӣ зиёд мекунад. Онҳоро водор месозад, ки дар рӯҳи меҳнатдӯсти тарбияёбанда, сониян истеҳсоли зарфу лавозимоти ба рӯзгори мо заруррo ба роҳ монда, дар афзун гардонидани моли ниёзи мардум ва аз буҳрони иқтисодӣ раҳонидани ҷамъият саҳм бигиранд.



*Дастгоҳи дастии кулолгарӣ*



*Дастгоҳи кулолгарии бо пой ҳаракатдиҳанда*




*Дастгоҳи кулолгарӣ: 1 - доираи даврзанандаи болоӣ, 2 – доираи даврзанандаи поёнӣ, 3 – тир, 4 – ҷойи нишасти кулол, 5 – ҷойи погузории кулол, 5 – ҷой барои лой, 6 – ҷойи гузоштани зарфи тайёр.*




*Дастгоҳҳои муосири электрикии (барқии) кулолгарӣ*

**4). Мустаҳкамкунӣ.**

❖ Оид ба пайдоиш ва марҳалаҳои тараққиёти ҳунари миллии кулолгарӣ маълумот диҳед?

❖ Марказҳои ин ҳунари миллиро номбар кунед?

❖ Аввалин ҳунармандон кай ва дар куҷо машҳур шудаанд?

**6). Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро баҳо гузоред.**

**7). Арзёбӣ.** Дар ҷараёни дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед *(мувофиқи натиҷаи арзёбии мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш гузошта мешавад).*

| Фаъолият | метавонад | қисман метавонад | наметавонад |
|---|---|---|---|
| Дар бораи таърихи ҳунари кулолгарӣ маълумоти васеъ дода метавонад? | | | |
| Бо устоҳое, ки бо ин кор машғуланд суҳбат намуда, оид ба кулолгарӣ, таърихи он, устоҳои номдор эҷодкорона маълумот ҷамъоварӣ карда метавонад? | | | |
| Дар бораи касби кулол маълумоти васеъ дода метавонад? | | | |
| Хусусиятҳои зебоипарастии худро инкишоф дода метавонад? | | | |

## ДАРСИ 24.
## Мавзӯъ: «Нақш ва хелҳои он»

**Барнома**: Кулолгарӣ. Нақш ва хелҳои он.

**Салоҳиятҳо**:

- Миқдори зиёди воситаҳои технологиро истифода бурда метавонад.
- Дар доираи мавзӯъҳои мураккаб ғояи навро эҷод карда метавонад.
- Доир ба касбҳои гуногун маълумоти васеъ дода метавонад.
- Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, онро дар амал ба таври васеъ татбиқ карда метавонад.

**Мақсадҳои дарс:**

- Дар бараи намудҳои нақш ва истифодаи он дар ҳунари кулолгарӣ маълумот дода тавонад.
- Намудҳои нақшҳои ҳандасӣ, набототӣ ва катаба, ки дар кулогарӣ истифода мешавад эҷодкорона таҳлил карда тавонад.
- Дар бораи касби кулол маълумоти васеъ дода тавонад.
- Хусусиятҳои зебоипарастии худро инкишоф дода тавонад.

**Таҷҳизоти зарурӣ**: китоби дарсӣ, намунаҳои расмҳои маҳсулоти кулолгарӣ, намунаҳои нақш, овезаҳои доир ба мавзӯъ ва ғайра.

**Методикаи таълим:** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед.

**1). Ташкили дарс:** Дар ин марҳала корҳои зерин ба роҳ монда мешавад:

Тайёр намудани маводди хониш;

Ҳозир-ғоиб кардани хонандагон;

Омода намудани аҳли синф ба дарс.

**2). Такрори дарси гузашта:** Дарсро аз гузоштани масъала оғоз кунед. Бо саволҳои зерин ба хонандагон муроҷиат кунед:

- Оид ба пайдоиш ва марҳалаҳои тараққиёти ҳунари миллии кулолгарӣ маълумот диҳед?
- Марказҳои ин ҳунари миллиро номбар кунед?
- Аввалин ҳунармандон кай ва дар куҷо машҳур шудаанд?

Оид ба саволҳо муҳокимаронӣ намуда, донишҳои аз дарсҳои гузашта гирифтаи онҳоро ба хотирашон оваред.

**3). Шиносоӣ бо мазмуни мавзӯъ:** Ба хонандагон оид ба нақш ва хелҳои он дар санъати ороиши амалӣ маълумоти васеъ пешниҳод намудан зарур аст.

Кулолони асрҳои IX-X навъҳои гуногуни сирро тайёр карда метавонистанд. Аввалҳо сирри ишқорро ба кор мебурданд, баъд маълум гардид, ки сири аз сурб тайёр мекардашуда сифатан хеле баланд аст. Сирри сурбӣ ранги хуб надошт, яъне шаффоф буд ва ин имкон медод, ки пеш аз андудани сир рӯйи зарф аз нақшу нигори дилхоҳ оро дода шавад. Кулолони он давра ба таркиби сир бо миқдори муайян қалъагӣ ҳамроҳ карда, онро “рангдор” мекарданд; яъне сир дигар шаффоф нашуда, одатан сабзчатоб ё тиратоб мешуд. Дар асрҳои IX-X зарфҳои нақшини сирдор хеле гуногун буданд. Тайёр кардани ин гуна зарфҳо санъату маҳорати баландро тақозо дошт. Аввал худи зарфро дар чархи кулолӣ месохтанд ва баъди хушконидани рӯйи онро барои нақш тайёр мекарданд, барои ин ба рӯйи он ангоб мемолиданд. **Ангоб-**лойобаи махсус мебошад, ки ниҳоят маҳин бехташуда бо усули махсус тайёр мекарданд ва одатан ба он ранг меомехтанд. Дар асрҳои IX-X асосан ангоби сафед, сурх ва сиёҳро истифода мебурданд. Баъди молидани ангоб рӯйи зарф хеле тахту суфта мешуд ва барои гулпартоӣ заминаи мувофиқ ба вуҷуд меомад.

Яке аз роҳҳои ороиши зарфҳои рӯзгор катиба буд. Катибаро асосан дар лаби пиёлаву коса, табақ ё худ дар мобайн ҷой медоданд. Катиба инчунин дар рӯйи кӯзаву

кӯзачаҳо ва чароғи сиёҳ ҳам дида мешавад. Катиба одатан бо хати зебову хоно, ки низ анъанаи худро дошт, анҷом дода мешуд. Мазмуни катибаҳо гуногун аст: “Хайроту баракот ба соҳиби ин чиз”, “Баракат”, “Хайрот” ва ғайра. Дар баъзе ҷойҳо катиба умуман таъбирҳои гуногун аст: “Аввало дониш талх асту анҷомаш ширин”, “Саховат пешаи мардон”, “Саховат посбони ҳикмату давлат аст” ва ғайра.

Зарфҳои сафолини тунуки бесир ва пурнақшу нигори асрҳои XI-XII хеле ҳунармандона сохта шудаанд. Аксари ин зарфҳо аз кӯзаҳои даҳонтанги гуногуншаклу гуногунҳаҷм иборатанд, ки танаи онҳо гоҳ гирд ё мурудшакл ва гоҳ мисли филиз печухамдор мебошанд. Барои нақшу нигори кӯза аз воситаҳои техникӣ низ истифода мебурданд. Чунончи, қисмҳои боло ва поёни кӯза ва баъзан даҳони онро ҳам дар даруни қолибҳои нақшин сохта, сипас ҳамаи ин қисмҳоро ба ҳам васл мекарданд. Инчунин ба воситаи қолибҳои махсус дар рӯйи зарфҳои тайёр ҳаргуна сурат ва нақшҳои аҷоиб мепартофтанд. Дар ороиши олоти сафолӣ боз воситаҳои дигар низ ба кор бурда мешуданд.

Нақшҳои ҳандисӣ ва наботӣ, катиба, тасвири ҳайвон, мурғ, моҳӣ, одам ва ҳаргуна маҳсулоти хаёлӣ, зарфҳои зарифи онвақтаро зебо оро додаанд. Тасвироти ин зарфҳо ба таври гуногун тартиб ёфтаанд. Яке аз услубҳои маълум хатҳои тасмашаклест, ки дар дохили яке катиба, дигаре нақшҳои мураккаби наботӣ ва сеюми сурати ҳайвон ҷой гирифтааст. Офтобаи мисини катибадорӣ бо нақшҳои паранда ва ҳайвоноти болдори афсонавӣ ороишёфта маҳсули кори устоҳои асрҳои XI-XII мебошанд. То ҳол дар ҳудуди собиқ Иттифоқи Шӯравӣ даҳ адади он пайдо шудааст, ки шаштоаш аз мувозинати Ӯротеппа (Истаравшани ҳозира) мебошад. Дар асрҳои XI-XII дар Осиёи Миёна (Афросиёб, Марв, Хуталон, Истаравшан) истифодаи кошӣ ба хукми анъана даромад. Аввал хиштҳоро сир медавонданд. Аз асрҳои XIII-XIV сар карда, маснуоти сирдори сафолӣ дар сохтмони биноҳои Осиёи Миёна маълум гардид. Мақбараи Баёнқулихон дар Бухоро (1358), мақбараи Муҳаммади Башоро дар Панҷакент (1342-1343), силсилаи мақбараҳои Шоҳи зинда, Бибихоним, Оқсарой дар Самарқанд ва ғайра дар асрҳои XVIII-XIX дар марказҳои калон ва мактабҳои хоси истеҳсоли маснуоти сафолӣ дар Самарқанд, Риштон, Ғиждувон, Бухоро, Шаҳрисабз, Тошканд, Хева, Хуҷанд, Қаратоғ ба авҷи инкишоф расида, моҳияти худро дар тӯли асрҳои XIX-XX нигоҳ доштанд. Баъди инқилоб дар Тоҷикистон барои инкишофи санъати кулолӣ шароит фароҳам оварда шуд. Кулолгарони тоҷик анъанаҳои пешинаи аҷдодишонро инкишоф дода, дар устохонаву артел, комбинатҳои таълимию истеҳсолӣ, шуъбаҳои фонди бадеии ҷумҳурӣ, фабрикаи “Армуғон”-и Душанбе ва дигар ноҳияҳо кулолон ва офарандагони маснуоти сафолӣ муттаҳид гардиданд, маҳсулоти кулолӣ мебароварданд.

Санъати дилрабои аҷдодонамонро кулолон А. Мавлонов, Б.Мавлонов, У.Мелиев (Конибодом), С.Расулов, А.Қодиров (Каратоғ), А.Хоҷиев (Урметан), бародарон Сафарбой ва Сайфиддин Соҳибовҳо (Чоркӯҳ), Г.Халилов (Ӯротеппа), М.Баротов, Ш.Ҳамидов (Хуҷанд) идома дода, дар ҷаҳон шӯҳрат пайдо карданд.

**5). Кори амалӣ:** Муаллим дар қисми кори амалӣ аз усули “Конструктори вазъият” истифода карда метавонад:

Усули мазкур нисбат ба усули анъанавии пурсиши мавод барои дигаргун намудани вазифа имконияти калон медиҳад. Ин усул дар бораи маҳдудиятҳои ҳақиқии мавҷуда, ки дар тарҳ гузошта шудааст ва дар бораи ҷамъбаст намудани имкониятҳои қоидаҳои маъмул фикркуниро водор мекунад. Конструктори универсалии ТРИЗ (назарияи ҳалли вазифаҳои ихтироъкорӣ) барои коркарди ду намуд вазифа: донистани имконияти натиҷа оид ба сабабҳои муаммои додашуда ва донистани сабабҳои имконпазир оид ба натиҷаи додашуда. Конструктор инчунин ба хонандагон барои сохтани вазифа бо қонуниятҳои ба онҳо маълум яъне, пурра намудани маълумотҳои ба онҳо маълум ёрӣ медиҳад. Калимаҳои такягоҳӣ барои синтези вазифа: “Чӣ мешавад, агар..., чӣ мешавад аз он ки ..., чӣ хел хулоса баровардан мумкин аз он, ки..., ибораро ба охир расонед..., дар кадом шароит...”.

**Конструктори намуди 1.**

| Мавҷуд буд | Пайдо шуд | Тағйир ёфт |
|---|---|---|
| **+** | + | ? |
| **+** | ? | + |
| **?** | + | + |
| **Кӯза** | Зебо мешавад | Агар ороиш диҳем |
| **Кӯза** | Агар сир диҳем | Ҷилодор мешавад |
| **Бисёр хизмат мекунад** | Кӯза | Агар эҳтиёт кунем |

**Конструктори намуди 2.**

| | Ҳодиса ё ҳолати 1 (сабаб) | | Ҳодиса ё ҳолати 2 (натиҷа) |
|---|---|---|---|
| **Агар** | + | пас | ? |
| **Агар** | Кӯзаро эҳтиёт кунем | пас | Кӯза бисёр хизмат мекунад |
| **Агар** | Кӯзаро бо нақши ҳандасӣ ороиш диҳем | пас | Кӯза зебо мешавад |
| **Агар** | Кӯзаро бо сири фирӯзафоми хушсифат рӯйпӯш кунем | пас | Кӯза ҷилодор мешавад |

**6). Мустаҳкамкунӣ.**

- ❖ Оид ба нақшҳо ва хелҳои он маълумот диҳед .
- ❖ Ангоб чист ва онро барои чӣ истифода мебаранд?
- ❖ Дар кори кулолии асрҳои XI-XII осори чӣ пайдо шуд?
- ❖ Оид ба нақшҳои ҳандасӣ, наботӣ ва катиба маълумот диҳед?
- ❖ Маснуоти сирдори сафолӣ дар сохтмони биноҳои Осиёи Миёнаро номбар кунед?
- ❖ Кулолони номдорро номбар кунед?

**7). Дарсро ҷамъбаст намуда, ба кори хонандагон баҳо гузоред.**

**8). Арзёбӣ.** Дар ҷараёни дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед *(мувофиқи натиҷаи арзёбии мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш гузошта мешавад).*

| Фаъолият | метавонад | қисман метавонад | наметавонад |
|---|---|---|---|
| Дар бораи намудҳои нақш ва истифодаи он дар ҳунари кулолгарӣ маълумот дода метавонад? | | | |
| Намудҳои нақшҳои ҳандасӣ, наботӣ ва катаба, ки дар кулогарӣ истифода мешавад эҷодкорона таҳлил карда метавонад? | | | |
| Дар бораи касби кулол маълумоти кофӣ дода метавонад? | | | |
| Хусусиятҳои зебоипарастии худро инкишоф дода метавонад? | | | |

## ДАРСИ 25.
## Мавзӯъ: «Хок ва хосиятҳои он»

**Барнома**: Гил ва хосиятҳои он.

**Салоҳиятҳо**:

- Миқдори зиёди воситаҳои технологиро истифода бурда метавонад.
- Дар доираи мавзӯъҳои мураккаб ғояи навро пайдо карда метавонад.
- Доир ба касбҳои гуногун маълумоти васеъ дода метавонад.
- Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, онро дар амал ба таври васеъ татбиқ карда метавонад.

**Мақсадҳои дарс:**

- Оид ба хок ва хосиятҳо он маълумоти пурра дода тавонад.
- Элементҳои химиявии дар таркиби хок мавҷудбударо эҷодкорона таҳлил карда тавонад.
- Дар бораи касби кулол маълумоти кофӣ дода тавонад.
- Сифатҳои озодакориро ташаккул дода тавонад.

**Таҷҳизоти зарурӣ**: китоби дарсӣ, намунаҳои расмҳои маҳсулоти кулолгарӣ, намунаҳои нақш, овезаҳои доир ба мавзӯъ ва ғайра.

**Методикаи таълим:** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед.

**1). Ташкили дарс:** Дар ин марҳала корҳои зерин ба роҳ монда мешавад:

Тайёр намудани маводди хониш;

Ҳозир-ғоиб кардани хонандагон;

Омода намудани аҳли синф ба дарс.

2). **Такрори дарси гузашта:** Дарсро масъалагузорӣ оғоз кунед. Бо саволҳои зерин ба хонандагон муроҷиат кунед:

- Оид ба нақшҳо ва хелҳои он маълумот диҳед.
- Ангоб чист ва онро барои чӣ истифода мебаранд?
- Дар кори кулолии асрҳои XI-XII осори чӣ пайдо шуд?
- Оид ба нақшҳои ҳандисӣ, наботӣ ва катиба маълумот диҳед?
- Маснуоти сирдори сафолӣ дар сохтмони биноҳои Осиёи Миёна истифодашударо номбар кунед?
- Кулолони номдорро номбар кунед?

Оид ба саволҳо каме муҳокимаронӣ намуда, донишҳои аз дарсҳои гузашта гирифтаи онҳоро ба хотирашон оваред.

**3). Шиносӣ бо мазмуни мавзӯъ:** Дар ин лаҳзаи дарсӣ омӯзгор ба хонандагон дар бораи хок ва хосиятҳои он маълумот медиҳад.

Хок қабати болоии қишри замин аст, ки дар натиҷаи вайрон шудани ҷинсҳои кӯҳӣ ва фаъолияти ҳаётии организмҳои набототию ҳайвонӣ ба вуҷуд омадааст.

Хок аз ҷинсҳои кӯҳӣ ҳосил мешавад. Ҷинсҳои кӯҳӣ дар натиҷаи амалиётҳои дар як вақт рӯхдиҳанда бодлесӣ ва хокҳосилшавӣ, ки ба ҳамдигар робитаи қавӣ доранд, ба хок табдил меёбанд.

Ҷинсҳои кӯҳӣ ва маъданҳо дар рӯйи замин зери таъсири ҳарорат, боришот, газҳо, амалиётҳои химиявию биохимиявӣ, ки ба фаъолияти организмҳои зинда вобастаанд, вайрон мешаванд. Амалиётеро, ки ҳангоми он ҷинсҳои болоии қишри замин вайрон шуда тағйир меёбанд, бодлесӣ меноманд. Дар натиҷаи бодлесӣ ҷинсҳои кӯҳӣ бо як қатор сифатҳои нав соҳиб мешаванд. Вобаста ба омилҳои пайдоиши бодлесӣ-физикӣ, химиявӣ ва биологӣ мешавад.

Ҳамин тавр, дар натиҷаи таъсири мутақобилаи массаи ҷинсҳои кӯҳӣ бо орзанизмҳои зинда, инчунин маҳсули фаъолияти ҳаётии онҳо ва унсурхои гидросфераю атмосфера ҷинсҳои кӯҳӣ ба хок табдил меёбад.

Хокҳои реггил 20-50% зарраҳои гил ва 50-80% зарраҳои рег доранд. Онҳо нисбат ба гилбум об ва ҳаворо беҳтар гузаронида, нағз ҳал мешаванд. Хокҳои реггил қобилияти баланди захира кардани намиро доранд.

Хокҳои регомез ва регбумҳо бо доштани реги бисёр фарқ мекунанд. Регбумҳо 90-100 % рег ва камтар аз 10% гил доранд. Таркиби хокҳои регомез аз 80-90% рег то 20% гил иборат аст. Регбумҳо об ва ҳаворо ба чуқуриҳои зиёд озодона мегузаронанд. Ба таркиби механикии хок моддаҳои органикӣ низ дохил мешаванд.

Моддаҳои органикӣ дар таркиби боқимондаи баргу поя ва решаи рустанӣ, ҷасади нопӯсидаи ҳашарот мавҷуданд. Ба организмҳои зиндаи хок қисмҳои зеризамнии рустаниҳо, ҳашарот, кирмҳо ва дигар ҷонварон, ки дар зери замин сукунат доранд, мансуб мебошанд. Илова бар ин, дар ҳар хок ба миқдори зиёд микроорганизмҳои гуногун бактерияҳо, занбуруғҳо маскан гирифтаанд.

Дар таркиби хок қариб ҳамаи элементҳои химиявии маъмул дида мешавад. Элементҳои нисбатан паҳншудаи хок оксиген (49%), силитсий (33%), алюмний (7,13%), оҳан (3,8%), карбон (2%), калтсий (1,3%), натрий (0,6%), магний (0,6%), нитроген (0,1%) мебошад.

Хок монанди дигар ҷисмҳои табиӣ, бевосита дар натиҷаи фаъолияти умумии шароитҳои табиӣ пайдо шуда, минбаъд дар ҳамин шароитҳо тағйир ва инкишоф меёбад.

**4). Кори амалӣ: О**мӯзгор ба хонандагон интихоб намудани хок барои кулолгариро супориш медиҳад:

Қадамҳо:

1.Мувофиқи нишондоди омӯзгор бо намуди хокҳо барои кулолгарӣ шинос шавед.

2.Барои кулолгарӣ хокро интихоб кунед.

3.Хоки интихобшударо аз элаки симӣ гузаронида тоза намоед.

4.Хоки тозакардашударо ба зарф андохта тар кунед.

**5). Мустаҳкамкунӣ.** Дар ин лаҳзаи дарс аз бозии “Кросворд” истифода кардан мумкин аст.

Дар дарсҳои технология бозии «Кроссворд» гузаронидан мумкин аст. Вобаста ба синну соли хонандагон намудҳои гуногуни кроссвордро пешниҳод кардан мумкин аст.

**Мақсадҳои бозӣ:**

✓ Инкишоф додани қобилияти фикркунии мантиқӣ;
✓ Ташаккул ёфтани муқоисакунӣ, таҳлилкунӣ;
✓ Инкишофи зиракии хонандагон;
✓ Такрори дарсҳо;
✓ Арзёбии дониши хонандагон.

**Қадамҳои истифодаи бозӣ:**

➢ Аз тарафи омӯзгор дар тахтаи синф, ё бо воситаи проектор шакли кроссворд нишон дода мешавад;
➢ Тарафҳои амудӣ ва уфуқии он фаҳмонда мешавад;
➢ Омӯзгор саволҳои кроссвордро ба хонандагон нишон медиҳад;
➢ Аз тарафи омӯзгор саволҳо ба пуррагӣ фаҳмонда мешавад;
➢ Ба хонандагон супориш дода мешаванд, ки ҷавобҳои дурустро пешниҳод намоянд;
➢ Ҷавобҳои хонандагон бо ҷавобҳои дуруст муқоиса шуда, арзёбӣ карда мешаванд.

**Намуна.**

**Саволҳо:**

**Уфуқӣ:** 1. Дар мавриди бисёр тар будан гилбум чӣ гуна мешавад? 2. Муродифи мафҳуми «тарзи коркард»? 3. Дар вақти лойкунӣ ба хок чӣ ҳамроҳ мекунанд?

**Амудӣ:** 4. Яке аз ҳолатҳои хок. 5. Қабати болоии ҳосилхези қишри замин. 6.

Таркиби механикии хок.




**Ҷавобҳои дуруст:**
**Уфуқӣ:** часпак; технология; об.
**Амудӣ:** сахт; хок; гилбум.
**Дар натиҷа хонандагон:**
- Хотираи хонандагон инкишоф меёбад;
- Маводди нав мустаҳкам мешавад;
- Муқоисакунӣ, таҳлилкунӣ, зудфикркунӣ (зеҳни тез) инкишоф меёбад;

**Тавсия ба омӯзгор:** Дар синфҳои 5-6 аз як мавзӯъ интихоб намудани саволҳо беҳтар аст. Барои хонандагони синфҳои 7, 8, 9 кроссвордҳои мураккабтар истифода бурдан мумкин аст. Истифодаи кроссвордро дар дарс, ҳангоми такроркунии маводди омӯхташуда, ё арзёбии дониши хонандагон истифода бурдан мумкин аст.

Инчунин метавонед бо саволҳои зерин дониши хонандагонро мустаҳкам намоед.
- ❖ Хок чист ?
- ❖ Хок аз кадом ҳолатҳо иборат аст?
- ❖ Таркиби механикии хок чигуна аст?
- ❖ Таркиби моддаҳои органикии хокро шарҳ диҳед?
- ❖ Дар таркиби хок кадом элементҳои химиявӣ мавҷуданд?

6). **Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро қадр кунед.**

**7). Арзёбӣ.** Дар ҷараёни дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед *(мувофиқи натиҷаи арзёбии мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш гузошта мешавад)*.

| **Фаъолият** | **метавонад** | **қисман метавонад** | **наметавонад** |
|---|---|---|---|
| Оид ба хок ва хосиятҳо он маълумоти васеъ дода метавонад? | | | |
| Элементҳои химиявии дар таркиби хок мавҷудбударо эҷодкорона таҳлил карда метавонад? | | | |
| Дар бораи касби кулол маълумоти васеъ дода метавонад? | | | |
| Сифатҳои озодакориро ташаккул дода метавонад? | | | |

## ДАРСИ 26.
## Мавзӯъ: «Асбобу ускунаҳо барои кулолгарӣ»

**Барнома**: Асбобу ускунаҳо.

**Салоҳиятҳо**:

- Миқдори зиёди воситаҳои технологиро истифода бурда метавонад.
- Дар доираи мавзӯъҳои мураккаб ғояи навро пайдо карда метавонад.
- Доир ба касбҳои гуногун маълумоти васеъ дода метавонад.
- Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда онро дар амал ба таври васеъ татбиқ карда метавонад.

**Мақсадҳои дарс:**

- Технологияи тайёр кардани лойро донад ва тавонад.
- Асбобҳои кулолгариро дар мавридаш истифода бурда тавонад.
- Дар бораи касби кулол маълумоти васеъ дода тавонад.
- Завқи эстетикӣ ва маҳорати худро инкишоф дода тавонад.

**Таҷҳизоти зарурӣ**: китоби дарсӣ, намунаҳои расмҳои маҳсулоти кулолгарӣ, хок, корди чӯбин, ки теғҳои шаклаш гуногун (фонашакл, нимдоира камоншакл), корди металлӣ (филизӣ), зарфи махсус бо об, намунаҳои нақш, зарфҳои махсуси сирдор ё сафолин барои нигоҳ доштани лой, мӯйқаламҳои андозааш гуногун (доирашакл, ҳамвор), такягоҳ барои сохтани маснуот ва корҳои ороишию сайқалдиҳӣ. қӯраи барқии хушккунанда, овезаҳои доир ба мавзӯъ ва ғайра.

**Методикаи таълим:** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед.

**1). Ташкили дарс:** Дар ин марҳала корҳои зерин ба роҳ монда мешавад:

Тайёр намудани маводди хониш;

Ҳозир-ғоиб кардани хонандагон;

Омода намудани аҳли синф ба дарс.

**2). Такрори дарси гузашта:** Дарсро аз масъалагузорӣ оғоз кунед. Бо саволҳои зерин ба хонандагон муроҷиат кунед:

- Хок чист?
- Хок аз кадом ҳолатҳо иборат аст?
- Таркиби механикии хок чигуна аст?
- Таркиби моддаҳои органикии хокро шарҳ диҳед?
- Дар таркиби хок кадом элементҳои химиявӣ мавҷуданд?

Оид ба саволҳо каме муҳокимаронӣ намуда, донишҳои аз дарсҳои гузашта гирифтаи онҳоро ба хотирашон оваред.

**3). Шиносоӣ бо мазмуни мавзӯъ:** Лексияи хурди омӯзгор маълумотҳоро дар хусуси асбобу ускунаҳо барои кулолгариро дар бар мегирад.

Дар устохонаи таълими ҷойи кории кулолгар ташкил карда мешавад, ки дар он ҷо ҳар гуна корҳои кулолгариро иҷро карда мешавад. Ба ғайр аз ин барои кашидани расми ашё, мутолиаи адабиёт ҷой ҷудо карда мешавад. Боз дар устохона махсус ҷой барои нигоҳ доштани рангҳои гуногун, асбобҳо барои коркарди маснуот (кордҳои шакли теғашон гуногун, мӯйқалам) ҷудо карда шудааст.

Бо мақсади боз ҳам беҳтар фароҳам овардани шароити хуби кор дар устохона дастгоҳҳои механикии кулолгарӣ, дастгоҳи бо пой ба ҳаракат оварандаи кулолгарӣ, такягоҳҳо барои тарошидан ва сайқалу ранг кардани маснуот истифода бурда мешавад. Ба деворҳои устохона плакату аёниятҳои зарурие, ки дар он роҳҳо ва лаҳзаҳои сохтани маснуот акс ёфтаанд.

Хумдон барои пухтани маснуотҳои кулолгарӣ ва такягоҳҳои махсус, ки барои сохтани ҳаргуна маснуоти кулолгарӣ заруранд. Дар устохона корҳои ороишӣ, сайқалдиҳӣ, ранг ва сир пушонидани маснуоти кулолгарӣ иҷро карда мешаванд.

Барои сохтани маснуот лавозимот ва асбобҳои зарурии зерин лозиманд: зарфи махсус бо об, корди металлӣ барои буридан ва тарошидани лой, корди чӯбин, ки теғҳои шаклҳои гуногун дорад (фонашакл, нимдавра, камоншакл). зарфҳои махсуси сирдор ё сафолин барои нигоҳ доштани лой, мӯйқаламҳои андозааш гуногун (даврашакл, сайқалдиҳӣ, кӯраи барқии хушккунанда.

Дар қисми ёрирасон устохона асосан масолеҳи истифодашаванда: хок, гаҷ (гипс), шаклҳо (формаҳо), қолабҳо ва қуттиҳои барқии хушккунанда ва хумдон барои пухтани маснуотҳои кулолгарӣ гузошта мешавад.

Дар устохонаи таълимӣ ба сифати ҷойи кулолгар ҳамин хел ҷойро интихоб кардан лозим аст, ки хушк, барҳаво ва шароити ҳавои тоза иваз кардашаванда дошта бошад. Дар акси ҳол, яъне дар вақти хушк кардан ва пухтани маснуотҳои кулолгарӣ аз кӯраҳо буғи об ва дуд баромада, фазои устохонаро ифлос мекунад, ки ин сабаби вайрон шудани шароити санитарӣ-гигиенӣ мегардад. Чунон, ки ба мо маълум аст, дар чунин шароит кор кардан қатъиян манъ аст.



*Паргори гафси ченкунӣ ва халачӯбҳои махсус*



*Шоначаҳои кулолгарӣ*



*Бигиз ва ҳалқаҳои гуногун*



*Асбобҳои асосии кулолгарӣ: 1 – паргори ғафсиченкунанда, 2 – ҳалқа, 3 – халачӯб, 4 – мӯйқалам бо обчинак (губка), 5 – қолабҳо, 6 – сим, 7 – обчинак (губка)*

**4). Усули “Феҳрист”**

Истифодаи ин усул вариантҳои ғайристандартии ҳалли муамморо медиҳад ва варианти беҳтар кардашудаи усули “санҷиш ва хатогӣ” ба ҳисоб меравад, ки интихоби низоми тасодуфиро талаб мекунад.

**Мақсадҳои усул:**

- ✓ Инкишоф додани қобилияти фикркунии мантиқӣ;
- ✓ Ташаккул ёфтани муқоисакунӣ, таҳлилкунӣ;
- ✓ Инкишофи зиракии хонандагон;
- ✓ Такрори дарсҳо;
- ✓ Арзёбии дониши хонандагон.

**Намуна:**

**Қадамҳои истифодаи усул:**

- ➢ Аз тарафи омӯзгор дар назди хонандагон вазифа гузошта мешавад «Сохтани хурмача барои шир»;
- ➢ Объекти тасодуфӣ муайян карда мешавад, масалан – «Либоси мактабӣ»;
- ➢ Чӣ қадаре, ки ассотсиатсия (робитаи байни тасаввуроти алоҳида, ки яке дигареро ба вуҷуд меоварад) аз муаммо (вазифа) дур бошад, ҳамон қадар шавқовар мешавад;
- ➢ Акнун лозим аст, ки ба саволҳо ҷавоб диҳем;
- ➢ Савол - Либоси мактабӣ чӣ гуна бошад?;
- ➢ Ҷавобҳои тахминӣ – зебо, ҷилоъдор, хушсифат, арзон.
- ➢ Омӯзгор ба хонандагон муроҷиат карда мегӯяд: - Бачаҳо, кани муайян кунед, ки хурмача бояд чӣ хел сифатҳоро дошта бошад?
- ➢ Хулоса: Хурмача бояд зебо, ҷилоъдор, хушсифат ва арзон бошад.

**Дар натиҷа хонандагон:**

- ➢ Хотираи хонандагон инкишоф меёбад;
- ➢ Диққати хонандагон ба муаммо ҷалб мешавад;
- ➢ Нутқи хонандагон рушд мекунад;
- ➢ Муқоисакунӣ, таҳлилкунӣ, зудфикркунӣ (зеҳнияти) инкишоф меёбад.

**Тавсия ба омӯзгор:** Усули мазкурро ҳангоми муайян кардани объекти меҳнат, дар синфҳои 8-9 истифода бурдан мумкин аст.

**5). Корҳои амалӣ. Шиносоӣ бо сохт ва таъйиноти асбобҳои кулолгарӣ**

1. Бо ташкили ҷойи кори кулолгар шинос шавед.
2. Бо сохт ва тарзи кори асбобҳои кулолгарӣ шинос шавед.
3. Бо асбобҳои кулолгарӣ шинос шуда хоки таркардашударо гирифта, лой тайёр намоед.
4. Бо харитаи технологии сохтани ашё шинос шуда амалҳои
5. кориро машқ кунед.

**6). Мустаҳкамкунӣ.**

❖ Ҷойи кори кулолгар чӣ тавр ташкил карда мешавад?
❖ Барои кулогарӣ кадом асбобҳоро истифода мебаранд?
❖ Барои пурра ҷиҳозонидани устохонаи таълимӣ боз чӣ гуна корҳоро анҷом додан лозим аст?
❖ Қисми ёрирасони устохонаи таълимӣ барои чӣ лозим аст?

**7). Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро қадр кунед.**

**8). Арзёбӣ.** Дар ҷараёни дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед *(мувофиқи натиҷаи арзёбии мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш гузошта мешавад).*

| **Фаъолият** | **метавонад** | **қисман метавонад** | **наметавонад** |
|---|---|---|---|
| Технологияи тайёр кардани лойро донад ва метавонад? | | | |
| Эҷодкорона асбобҳои кулолгариро дар мавридаш истифода карда метавонад? | | | |
| Дар бораи касби кулол маълумоти васеъ дода метавонад? | | | |
| Завқи эстетикӣ ва маҳорати худро инкишоф дода метавонад? | | | |

## ДАРСИ 27.
## Мавзӯъ: «Амалиётҳои гилкорӣ»

**Барнома**: Амалиётҳои гилкорӣ.

**Салоҳиятҳо**:

➢ Миқдори зиёди воситаҳои технологиро истифода бурда метавонад.
➢ Дар доираи мавзӯъҳои мураккаб ғояи навро пайдо карда метавонад.
➢ Доир ба касбҳои гуногун маълумоти васеъ дода метавонад.
➢ Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, онро дар амал ба таври васеъ татбиқ карда метавонад.

**Мақсадҳои дарс:**

- Технологияи тайёр кардан ва истифодаи лойро дар ҳунари кулолгарӣ тавонад.
- Нақшаи “Тубаки гул”-ро эҷодкорона тартиб дода тавонад.
- Доир ба ҳунари кулолгарӣ маълумоти васеъ дода тавонад.
- Тарбия намудани зебоипарастӣ ва хештаншиносӣ.

**Таҷҳизоти зарурӣ**: китоби дарсӣ, намунаҳои расмҳои маҳсулоти кулолгарӣ, хок, корди чӯбин, ки теғҳои шаклаш гуногун (фонашакл, нимдоира камоншакл), корди металлӣ, зарфи махсус бо об, намунаҳои нақш, зарфҳои махсуси сирдор ё сафолин барои нигоҳ доштани лой, мӯйқаламҳои андозааш гуногун (доирашакл, ҳамвор), такягоҳ барои

сохтани маснуот ва корҳои ороишию сайқалдиҳӣ. қӯраи барқии хушккунанда, асбобҳои нақшакашӣ, овезаҳои доир ба мавзӯъ ва ғайра.

**Методикаи таълим:** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед.

**1). Ташкили дарс:** Дар ин марҳала корҳои зерин ба роҳ монда мешавад:

Тайёр намудани маводди хониш;

Ҳозир-ғоиб кардани хонандагон;

Омода намудани аҳли синф ба дарс.

**2). Такрори дарси гузашта:** Дарсро аз гузоштани масъала оғоз кунед. Бо саволҳои зерин ба хонандагон муроҷиат кунед:

Оид ба саволҳо каме муҳокимаронӣ намуда, донишҳои аз дарсҳои гузашта гирифтаи онҳоро ба хотирашон оваред.

**3). Шиносоӣ бо мазмуни мавзӯъ:** Омӯзгор ба хонандагони синф дар бораи амалиёти гилкорӣ маълумот медиҳад.

Солҳои охир барои аз нав барқарор ва тараққӣ додани санъатҳои миллӣ-халқӣ, монанди кандакорӣ дар чӯб, гаҷкорӣ, мисгарӣ, кулолгарӣ ва дигар намудҳои санъат аҳамияти калон дода шуда, ҳаматарафа такмил ва дастгирӣ карда шуда истодааст.

Кормандон доир ба коркарди дастии интихоби хок, тарзи тоза кардан, нам кардан, лойкунӣ, амалиётҳои кор ва хушконидани он, роҳҳои тайёр кардан ва истифодаи рангҳои кулолгарӣ ва дар охир хушконидан ва пухтани маснуотҳои тайёри кулолгарӣ дар хумдон маълумоти пурра мегиранд.

Тайёр кардан ва истифода бурдани лой дар санъати кулолгарӣ, яке аз вазифаҳои муҳимтарин ва асосӣ ҳисобида мешавад. Барои он, ки маҳсулоти сохташуда сифати баланд ва намуди ҷалбкунанда дошта бошад, дар мадди аввал шахс бояд сохт ва таркиби хокро нағз донад. Яъне бе надонистани ташкилдиҳандаҳои таркиби хок сохтани маҳсулоти баландсифат имконнопазир нест. Раванди тайёр кардани маҳсулоти кулолгарӣ яке аз роҳҳои мураккаб буда, он аз иҷрокунанда маҳорати баланд ва дониши пурраро талаб мекунад. Офаридани маҳсулоти бадеии кулолгарӣ бевосита аз интихоб кардани хок сар мешавад. Дар вилояти Суғд барои корҳои кулолгарӣ хокро асосан аз қишлоқи Ғулакандози ноҳияи Ҷаббор Расулов ва шаҳрчаи КИМ-и шаҳри Исфара оварда мешавад. Ранги хоки ин ҷойҳо сурхчатоб буда, дар таркиби худ ғашҳои ҳархела: санг, партовҳо, хоки шӯр ва ғайраро надорад. Мақсад аз истифода бурдани хоки ин ҷойҳо аз он аст, ки онҳо часпак буда, маҳсулоти сохташаванда нисбатан устувор мебарояд. Ба ғайр аз устохонаҳои шаҳри Хуҷанд ин хокро устохонаҳои кулолгарӣ ва корхонаи хишти ноҳияҳои Ҷаббор Расулов, Спитамен, шаҳри Исфара васеъ истифода мебаранд.

Баъди хокро интихоб кардан онро аз ғашҳо тоза мекунанд, яъне аз симэлак гузаронида, дар муддати як шабонарӯз (24 соат) дар зарфи махсус ба об нам карда мемонанд. Баъди ин лойро муддати 10-15 дақиқа ба лойомез (глиномешалка) меандозанд, ки дар натиҷаи даврзании он заррачаҳои хок пурра ҳал мешаванд, яъне қисмҳои ҳалнашуда- ғурӯшаҳ пурра майда карда мешаванд. Дар раванди тайёр шудани лой дар лойомез ба он мӯйи ҳайвонот ё сараки пашммондаи қамиш ҳамроҳ карда мешавад, ки он сахтӣ ва мустаҳкамии маҳсулотро баланд мекунад. Вақте, ки лой пурра ҳал карда мешавад, онро қисм-қисм дар болои сурфаи тахтагин ба шакли кулӯла мегиранд ва бо мушт лойро коркард мегузаронанд (муштзанӣ). Бо ин роҳ аз дохили лой ҳаво ва ҳаргуна ғашҳо ба монанди санг, параҳаҳои чӯб ва дигар чизҳо, ки аз элаки симӣ ҳангоми безидани хок мегузаранд, тоза карда мешавад. Ба ғайр аз ин бо ин роҳ ҳавои таркиби лойро мебароранд, ки ҳатто миқдори ками ҳаво дар таркиби лой барои сохтани маҳсулотои хуби бадеӣ душвории калон меоварад. Агар дар қабати лой сангрезаҳо монад, он гоҳ ҳангоми пухтани маснуоти сохташуда дар ҳарорати баланд он кафида рафта, сабаби корношоям шудани маснуот мегардад.

| | |
|---|---|
| <br>Барои лойро аз газҳо озод кардан ва то ба дараҷаи ғилзати мулоим омадан бо дастӣ коркард мекунанд. | <br>Коркарди лой бо дастӣ |
| <br>Лойи тайёршуда | <br>Тақсим (буриши) кардани лой бо сим |
| <br>Қисми бо сим буридашудаи лойро ба матоъ ҷой мекунанд ва бо ҳарду кафи даст лойро ба миз фишурда, бо қисми поёнии кафи даст дар як вақт лойро муқобили ақрабаки соат мегардонанд. Баъд лундаи лойро нофишурда, мувофиқи ақрабаки соат дар рӯйи миз ба ҷойи аввала мегардонанд. Ин амалиётро аз қатшавӣ эҳтиёт карда, 30-40 маротиба такрор мекунанд, то ки ҳаво ба қабатҳои лой ворид нагардад. Дар натиҷа лӯндаи лой  шакли нақши спиралмонандро мегирад. | <br>Як қисми лӯндаи буридаи лойро бо даст то ба болои сар бардошта, бо қувва ба рӯйи миз, ба матоъ якчанд маротиба (10-15) мепартоянд. Ин тарз лойро хуб сахту маҳкам мекунад ва ҳаворо аз таркиби он тоза мекунад. |

**4). Усули «Фишбоун (Склети моҳӣ)»**

Дар устухони сари моҳӣ муаммо нишон дода шудааст, ки дар матни мавзӯи нав дида баромада мешавад. Дар худи склети моҳӣ устухонҳои қаноти болоӣ – сабабҳои пайдоиши муаммои омӯхташавандаро қайд мекунанд. Дар муқобили устухонҳои қаноти болоӣ устухонҳои қаноти поёнӣ ҷойгир шудаанд, хонандагон дар вақти омӯзиши мавзӯъ далелҳое, ки дар он мазмун инъикос ёфтааст менависанд. Далелҳо ба муаммо равшанӣ ва қиёфаи ҳақиқӣ дар бораи механизми мушаххас медиҳанд. Устухонҳои қанотҳои болоӣ ва поёниро ба қисмҳо ҷудо намуда, маълумотҳои пешниҳодшударо васеъ кардан мумкин аст.

**Намуна:**




**5). Мустаҳкамкунӣ.** Дар ин лаҳзаи дарс омӯзгор дониши хонандагонро ба саволҳои зерин мустаҳкам мекунад.

❖ Амалиётҳои кориро дар қисми коркарди дастӣ номбар кунед.
❖ Марҳалаҳои амалиёти кориро баён кунед.
❖ Пеш аз сохтани маснуот чӣ бояд кард?
❖ Дар бораи тасвир ва сохтани ашё маълумот диҳед?

6). **Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати баҳогузорӣ кунед.**

**7). Арзёбӣ.** Дар ҷараёни дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед *(мувофиқи натиҷаи арзёбии мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш гузошта мешавад).*

| Фаъолият | метавонад | қисман метавонад | наметавонад |
|---|---|---|---|
| Технологияи тайёр кардан ва истифодаи лойро дар ҳунари кулолгарӣ метавонад? | | | |
| Нақшаи “Тубаки гул”-ро эҷодкорона тартиб дода метавонад? | | | |
| Доир ба ҳунари кулолгарӣ ва танӯрсозӣ маълумоти кофӣ дода метавонад? | | | |

## ДАРСИ 28.
## Мавзӯъ: «Сохтани маснуот бо усули дастӣ»

**Барнома**: Пайдарҳамии амалиёти иҷро бо усули дастӣ.

**Салоҳиятҳо**:
- Миқдори зиёди воситаҳои технологиро истифода бурда метавонад.
- Дар доираи мавзӯъҳои мураккаб ғояи навро эҷод карда метавонад.
- Доир ба касбҳои гуногун маълумоти васеъ дода метавонад.
- Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда онро дар амал ба таври васеъ татбиқ карда метавонад.

**Мақсадҳои дарс:**
- Дар бораи пайдарҳамии шаклсозӣ аз гил маълумоти васеъ дода тавонад.
- Аз гил шаклҳои гуногуни ҳайвонот ва бозичаҳоро сохтаву офарида тавонад.
- Дар бораи ҳунари сикказанӣ маълумоти мухтасар дода тавонад.
- Хислатҳои эҷодии худро ташаккул дода тавонад.

**Таҷҳизоти зарурӣ**: китоби дарсӣ, намунаҳои расмҳои маҳсулоти кулолгарӣ, намунаҳои аҷубаҳо, хок, корди чӯбин, ки теғҳои шаклаш гуногун (фонашакл, нимдоира камоншакл), корди металлӣ, зарфи махсус бо об, намунаҳои нақш, зарфҳои махсуси сирдор ё сафолин барои нигоҳ доштани лой, мӯйқаламҳои андозааш гуногун (доирашакл, ҳамвор), такягоҳ барои сохтани маснуот ва корҳои ороишию сайқалдиҳӣ. қӯраи барқии хушккунанда, асбобҳои нақшакашӣ, овезаҳои доир ба мавзӯъ ва ғайра.

**Методикаи таълим:** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед.

**1). Ташкили дарс:** Дар ин марҳала корҳои зерин ба роҳ монда мешавад:

Тайёр намудани маводди хониш;

Ҳозир-ғоиб кардани хонандагон;

Омода намудани аҳли синф ба дарс.

**2). Такрори дарси гузашта:** Дарсро аз масъалагузорӣ оғоз кунед. Бо саволҳои зерин ба хонандагон муроҷиат кунед:
- Амалиётҳои кориро дар қисми коркарди дастии номбар кунед.
- Марҳалаҳои амалиёти кориро баён кунед.
- Пеш аз сохтани маснуот чӣ бояд кард?
- Дар бораи тасвир ва сохтани ашё маълумот диҳед?

Оид ба саволҳо муҳокима ронда, донишҳои аз дарсҳои гузашта гирифтаи онҳоро ба хотирашон оваред.

**3). Шиносоӣ бо мазмуни мавзӯъ:** Омӯзгор дар лексияи хурд дар бораи сохтани маснуот бо усули дастӣ маълумот медиҳад.

Сохтани маснуоти кулолгарӣ бо усули дастӣ яке аз ҳунарҳои қадимтарин ба шумор меравад. Он маснуотҳо ва тасвири онҳо ки аз давраҳои қадим ба мо омада расидааст, аз тасаввуроти хаёлоти рангини сокинонаш гувоҳӣ медиҳад. Дуруст ва моҳирона истифодабарии ранг, аниқ ва пурра нишон додани шакл ва сохти маснуот, аз тараққиёти баланди санъати кулолгарии он замона низ шаҳодат медиҳад. Монанди:

тасвири зан бо гаҳвора, ҳайвонҳои шохдори хонагӣ, тасвири ҳайвонҳои ваҳшӣ ва ғайраҳо.

Пеш аз он ки ба сохтани ягон маснуот шурӯъ кунем, мо бояд бо шакл, сохт ва характери он пурра шинос шавем (ҳайвон, паранда , лавозимоти рӯзгор ва ғайра аз рӯйи расм  бевосита бо худи он). Лавозимот ва асбобҳои зарурие, ки барои сохтани маснуот зарур аст, инҳоянд: зарфи махсус бо об, корди металлӣ (филизӣ) барои буридан ва тарошидани лой, корди чӯбин, ки як тарафи он ба шакли гуногун тарошида шудааст (фонашакл, нимдоира, камоншакл), тасвири маснуоти сохташаванда бо ранги сиёҳу сафед. Пас аз ин лойро ба рӯйи тахта гирифта, ба кор шурӯъ кардан лозим аст.

Пеш аз ҳама аз лой шакли умумии маснуот, яъне шакли абстрактии он сохта шуда, қисмҳои алоҳидаи онро бо корди чӯбин ё металлӣ (филизӣ) нишон дода мешавад. Мисол: агар тасвири одам, ҳайвонот ва паранда  бошад, он гоҳ узвҳои алоҳида ва тарзи ҷойгиршавии онҳоро пай дар пай тарошида мешавад. Ин амалиёт инчунин дар вақти сохтани асбобҳои рӯзгор низ риоя карда мешавад. Аз сабаби он, ки дар лойи тар ҳамаи корҳои ороиширо иҷро кардан номумкин аст, маҳсулотро ба як муддати муайян (10-12) барои хушконидан дар ҳароратҳои 18...20$^{0}$ С ба рӯйи пештахтаҳо мегузоранд.

Баъди як вақти муайян намнокии лой қисман кам мешавад ва пас  аз сахтии он устувор шудан, асосан бо корди металлӣ ба ороишдиҳии дуюм сар карда, характери ҳар як қисмҳои алоҳидаи маснуот нисбатан пурра нишон дода мешавад. Дар вақти сохтани асбобҳои дар рӯзгор истифодабурдашаванда ин амалиёти  асосӣ мебошад, яъне дар сатҳи рӯяи онҳо тасвири нақшаҳо, меваҳо, ҳайвонот, дар гарданаю пояи кӯзаву гулдонҳо, чойнику пиёлаҳо нақшҳои шакли геометрӣ дошта ҳосил карда мешавад. Дар ҳолати нишон додани баъзе элементҳои ниҳоят нозук, ки лой дар ҳолати нимхушкӣ мебошад, душвор аст, онро дар қуттиҳои хушккунанда дар гармии на он қадар баланд боз аз нав гузошта хушк кунанд. Дар ин раванд асосан бо кордҳои металлии майда ороишро пурра ба охир расонида, бо латтаи дар об маҳлули ранг таркардашуда маснуотро оҳиста сайқал медиҳанд. Баъди ин маснуот ниҳоят суфта гардида, ба ранг кардан тайёр мешавад.

**4). Усули “Синтетика”**

Солҳои 50-уми асри XX аз тарафи Уилям Гордон (илм) усули нави ҷустуҷӯйи ҳалли эҷодӣ – синтетика пешниҳод карда шуд. Дар тарҷума аз юнонӣ ин калима “мувофиққунии унсурҳои гуногун”-ро мефаҳмонад.

Дар асоси синтетика усули ангезиши зеҳн гузошта шудааст. Лекин, барои синтетика гурӯҳи (5-7 нафар) одамони ихтисосҳои гуногун бо таълими пешакии ҳатмӣ ташкил карда мешаванд.

Синектор баъди тайёрӣ рутбаи “Генератори касбии ғояҳои нав”-ро мегиранд. Баъзе сифатҳои синекторро қайд мекунем:

- маҳорати фикран истисноъ кардан (абстрагироваться);
- фикран ҷудо шудан аз предмети муҳокима;
- тахайюлоти ғанӣ;
- қобилияти тағйир додан;
- канорагирӣ аз ғояҳои бо зӯрӣ бор кардан;
- маҳорати аз ғайримуқаррарӣ дарёфти кардани ҳолатҳои муқарарӣ ва баръакс;
- тафаккури ассотсиатсиянок – робитаи байни тасаввуроти алоҳида, ки яке дигареро ба вуҷуд меоварад;
- муносибати тоқатпазирӣ ба муаммоҳо, ки аз тарафи рафиқон пешниҳод карда мешавад;
- пурдонӣ ва ҷаҳонбинии васеъ.

Синекторҳо дар фаъолияти худ муодилҳоро (чизе, ки ба чизи дигар монанд аст) истифода мебаранд.

Намудҳои муодил, ки синнекторҳо истифода мебаранд

| Рост | Шахсӣ | Рамзӣ | Тахайюллотӣ |
|---|---|---|---|
| Маълум кардан чӣ тарз масъала ҳал шуда истодааст – ба масъалаи мазкур монанд. | Худро бо объекти техникӣ монанд кардан. | Бо ду калима моҳияти масъаларо фаҳмонидан. | Баровардани ягон воситаҳои тахайюлотӣ (ё персонаж), ки оид ба ҳалли шарти масъала талаб карда мешавад. |

**Муодили рост:** Объекти коркардшаванда бо дигар муодили соҳаи техника ё аз табиати зинда барои дарёфти намунаи ҳал муқоиса карда мешаванд. Масалан: Тавассути қубур омехтаи маъдани оҳан бо об ҳаракат карда истодааст. Сарпӯше, ки ин ҷараёнро идора мекунад, тез аз кор мебарояд ва барои ивази он равандро боздоштан лозим аст. Сарпӯшро чӣ тавр сохтан лозим аст, ки муддати дароз кор кунад.

Гурӯҳи синекторҳо дар ҷустуҷӯйи худ, чунин ғояҳоро дида мебароянд:

- Чӣ тарз аз таъсири муҳити беруна рустаниҳоро муҳофизат бояд кард;
- Чӣ тарз меъдаи ҳайвонот сохта шудааст, ки хӯрокҳои сахти хордорро истеъмол мекунанд ва ғайра.

Барои муҳофизати сарпӯш аз соиш ва хӯрдашавӣ ба ин монанд ягон чизро истифода кардан мумкин аст.

**Муодили шахсӣ (эмпатия - хаёлпарастӣ):** Синектор худро ба обекти техникӣ (масалан, самолёт, луноход) тасаввур мекунад ва дарк мекунад, ки чӣ тавр ӯ дар ин гуна вазъият амал кунад. Ҳамчун ҳунарпешае, ки ба образи қаҳрамони худ ғӯта мезананд, бо ҳиссиёти онҳо зиндагӣ мекунанд. Худро ҳамчун сарпӯш тасаввур карда, онҳо аввал аз зарбаҳо худро эҳтиёт мекунад. Баъд ба даст барои он ки зарраҳои маъданро тела диҳанд сипар мегиранд. Дар ин образ калиди ҳалли муаммо мавҷуд аст. Дар амал сарпӯшро магнитнок мекунанд ва зарраҳои маъдан ҳамчун муҳофизаткунанда рӯйпӯш мешавад. Ин қабат доимо аз соиш хӯрда мешавад, боз бо зарраҳои нав иваз мешавад.

**Муодили рамзӣ:** Дар шакли маҷозӣ ё фикре, ки бо ақидаҳои маъмулӣ мувофиқат намекунад, муайян кардани объект талаб карда мешавад, ки моҳияти он маълум гардад. Муайянкунӣ бояд аз ду калима (одатан ин сифат ва исм), ки як калима аз рӯйи мазмун ба дигар калима мухолиф аст, яъне алоқаи байни калимаҳо бояд дар худ мазмуни интизорнабуда ва ҳайратовар дошта бошад.

| **Мафҳуми муайяншаванда** | **Муайянкунӣ** |
|---|---|
| Бодкаш (вентилятор) | Шамоли сахт, вазидани шамолдиҳаки рӯйи мизӣ, гирдбоди карахтшуда, |
| Китоб | Суҳбатчии хомӯш, гуфтугӯ дар танҳоӣ. |
| Аланга | Гармии дидашаванда. |
| Абр | вазнинии сабук, оби ҳавоӣ, холигии ношаффоф. |
| Мустаҳкамӣ | Яклухтии маҷбурӣ. |
| Доираи суфтакунӣ | Шахшӯлии аниқ |

Инак барои нест кардани хӯрдашавии сарпӯш дар раванди ҷустуҷӯйи хислатҳои образии муҳофизати раванд чунин мафҳумҳои маҷозӣ пешниҳод карда шуд: зиреҳи зинда, ҷавшани ноаён, ҷилди сабзанда. Муодили охирин ҳалли техникиро муйян кард: Ба сарпӯш барои муҳофизати он қабати яхи зиёдшаванда, омили хунуккунандаро додан зарур аст.

**Муодили тахайюлотӣ :** Зарур аст, ки объекти дигаргуншавандаро чунон тасаввур кардан лозим аст, чӣ хеле ки мо мехоҳем ҳамон хел бинем, яъне, бе назардошти маҳдудиятҳои мавҷудбуда ва имкониятҳо (мавҷудияти сарчашмаҳои энергия,

шароитҳои зарурӣ, қонуниятҳои физикӣ ва ғайра). Баъди таснифоти муодилҳои тахайюлотӣ бояд маълум намоем, ки чӣ барои ҳалли дарёфтшуда дар шароити ҳақиқӣ монеъагӣ мекунад ва кӯшиши дахолат накардани монеаро озмудан лозим аст. Масалан: Дар асри 18 ҳаракати хуни одамро ба мадду ҷазри баҳр муқоиса мекарданд. Физиолог ва табиби англис У.Гарвей муродифи навро пешниҳод кард – насос – ва ба ғояи фундаменталии гардиши бетанаффуси хун муяссар шуд.

Рафти ҳалли усули синектикӣ

**1.** Синекторҳо **чӣ хеле, ки муаммо дода шудааст, ҳамон хел тасвият медиҳанд**. Хусусияти ин давра дар он мебошад, ки ҳеҷ кас ба ғайр аз роҳбар шарти мушаххаси вазифаро намедонад. Ҳисоб карда мешавад, ки бармаҳал муайян кардани тасвияти мушаххаси масъала барои дарёфти муаммо мушкилӣ меоварад.

**2.** Синекторҳо **муамморо чӣ тавре, ки онҳо мефаҳманд ҳамон хел тавсият мекунанд**. Имкониятҳои муаммоҳои ношинос ва ғайриодиро ба як қатор муаммоҳои муқаррарӣ табдил доданро дида мебароянд. Аз рӯйи моҳият дар ин давра муаммо ба зермуаммо тақсим мешаванд.

**3. Генератсияи муаммо** (пешниҳодкунӣ ва ҷамъкунӣ) гузаронида мешавад. Экскурсия ба соҳаҳои гуногуни техника, табиат, психология барои маълум намудани чӣ тарз муаммоҳои муодилӣ дар ин соҳаи дур нисбат ба масъалаи додашуда ҳал мегардад, оғоз меёбад. Барои ин ҳамаи намудҳои муодилҳо истифода бурда мешавад.

**4.** Дар давраи генератсия муаммоҳои муайяншударо ба чӣ хеле, ки муаммо дода шудааст, ҳамон хел тавсият мекунанд ва ба муамморо чӣ тавре, ки онҳо мефаҳманд тавсият медиҳанд мекӯчонанд. Дар ин давра **баҳодиҳии танқидии муаммо, машварат бо мутахассис, экспертҳо ба амал меоянд**.

**Намуна:**

1. Ҳонандагонро ба зергурӯҳҳои 4-5 нафара тақсим карда мешавад. Ҳар як зергурӯҳ дар давоми 5-дақиқа бояд шумораи зиёди муодилҳоро ба як предмет фикр кунанд ва нависанд (тахтаи синф, соат, китоб, тиреза, харита).

2. Ҳар як зергурӯҳ дар давоми 5-7 дақиқа бояд шумораи мисолҳое, ки муодили он дар техника ин муодилҳо истифода мешаванд дарёфт кунад ва нависад.

Ҷавоби муайянкунӣ: **тахтаи синф** – аслиҳаи таълим, таблои дастнавис, дониши бӯрӣ, дарахти гӯянда, муаллими хастанашаванда, варақаи тахтагин, гунги гӯянда, гӯяндаи деворӣ.

| Мафҳуми муайяншаванда | Муайянкунӣ |
|---|---|
| тахтаи синф | аслиҳаи таълим, таблои дастнавис, дониши бӯрӣ, дарахти гӯянда, муаллими хастанашаван-да, варақаи тахтагин, гунги гӯянда, гӯяндаи деворӣ. |
| Аҷуба (бозича) | |



**5). Кори амалӣ:** Омӯзгор ба хонандагон тартиби шаклсозӣ аз гилро супориш медиҳад.

**Қадамҳо:**

1. Интихоби сюжети асари эҷодӣ.
2. Тасвири ангораи персонажи тахайюлӣ.
3. Тайёр кардани лойи кулолгарӣ.
4. Амалиёти шаклсозӣ аз масолеҳи гилӣ.
5. Хушк кардан ва пухтани маснуоти кулолӣ.
6. Ороиш додани маснуоти кулолӣ.

**6). Мустаҳкамкунӣ.**

- ❖ Пеш аз сохтани маснуот чӣ бояд кард?
- ❖ Кадом амалиёт асос ҳисобида мешавад?
- ❖ Корҳои ороиширо дар кадом мӯҳлат иҷро намудан лозим аст?
- ❖ Тартиби кори сайқалдиҳиро шарҳ диҳед?

7). **Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро қадр кунед.**

**8). Арзёбӣ.** Дар ҷараёни дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед *(мувофиқи натиҷаи арзёбии мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш гузошта мешавад).*

| **Фаъолият** | **метавонад** | **қисман метавонад** | **наметавонад** |
|---|---|---|---|
| Дар бораи пайдарҳамии шаклсозӣ аз гил маълумоти кофӣ дода метавонад? | | | |
| Аз гил шаклҳои гуногуни ҳайвонот ва аҷубаҳоро сохта метавонад? | | | |
| Дар бораи ҳунари кулол ва аҷубасоз маълумоти мухтасар дода метавонад? | | | |
| Хусусиятҳои эҷодкории худро ташаккул дода метавонад? | | | |

## ДАРСИ 29.
## Мавзӯъ: «Сохтани маснуот бо усули механикӣ»

**Барнома**: Сохтани маснуот бо усули механикӣ.

**Салоҳиятҳо**:

- ➢ Миқдори зиёди воситаҳои технологиро истифода бурда метавонад.
- ➢ Дар доираи мавзӯъҳои мураккаб ғояи навро эҷод карда метавонад.
- ➢ Доир ба касбҳои гуногун маълумоти васеъ дода метавонад.
- ➢ Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, онро дар амал ба таври васеъ татбиқ карда метавонад.

**Мақсадҳои дарс:**

- Дар бораи сохтани маснуот бо усули механикӣ маълумоти васеъ дода тавонад.
- Пайдарпайи харитаи технологии сохтани тубаки гулро тасвир карда, эҷодкорона сохта тавонад.
- Вобаста ба касби кулолгарӣ маълумоти мушаххас дода тавонад.
- Бо асбобҳо эҳтиёткорона муносибат карда тавонад.

**Таҷҳизоти зарурӣ**: китоби дарсӣ, намунаҳои расмҳои маҳсулоти кулолгарӣ, намунаҳои аҷубаҳо, хок, корди чӯбин, ки теғҳои шаклаш гуногун (фонашакл, нимдоира камоншакл), корди металлӣ, зарфи махсус бо об, намунаҳои нақш, зарфҳои махсуси сирдор ё сафолин барои нигоҳ доштани лой, мӯйқаламҳои андозааш гуногун

(доирашакл, ҳамвор), такягоҳ барои сохтани маснуот ва корҳои ороишию сайқалдиҳӣ. қӯраи барқии хушккунанда, асбобҳои нақшакашӣ, овезаҳои доир ба мавзӯъ ва ғайра.

**1). Ташкили дарс**: Дар ин марҳала корҳои зерин ба роҳ монда мешавад:

Тайёр намудани маводди хониш;

Ҳозир-ғоиб кардани хонандагон;

Омода намудани аҳли синф ба дарс.

**2). Пурсиши вазифаи хонагӣ**: Дарсро аз гузоштани масъала оғоз кунед. Бо саволҳои зерин ба хонандагон муроҷиат кунед:

- Пеш аз сохтани маснуот чӣ бояд кард?
- Кадом амалиёт асос ҳисобида мешавад?
- Корҳои ороиширо дар кадом мӯҳлат иҷро намудан лозим аст?
- Тартиби кори сайқалдиҳиро шарҳ диҳед?

Оид ба саволҳо каме муҳокимаронӣ намуда, донишҳои аз дарсҳои гузашта гирифтаи онҳоро ба хотирашон оваред.

**3). Шиносоӣ бо мазмуни мавзӯъ:** Дар қисмати баёни мавзӯи нав дар бораи сохтани маснуот бо усули механикӣ ба хонанданон омӯзгор маълумот пешниҳод мекунад.

Ҳангоми ба таври механикӣ аз коркарди марказонидани лой то сохтани маснуотҳои сатҳи мураккаб дошта маҳорату малака меомӯзад.

Яке аз лаҳзаҳои асосие, ки сифатнокӣ ва устувории маснуоти кулолгарӣ аз он вобастагӣ дорад, марказонидани лой дар чархи кулолгарӣ мебошад. Лойи хуб коркардашуда дар мадди назари бинанда бояд беҳаракат намояд. Барои ба ин мақсад расидан бояд тарзи гузоштан, доштан ва идора карда тавонистани лойро дар чарх пурра донист. Лойро бо ду даст устувор (дар айни вақт озод) дошта, бо ёрии панҷаҳо ба шакли дилхоҳ овардан мумкин аст. Пеш аз сохтани ҳар гуна маснуот кулолгарии гуногуншакл бо ангушти калон (ангушти ҳайрат) лойро аз маркази он зер карда чуқурии маснуоти сохташавандаро аниқ мекунанд. Баъд аз ин бо дасти рост аз сатҳи маснуоти сохташудаистода дошта, бо ангушти чап деворҳои маснуотро вобаста аз тасвири пешакӣ аниқ кардашуда оҳиста-оҳиста мебардоранд. Бояд таъкид кард, ки ҳар гоҳ маснуотро бо оби лойолуд тар карда меистанд, ки лағжиши байни маснуот ва ангуштон осон шавад. Бо ҳамин роҳ дар чархҳои кулолгарӣ ҳар гуна маснуотҳои зебо ва дилчасп сохтан мумкин аст.

**4). Усули "Низоми лифт"**

Инчунин, омӯзгор метавонад аз усули «Низоми лифт» истифода намояд.

Усули «Низоми лифт» пайдарҳамии амалҳо барои муайян кардани роҳҳои ба даст овардани натиҷа аст. Онро дар мавридҳои ҷустуҷӯйи роҳҳои гуногуни ҳали мушкилот, муайян кардани пайдарпайии ҳодисаю амалҳо, муайян кардани сабаби ҳодисаю амалҳо ва ғайра истифода мебаранд.

Ҳангоми шиносоӣ бо пайдарпайи сохтани тубаки гул аз ин усул истифода бурдан айни мудао мебошад. Дар мисоли лифт мо донишҳо ва амалҳои заруриро асоснок мекунем ва ба омӯхтани маводди нав шурӯъ мекунем. Хонандагон мустақилона ҳаракати низоми лифтро месозанд.

**Мақсадҳои усул:**

- ҷустуҷӯ карда тавонистани роҳҳои ҳалли масъала;
- Дарёфти пайдарҳамии амалҳо;
- инкишофи малакаҳои фикрронӣ ва нутқи шифоҳӣ;
- иртиботи сабаб ва натиҷа.

**Қадамҳои усул:**

- Омӯзгор хонандагонро бо низоми лифт ошно месозад;
- Ба хонандагон саволи мувофиқи низоми лифт таснифшавандаро пешниҳод мекунад;

• Хонандагон бо маслиҳат дар тахтаи синф низоми лифтро тасвир карда, ҷавобҳоро менависанд;

• Омӯзгор назорат карда маслиҳатҳои муфид медиҳад;

• Омӯзгор низоми лифтро ҷамъбаст карда, иштирокчиёни фаъолро рӯҳбаланд мекунад.

**Намуна:**

Аз усули низоми лифт истифода бурда натиҷаи пайдарҳамии сохтани тубаки гулро муайян кунед?

Ҷавоб: Интихоби хок → тоза кардани хок, тар кардани хок → лойкунӣ → мушткунӣ → кулолгарӣ →пардозкунӣ →хушккунӣ →пухтан →ороиш.




**Дар натиҷа хонандагон**

- андешаҳои худро дар гурӯҳ таҳлил мекунанд;
- ҷавобҳоро муқоиса карда алоқамандӣ ва пайдарҳамиро муайян менамоянд;
- фикру мулоҳизаҳоро кӯтоҳ ва мушаххас баён ва қайд мекунанд;
- ба мулоҳизаҳои худ далел меоранд;

**Тавсия ба омӯзгор:** Усули мазкурро дар раванди таълими технология (таълими меҳнат) дар мавзӯъҳое, ки мафҳумҳои пайдарҳами ба якдигар алоқаманд мавҷуд аст ва ё корҳои амалӣ истифода кардан мумкин аст.

**4). Кори амалӣ:** Омӯзгор ба хонандагон кори амалиро супориш медиҳад: Тартиб додани расми техникии «ороиши рӯйи сандуқча»

**Қадамҳои иҷрои кори амалӣ:**

**Харитаи технологии**

**«ТУБАКИ ГУЛ»**

| № | Марҳалаҳои иҷрои кор | Амалиёт | Асбобу маводди лозима |
|---|---|---|---|
| 1 | Интихоби хок |  | |
| 2 | Тоза кардани хок |  | Элак |
| 3 | Нам кардани хок |  | Зарф, об |
| 4 | Лойкунӣ |  | Зарф |
| 5 | Мушткунӣ |  | Зарф, тахтача |
| 6 | Кулолгарӣ, Пардозкунӣ, Хушккунӣ |  | Чархи кулолӣ, корди чӯбин, корди металлӣ, матоъ, тахтача, қуттӣ. |
| 7 | Пухтан |  | Хумдон, печи муфелӣ |
| 8 | Ороиши тубакча |  | Ранг, мӯқаламҳои гуногун. |

***Эзоҳ:*** *Кори амалии тартиб додани харитаи технологӣ ва амалиёти сохтани онро хонандагон дар хонаи худ ё дарси оянда давом медиҳанд.*

**5). Мустаҳкамкунӣ.**

- ❖ Сохтани маснуот бо тарзи механикиро шарҳ диҳед?
- ❖ Лаҳзаҳои асосии кулолгарӣ кадом аст?
- ❖ Барои ба мақсад расидан чӣ бояд кард?
- ❖ Барои чӣ бо оби лойолуд маснуотро тар мекунанд?

**6). Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро қадр кунед.**

**7). Арзёбӣ.** Дар ҷараёни дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед *(мувофиқи натиҷаи арзёбии мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш гузошта мешавад).*

| Фаъолият | метавонад | қисман метавонад | наметавонад |
|---|---|---|---|
| Дар бораи сохтани маснуот бо усули механикӣ маълумоти васеъ дода метавонад? | | | |
| Пайдарпайи харитаи технологии саохтани тубаки гулро тасвир карда, эҷодкорона сохта метавонад? | | | |
| Вобаста ба касби кулолгарӣ маълумоти мушаххас дода метавонад? | | | |
| Дар бораи сохтани маснуот бо усули механикӣ маълумоти васеъ дода метавонад? | | | |

## ДАРСИ 30.
## Мавзӯъ: "Ранг ва ороиши маснуот"

**Барнома**: Пардоз ва намудҳои он. Ранг ва ороиши маснуот. Қоидаҳои бехатарии меҳнат.

**Салоҳиятҳо**:

- Микдори зиёди воситаҳои технологиро истифода бурда метавонад.
- Дар доираи мавзӯъҳои мураккаб ғояи навро эҷод карда метавонад.
- Доир ба касбҳои гуногун маълумоти васеъ дода метавонад.
- Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, онро дар амал ба таври васеъ татбиқ карда метавонад.

**Мақсадҳои дарс:**

- Дар бораи ранг ва ороиши маснуоти кулолгарӣ маълумоти васеъ дода, онро иҷро карда тавонад.
- Технологияи ба ҳамдигар ҳамроҳ кардани ду ранг, ки дар натиҷа ранги дигар ҳосил мешавад эҷодкорона иҷро карда тавонад.
- Дар бораи касби кулолгар маълумоти васеъ дода тавонад.
- Хусусияти дарк кардани зебоиро ташаккул дода тавонад.

**Таҷҳизоти зарурӣ**: китоби дарсӣ, намунаҳои расмҳои маҳсулоти кулолгарӣ, намунаҳои аҷубаҳо, хок, корди чӯбин, ки теғҳои шаклаш гуногун (фонашакл, нимдоира камоншакл), корди металлӣ, зарфи махсус бо об, намунаҳои нақш, зарфҳои махсуси сирдор ё сафолин барои нигоҳ доштани лой, мӯйқаламҳои андозааш гуногун (доирашакл, ҳамвор), такягоҳ барои сохтани маснуот ва корҳои ороишию сайқалдиҳӣ. қӯраи барқии хушккунанда, асбобҳои нақшакашӣ, овезаҳои доир ба мавзӯъ ва ғайра.

**Методикаи таълим:** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед.

**1). Ташкили дарс:** Дар ин марҳала корҳои зерин ба роҳ монда мешавад:

Тайёр намудани маводди хониш;

Ҳозир-ғоиб кардани хонандагон;

Омода намудани аҳли синф ба дарс.

2). **Такрори дарси гузашта:** Дарсро аз гузоштани масъала оғоз кунед. Бо саволҳои зерин ба хонандагон муроҷиат кунед:

- Сохтани маснуот бо тарзи механикиро шарҳ диҳед?
- Лаҳзаҳои асосии кулолгарӣ кадом аст?

- Барои ба мақсад расидан чӣ бояд кард?
- Барои чӣ бо оби лойолуд маснуотро тар мекунанд?

Оид ба саволҳо муҳокимаронӣ намуда, донишҳои аз дарсҳои гузашта гирифтаи онҳоро ба хотирашон оваред.

**3). Баёни мавзӯи нав:** Дар ин лаҳзаи дарсӣ омӯзгор ба хонандагон дар бораи рангкунӣ ва ороиши маснуоти кулолгарӣ маълумот медиҳад.

Раванди рангкунии маснуот, яке аз лаҳзаҳои басо муҳим ва асосӣ ба шумор меравад. Чунки барои зебо ва дилкаш шудани маснуотҳои кулолгарӣ нақши ранг хело калон аст. Барои ҳамин ҳам мо рангро ҳамин тавр интихоб мекунем, ки он ба зарфи сохташуда зебанда ва лоиқ бошад ва дар ин лаҳзаи кор иҷрокунанда бояд он фикр ва ақидаи худро, ки нисбат ба маснуот дорад, яъне мазмуни пурраи онро нишон дода тавонад. Дар акси ҳол, дар вақти мувофиқат накардани шакл бо мазмун маснуот намуди аслии худро ифода карда наметавонад.

Ҳар як шахс пеш аз истифодабарии ранг бояд тарзи тайёр ва интихоби онро нағз донад. Чунки надонистани тарзи тайёр кардан ва истифодабарии ранг иҷрокунандаро ба душвориҳои зиёд оварда мерасонад. Тарзи тайёр кардани ранг худ аз худ пайдо нашуда таърихи дуру дароз дорад. Масалан: кулолгарони асрҳои IX-X маснуотҳои сохташударо бо як маҳорати баланди бадеӣ оро медоданд, ки ин аз санъату маҳорати баланди бадеии онҳо шабоҳат медиҳад. Онҳо на танҳо хелҳои гуногуни ранг ҳатто навъҳои гуногуни онро тайёр карда метавонистанд, яъне тарзи тайёр кардани сирри шаффоф (беранг), ки асосан барои рӯйпуш ва пурҷило гардонидани сатҳи рӯяи маснуот истифода бурда мешавад, медонистанд.

Чуноне, ки аз соҳаи рассомӣ (живопис) хелҳои гуногуни ранг маълум аст, дар санъати кулолгарӣ ҳам намудҳои гуногуни рангро истифода мебаранд. Тарзи технологияи тайёр кардан ва истифодабарии рангҳои кулолгарӣ аз рангҳои равғанӣ ва обӣ (акварел) фарқ мекунад.

Аксарияти рангҳои дар кулолгарӣ истифодабурдашаванда ба намуди хока мебошад, ки онро бо об ё бо маҳлули гулбутта ҳал карда мешавад.

Бо хамроҳ кардани хокаи сиёҳ ба гулбӯтаи сурхи ҷигарранги баланд ё паст вобаста аз миқдори хокаи сиёҳ ҳосил карда мешавад. Пеш аз ранг кардани маснуот онро бо диққат аз назар мегузаронанд, ки корҳои ороиши пурра тамом карда шудааст ё не? Пас аз ин маснуотро аз чанг бо фишори ҳаво, латтаи мулоими хушк ё мӯқалами мулоими мӯйин тоза мекунанд. Тоза кардани маснуот аз чанг ин кори асосӣ мебошад, дар акси ҳол ранг ба маснуот хуб намечаспад ва дар як муддати кӯтоҳ ҷудо мешавад (мекӯчад). Баъд аз тоза кардани маснуот, онро аз рӯйи расми пешакӣ кашидашуда, яъне тарҳи пурраи он ранг карда мешавад. Мисол: сурх, сафед, сабз ё осмонӣ ва ғайра. Миқдори даркории рангро, ки барои пурра ранг кардани якчанд маснуот кифоягӣ мекунад, гирифта дар зарфи махсус, беҳтараш сирдор ҳал мекунанд. Барои ранг кардан, яъне рехтани он асосан зарфи силиндршакли дастаи дароз дошта (250-300 мм) истифода бурда мешавад. Ба ин зарфи алюминии дастадор, қошуқҳои калони чӯбин, металлӣ (филизӣ), кафлези бевосита дар рӯзгор истифодабурдашавандаро мисол овардан мумкин аст. Ин равандии рангкуниро асосан бо қошуқ, яъне рехтани ранг аз болои маснуот иҷро карда мешавад, ки дар ин вақт ранг ба сатҳи маснуот якхела тақсим шуда имконияти баланду паст шудани рангро кам мекунад. Дар вақти бо ин роҳ ранг кардани маснуотхои рӯзгор пиёла, коса, гулдон ва ғайра асосан бо дасти чап аз қисми поёни маснуот дошта, бо дасти рост аз дохил ва берунӣ маснуот рангро мерезанд ва дар як вақт маснуотро давр занонда меистанд, ки ранг дар сатҳи маснуот ғафсии якхела

гирад. Баъд аз ин маснуотро як миқдор дар қуттии хушккунанда ё бевосита дар ҷойи гарм нигоҳ медоранд, то ки ранги сатҳи маснуот хушк шавад. Баъд аз ин маснуотро, бо мӯйқаламҳои даврашакл ё ҳамвори андозаашон ҳархела вобаста аз нақш тасвир карда мешуда ва муҳрҳои гуногун, ки аз резинкаҳои мулоим бурида, шудааст, оро медиҳанд. Дар рӯйи маснуот асосан тасвири гулҳо, шеърҳо, нақшҳои пай дар ҳам такроршаванда, тасвири ҳаргуна парандаву ҳайвонҳо ва манзараҳои табиат акс карда мешавад. Яъне тасвири дар маснуот ифода карда шуда бояд бо шакл ва таъйиноти он мувофиқат кунад.

Баъди боз ҳам хушконидани рангҳои тасвири маснуотро бо сир рӯйпӯш мекунанд. Дар вақти бо сир рӯйпӯш кардани маснуот он нафақат зебо ва пурҷило балки мустаҳкам ва пурдошттар мегардад. Тарзи тайёр ва истифодабарии сир монанди ранг гуногун ва мураккаб мебошад.

**4). Бозии “Нақшро дар хотир дор”**

Бозии “Нақшро дар хотир дор” барои инкишофи хотираи хонандагон равона карда шудааст.

**Мақсадҳои бозӣ**

- ✓ Дар хотир нигоҳ доштани унсурҳои нақш;
- ✓ Шинохтани нақшҳои дар ороиши маснуоти кулолгарӣ истифодашаванда;
- ✓ Ташаккул додани тафаккури эҷодӣ;
- ✓ Фарқ карда тавонистани рангҳо.

**Қадамҳои истифода бурдани бозӣ**

- o Омӯзгор ба ҳар як хонанда нақшҳоро бо унсурҳои сода пешкаш мекунад (нақшҳо хуб мебуд, ки гуногун бошанд);
- o Хонандагон нақшро дар муддати 1-2 дақиқа бодиққат дар хотир мегиранд;
- o Омӯзгор нақшҳоро ҷамъ карда гирифта, аз хонандагон хоҳиш мекунад, ки аз хотираашон нақшро тасвир кунанд;
- o Бо ҳамин тарз ду ё се меротиба нақшҳои аз якдигар мураккабтарро муаллим ба хонандагон месупорад;
- o Дар охир омӯзгор нақшҳои тасвиркардаи хонандагонро ҷамъ карда, бо нусхаи аслии нақш муқоиса мекунад ва хонандагоне, ки вазифаро дуруст иҷро кардаанд холгузорӣ мекунад.

**Намуна.**

**1.**



**2.**



3.



1.



2.



3.



**Дар натиҷа хонандагон:**

- ➢ Унсурҳои нақшро аз худ мекунанд;
- ➢ Хотираи худро инкишоф медиҳанд;
- ➢ Қобилияти мушоҳидакории худро ташаккул медиҳанд.

**Тавсия ба омӯзгор:** Ин бозиро дар синфҳои 5-9 бо хонандагон бо мақсади мустаҳкам кардани хотираи онҳо гузаронидан мумкин аст.

**5). Мустаҳкамкунӣ.**

- ❖ Барои чӣ лаҳзаҳои рангкунӣ басо муҳим аст?
- ❖ Рангро чӣ гуна интихоб мекунанд?
- ❖ Пеш аз рангкунӣ чӣ гуна корҳо иҷро карда мешавад?
- ❖ Амалиёти рангкунии ашёҳои сафолиро фаҳмонед.
- ❖ Тасвир нақшҳо маълумот диҳед.
- ❖ Баъди хушконидани рангҳои тасвирӣ чӣ гуна амалиётро иҷро мекунанд?

**6). Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро қадр кунед.**

**7). Арзёбӣ.** Дар ҷараёни дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед *(мувофиқи натиҷаи арзёбии мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш гузошта мешавад).*

| Фаъолият | метавонад | қисман метавонад | наметавонад |
|---|---|---|---|
| Дар бораи ранг ва ороиши маснуоти кулолгарӣ маълумоти васеъ дода, онро иҷро карда метавонад? | | | |
| Технологияи ба ҳамдигар ҳамроҳ кардани ду ранг, ки дар натиҷа ранги дигар ҳосил мешавад эҷодкорона иҷро карда метавонад? | | | |
| Дар бораи касби кулолгар маълумоти кофӣ дода метавонад? | | | |
| Хусусияти дарк кардани зебоиро ташаккул дода метавонад? | | | |

## ТЕСТ

**1. Аввалин маснуоти сафолӣ дар кадом давра пайдо шудааст?**

а) давраи палеолити боло
б) давраи неолити боло
в) давраи палеолити поён

**2. Аз гил тайёр кардани зарфҳоро одамон дар давраи неолит дар ҳазораи чанд то мелод аз худ намудаанд?**

а) 6
б) 7
в) 9

**3. Кадом намунаҳои сафол дурушту содаанд?**

а) қадимтарин
б) нав
в) пешина

**4. Дар ҳазораҳои чандум то мелод маснуоти сафолӣ дар ноҳияҳои Байнаннаҳрайн, Эрон, Осиёи Миёна ва Чин интишор ёфт?**

а) 4-3

б) 2-3

в) 5-6

**5. Андозаву ҳаҷм, нақшу нигор ва тасвирҳои маснуоти сафолии ҳазораҳои чанд то мелод гуногунанд?**

а) 4-3

б) 5-6

в) 2-6

**6. Дар ҳазораи чанд то мелод дар Байнанаҳрайни Шимолӣ хумдонҳои қадими кулолӣ (дар Яримтеппа) мавҷуд буданд?**

а) 6

б) 8

в) 10

**7. Дар санъати кулолгарӣ истифода намудани истеҳсоли сафоли ангобӣ имконияти зиёд фароҳам овард?**

а) лок

б) ранг

в) оҳак

**8. Кулогарии асри чанд аз нуқтаи назари технологӣ низ хеле муфассал татбиқ карда шудааст?**

а) IX-X

б) X

в) IIX-X

**9. Кулолони асрҳои чанд навъҳои гуногуни сирро тайёр карда метавонистанд?**

а) IX-X

б) X-IIX

в) IX-XX

**10. Ашёҳои сафолии асри чанд далолат мекунад, ки дар он давра ҳосилнокии меҳнат хеле ривоҷ ёфта, таркибу сифати сир додан такмил дода шуд?**

а) IX-X

б) X-IIX

в) IIX-X

**11. Нули зарфҳо мисли пештара бо кадом хатҳо тасвири мавҷудоти зинда (хусусан, парандагон) ороиш меёбад?**

а) ҳандасии нақшҳои набототӣ

б) пари паранда

в) хати каҷ

**12. Чанд тариқаи нақшҳо дида мешавад?**

а) 2

б) 4

в) 6

**13. Сафолоти кошинии асрҳои XI-XII чӣ гуна буданд?**
а) пуштиранг, мӯрт, ковок
б) ковок, мӯрт, рост
в) кач, сиёҳранг, ковок

**14. Чӣ қабати болоии қишри замин буда, дар натиҷаи вайрону хароб шудани ҷинсҳои кӯҳӣ ва фаъолияти ҳаётии организмҳои набототию ҳайвонӣ ба вуҷуд омадааст?**
а) хок
б) ҳаво
в) офтоб

**15. Хок аз чӣ ҳосил мешавад?**
а) ҷинсҳои кӯҳӣ
б) ҳайвонот
в) наботот

**16. Дар натиҷаи чӣ ҷинсҳои кӯҳӣ ба як қатор сифатҳои нав соҳиб мешаванд?**
а) бодлесӣ
б) раъду барқ
в) борон

**17. Вобаста ба омилҳои пайдоиши бодлесӣ онҳо чӣ гуна мешаванд?**
а) физикӣ, химиявӣ, биологӣ
б) биологӣ, географӣ, химиявӣ
в) химиявӣ, биологӣ, географӣ

**18. Зарраҳои хурди лойқа аз чӣ иборат аст?**
а) гилбум
б) рег
в) зар

**19. Хок аз чанд ҳолат иборат аст?**
а) 4
б) 5
в) 7

**20. Дар таркиби гилбум 50-80% зарраҳои гил ва чанд фоиз рег мавҷуданд?**
а) 20-50%
б) 30-55%
в) 30-60%

*Эзоҳ: Ҷавоби дуруст варианти "а" мебошад.*

## ДАРСИ 31.
### Мавзӯъ: «Лоиҳаи эҷодӣ. Интихоби лоиҳа. Мизи қатшаванда. Намунаи мизҳои сохташаванда»

**Барнома**: Лоиҳаи эҷодӣ. Интихоби лоиҳа. Мизи қатшаванда.

**Салоҳиятҳо**:

- Миқдори зиёди воситаҳои технологиро истифода бурда метавонад.
- Дар доираи мавзӯъҳои мураккаб ғояи навро эҷод карда метавонад.
- Доир ба касбҳои гуногун маълумоти васеъ дода метавонад.
- Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, онро дар амал ба таври васеъ татбиқ карда метавонад.

**Мақсадҳои дарс:**

- Дар баъзе намудҳои миз маълумоти васеъ дода онро сохта тавонад.
- Намунаи мизи худро эҷодкорона интихоб карда тавонад.
- Дар бораи касби мебелсоз маълумоти васеъ дода тавонад.
- Хусусиятҳои зебоипарастӣ, боддиқатӣ ва чобукдастиро инкишоф дода тавонад.

**Таҷҳизоти зарурӣ**: китоби дарсӣ, ҷадвали намунаи сохтори мизҳо, овезаи мизи қатшаванда, овезаҳои намунаҳои миз ва ғ.

**Методикаи таълим:** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед.

**1). Ташкили дарс:** Дар ин марҳала корҳои зерин ба роҳ монда мешавад:

Тайёр намудани маводди хониш;

Ҳозир-ғоиб кардани хонандагон;

Омода намудани аҳли синф ба дарс.

**2). Такрори дарси гузашта:** Дарсро аз гузоштани масъала оғоз кунед. Бо саволҳои зерин ба хонандагон муроҷиат кунед:

- Барои чӣ лаҳзаҳои рангкунӣ басо муҳим аст?
- Рангро чӣ гуна интихоб мекунанд?
- Пеш аз рангкунӣ чӣ гуна корҳо иҷро карда мешавад?
- Амалиёти рангкунии ашёҳои сафолиро фаҳмонед.
- Тасвири нақшҳоро маълумот диҳед.
- Баъди хушконидани рангҳои тасвирӣ чӣ гуна амалиётро иҷро мекунанд?

Оид ба саволҳо каме муҳокимаронӣ намуда, донишҳои аз дарсҳои гузашта гирифтаи онҳоро ба хотирашон оваред.

**3). Баёни мавзӯи нав:** Омӯзгор ба хонандагон оид ба моҳияти тарҳи эҷодӣ, муайян намудани тарҳи эҷодӣ, асосноккунӣ ва пайдарҳамии иҷроиши он маълумоти мухтассар медиҳад. Муаллим тарҳи эҷодии мизи қатшавандаро ба хонандагон ҳамчун намуна асоснок мекунад.

**Намуна:** Асосноккунии тарҳи эҷодии таъмир ва ороиши курсӣ.

Ҳуҷраи кории ман ниҳоят танг мебошад. Волидонам ҳамеша эрод мегиранд, ки болои мизии кори ман тартибу низоми тоқатфарсо дорад; тамоми китобҳо ва лавозимоти мактабӣ бетартиб ҷойгир буда, онҳо дар вақташ ба ҷойҳои худ гузошта намешаванд. Баъзан аз ин ҳалати ногувори бетартибона худам ҳам ҳеҷ чизро ёфта наметавонам. Аз ҳамин лиҳоз ман қарор кардам, ки китобҳоро оянда дар мизу токчаҳои қатшавандаи ба девор васл гардида гузорам. Лоиҳаи чунин мизро дар маҷаллаҳо, китобҳо дидаам ва дар асоси он шароити худамро баэътибор гирифта нақшаи мизи «сеҳрнок»-и ба девор васлшавандаро эҷод намудам. Ин миз бо тезӣ рост кардашуда, дар вақти лозимӣ боз қат карда мешавад. Ҳамин тавр ҳуҷраи кориамро ба тартиб даровардам. Пас аз хатми мактаб ба ягон донишгоҳ дохил мешавам ва ҳуҷраи сеҳрноки маро хоҳарчаам истифода мебарад.

**Намунаи мизҳои сохташаванда:** Сохтори мизҳо гуногун мебошад. Мизро аз чӯб ё ки фанер тахтаи тунук, ки ғафсиаш 20 мм мебошад, месозанд. Тавсифи баъзе намунаҳои сохтори миз дар ҷадвали 10 оварда шудааст

*Ҷадвали 1.*

**Намунаи сохтори мизҳо**

| № | **Сарнавишти сохтор** | **Таҷҳизот ва дастгоҳҳо** | **Ашё** |
|---|---|---|---|
| 1 | 2. | 3. | 4. |
| | Тахтачаи чортароши чорқирра, сарпӯш, пояҳо ва бозуҳои аз тахта сохта шуда поёни сарпӯш бо воситаи ду-то зеҳтахта пайваст карда шудааст. | Мизи дуредгарӣ, арра, ранда, парма, искана, сӯҳон, ширеш, печкаш, сиққонак ва коғази сунбода | Чӯбу тахтаи ғафсиаашон:<br>чӯби чортарошӣ – 50х50х500мм сарпӯш ва поя -25мм. |
| | Тахтачаи чортароши чорқира, сарпӯш ва пояҳои аз фанертахта сохта шуда. | Ҳамон асбобҳо | Фанертахтаи ғафсиаш 20мм |
| | Тахтачаи чортароши чорқира, сарпӯш аз фанертахта сохташуда пояҳо аз чӯби чортароши чорқира дар дастгоҳ тарошида ороиш дода шудаанд. | Ҳамон асбобҳо штангенсиркул, дастгоҳи харротии СТД-120М, реер, мейзел | Фанертахтаи ғафсиаш 20мм, чӯби чортарош 50х50х500мм |
| | Ҳамон хел локин - сарпӯш аз фанертахтаи ғафсиаш 10 мм сохта шудааст. | Штангенсиркул,<br>СТД-120 М реер, мейзел | Ҳамон хел локин - сарпӯш аз фанертахтаи ғафсиаш 10 мм сохта шудааст. |

4). **Кори амалӣ:** Омӯзгор ба хонандагон кори амалиро супориш медиҳад:

Қадамҳо:

1. Тарҳи эҷодии худро муайян карда асоснок кунед.
2. Ангораи тарҳи эҷодии худро ба дафтари корӣ тасвир кунед.
3. Андозаҳои маснуоти интихобкрдаро муайян карда ба дафтари корӣ тасвир кунед.

***Эзоҳ:** Хонандагон метавонанд тарҳи эҷодии дар намуна овардашударо интихоб кунанд ё эҷодкорона дигар тарҳи эҷодии худро чунин асоснок ва дар дарсҳои минбаъда онро идома диҳанд.*

**5). Мустаҳкамкунӣ.** Усули "Шарҳи категориявӣ"

Категория – маҷмӯи ашё, ҳодисаҳо ва далелҳоест, ки бо баъзе хусусиятҳои ягонаи худ ба ҳамдигар муттаҳид шудаанд.

Усул барои муттаҳид кардани калимаҳо, мафҳумҳо ва амалҳои мушаххас дар асоси аломату хосиятҳои муайян истифода мешавад. Онро ҳангоми ҷамъбасти ангезиши зеҳн гурӯҳбандии калима, мафҳум ва назарияҳо истифода бурдан аст.

Мақсадҳо:

✓ Дар асоси аломату хусусиятҳо муттаҳид карда тавонистани андешаҳои пешниҳодшуда;

✓ Гурӯҳбандӣ кардани калимаҳо, мафҳумҳо, олотҳо ва амалиётҳо мувофиқи категорияҳо;

✓ Инкишофи малакаҳои хулосабарории индуктивӣ (аз ҷузъ ба кулл);

✓ Инкишофи нутқи хаттии хонандагон.

Инро чӣ тавр иҷро кардан мумкин аст?

Қадамҳо:

4. Доир ба масъала ва мақсад “Ангезиши зеҳн” гузаронед ва андешаҳоро қайд намоед.

5. Дар муқобили андешаҳо якчандто (3-4) категорияҳоро нависед (категорияҳоро аз хонандагон пурсед).

6. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки фикру мулоҳизаҳро ба категориҳо ҷудо карда, дар гурӯҳҳо муттаҳид созанд (бо ишораи пайкон).

**Намунаи 1:**

Ангезиши зеҳн

Савол: Шумо кадом масолеҳ ва мафҳумҳоеро номбар карда метавонед, ки ба ҳунарҳои халқӣ вобаста бошанд?

| **Масолеҳ ва мафҳумҳо** | *Муайянкунии самти категорияҳо* | **Категорияҳо** |
|---|---|---|
| Гил | | Кулолгарӣ |
| Металлтахта | | |
| Пахпардоз | | |
| Хок | | |
| Исканақаламҳои чӯбин | | Сикказанӣ |
| Ангоб | | |
| Лӯлапардоз | | |
| Чокапардоз | | Гаҷкорӣ |
| Гилбум | | |
| Гаҷ | | |
| Болғаи махсус | | |

Ифодаи шакли дигари шарҳи категориявиро низ истифода намудан мувофиқи мақсад мебошад.

**Намунаи 2:**

*Калимаҳоро дар ҷадвал мувофиқ ба категорияҳояшон нависед.*

*Муҳаррики барқӣ, нақш, чӯби санавбар, кошин, белча, лок, катибавӣ, гира, поя, гиреҳ, дарахти чормагз, семент, ширеш, искана, геометрӣ, қаппаки пеш, ислимӣ, болгаи чӯбӣ, қаппаки оқиб, обтарозу.*

| № | Дастгоҳи харротии рахпечбур | Кандакорӣ | Кошинкорӣ | Наққошӣ |
|---|---|---|---|---|
| 1. | | | | |
| 2. | | | | |
| 3. | | | | |
| 4. | | | | |
| 5. | | | | |

**Намунаи 3:**

*Номи умумии калимаҳоро ёбед.*

*1. Штангенсиркул, микрометр, штанумқсанҷ, рейсмус, ҷадвал......(асбобҳои ченкунанда)*

*2. Арра, ранда, искана, парма, болга, ........ (асбобҳои дуредгарӣ)*

*3. Паргор, хаткашак, қалам, лекала, ........ (асбобҳои нақшакашӣ)*

*4. Чӯтка, лок, ранги обӣ, ранги равғанӣ, когази сунбода, ....(асбобҳои рангубор)*

*5......*

**Таъкид:** Ҳангоми гурӯҳбандии мулоҳизаҳо хонандагон номи баъзе аз категорияҳоро тағйир дода ё илова карда метавонад. Ба миён омадани катигорияи нав низ имконпазир аст.

**Тавсия ба омӯзгор.** Усули мазкурро Шумо дар мавридҳои гуногуни дарс (ба хотир овардани дониши мавҷуда, дарк кардани мазмуну мундариҷаи масъалаи нав, мулоҳиза рондан оид ба масъалаи нав) истифода бурда метавонед. Истифодаи ин усул дар дарсҳои технология (таълими меҳнат) самарабахш аст.

**6). Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро қадр кунед.**

**7). Арзёбӣ.** Дар ҷараёни дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед *(мувофиқи натиҷаи арзёбии мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш гузошта мешавад).*

| **Фаъолият** | **метавонад** | **қисман метавонад** | **наметавонад** |
|---|---|---|---|
| Дар баъзе намудҳои миз маълумоти васеъ дода онро сохта метавонад? | | | |
| Намунаи мизи худро эҷодкорона интихоб карда метавонад? | | | |
| Дар бораи касби мебелсоз маълумоти васеъ дода метавонад? | | | |
| Хусусиятҳои зебоипарастӣ, боддиқатӣ ва чобукдастиро инкишоф дода метавонад? | | | |

## ДАРСИ 32.
## Мавзӯъ: «Арзиши аслии намунаҳои ҳархелаи мизҳо»

**Барнома**: Арзиши аслии намунаҳои ҳархелаи мизҳо.

**Салоҳиятҳо**:

- Миқдори зиёди воситаҳои технологиро истифода бурда метавонад.
- Дар доираи мавзӯъҳои мураккаб ғояи навро пайдо карда метавонад.
- Доир ба касбҳои гуногун маълумоти васеъ дода метавонад.
- Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, онро дар амал ба таври васеъ татбиқ карда метавонад.

**Мақсадҳои дарс:**

- Дар бораи арзиши аслӣ ва сохти миз маълумоти васеъ дода тавонад.
- Арзиши аслии мизи интихобшударо эҷодкорона ҳисоб карда тавонад.
- Дар бораи касби муҳосиб маълумоти васеъ дода тавонад.
- Маҳорати таҳлилӣ, нишондиҳандаҳои ададӣ ва фикрронии эҷодии худро ташаккул дода тавонад.

**Таҷҳизоти зарурӣ**: китоби дарсӣ, калкулятор, асбобҳои ченкунандаи дуредгарӣ, овезаҳои намунаҳои мизҳо.

**Методикаи таълим:** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед.

1). Ташкили дарс: Дар ин марҳала корҳои зерин ба роҳ монда мешавад:

Тайёр намудани маводди хониш;

Ҳозир-ғоиб кардани хонандагон;

Омода намудани аҳли синф ба дарс.

2). **Такрори дарси гузашта:** Дарсро аз гузоштани масъала оғоз кунед. Бо саволҳои зерин ба хонандагон муроҷиат кунед:

- Зери мафҳуми тарҳи эҷодӣ чиро мефаҳмед?
- Лоиҳаи эҷодии худро ба таври кӯтоҳ асоснок кунед?
- Манфиатҳои мизи қатшавандаро номбар кунед?
- Дар устохонаи мактаб мизи қатшавандаро сохтан мумкин аст?

Оид ба саволҳо каме муҳокимаронӣ намуда, донишҳои аз дарсҳои гузашта гирифтаи онҳоро ба хотирашон оваред**.**

**3). Шиносоӣ бо мазмуни мавзӯъ:** Дар ин лаҳзаи дарс муаллим ба хонандагон дар бораи арзиши аслии намунаҳои ҳархелаи мизҳо маълумот дода, онҳоро даъват мекунад, ки ҳар яке мустақилона арзиши аслиии тарҳи эҷодиро тартиб диҳанд.

**Намуна:**

Барои сохтани якто миз дуто тахтаи арзишаш 3 сомона лозим аст.

4 то ҳалқаи нархаш 30 дирами. 30 х 4 = 1с20дирам мешавад.

20 дона мехи печдор барои мустаҳкам намудани ҳалқаҳо ва чӯби чортарош лозим аст.

Нархи 1 кг мехи печдор 10с бошад, 20 дона мехи печдор 2 сомон мешавад.

8 соат вақти кориам бо музди 1с 25 дирами дар як соат 1,25х8=10с

Ҷамъбасти хароҷот барои тайёр намудани намунаи дуюми миз чунин мешавад.:

С=3+1,20+2+12,25=18,70

Хулоса; арзиши аслии миз мувофиқи намунаи 1 – 19 сомону 93дирам; намунаи 2- 18 сомону 70 дирам; намунаи 3 – 4 ҳисоб карда шавад. Ҳамин тавр мувофиқи ҷадвал ҳисобкуниҳои иқтисодӣ гузаронида мешавад ва намунаи камхарҷ интихоб карда мешавад.

Аз ҳар ҷиҳат, сохтори миз мувофиқи намунаи 2 мувофиқи мақсад ва самаранок мебошад.

**4)**. **Кори амалӣ:** Омӯзгор ба хонандагон кори амалиро супориш медиҳад:

Қадамҳо:

1. Арзиши аслии маҳсулоти истифодашаванда дар лоиҳаи эҷодии худро муайян кунед.

2. Арзиши аслии лоиҳаи эҷодии худро муайян намоед.

*Эзоҳ: Хонандагон метавонад тарҳи эҷодии дар намуна овардашударо интихоб кунанд ё эҷодкорона арзиши аслии дигар тарҳи эҷодии худро чунин муайян кунанд.*

**5). Мустаҳкамкунӣ.**

- ❖ Мафҳуми "Арзиш"-ро шарҳ диҳед?
- ❖ Пайдарпайи ҳисоб кардани арзиши маҳсулотро шарҳ диҳед?
- ❖ Арзиши лоиҳаи эҷодии худро ба таври сода муаррифӣ намоед.

**6)**. **Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро қадр кунед.**

**7). Арзёбӣ.** Дар ҷараёни дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед *(мувофиқи натиҷаи арзёбии мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш гузошта мешавад).*

| **Фаъолият** | **метавонад** | **қисман метавонад** | **наметавонад** |
|---|---|---|---|
| Дар бораи арзиши аслӣ ва сохти миз маълумоти васеъ дода метавонад? | | | |
| Арзиши аслии мизи интихобшударо эҷодкорона ҳисоб карда метавонад? | | | |
| Дар бораи касби муҳосиб маълумоти қонеъкунанда дода метавонад? | | | |
| Маҳорати таҳлилӣ, нишондиҳандаҳои ададӣ ва фикррониии эҷодии худро ташаккул дода метавонад? | | | |

## ДАРСИ 33.
## Мавзӯъ: «Харитаи технологӣ. Мизи қатшаванда»

**Барнома**: Маълумот доир ба харитаи технологӣ.

**Салоҳиятҳо**:

- ➢ Миқдори зиёди воситаҳои технологиро истифода бурда метавонад.
- ➢ Дар доираи мавзӯъҳои мураккаб ғояи навро эҷод карда метавонад.
- ➢ Доир ба касбҳои гуногун маълумоти васеъ дода метавонад.
- ➢ Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, онро дар амал ба таври васеъ татбиқ карда метавонад.

**Мақсадҳои дарс:**

- Харитаи технологии мизи қатшавандаро тартиб дода тавонад.
- Пайдарпайи тартиб додани харитаи технологии мизи қатшавандаро эҷодкорона тасвир карда тавонад.
- Дар бораи касби мебелсоз маълумоти васеъ дода тавонад.
- Меҳнати худ ва дигаронро қадр карда тавонад.

**Таҷҳизоти зарурӣ**: китоби дарсӣ намунаҳои харитаи технологӣ, асбобҳои нақшакашӣ, коғази миллиметрӣ, қалам, ҷадвал, намунаҳои овезаҳои лоиҳаи эҷодӣ, намунаҳои харитаи технологӣ, асбобҳои дуредгарӣ.

**Методикаи таълим:** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед.

**1). Ташкили дарс:** Дар ин марҳала корҳои зерин ба роҳ монда мешавад:

Тайёр намудани маводди хониш;

Ҳозир-ғоиб кардани хонандагон;

Омода намудани аҳли синф ба дарс.

2). **Такрори дарси гузашта:** Дарсро аз гузоштани масъала оғоз кунед. Бо саволҳои зерин ба хонандагон муроҷиат кунед:

- Мафҳуми “Арзиш”-ро шарҳ диҳед?
- Пайдарпайи ҳисоб кардани арзиши маҳсулотро шарҳ диҳед?
- Арзиши лоиҳаи эҷодии худро ба таври сода муаррифӣ намоед.

Оид ба саволҳо муҳокимаронӣ намуда, донишҳои аз дарсҳои гузашта гирифтаи онҳоро ба хотирашон оваред.

**3). Шиносоӣ бо мазмуни мавзӯъ:** Дар ин лаҳзаи дарс омӯзгор ба хонандагон дар бораи харитаи технологӣ маълумот дода, онҳоро даъват мекунад, ки ҳар яке мустақилона харитаи технологии тарҳи эҷодиро тартиб диҳанд.

Намуна:

**Харитаи технологӣ. Мизи қатшаванда**

| Номи ҷузъҳои миз | Пайдарпайи амалиётҳо | Эскизи коркард | Таҷҳизот ва асбобҳо |
|---|---|---|---|
| Тахтачаи чортароши чорқира | 1.Фанертахта бо андозаи 105х610мм нишона гузошта арра карда шавад |  | Мизи дуредгарӣ, ҷадвали мм, қалам арра, |
| | 2.Фанертахтаро бо мехи печдор мустаҳкам карда, дар он ду сӯрохии d=4мм парма кунед. |  | Печкаш, пармаи d=4мм, дастгоҳи пармакунии<br>2М 112М |
| | 3.Қирраҳои тахтачаро бо сӯҳон гирифта, онро бо андозаи 600х100мм ранда кунед. | | Мизи дуредгарӣ ранда, сӯҳон коғази сунбода |
| 2.Сарпӯш | 4.Сарпӯшро бо андозаи 600 х 600 мм ченак гирифта пас арра карда, ранда намуда, қирраҳои тези онро бо сӯҳон гирифтан лозим аст. | | Мизи дуредгарӣ,<br>ҷадвал, қалам,<br>арра, ранда, сӯҳон, коғази сунбода |
| 3.Пояҳо | 5.Пас аз ченак гирифтан нишонагузорӣ, арра карда пардоз намудан лозим аст. | | Мизи дуредгарӣ, ҷадвал, арра, ранда, сӯҳон, коғази сунбода |
| | 6. Дар девор ду то сӯрохӣ бо андозаи 2х50мм парма карда шавад. |  | қалам, ҷадвал, пармаи махсус, дрел, болға |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | 7. Ду то чӯби чортароши андозааш 13 x 50мм-ро гирифта нӯги онро тарошида ба сӯрохии девор зада шавад. | | Мизи дуредгарӣ, ҷадвал, қалам, арра, ранда, теша ё табарча, болға . |
| 1,2 ва 3 | 8. Мавқеи ҳалқаҳоро нишона карда ҳалқаҳо ба пояи сарпӯшдор ва пояи тахтаи чортароши чорқира дар масофаи 600мм мустаҳкам карда мешавад. |  | Мизи дуредгарӣ, ҷадвал, қалам, бигиз, печкаш, мехи печдор, ҳалқа- 4 дона |
| | 9. Тахтаи чортароши чорқираро ба мехи чӯбини ба девор мустаҳкам кардашуда бо воситаи мехи 90 мм ё мехи печдор мустаҳкам карда шавад. Пас аз он мизро дар ҳолати кушода ва қатшуда мушоҳида карда месанҷем. |  | Болға, мехҳо. |
| | 10. Сатҳи мизро пардоз карда пас бо лок рӯйпӯш мекунем. | | Коғази сунбода, чӯтка, лок. |

**4). Усули “Занҷирҳои сарбастаи мантиқӣ”**

Усул барои муайян кардани пардарпайии мантиқии калимаҳо, мафҳумҳо, амалҳо ва қисмҳои матнро дар бар мегирад.

**Мақсадҳо:**
- ✓ ҳавасмандӣ ба хондан ва мушоҳидакорӣ;
- ✓ ҳавасманд ба кори амалӣ;
- ✓ ҷобаҷогузории мантиқии амалҳои асосӣ.

**Инро чӣ тавр иҷро кардан мумкин аст?**

Қадамҳо ва қоидаҳои усул.

Усули мазкур ду гуна аст:

**Гунаи 1.**

1. Дар лавҳи синф амалҳои асосие, ки ба мавзӯи дарс алоқаманд аст нависед (ё дар вароқи сафеди калон навишта , овехта мешавад).
2. Амалҳо омехта пешниҳод мешаванд.
3. Ба хонандагон пешниҳод карда мешавад, ки пайдарпайии амалҳои асосиро мантиқан муайян карда, матнҳоро бо тартиби муайян ҳамчун харитаи технологӣ ба тартиб оранд.

4. Хонандагон пас аз иҷрои ин амал бо нусхаи аслии харитаи технологӣ шинос мешаванд.

5. Пайдарпайии тартибдодаи амалҳои худро бо нусхаи аслӣ муқоиса мекунанд.

**Гунаи 2.**

1. Аз матни мавзӯи нав 5-6 ҷумла ҷудо кунед ва дар лавҳаи синф (ё дар варақи калон) нависед.
2. Ҷумлаҳо омехта навишта мешаванд.
3. Хонандагонро ба гурӯҳҳои баробар тақсим мекунанд.
4. Ба хонандагон пешниҳод карда мешавад, ки пайдарпайии ҷумлаҳоро мантиқан муайян карда, ба онҳо рақам (1,2,3,4,5,..) гузоред.
5. Ҳар як гурӯҳ кори худро муаррифӣ мекунад.
6. Ҳангоми муаррифӣ омӯзгор метавонад мубоҳиса ташкил кунад («Чаро шумо ҷумлаи .. дар ҷойи чорум гузоштед?» ва монанди ин.)
7. Пас аз муҳокима ва муаррифии гурӯҳҳо омӯзгор матни дурусти аслиро ба хонандагон медиҳад.
8. Хонандагон бо матни аслӣ шинос шуда, ғалтакҳои худро ислоҳ мекунанд (агар ҷой дошта бошанд).

**Дар натиҷа хонанда:**

1. Мустақилона фикр мекунанд;
2. Фикррониии мантиқии онҳо қавӣ мегардад;
3. Матнро хуб таҳлил карда, аз худ мекунанд;
4. Барои бо гурӯҳ кор кардан омода мегарданд.

**Тавсия ба омӯзгор.** Барои истифодаи ин усул матн ва ё пайдарпайии амалиётҳоро пешакӣ хуб аз назар гузаронед, дар он занҷираи сарбасти мантиқӣ мавҷуд бошад. Кӯшиш кунед, ки матн ва ё амалиёти интихоб кардаатон шавқовар бошад ва ба мақсади таълими дарсатон мувофиқ ояд.

**5). Кори амалӣ:** Омӯзгор ба хонандагон кори амалиро супориш медиҳад:

**Қадамҳо:**

1. Тартиб додани харитаи технологии мизи қатшаванда.
2. Интихоби масолеҳ ва нишонагузории маснуот.
3. Фанертахтаро бо мехи печдор мустаҳкам карда, дар он ду сӯрохии d=4мм парма кунед.
4. Қирраҳои тахтачаро бо сӯҳон гирифта, онро бо андозаи 600x100 мм ранда кунед.
5. Сарпӯшро бо андозаи 600 х 600 мм ченак гирифта пас арра карда, ранда намуда қирраҳои тези онро бо сӯҳон гирифтан лозим аст.
6. Пас аз ченак гирифтан нишонагузорӣ, арра карда пардоз намудан лозим аст.
7. Дар девор ду то сӯрохӣ бо андозаи 2x50 мм парма карда шавад.
8. Мавқеи ҳалқаҳоро нишона карда ҳалқаҳо ба пояи сарпӯшдор ва пояи тахтаи чортароши чорқира дар масофаи 600 мм мустаҳкам карда мешавад.
9. Сатҳи мизро пардоз карда пас бо лок бо рӯйпӯш мекунем.

**6). Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро қадр кунед.**

**7). Арзёбӣ.** Дар ҷараёни дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед *(мувофиқи натиҷаи арзёбии мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш гузошта мешавад).*

| Фаъолият | метавонад | қисман метавонад | наметавонад |
|---|---|---|---|
| Харитаи технологии мизи қатшавандаро тартиб дода метавонад? | | | |
| Пайдарпайи тартиб додани харитаи технологии мизи қатшавандаро эҷодкорона тасвир карда метавонад? | | | |
| Дар бораи касби мебелсоз маълумоти васеъ дода метавонад? | | | |
| Меҳнати худ ва дигаронро қадр карда метавонад? | | | |

## ДАРСИ 34.
## Мавзӯъ: «Натиҷаи озмоиш ва хулосаҳо»

**Барнома**: Натиҷаи озмоиш ва хулосаҳо.

**Салоҳиятҳо**:

- Миқдори зиёди воситаҳои технологиро истифода бурда метавонад.
- Дар доираи мавзӯъҳои мураккаб ғояи навро пайдо карда метавонад.
- Доир ба касбҳои гуногун маълумоти васеъ дода метавонад.
- Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, онро дар амал ба таври васеъ татбиқ карда метавонад.

**Мақсадҳои дарс:**

- Зебогӣ ва устувории мизро муайян карда тавонад.
- Дар бораи лоиҳаи эҷодии худ эҷодкорона таблиғи рекламавиро тартиб дода тавонад.
- Дар бораи касби дизайнери реклама ва муҳосиб маълумоти мушаххас дода тавонад.
- Маҳорати таҳлилӣ, нишондиҳандаҳои ададӣ ва фикрронии эҷодии худро ташаккул дода тавонад.

**Таҷҳизоти зарурӣ**: китоби дарсӣ, овезаҳои қисмҳои маснуоти сохташуда, лоиҳаи эҷодӣ (миз), намунаҳои таблиғи рекламавии маҳсулот, овезаҳои лоиҳаи эҷодӣ.

**Методикаи таълим:** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед.

**1). Ташкили дарс:** Дар ин марҳала корҳои зерин ба роҳ монда мешавад:

Тайёр намудани маводди хониш;

Ҳозир-ғоиб кардани хонандагон;

Омода намудани аҳли синф ба дарс.

2). **Такрори дарси гузашта:** Дарсро аз гузоштани масъала оғоз кунед. Бо саволҳои зерин ба хонандагон муроҷиат кунед:

1. Дар бораи харитаи технологӣ маълумот диҳед?
2. Пайдарҳамии иҷрои тарҳи эҷодии худро нақл кунед?
3. Дониш ва маҳорати аз фанни технология гирифтаи Шумо оё дар иҷрои тарҳи эҷодӣ ёрӣ кард?

Оид ба саволҳо каме муҳокимаронӣ намуда, донишҳои аз дарсҳои гузашта гирифтаи онҳоро ба хотирашон оваред.

**3). Шиносоӣ бо мазмуни мавзӯъ:** Омӯзгор ба хонандагон дар бораи натиҷаҳои озмоиш ва хулосаҳо маълумот медиҳад.

Омӯзгор ба хонандагон натиҷаҳои озмоиш ва хулосаҳоро оид ба мизи қатшаванда ҳамчун намуна мефаҳмонад.

Намуна:

*Озмоиш нишон дод, ки ба зудӣ ҷамъ намудани ҷузъҳои миз ва кушодани он осон аст. Лекин, ин миз ноустувор буда ҳангоми пояҳои онро ҷумбонидан боз аз нав ҷамъ мешавад. Барои устувор истодани миз олоти устуворкунанда зарур аст.*

*Ба фикри ман олоти устуворкунанда дар ҷойи пайванди пояҳо дар сарпӯш гузошта шавад. Олоти устуворкунанда ба воситаи мехи печдор ба тарафҳои берунаи поя ва сарпӯш пайваст карда шудаанд. Чунин олоти ёрирасонро аз тахтаи металлии ғафсиаш 1-2 мм сохтан айни муддао мебошад.*

*Олоти устувор ба намуди ускунаи гардишдиҳанда ниҳоят самаранок фикр карда шудааст, ускунаи гардишдиҳанда ба пояи ҳалқа мустаҳкам карда шуда ба осонӣ ба ҳар тараф гардонида мешавад.*

*Чунин мустаҳкамкунандаро ман ихтироъ намудам. Акнун миз устувор буда ба осонӣ ва тезӣ гундошта мешавад. Лекин муаммои нав пайдо шуд. Тарафи поёни миз нисбат ба девор майл мекунад. Ин муамморо ман бо воситаи фона сарпӯши мизро устувор нигоҳ дошта метавонам. Ин ҳалли ягонаи муаммо мебошад, зеро ҳалли дигарашро то ҳол наёфтам.*

Инчунин омӯзгор дар бораи таблиғ низ ба хонандагон маълумот пешниҳод карда, оид ба нозукиҳои касби дизайнерро шарҳ медиҳад.

«Дизайнери реклама»

1. Мазмуни меҳнат:

Эскизҳо ва лоиҳаҳои комплексиро (маҷмуӣ) барои ороиш додани намоишҳо, лавҳаҳо, тахтаҳои рекламавӣ, объектҳои ташвиқоти аёнӣ, низоми намоиши осорхонавӣ, овезаҳои алоҳида ва ғайра тайёр менамояд; элементҳои лоиҳа ва макетро дар намуди аслӣ тайёр мекунад; услуби хос барои корхонаҳо ва ташкилотҳо (коғазҳои расмӣ ва корӣ, логотипҳо, аломати молҳо)-ро коркард мекунад; намунаҳои борбанд ва рекламаи маҳсулотҳоро тайёр менамояд.

2. Бояд донад:

Саводи тасвирии расмкашӣ ва наққошӣ; асосҳои анатомияи ҳайкалтарошӣ, дурнамоҳо; намудҳои ҳуруфҳо; қонуниятҳои сохтани композитсия (банду баст) аз рӯйи ихтисос; асосҳои равандҳои технологии тайёр намудани реклама, кори аксбардорӣ, намудҳои чоп; саводи компютерии кор бо барномаҳои графикӣ; асосҳои полиграфия.

3. Сифатҳои муҳимми касбӣ:

- фикрронии эҷодӣ;
- покизакорӣ;
- эҳсосоти ташаккулёфтаи ранг ва шакл;
- диди образии ташаккулёфта.

4. Талаботҳои квалификатсионӣ (тахассусӣ):

- маълумоти олӣ.

5. Маҳдудиятҳои тиббӣ:

- халалдоршавии мутобиқатии ҳаракати даст;
- беморији шинохтани рангҳо.

6. Муассисаҳои таълимӣ:

Донишгоҳи давлатии тиҷоратии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе (ДДТТ).

Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров факултети санъати тасвирӣ ва технология (ДДХ).

**4). Кори амалӣ:** Омӯзгор ба хонандагон кори амалиро супориш медиҳад:

**Қадамҳо:**

1. Натиҷаҳои озмоиши лоиҳаи эҷодӣ ва хулосаҳои худро нисбат ба он ба дафтари худ иншо нависед.
2. Натиҷаи ҳосилшударо бо маълумоти пешакӣ асосноккардаатон муқоиса кунед.
3. Барои тарҳи эҷодии худ таблиғу ташвиқ бурда, онро муаррифӣ кунед.
4. Таблиғро муаррифӣ кунед.

**5). Мустаҳкамкунӣ.**

❖ Аз рӯйи кадом нишон сохтори миз интихоб карда мешавад?

❖ Андозаи зарурии мизи қатшавандаро чӣ тавр муайян карда мешавад?

❖ Бо кадом мақсад арзиши аслии ҳар як намуди намунаи миз ҳисоб карда мешавад?

❖ Бо кадом мақсад миз озмоиш карда мешавад ва ҳадаф аз он чист?

❖ Ба фикри Шумо лоиҳаи мизи интихоб кардашуда беҳтарин мебошад ва ҳангоми истифодаи он чиро бояд тағйир дод?

6). **Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро қадр кунед.**

**7). Арзёбӣ.** Дар ҷараёни дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед *(мувофиқи натиҷаи арзёбии мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш гузошта мешавад).*

| **Фаъолият** | **метавонад** | **қисман метавонад** | **наметавонад** |
|---|---|---|---|
| Зебогӣ ва устувории мизро муайян карда метавонад? | | | |
| Дар бораи лоиҳаи эҷодии худ эҷодкорона таблиғи рекламавиро тартиб дода метавонад? | | | |
| Дар бораи касби дизайнери реклама ва муҳосиб маълумоти мушаххас дода метавонад? | | | |
| Маҳорати таҳлилӣ, нишондиҳандаҳои ададӣ ва фикрронии эҷодии худро ташаккул дода метавонад? | | | |

**Адабиёт**

**Бо забони тоҷикӣ**


1. Азизов А.А., АшӯроваТ.А. Ташкили фаъолияти лоиҳавии мутахассисони оянда ва истифодаи методҳо дар дарсҳои технология. Хуҷанд: Нури маърифат, 2014.-116 с.
2. Азизов А.А., Иргашова М.У. Технология: таълим бо усулҳои нав/дастури методӣ барои омӯзгорони фанни технология (таълими меҳнат).-Душанбе, 2016.-76 с.
3. Азизов А.А., Исломов С., Рахимов С., Ғафурова Р. Асосҳои касбу ҳунар (технология) (барои духтарҳо). Душанбе. 2007, 192 с.
4. Азизов А.А., Мирзохӯҷаев М.Д., Ашӯрова Т.А. Касбнома. – Хуҷанд: Меъроҷ 2014, - 94 саҳ.
5. Азизов А.А., Раҳимов С., Исломов С. ТЕХНОЛОГИЯ (таълими меҳнат барои писарон) Китоби дарсӣ барои синфи 9-уми муассисаҳои таҳсилоти умумӣ Душанбе. 2016.
6. Алиев А.Б., Зиёев М. Н., Олимова Ф. К., Эрматова У.С., Зоолишоева Б.Ф., Ниёзов Ф. Такмили маҳорати педагогии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ. Дастури таълим барои курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ. Лоиҳа. Душанбе, 2010.
7. Арзёбӣ дар низоми таълими салоҳиятнокӣ, модули таълимӣ оид ба татбиқи стандартҳои фаннии синфҳои ибтидоӣ, Ниёзов Ф., Зиёев М., Алиев А., Нусратов Б., Ҷонмирзоев Э., Қодиров Н., Иргашева М., Зиёев Қ. Душанбе - 2016 с.– 65 саҳ.
8. Зиёев М.Н., Олимова Ф.К., Эрматова У.С., Алиев А.Б., Зоолишоева Б.Ф., Ниёзов Ф. М., Ташкили ҷараён таълим дар синфҳои ибтидоӣ. Дастури таълим барои курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ. Душанбе: 2009.
9. Иргашова М., Азизов А.А., Насимӣ М. “Замима ба китоби дарсии “Санъат ва меҳнат” барои синфи 4-ум” Душанбе: Маориф, 2016.-40 с.
10. Иргашова М., Азизов А.А., Насимӣ М. “Роҳнамои фанни санъат ва меҳнат барои синфи 4-ум” барои омӯзгорони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ. Душанбе: Маориф, 2016.-112 с.
11. Исломов С, Азизов А.А., Раҳимов С. ТЕХНОЛОГИЯ (таълими меҳнат барои писарон) Китоби дарсӣ барои синфи 5-уми муассисаҳои таҳсилоти умумӣ Душанбе. 2004.
12. Исломов С. Обидова К., Рӯзива М.Д., Технология (таълими меҳнат барои духтарон), китоби дарсӣ барои синфи 7. Нашри 2. Душанбе, 2015.-152 с.
13. Исломов С. Рӯзива М.Д., Обидова К., Технология (таълими меҳнат барои духтарон), китоби дарсӣ барои синфи 8. Душанбе, 2007.-192 с.
14. Исломов С., Азизов А.А., Раҳимов С. ТЕХНОЛОГИЯ (таълими меҳнат барои писарон) Китоби дарсӣ барои синфи 7-уми муассисаҳои таҳсилоти умумӣ Душанбе. 2005.
15. Исломов С., Обидова К.. Рӯзиева М. Технология (таълими меҳнат барои духтарон), китоби дарсӣ барои синфи 6. Душанбе, 2004.-128 с.
16. Исломов С., Раҳимов С., Азизов А. Касбу ҳунар (технология барои писарон) китоби дарсӣ барои синфи 6. Душанбе: Фарас, 2005.-141 с.
17. Ниёзов Ф., Олимова Ф., Зиёев М. Маърифати таълим: ҷустуҷӯ ва бозёфт. Дастур барои худомӯзии омӯзгорони фанни забони тоҷикӣ. - Душанбе, 2012. - 78с
18. Низоми таълими салоҳиятнокӣ, модули таълимӣ барои татбиқи стандартҳои фаннии синфҳои ибтидоӣ, Ниёзов Ф., Зиёев М., Алиев А., Нусратов Б., Ҷонмирзоев Э., Қодиров Н., Иргашева М., Зиёев Қ. Душанбе - 2016 с.– 36 саҳ.
19. Раҳимов С. Азизов А.А., Исломов С. ТЕХНОЛОГИЯ (таълими меҳнат барои писарон) Китоби дарсӣ барои синфи 8-уми муассисаҳои таҳсилоти умумӣ Душанбе. 2008.

20. Рӯзива М.Д., Обидова К., Исломов С. Технология (таълими меҳнат барои духтарон), китоби дарсӣ барои синфи 5. Нашри 2. Душанбе, 2016.-192 с.
21. Сафин Д., Мусина Р., Мухторӣ Қ. ва диг. Усулҳои таълим ва омӯзиши ҳамфаъол. Дастури таълимӣ. -Душанбе, 2007.- 376 с.
22. Сокол А.Б., Маҳорати педагогӣ. Маводди курси таълимӣ бо фармоиши ЮНИСЕФ Тоҷикистон, Душанбе -2014. - 117 с.

**Бо забони русӣ**

1. Астрейко С.Я. Трудовое обучение: Технический труд. Учеб. пособие для 5-9 классов. Минск:. Нац. инс.образования 2014.
2. Болотов В.А., Сериков В.В. Компетентностная модель: от идеи к образовательной программе // Педагогика. – 2003. – № 10. – С. 8-14.
3. Зимняя И.А. Ключевые компетентности как результативно-целевая основа компетентностного подхода в образовании. Авторская версия.-М.: Исследовательский центр проблем качества подготовки специалистов, 2004
4. Мединцева И. П. Компетентностный подход в образовании / И. П. Мединцева // Педагогическое мастерство: материалы II междунар. науч. конф. (г. Москва, декабрь 2012 г.). — М.: Буки-Веди, 2012.
5. Мирсеитова С. Обучение как поиск и поиск для обучения: формы и методы развития критического мышления обучающихся. -КазАЧ, 2011
6. Симоненко В.Д. Технология. 5 класс: учеб. Для общеобразоват. учреждений: вариант для мальчиков – М: Просвещение, 2010. – 176 с : ил.
7. Троянская С.Л. Основы компетентностного подхода в высшем образовании, Учебное пособие для студентов магистратуры психолого-педагогических направлений подготовки, издательский центр «Удмуртский университет». – 2016, 176 стр.

# РОҲНАМОИ
# ФАННИ ТЕХНОЛОГИЯ
# (ТАЪЛИМИ МЕҲНАТ
# БАРОИ ПИСАРОН),
# СИНФИ 9-УМ

## барои омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ


| | |
|---|---|
| Муҳаррир | С. Неккадамов |
| Мусаҳҳеҳ | М. Саидова |
| Муҳаррири техникӣ | Н. С. Зайниддинов |
| Тарроҳ | Р. Садирова |

Ба чоп 06.07.2017 иҷозат дода шуд.
Андозаи 60x84 1/8. Коғази офсет. Чопи офсет.
Ҷузъи чопӣ 22,5. Адади нашр 4000 нусха.
Супориши №136/2017

Муассисаи нашриявии «Маориф»-и
Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон,
7340243, ш. Душанбе, кӯчаи Аҳмади Дониш, 50.
Тел.: 222-14-66
E-mail: najmiddin64@mail.ru

Дар матбааи муассисаи нашриётии «Студент»
бо супориши №00 аз 15.08.2017
ба табъ расидааст.